Тақиюддин Набҳонӣ

# НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ

**Нашрияи**

**Ҳизби Таҳрир**

Китоб соли 1425 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2004 милодӣ аз тарафи муассисаи табъу нашри "Дорулуммат" (сандуқи почтаи муассиса 135190) дар Байрути Лубнон ба забони арабӣ чоп шудааст, ки он чопи шашум ва чопи мўътамад ба ҳисоб меравад.

Тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ соли 1431 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2010 дар асоси чопи мўътамад таҳия гардид.

# *МУНДАРИҶА*

**Ояти ифтитоҳ....................................................................5**
**Муқаддима....................................................................8**
**Муқаддимаи низоми иқтисодӣ....................................................................9**
**Иқтисод....................................................................36**
**Асоси низоми иқтисодӣ....................................................................37**
**Нигоҳи Ислом ба иқтисод....................................................................38**
**Сиёсати иқтисод дар Ислом....................................................................39**
**Қоидаҳои умумии иқтисодӣ....................................................................46**
**Навъҳои моликият....................................................................49**
**Моликияти хусусӣ....................................................................49**
**Таърифи моликияти хусусӣ....................................................................49**
**Маънои моликият....................................................................51**
**Сабабҳои моликшавӣ ба мол....................................................................52**
**Сабаби якуми моликшавӣ....................................................................54**
**Кору меҳнат....................................................................54**
**Эҳёи замини нокорам....................................................................54**
**Истихроҷи чизҳои зеризаминӣ....................................................................55**
**Шикор....................................................................56**
**Миёнаравӣ ва даллолӣ....................................................................57**
**Музораба....................................................................57**
**Мусоқот....................................................................58**
**Кирокунии муздур....................................................................59**
**Кори муздур....................................................................61**
**Муайянкунии кор....................................................................61**
**Навъи кор....................................................................61**
**Муддати кор....................................................................63**
**Музди кор....................................................................64**
**Меҳнате, ки дар кор сарф мешавад....................................................................65**
**Ҳукми кирокунӣ ба манфиатҳои ҳаром....................................................................66**
**Ҳукми кирокунии ғайримусулмон....................................................................67**
**Кирокунӣ ба ибодатҳо ва манфиатҳои умумӣ....................................................................68**
**Муздур кист?....................................................................71**
**Асоси муқарраркунии музд....................................................................71**
**Муқарраркунии музди муздур....................................................................73**
**Сабаби дуюми моликшавӣ....................................................................81**
**Мерос....................................................................81**
**Сабаби сеюми моликшавӣ....................................................................83**
**Эҳтиёҷ ба мол барои зиндагӣ....................................................................83**
**Сабаби чаҳоруми моликшавӣ....................................................................85**
**Бахшиши давлат аз молҳои худ ба раият....................................................................85**
**Сабаби панҷуми моликшавӣ....................................................................86**
**Молҳое, ки афрод бе муқобили мол ё меҳнат мегиранд....................................................................86**
**Кайфияти тасарруфи мол....................................................................91**
**Ҳаққи тасарруф....................................................................91**
**Афзоиш додани моликшавӣ....................................................................91**
**Аҳкоми заминҳо....................................................................93**
**Эҳёи заминҳои нокорам....................................................................96**
**Тасарруфи замин....................................................................99**
**Манъи иҷораи замин....................................................................103**
**Байъ ва фармоиш....................................................................106**
**Байъ....................................................................106**
**Фармоиш....................................................................107**
**Аҳкоми ширкатҳо....................................................................109**
**Ширкат дар Ислом....................................................................109**
**Ширкати инон....................................................................110**
**Ширкати абдон....................................................................112**
**Ширкати музораба....................................................................113**

**Ширкати вуҷӯҳ**...114
**Ширкати муфоваза**...116
**Бекоркунии ширкат**...117
**Ширкатҳои капиталистӣ**...118
**Ширкати тазомун**...118
**Ширкатҳои саҳҳомӣ**...119
**Саҳмияҳои ширкати саҳҳомӣ**...127
**Ҷамъиятҳои таовунӣ**...129
**Бима**...131
**Роҳҳои мамнӯи афзоиш додани моликшавӣ**...136
**Қимор**...136
**Рибо**...137
**Ғабни фоҳиш**...139
**Тадлис дар байъ**...140
**Иҳтикор**...143
**Нархгузорӣ**...145
**Ҳаққи тасарруф дар инфоқ ҳамчун хешовандӣ ва нафақа**...147
**Фақр**...157
**Моликияти умумӣ**...163
**Моликияти давлатӣ**...167
**Таъмим на моликияти умумист ва на моликияти давлатӣ**...168
**Мамнӯъгоҳ манфиатҳои умумист**...169
**Корхонаҳо**...171
**Байтулмол**...172
**Даромадҳои байтулмол**...172
**Сарфу харҷи байтулмол**...173
**Буҷети давлат**...175
**Закот**...176
**Ҷизя**...179
**Хироҷ**...179
**Андозҳо**...181
**Тақсимоти сарват дар байни мардум**...183
**Мувозинаи иқтисодӣ дар ҷомеа**...184
**Манъи канзи тиллову нуқра**...185
**Рибо ва сарф**...190
**Рибо**...188
**Сарф**...195
**Муомилоти сарф**...198
**Пулҳо**...201
**Низоми тилло**...204
**Афзалиятҳои низоми тилло**...204
**Мушкилоти низоми тилло**...206
**Низоми нуқра**...207
**Пулҳои маъданӣ**...207
**Пулҳои коғазӣ**...208
**Чоп кардани пулҳо**...209
**Нархи сарф**...212
**Тиҷорати хориҷӣ**...217
**Воқеи тиҷорати хориҷӣ**...225
**Мувозинаи тиҷоратӣ**...225
**Алоқаи пулӣ дар байни давлатҳо**...226
**Сиёсати тиҷорати хориҷӣ**...227
**Мубодилаи озод**...227
**Ҳимояи тиҷоратӣ**...228
**Иқтисоди миллӣ**...228
**Сиёсати иктифоӣ**...239

بسـم الله الرحمن الرحيم

# *МУҚАДДИМА*

Китоби "Низоми иқтисодӣ дар Ислом" сарвати фикрии исломӣ ва китоби басо гаронбаҳову беназир аст. Зеро он нахустин китобест, ки дар ин аср воқеи низоми иқтисодии Исломро дақиқу равшан баён кардааст.

Китоб баёнгари нигоҳи Ислом дар бораи иқтисод ва ғояи он, кайфияти моликшавӣ ва афзоишдиҳии мол, кайфияти инфоқу тасарруфи мол, кайфияти тақсимоти сарват ба афроди ҷомеа ва кайфияти эҷоди мувозинаи ҷомеа мебошад.

Дар китоб навъҳои моликият: моликияти хусусӣ, моликияти умумӣ ва моликияти давлатӣ, молҳое, ки ба байтулмоли мусулмонон пардохта мешавад ва ҷиҳатҳои сарфи ин молҳо баён шудааст.

Аҳкоми заминҳои ушрӣ ва хироҷӣ, ушр ё хироҷе, ки ба ин заминҳо воҷиб аст, кайфияти истифода, эҳё, иқтоъ ва интиқоли замин аз як молик ба молики дигар низ дар он шарҳи худро ёфтааст.

Ҳамчунин пулҳо ва навъҳои пулҳо, рибо ва сарф, ки дар пулҳо рух медиҳад ва закоте, ки ба пулҳо воҷиб аст, дар он зикр шудааст.

Илова бар ин, китоб тиҷорати хориҷӣ ва аҳкоми онро баён кардааст. Китоби Аллоҳу суннати Расул (с) ва қиёсу иҷмои саҳобагон, ки бар асоси ҳар ду бунёд шудааст, манбаи ягонаест, ки аҳкоми мазкур аз он истинбот шудааст ва дар истинботи аҳкоми иқтисод ба манбаи дигар муроҷиат карда нашудааст. Дар муқаддимаи китоб воқеи низоми иқтисодии капиталистӣ ва сотсиалистӣ, аз ҷумла коммунистӣ, зиддияти ҳар ду ба якдигар, инчунин нодурустӣ ва зиддияти ҳар ду ба аҳкоми низоми иқтисодии Ислом баён шудааст.

Китоб пеш аз чопи мӯътамад бори дигар мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба он баъзе тасҳеҳот ворид гардид. Ҳама ҳадисҳое, ки дар он омадааст, бо эътибори том аз нав мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо ривоятҳои китобҳои ҳадис муқоиса ва таҳқиқ шуд.

Ин китоб дар фаҳмидани низоми иқтисодии Ислом барои мусулмонони асри имрӯза фоидаи калон дорад. Аз Аллоҳ илтиҷо мекунем, ки онро ба ҳама муфид гардонда, барои мусулмонон имконият фароҳам орад, то дар давлате, ки бо шариати Аллоҳ ҳукм меронад, аҳкомеро, ки дар ин китоб омадааст, ба татбиқу иҷро расонанд.

14 рабеулохири 1425ҳ

2 июни 2004м

Афкор барои ҳар як уммати нашъунамокунанда сарвати бузургтарин ба ҳисоб меравад, ки дар ҳаёти худ ба даст овардааст ва барои ҳар як уммати кӯҳани равшанфикр тӯҳфаи бузуртарин ба ҳисоб меравад, ки аз аҷдодони худ гирифтааст.

Мавқеи сарватҳои моддӣ, кашфиётҳои илмӣ, ихтироъҳои саноатӣ ва ғайра нисбат ба афкор то андозае паст, балки ба даст овардан ва нигаҳ доштани ин ҳама ба афкор вобаста аст.

Агар уммат сарвати моддиашро аз даст диҳад, вале сарвати фикриашро нигаҳ дорад, сарвати моддиашро бо зудӣ барқарор карда метавонад. Агар аз сарвати фикрӣ маҳрум гардад, вале сарвати моддиашро нигаҳ дорад, бо зудӣ ин сарват низ аз даст меравад ва уммат ба ҳолати фақирӣ меафтад. Агар уммат тариқати фикрронииро фаромӯш накунад, ҳарчанд ҳақиқатҳои илмии зиёди кашфшударо аз даст диҳад, онҳоро аз нав ба даст оварда метавонад. Аммо тариқати фикрронии самарабахш аз даст равад, уммат бо зудӣ ақибмонда мегардад ва кашфиёту ихтирооти худро низ аз даст медиҳад. Бинобар ин, аввало ба афкор эътибор додан зарур аст, сипас дар асоси ин афкор бо тариқати фикрронии самарабахш сарвати моддӣ ба даст меояд ва барои расидан ба кашфиёти илмиву ихтирооти саноатӣ саъю кӯшиш карда мешавад.

Мақсад аз афкор мавҷудияти амалиёти фикрронӣ дар уммат оид ба ҳодисаҳои ҳаётест, ки ҳамаи афроди уммат ҳангоми эҳсоси

воқеъ барои ҳукмбарорӣ бар ин воқеъ аз маълумоти худ истифода бурда тавонанд. Бо ибораи дигар, мавҷудияти афкорест, ки афрод онҳоро дар ҳаёт хуб истифода мебаранд, дар натиҷа аз такрори ин истифодаи комёбона ба тариқати фикррониии самарабахш муваффақ мегарданд.

Уммати Ислом муддатеро паси сар намуд, ки дар тӯли он тариқати фикррониии самарабахш дар ин уммат заиф гашт, ҳатто наздик буд, ки ин тариқатро аз даст диҳад. Ҳамд ба Аллоҳ, ки уммат бар асари зуҳури даъвати исломӣ ба азнавсаркунии ҳаёти исломӣ бо воситаи бунёд кардани Давлати Хилофати Рошида дар тӯли солҳои гузашта ин воқеъро пушти сар гузошт. Дар байни мусулмонон таваҷҷӯҳ сӯи Ислом ва боварӣ ба афкору аҳкоми Ислом ба ҳодисаи намоён табдил ёфт. Айбу нуқсон ва нодурустии афкори капиталистӣ ва сотсиалистӣ, ки дар кишварҳои мусулмонон ривоҷ ёфтааст, ошкор гардид. Бо вуҷуди ин, Уммати Ислом ҳанӯз дар зери ҳукмронии кофирон ва гумоштагони кофирон, ки барои зинат додани афкори нодурусти худ, махсусан афкор оид ба муолиҷоти иқтисодӣ ва интишори ин афкор дар кишварҳои мусулмонон тамоми воситаҳои хабис ва услубҳои гумроҳкунандаро ба кор мебаранд, ранҷ мекашад.

Аз ин рӯ, даъваткунандаи Ислом бояд асосҳои аҳкому муолиҷоти капиталистиро рад намуда, сохтакориву вайронкории ин аҳкому муолиҷотро фош созад ва ба ҳодисаҳои гуногуну навбанави ҳаёт эътибор нигаронда, муолиҷоти Исломро нисбат ба ин ҳодисаҳо ҳамчун аҳкоми шаръӣ, ки пазируфтани он воҷиб аст, баён кунад, барои он ки аҳкоми шаръӣ аз Китобу суннат ё далелҳое, ки Китобу суннат ба онҳо ишора мекунанд, истинбот мешавад, на барои он ки аҳкоми шаръӣ ба аср мувофиқ меояд ё номувофиқ. Бо ибораи дигар, даъваткунанда бояд баён кунад, ки аҳкоми шаръиро на аз рӯи манфиат, балки аз рӯи эътиқод пазируфтан воҷиб аст. Дар тақдими ҳукм ба баёни далели шаръӣ, ки ҳукм аз он истинбот шудааст ё ба нишон додани иллати шаръӣ, ки дар хусуси он ё

ҳодисаи монанди он насси шаръӣ ворид шудааст, бояд эътибор дод.

Мусулмонон беш аз ҳама дар афкор оид ба ҳукм ва афкор оид ба иқтисод фирефта мешаванд ва дар воқеи ҳаёти худ ба мусибатҳои сахт дучор мегарданд. Ин афкор аксари афкореро, ки аз тарафи мусулмонон хуш пазируфта шудааст, Ғарб ба татбиқи амалии онҳо мекӯшаду бо ҷидду ҷаҳди доимӣ татбиқи онҳоро нигаҳбонӣ мекунад, ташкил медиҳад. Кофири мустамликадор, ҳарчанд барои муҳофизати мустамликадорӣ ва низоми худ бар Уммати Ислом шаклан бо сурати низоми демократӣ ҳукмронӣ мекунад, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ амалан бо низоми иқтисодии капиталистӣ ҳукм меронад. Бинобар ин, афкори Ислом дар бораи иқтисод афкорест, ки дар воқеи ҳаёти иқтисодии олами исломӣ таъсири пурзӯр расонда, олами исломиро ба ҷунбиш меорад ва ба афкоре табдил меёбад, ки кофири мустамликадор, гумоштагони кофирон ва ғарбпарастон, чун ҷаҳолатпарастон, ситамкорон ва ҳокимон, бар зидди он беш аз ҳама мубориза мебаранд.

Бинобар ин, бояд дар бораи иқтисоди низоми капиталистӣ сурати равшанеро тақдим намуд, ки афкори асосии иқтисоди сиёсии Ғарбро дарбар гирад, то ҳаводорони низоми иқтисодии Ғарб нодурустии ин низом ва зиддияти онро ба Ислом эҳсос намоянд, сипас дар бораи афкори иқтисодии Ислом, ки муаммоҳои ҳаёти иқтисодиро дуруст муолиҷа мекунад ва тарзи зиндагии хосаро, ки ба асос ва тафсилоти ҳаёти капиталистӣ зид аст, ташаккул медиҳад, андеша кунанд.

Аз баррасии низоми иқтисодии мабдаи капиталистӣ аён мегардад, ки иқтисод дар назари онҳо эҳтиёҷоти инсон ва воситаҳои қонеъгардонии ин эҳтиёҷот, яъне танҳо ҷиҳати моддии ҳаёти инсонро баррасӣ мекунад. Ин иқтисод бар се асос бунёд мегардад:

1. Муаммои нокифоягии нисбии коло ва хизматрасониҳо нисбат ба эҳтиёҷот, яъне норасогии коло ва хизматрасониҳо барои

эҳтиёҷоти гуногуну сершумори инсон, ки ин дар назди онҳо муаммои иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад;

2. Арзиши маҳсулот, ки асоси таҳқиқоти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, аз ҳама бештар мавриди омӯзиш қарор мегирад;

3. Нарх ва нақши он дар истеҳсол, истеъмол ва интишор, ки хишти аввали бино дар низоми иқтисоди капиталистӣ ба ҳисоб меравад.

Сабаби пайдоиши муаммои нокифоягии нисбии коло ва хизматрасониҳо дар ин аст, ки коло ва хизматрасониҳо воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон мебошад. Ба гуфтаи капиталистҳо, инсон эҳтиёҷоте дорад, ки қонеъгардониро талаб мекунад ва барои ин қонеъгардонӣ воситаҳо лозиманд. Эҳтиёҷоти мазкур моддии маҳз мебошад, зеро онҳо ё эҳтиёҷоти ҳисшаванда ва ламсшавандаи инсон аст, монанди эҳтиёҷи инсон ба ғизо ва либос, ё эҳтиёҷоти ҳисшаванда, вале ламсношавандаи инсон, монанди эҳтиёҷи инсон ба хизматрасонии табиб ва муаллим. Аммо мавҷудияти эҳтиёҷоти маънавӣ, монанди ифтихор ва эҳтиёҷоти рӯҳӣ, монанди муқаддасшуморӣ, аз тарафи онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ эътироф намешавад. Ин гуна эҳтиёҷот дар назди онҳо эътибор надорад ва ҳангоми баҳси иқтисодӣ мавриди мулоҳиза қарор намегирад.

Воситаҳои қонеъгардонӣ дар назди онҳо коло ва хизматрасониҳо номида мешавад. Пас, коло воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳисшаванда ва ламсшаванда, инчунин хизматрасонӣ воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳисшаванда, вале ламсношаванда мебошад. Он чӣ, ки дар коло ва хизматрасониҳо қонеъ мегардонад, дар назари онҳо манфиатест, ки дар ин коло ва хизматрасониҳо вуҷуд дорад. Ин манфиат хусусият аст ва агар дар ягон чиз мавҷуд бошад, ин чизро ба қонеъгардонии эҳтиёҷ шоиста мегардонад. Азбаски маънои иқтисодии эҳтиёҷ рағбат мебошад, ҳар чӣ, ки ба он рағбат мавҷуд аст, хоҳ зарурӣ бошад, хоҳ на ва хоҳ баъзе мардум нафъовар донанду баъзеи дигар зараровар, аз ҷиҳати

иқтисодӣ нафъовар дониста мешавад. Ин ашё, модом ки касони ба он рағбаткунанда мавҷуд бошанд, аз ҷиҳати иқтисодӣ нафъовар ба ҳисоб меравад. Онҳо дар натиҷаи ин фаҳмиш ашёро, ҳарчанд афкори омма бефоида ва зараровар донад, аз нигоҳи иқтисодӣ нафъовар донистанд. Масалан, хамр ва маводи мухаддир, азбаски баъзе мардум ба онҳо рағбат мекунанд, дар назди иқтисоддонон ашёи нафъовар ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, иқтисоддон ба воситаҳои қонеъгардонӣ: коло ва хизматрасониҳо, қатъи назар аз ҳар гуна эътибори дигар ҳамчун қонеъкунандаи эҳтиёҷ менигарад. Бо ибораи дигар, ба худи эҳтиёҷот ва манфиатҳо менигарад, вале ба эътибор намегирад, ки бояд онҳо чӣ гуна бошанд. Аз ин рӯ, ба манфиат танҳо ҳамчун қонеъкунандаи эҳтиёҷ менигарад. Масалан, ба хамр, азбаски он эҳтиёҷи афродро қонеъ мегардонад, бо эътибори ашёи дорои арзиши иқтисодӣ ва ба истеҳсолкунандаи хамр, азбаски ин хизматрасонӣ бо сабаби қонеъ гардондани эҳтиёҷи афрод дорои арзиши иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, бо эътибори хизматрасонанда менигарад.

Воқеи эҳтиёҷот ва воситаҳои қонеъгардонии ин эҳтиёҷот дар назди онҳо ҳамин аст. Иқтисоддони капиталист на ба он чӣ, ки ҷомеа бояд бар он бунёд гардад, балки ба моддаи иқтисодӣ аз ҷиҳати қонеъ гардондани эҳтиёҷот аҳамият медиҳад. Бинобар ин, вазифаи иқтисоддон зиёд кардани воситаҳои қонеъгардонӣ: коло ва хизматрасониҳо, танҳо бо эътибори қонеъкунандаи эҳтиёҷоти инсон мебошад. Аз ин рӯ, иқтисоддон дар бораи зиёд кардани воситаҳои қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон ҷустуҷӯ мекунад. Коло ва хизматрасониҳо, ки воситаҳои қонеъгардонӣ ба ҳисоб мераванд, дар назари онҳо маҳдуданд. Пас, барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон кифоя намекунанд, зеро ин эҳтиёҷот, аз рӯи раъйи онҳо, маҳдуд нест. Ин ҷо эҳтиёҷоти асосӣ ҳастанд, ки инсон бояд бо эътибори инсон онҳоро қонеъ гардонад ва ин ҷо эҳтиёҷоте ҳастанд, ки бо боло рафтани инсон ба мартабаи баландтари маданият меафзоянд. Ин эҳтиёҷот меафзоянд ва ҳамаи онҳо ба қонеъгардонии пурра мӯҳтоҷанд, вале ин кор,

ҳарчанд коло ва хизматрасониҳо фаровон мешаванд, имконнопазир аст. Аз ин ҷо асоси муаммои иқтисодӣ сар мезанад: фаровонии эҳтиёҷот ва норасогии воситаҳои қонеъгардонии ин эҳтиёҷот, яъне нокифоягии коло ва хизматрасониҳо барои қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти инсон. Ҳамин тавр, ҷомеа ба муаммои иқтисодӣ рӯбарӯ мешавад, ки он муаммои нокифоягии нисбии коло ва хизматрасониҳост ва дар натиҷаи ҳатмии ин нокифоягӣ баъзе эҳтиёҷот ё қисман қонеъ гардонда мешавад, ё мутлақо қонеъ гардонда намешавад. Пас, барои муқаррар кардани эҳтиёҷоте, ки қонеъ гардонда мешавад ва эҳтиёҷоте, ки қонеъ гардонда намешавад, қоидаҳое лозим аст, ки афроди ҷомеа ба онҳо риоя намоянд. Бо ибораи дигар, қоидаҳое лозим аст, ки тақсими захираҳои маҳдудро ба эҳтиёҷоти номаҳдуд муқаррар кунад. Муаммо дар назди онҳо на инсон, балки эҳтиёҷот ва захираҳо мебошад, яъне муаммо на қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳар як фарди ҷомеа, балки зиёд кардани захираҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷот. Бинобар ин, қоидаҳое, ки дар ин ҷода тартиб дода мешавад, бояд ба баландтарин сатҳи имконпазири истеҳсолот расиданро таъмин намояд, то боиси зиёдшавии захираҳо гардад, яъне коло ва хизматрасониҳо на барои ҳар як фарди ҷомеа, балки барои маҷмӯи одамон таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, муаммои тақсимоти коло ва хизматрасониҳо бо муаммои истеҳсоли онҳо зич алоқаманд аст. Мақсади олитарини омӯзиши иқтисодӣ кӯшиш дар роҳи зиёд кардани коло ва хизматрасониҳоест, ки маҷмӯи одамон онҳоро истеъмол мекунад. Бинобар ин, омӯзиши омилҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсолоти маҳаллӣ таъсир мерасонад, дар байни тамоми мавзӯъҳои иқтисодӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад, зеро баҳсу ҷустуҷӯ дар бораи зиёд кардани истеҳсолоти маҳаллӣ аз муҳимтарин баҳсҳо барои муолиҷаи муаммои иқтисодӣ: нокифоягии коло ва хизматрасониҳо нисбат ба эҳтиёҷот, маҳсуб меёбад. Ба ақидаи онҳо, муолиҷаи камбизоатӣ ва маҳрумият танҳо бо роҳи зиёд кардани истеҳсолот имконпазир аст. Пас, муолиҷаи муаммои

иқтисодии ҷомеа бо зиёд кардани истеҳсолот имконпазир мегардад.

Маънои арзиши маҳсулот дараҷаи аҳамияти маҳсулот нисбат ба шахси муайян ё нисбат ба маҳсулоти дигар мебошад. Пас, он дар ҳолати якум "арзиши манфиат" ва дар ҳолати дуюм "арзиши мубодила" номида мешавад. Баёни мухтасари арзиши манфиати маҳсулот чунин аст: "Арзиши манфиати ҳар як воҳиди маҳсулот бо манфиати ниҳоии ин воҳид, яъне бо манфиати воҳиде, ки ҳадди ақалли эҳтиёҷро қонеъ мегардонад, муқаррар мегардад". Инро назарияи "манфиати ниҳоӣ" ё "манфиати ҳадди охир" меноманд. Бо ибораи дигар, манфиат аз рӯи нуқтаи назари истеҳсолкунанда бо ҳисоби харҷи истеҳсоли маҳсулот муқаррар намешавад, зеро дар ин ҳолат на талабот, балки танҳо пешниҳод ба ҳисоб гирифта мешавад. Манфиат аз рӯи нуқтаи назари истеъмолкунанда дар бораи миқдори манфиати маҳсулот ва ҳисси эҳтиёҷ ба ин манфиат бо назардошти омили нокифоягӣ муқаррар намешавад, зеро дар ин ҳолат на пешниҳод, балки танҳо талабот ба инобат гирифта мешавад, балки бояд нуқтаи назари пешниҳод ва талабот якҷоя ба ҳисоб гирифта шавад ва манфиати маҳсулот аз ҳадди охирини қонеъгардонӣ гирифта шавад, яъне арзиши нон на дар аввал, балки дар охири гуруснагӣ, на дар вақти нокифоягии нон дар бозор, балки дар вақти фаровонии нон муқаррар гардад. Арзиши манфиат ҳамин аст. Аммо арзиши мубодила хос аст. Агар он дар ягон маҳсулот басанда бошад, ин маҳсулотро барои мубодила шоиста мегардонад. Инро қувваи мубодилаи маҳсулот нисбат ба маҳсулоти дигар меноманд. Масалан, арзиши мубодилаи гандум нисбат ба ҷуворӣ бо миқдори ҷуворие, ки барои ҳусули воҳиди гандум пардохтан лозим аст, муқаррар мегардад. Арзиши манфиат танҳо манфиат ва арзиши мубодила танҳо арзиш номида мешавад.

Мубодила бо мавҷудияти ивазе, ки ба коло ё хизматрасонӣ мувозӣ мебошад ё дар арзиш ба коло ва хизматрасонӣ наздик аст, сурат мегирад. Аз ин рӯ, баҳси арзиш дар назди иқтисоддонони капиталист лозим буд, зеро арзиш асоси мубодила, сифати

муқоисапазир ва миқёсест, ки бо он коло ва хизматрасониҳоро чен ва корҳои истеҳсолиро аз корҳои ғайриистеҳсолӣ ҷудо мекунанд. Зеро истеҳсолот эҷод ва афзоишдиҳии манфиат аст ва бо воситаи кору фаъолият сурат мегирад. Барои ҷудо кардани корҳо аз ҷиҳати истеҳсолӣ ё ғайриистеҳсолӣ ва донистани сермаҳсултарини ин корҳо миқёси дақиқ лозим аст, ки маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои гуногунро муқоиса кунад. Ин миқёси дақиқ арзиши иҷтимоии маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногун мебошад. Бо ибораи дигар, ин миқёси дақиқ муқарраркунии ҷамоии кор ва хизматрасонии иҷрошаванда мебошад. Ин муқарраркунӣ кори зарурист, зеро дар ҷамоатҳои замонавӣ истеҳсол барои мубодила ҷойи истеҳсол барои истеъмолро ишғол кард. Имрӯз ҳар як фард ҳамаи маҳсулоти худ ё бештари онро бо маҳсулоти дигар, ки дигарон истеҳсол мекунанд, мубодила мекунад. Ин мубодила бо мавҷудияти иваз барои коло ё хизматрасонӣ сурат мегирад. Пас, барои амалигардии мубодила муқаррар кардани арзиши коло лозим аст. Бинобар ин, донистани моҳияту ҳақиқати арзиш барои истеҳсол ва истеъмол кори зарурӣ, яъне барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон бо ёрии воситаҳои қонеъгардонӣ кори ҳатмӣ мебошад.

Вале арзиши мубодила дар асри нав ба арзиши ягона табдил ёфт, ки бар арзишҳои дигар ҳукмрон гашт. Дар ҷомеаҳои мутараққӣ арзиши колоҳо на ба якдигар, балки ба колои муайян бо номи "пул" нисбат дода мешавад. Нисбати мубодилаи ашё бо пул "нарх" номида мешавад. Пас, нарх арзиши мубодилаи ашё нисбат ба пул мебошад. Бинобар ин, фарқи арзиши мубодила аз нарх дар ин аст, ки арзиши мубодила нисбати мубодилаи ашё бо ашёи дигар аст, хоҳ пул бошад, хоҳ коло ва хоҳ хизматрасонӣ, аммо нарх арзиши мубодилаи ашё бо пул аст. Аз ин сабаб, тамоми нархҳои колоҳо мумкин аст дар як вақт боло ва поён равад, лекин мумкин нест, ки арзиши мубодилаи тамоми колоҳо нисбат ба якдигар дар як вақт поён ё боло равад. Инчунин мумкин аст нархҳои колоҳо бидуни тағйир ёфтани арзиши мубодилаи ин колоҳо тағйир ёбад. Аз ин

рӯ, нархи коло яке аз арзишҳои ҳамин коло аст. Бо ибораи дигар, ҳамагӣ арзиши коло нисбат ба пул аст. Нарх, азбаски яке аз арзишҳо мебошад, дар равиши табиӣ миқёси фоидаовар ё бефоида будани ашё ва миқёси дараҷаи манфиати ашё шуда метавонад. Агар ҷомеа ба ягон коло ё хизматрасонӣ нархи муайян таъйин кунад, ин коло ё хизматрасонӣ самарабахш ва фоидаовар ба ҳисоб меравад. Аммо дараҷаи манфиати ин коло ё хизматрасонӣ хоҳ маҳсулоти кишоварзӣ бошад, хоҳ маҳсулоти саноат, хоҳ хизматрасонии тоҷир бошад, хоҳ хизматрасонии ширкати нақлиёт, хоҳ хизматрасонии табиб бошад, хоҳ хизматрасонии муҳандис бо нархе, ки аксарияти истеъмолкунандагон барои харидани он пардохтан мехоҳанд, чен карда мешавад.

Нақши нарх дар истеҳсол, истеъмол ва тақсимот чунин аст, ки маҳз механизми нарх муқаррар мекунад, ки кадом истеҳсолкунандагон ба соҳаи истеҳсолот дохил мешаванд, кадоме аз онҳо ба зумраи истеҳсолкунандагон дохил намешаванд. Айнан бо ҳамин кайфият муқаррар мекунад, ки кадом истеъмолкунандагон эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонида метавонанд ва эҳтиёҷоти кадоме аз онҳо қонеъ гардонида намешавад. Сарфу харҷи истеҳсоли коло омили асосист, ки пешниҳоди ин колоро дар бозор муқаррар мекунад ва манфиати коло омили асосист, ки талаботи бозорро ба ин коло муқаррар мекунад ва ҳар ду бо нарх чен карда мешавад. Бинобар ин, баҳси пешниҳод ва талабот дар назди капиталистҳо баҳси асосии иқтисод ба ҳисоб меравад. Мақсад аз пешниҳод пешниҳоди бозор ва мақсад аз талабот талаботи бозор аст. Чунон ки бе зикри нарх муайян кардани талабот мумкин нест, муқаррар кардани пешниҳод низ бе нарх ғайриимкон аст. Вале талабот бар акси нарх тағйир меёбад, агар нарх боло равад, талабот коҳиш меёбад, агар нарх поён равад, талабот меафзояд. Пешниҳод хилофи ин аст, ки бо тағйирёбии нарх ва дар самти ин тағйирёбӣ тағйир меёбад, яъне пешниҳод бо болоравии нарх меафзояд ва бо поёнравии нарх коҳиш меёбад. Нарх дар ҳар ду ҳолат ба пешниҳод ва талабот

таъсири калон мерасонад, яъне нарх дар истеҳсол ва истеъмол таъсири калон дорад.

Механизми нарх, ба андешаи онҳо, тариқати муносибтарини тақсимоти коло ва хизматрасониҳо ба фардҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад, чунки манфиатҳо натиҷаи саъю талошест, ки инсон дар ин ҷода сарф мекунад. Агар мукофот ба кор баробар набошад, бешубҳа, сатҳи истеҳсолот рӯ ба коҳиш меорад. Аз ин рӯ, тариқати муносибтарини тақсимоти коло ва хизматрасониҳо ба фардҳои ҷомеа таъмини болоравии имконпазири сатҳи истеҳсолот мебошад. Ин тариқат тариқати нарх аст, ки онро ҷиҳози нарх ё механизми нарх меноманд, зеро ин тариқат дар назари онҳо мувозинаи иқтисодиро дар шакли механикӣ ба вуҷуд меорад. Дар навбати худ тариқати мазкур бар озод вогузоштани истеъмолкунандагон бунёд мегардад, то тақсимоти захираҳои ҷомеаро ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ тавассути таваҷҷӯҳ ба хариди баъзе мавод ва дасткашӣ аз хариди баъзеи дигар мустақилона муқаррар намоянд. Истеъмолкунандагон даромадҳои худро ба харидани чизҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё рағбат доранд, сарф мекунанд. Истеъмолкунандае, ки ба хамр рағбат надорад, аз харидани хамр даст мекашад ва даромадашро ба чизи дигар сарф мекунад. Агар теъдоди истеъмолкунандагоне, ки ба хамр рағбат надоранд, афзояд ё ҳамаи мардум ба хамр рағбат надошта бошанд, истеҳсоли хамр барои мавҷуд набудани талабот ба кори бефоида табдил меёбад ва табиист, ки қатъ мегардад. Тамоми мавод ҳамин тавр аст. Пас, истеъмолкунандагон, ки ба ихтиёри худ вогузошта мешаванд, миқдор ва навъи маҳсулотро муқаррар мекунанд. Тақсимоти коло ва хизматрасониҳо маҳз бо воситаи нарх ҷараён мегирад, зеро он барои истеъмолкунанда гоҳ дастрас бошад, гоҳ дастнорас аст, инчунин барои истеҳсолкунанда гоҳ пешниҳод шавад, гоҳ пешниҳод намешавад.

Механизми нарх ба истеҳсолот такон медиҳад, тақсимотро ба танзим медарорад ва воситаи алоқаи миёни истеҳсолкунанда ва

истеъмолкунанда ба ҳисоб меравад, яъне ин механизм дар байни истеҳсолот ва истеъмолот мувозинаро ба вуҷуд меорад.

Ба истеҳсол такон додани механизми нарх чунин аст, ки омили асосие, ки инсонро ба саъю талоши самарабахш ё фидокорӣ (сарфи қувва) такон медиҳад, мукофоти моддӣ бар ивази ин саъю талош ва фидокорӣ мебошад. Иқтисоддонони капиталист тасдиқ намекунанд, ки инсон бо такони маънавӣ ё рӯҳӣ саъю талош меварзад. Ҳатто такони ахлоқиро, ки каму беш эътироф мекунанд, ба мукофоти моддӣ вобаста мекунанд ва мепиндоранд, ки инсон танҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷот ва рағбати моддии худ саъю талош меварзад. Ин қонеъгардонӣ ё бо воситаи истеъмоли колое, ки онро бевосита истеҳсол мекунад, ё бо воситаи ҳусули пардохти пулӣ, ки ба ҳусули коло ва хизматрасониҳои истеҳсолкардаи дигарон имкон медиҳад, ба вуҷуд меояд. Инсон дар қонеъгардонии аксари эҳтиёҷоти худ, ҳарчанд ҳамавақт нест, ба мубодилаи саъю талоши худ ба саъю талоши дигарон такя мекунад. Аз ин рӯ, қонеъгардонии эҳтиёҷот на ба ҳусули колое, ки худаш истеҳсол кардааст, балки ба ҳусули пардохти пулӣ барои саъю талош, ки ба ҳусули коло ва хизматрасониҳо имкон медиҳад, вобаста аст. Бинобар ин, пардохти пулӣ, яъне нарх инсонро ба истеҳсолот такон медиҳад. Аз ин рӯ, нарх истеҳсолкунандаро ба сарфи саъю талош такон медиҳад. Пас, нарх омилест, ки ба истеҳсол такон медиҳад.

Аммо танзимкунандаи тақсимот будани нарх чунин аст, ки инсон тамоми эҳтиёҷоти худро пурра қонеъ гардондан мехоҳад. Бинобар ин, ба ҳусули коло ва хизматрасониҳое, ки ин эҳтиёҷотро қонеъ мегардонанд, саъю кӯшиш мекунад. Ҳар як фард аз банӣ-инсон, агар дар қонеъгардонии эҳтиёҷоташ озод гузошта шавад, аз тасарруф ва истеъмоли колоҳои дилхоҳи худ бознамеистад. Вале ҳар як фард аз банӣ-инсон, азбаски ба ин мақсади ягона кӯшиш мекунад, дар қонеъгардонии эҳтиёҷоташ дар ҳадде, ки саъю талоши худро бо саъю талоши каси дигар мубодила карда метавонад, бо ибораи дигар, дар ҳадди пардохти пулие, ки бо

воситаи саъю талоши худ (сарфи қувваи худ) ба даст медарорад, яъне дар ҳадди нарх, ба бозистодан маҷбур мешавад. Аз ин рӯ, нарх қайди табиии муқаррарист, ки инсонро ба бозистодан аз тасарруф ва истеъмол дар ҳадде, ки бо даромадҳои ӯ мутаносиб аст, маҷбур месозад. Мавҷудияти нарх инсонро дар хусуси эҳтиёҷоти бо ҳам рақобаткунандаи худ, ки қонеъгардониро талаб мекунанд, ба фикрронӣ, баркашӣ, афзалшуморӣ, интихобкунии эҳтиёҷе, ки онро зарурӣ медонад ва дасткашӣ аз эҳтиёҷе, ки зарурати онро камтар мешуморад, водор месозад. Инчунин нарх фардро маҷбур мекунад, ки бо қонеъгардонии ҷузъии баъзе эҳтиёҷоташ иктифо кунад, то ба қонеъгардонии баъзе эҳтиёҷоти дигар имкон ёбад, зеро аҳамияти ин эҳтиёҷотро аз аҳамияти баъзе эҳтиёҷоте, ки бо қонеъгардонии ҷузъии онҳо иктифо кардааст, кам намедонад. Пас, нарх тақсимоти эҳтиёҷотеро, ки фард онҳоро талаб мекунад, ба танзим медарорад, инчунин тақсимоти манфиатҳои маҳдудро ба теъдоди калони истеъмолкунандагон, ки ин манфиатҳоро талаб мекунанд, ба танзим медарорад. Гуногунии даромадҳои истеъмолкунандагон истеъмоли ҳар як фардро ба он ҷӣ, ки даромадҳои ӯ имкон медиҳад, маҳдуд месозад. Ҳамин тавр, истеъмоли баъзе колоҳоро ба касоне, ки даромадашон ба он имкон медиҳад, маҳдуд сохта, истеъмоли баъзе колоҳоро ба тамоми мардум, ки камтарин ҳадди нархро доранд, умумӣ мегардонад. Ҳамин тавр, нарх бо сабаби боло рафтани нархи баъзе колоҳо ва поён рафтани баъзеи дигар, инчунин бо сабаби имкон доштани баъзе мардум ба пардохти пулӣ ва имкон надоштани баъзеи дигар ба танзимкунандаи тақсимоти манфиатҳо дар байни истеъмолкунандагон табдил меёбад.

Нарх мувозинаи миёни истеҳсол ва истеъмолро муайян мекунад, яъне дар байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда воситаи алоқа мебошад. Пас, истеҳсолкунандае, ки хоҳишоти истеъмолкунандаро амалӣ мегардонад, бар ивази ин кор фоида ба даст меорад. Истеҳсолкунандае, ки маҳсулотҳояш аз тарафи истеъмолкунандагон пазируфта намешавад, зарар мебинад.

Истеҳсолкунанда танҳо бо воситаи тариқати нарх хоҳишоти истеъмолкунандагонро донista метавонад. Бо воситаи нарх хоҳишоти истеъмолкунанда дониста мешавад. Агар колои муайян аз тарафи истеъмолкунандагон бештар харидорӣ шавад, нархи он дар бозор боло меравад. Ҳамин тавр, барои қонеъгардонии талаботи истеъмолкунандагон истеҳсоли ин коло низ меафзояд. Агар истеъмолкунандагон колои муайянро харидорӣ накунанд, нархи он дар бозор поён меравад. Ҳамин тавр, истеҳсоли ин коло низ коҳиш меёбад. Бо болоравии нарх маблағгузории истеҳсолот меафзояд ва бо поёнравии нарх маблағгузории истеҳсолот коҳиш меёбад. Ҳамин тавр, нарх дар байни истеҳсол ва истеъмол мувозинаро муқаррар мекунад ва дар байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда воситаи алоқа ба ҳисоб меравад. Ин кор ба тарзи механикӣ амалӣ мегардад. Бинобар ин, нарх дар назари капиталистҳо пойдеворест, ки иқтисод бар он бунёд мегардад ва санги асоси иқтисод ба ҳисоб меравад.

Ин хулосаи низоми иқтисод дар мабдаи капиталистӣ аст, ки онҳо инро "иқтисоди сиёсӣ" меноманд. Баъд аз омӯзишу баҳси амиқи он аён мегардад, ки низоми иқтисоди капиталистӣ аз чанд ҷиҳат нодуруст аст:

Иқтисод, ба андешаи онҳо, дар бораи эҳтиёҷоти инсон ва воситаҳои қонеъгардонии ин эҳтиёҷот баҳс мекунад. Онҳо истеҳсоли коло ва хизматрасониҳо, ки воситаҳои қонеъгардонии эҳтиёҷот мебошад ва тақсимоти ин коло ва хизматрасониҳоро ба эҳтиёҷот баҳси ягона медонанд, яъне эҳтиёҷот ва воситаҳои қонеъгардонии ин эҳтиёҷотро ҳамчун чизи ягона ва баҳси ягона, ки яке аз дигаре ҷудо намешавад, балки яке ба дигаре шомил мегардад, ба якдигар меомезанд. Зеро тақсимоти коло ва хизматрасониҳо ба баҳси истеҳсоли ин коло ва хизматрасониҳо шомил аст. Бинобар ин, онҳо ба иқтисод бо назари ягона, ки моддаи иқтисодӣ ва кайфияти тасарруфи онро дарбар мегирад, менигаранд ва ҳар дуро аз ҳам ҷудо намедонанд, якеро аз дигаре фарқ намекунанд. Бо ибораи дигар, ба илми иқтисод ва низоми

иқтисодӣ бо назари ягона менигаранд, ки ҳар дуро аз ҳам фарқ намекунанд, ҳол он ки дар байни низоми иқтисодӣ ва илми иқтисод фарқ вуҷуд дорад. Низоми иқтисод тақсимот, соҳибшавӣ, тасарруфи сарват ва чизҳои монанди инро баён мекунад ва дар баёни он мувофиқи нуқтаи назари муайян дар ҳаёт амал мекунад. Бинобар ин, низоми иқтисодӣ дар Ислом аз низоми иқтисодии сотсиализму коммунизм ва капитализм фарқ мекунад, зеро ҳар як низом аз рӯи нуқтаи назари мабдаъ дар хусуси ҳаёт муқаррар мегардад. Илми иқтисод акси ин аст, ки дар бораи истеҳсолот ва такмилдиҳии ин истеҳсолот, эҷоди воситаҳои истеҳсолот ва такмилдиҳии ин воситаҳо баҳс мекунад. Ин кор дар назди тамоми умматҳо умумиҷаҳонист, ки монанди илмҳои дигар ба ягон мабдаъ хос нест. Масалан, нигоҳ ба моликият дар низоми капиталистӣ, дар низоми сотсиалистӣ-коммунистӣ ва дар Ислом гуногун аст. Аммо такмилдиҳии истеҳсолот акси ин аст, ки он баҳси воқеъ мебошад ва назарафканӣ ба такмилдиҳии истеҳсолот назари илмист, ки дар назди тамоми мардум аз ҷиҳати назар, ҳарчанд фаҳмишот гуногун аст, ягона ба ҳисоб меравад.

Якҷоя кардани баҳси эҳтиёҷот ва воситаҳо, яъне баҳси бавуҷудоварии моддаи иқтисодӣ ва кайфияти тақсимоти ин модда, инчунин як чиз ва як баҳс донистани ҳар ду хатоест, ки аз он дар назди капиталистҳо дар баҳси иқтисод даромезиш ба вуҷуд омад. Бинобар ин, асоси таркиби иқтисод дар мабдаи капиталистӣ хатост.

Аммо танҳо моддии маҳз будани эҳтиёҷот, ки қонеъгардониро талаб мекунад, хатост ва ба воқеи эҳтиёҷот хилоф аст. Зеро ин ҷо эҳтиёҷоти маънавӣ ва эҳтиёҷоти рӯҳӣ низ мавҷуданд, ки ҳар яки онҳо монанди эҳтиёҷоти моддӣ қонеъгардониро талаб мекунад ва барои қонеъгардонии ҳар яки онҳо коло ва хизматрасониҳо лозим аст.

Иқтисоддонони капиталист ба худи эҳтиёҷот ва манфиатҳо менигаранд, вале ҳолатеро, ки ҷомеа бояд дар он қарор гирад, ба

эътибор намегиранд. Ин гуна назар нишон медиҳад, ки иқтисоддони капиталист ба инсон ҳамчун мавҷудоти моддии маҳз, ки майлҳои рӯҳӣ, афкори ахлоқӣ ва ғояҳои маънавӣ надорад, менигарад. Ӯ мартабаи баланди маънавиро, ки бояд ҷомеа бар он бунёд гардад ва фазилатҳо ба асоси алоқаҳои ҷомеа табдил ёбанд, ба эътибор намегирад. Инчунин болоравии рӯҳиро, ки бояд дар ҷомеа ҳукмрон гардад ва дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ ба идоракунандаи алоқаҳо барои ноилшавӣ ба розигии Аллоҳ табдил ёбад, ба эътибор намегирад. Оре, ӯ ҳеҷ яки инҳоро ба инобат намегирад, балки танҳо ба моддаи маҳз, ки гуруснагии моддии маҳзро қонеъ мегардонад, аҳамият медиҳад. Модом ки тиҷорати ӯ фоида орад, дар байъ дурӯғ намегӯяд. Агар фоида бо дурӯғ ҳосил шавад, дурӯғро қонунӣ мегардонад. Ӯ ба фақирон, на барои он ки Аллоҳ ба садақа фармудааст, балки барои он ки моли ӯро надузданд, таом медиҳад. Агар гурусна гузоштани фақирон сарвати ӯро зиёд кунад, фақиронро гурусна мегузорад. Ҳамин тавр, вазифаи иқтисоддони номбурда ин аст, ки ба манфиат танҳо бо эътибори қонеъкунандаи эҳтиёҷи моддӣ нигарад. Ин гуна шахс, ки ба инсон бо назари манфиат менигарад ва ҳаёти иқтисодиро дар асоси ин назар бунёд мекунад, ҳам барои ҷомеаҳо ва ҳам барои мардум басо хатарнок аст. Ин як ҷиҳати масъала буд. Аз ҷиҳати дигар, фард барои баҳрабарӣ аз мол ва саъю талош (кору меҳнат), ки коло ва хизматрасониҳо номида мешаванд, кӯшиш мекунад. Табодули коло ва хизматрасониҳо дар байни мардум алоқаҳоеро ба вуҷуд меорад, ки ҷомеа дар асоси ин алоқаҳо ташаккул меёбад. Пас, ҳангоми назаркунӣ ба амволу эҳтиёҷот бояд ба ҳолате, ки ҷомеа дар алоқаҳои худ қарор мегирад, ба сурати умум ва тафсил назар кард. Эътиборнигаронӣ ба моддаи иқтисодӣ танҳо аз ҷиҳати қонеъгардонии эҳтиёҷ ва нодида гирифтани ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он қарор гирад, ҷудокунии моддаи иқтисодӣ аз алоқаҳо ба ҳисоб меравад, ки ин ғайритабиист, зеро аз табодули моддаи иқтисодӣ дар байни мардум алоқаҳо пайдо мешавад ва алоқаҳо ҷомеаро ба вуҷуд меорад. Пас, ҳангоми назаркунӣ ба моддаи иқтисодӣ ба ҳолате, ки

ҷомеа бояд дар он қарор гирад, назар бояд кард. Бинобар ин, дуруст нест, ки ашё танҳо барои мавҷудияти рағбаткунандагон нафъовар дониста шавад ва ба ҳисоб гирифта нашавад, ки зараровар аст ё безарар, ба алоқаҳои мардум таъсир дорад ё на, аз рӯи эътиқоди афроди ҷомеа ҳаром аст ё ҳалол, балки ашёро, агар ҳақиқатан нафъовар бошад, бо эътибори ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он қарор гирад, нафъовар донистан зарур аст. Бинобар ин, ҳашиш, афюн ва маводи мухаддири дигарро танҳо барои мавҷудияти рағбаткунандагон нафъовар ва моддаи иқтисодӣ донистан дуруст нест, балки ҳангоми назаркунӣ ба манфиати ашё ё ҳангоми назаркунӣ ба ашё бо эътибори моддаи иқтисодӣ ё бе ин гуна эътибор асари ин маводи иқтисодиро ба алоқаҳо мулоҳиза бояд кард. Бо ибораи дигар, ба ашё бо эътибори ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он қарор гирад, нигаристан лозим аст ва бо назаркунӣ ба ашё бо эътибори ашёи маҳз кифоя кардан ва аз ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он қарор гирад, чашм пӯшидан ҷоиз нест.

Иқтисоддонон, дар натиҷаи он ки баҳси қонеъгардонии эҳтиёҷот ва баҳси воситаҳои қонеъгардониро даромехтанд ва ба воситаҳои қонеъгардонӣ танҳо бо эътибори қонеъкунандаи эҳтиёҷ нигаристанд, ба истеҳсоли сарват нисбат ба тақсимоти сарват барои қонеъгардонии эҳтиёҷот бештар эътибор доданд, ҳатто тақсимотро кори дуюминдараҷа донистанд. Аз ин рӯ, низоми иқтисодии капиталистӣ ғояи ягона дорад, ки он ба сурати умум зиёд кардани сарвати кишвар ва расидан ба баландтарин сатҳи имконпазири истеҳсол мебошад. Низоми мазкур ба даст овардани ҳадди имконпазири некӯаҳволии афроди ҷомеаро натиҷаи зиёд кардани даромади миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти кишвар медонад. Ин кор бо имкон додан ба мардум барои гирифтани сарват амалӣ мегардад, зеро онҳо метавонанд дар истеҳсол ва соҳибшавии сарват озодона фаъолият баранд. Пас, иқтисод на барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти афрод ва таъмини қонеъгардонӣ барои ҳар як фарди ҷомеа, балки барои таъмини он чӣ, ки эҳтиёҷоти афродро қонеъ мегардонад, лозим аст, яъне он ба

қонеъгардонии эҳтиёҷоти маҷмӯи одамон бо баланд бардоштани сатҳи истеҳсол ва зиёдкунии даромади миллии кишвар нигаронда шудааст. Вақте ки даромади миллӣ зиёд мешавад, бо воситаи озодии моликият ва фаъолият (меҳнат) тақсимоти ин даромад ба афроди ҷомеа амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, афрод озод гузошта мешаванд, то ҳар як фард ба қадри имкони худ мувофиқи омилҳои истеҳсоли сарват, ки дар даст дорад, аз ин сарват ба даст дарорад, хоҳ барои тамоми афрод қонеъгардонӣ ҳосил шавад, хоҳ танҳо барои баъзеи онҳо. Иқтисоди сиёсӣ, яъне иқтисоди капиталистӣ ҳамин аст. Ин иқтисод хатои маҳз ва хилофи воқеъ аст, ки сатҳи зиндагии тамоми афродро баланд намебардорад ва некӯаҳволии ҳар як фардро таъмин намекунад. Ҷиҳати хато дар иқтисоди мазкур чунин аст: Эҳтиёҷоте, ки қонеъгардониро тақозо мекунад, эҳтиёҷоти фардиянд. Ин эҳтиёҷот на эҳтиёҷоти маҷмӯи одамон ё маҷмӯи уммат ё маҷмӯи халқ, балки эҳтиёҷоти инсонанд, монанди эҳтиёҷоти Муҳаммад, Солеҳ ва Ҳасан. Касе, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ хоҳ қонеъгардонии бевосита, монанди хӯрок бошад, хоҳ қонеъгардонии маҷмӯъ, монанди дифои уммат саъю талош меварзад, фард аст. Бинобар ин, муаммои иқтисодӣ на аз эҳтиёҷоте, ки маҷмӯи уммат ё халқ онҳоро талаб мекунад, балки аз тақсимоти воситаҳои қонеъгардонӣ ба афрод, яъне тақсимоти амвол ва манфиатҳо ба афроди уммат ё халқ бидуни эътиборнигаронӣ ба ҳар як фарди уммат иборат аст. Бо ибораи дигар, муаммо на дар маҳрумияти маҷмӯи кишвар, балки дар маҳрумияти фард аст. Баҳси низоми иқтисодӣ на дар хусуси истеҳсоли моддаи иқтисодӣ, балки дар хусуси қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ барои ҳар як фард мебошад.

Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсолоти маҳаллӣ таъсир мерасонад, дар қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти ҳар як фард мавзӯи баҳс нест. Мавзӯи баҳс омӯзиши эҳтиёҷоти асосии инсон бо эътибори инсон ва омӯзиши тақсимоти сарват ба афроди ҷомеа аст, то ки қонеъгардонии тамоми эҳтиёҷоти асосии

ин афрод таъмин гардад. Ин шарти зарурист, ки бояд дар мадди аввал истад. Илова бар ин, муолиҷаи камбизоатии кишвар муаммои камбизоатии афродро дар шакли ҷудогона муолиҷа намекунад, лекин муолиҷаи муаммои камбизоатии афрод ва тақсимоти сарвати кишвар маҷмӯи аҳолӣ ва афроди кишварро такон медиҳад, ки барои зиёд кардани даромади миллӣ кор кунанд. Аммо омӯзиши омилҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсолот ва афзоиши даромади миллӣ таъсир мерасонад, ба илми иқтисод, яъне ба баҳси моддаи иқтисодӣ ва зиёдкунии ин модда тааллуқ дорад, на ба баҳси қонеъгардонии эҳтиёҷот, ки низоми иқтисодӣ ба танзим медарорад.

Мегӯянд, ки норасогии нисбии коло ва хизматрасониҳо муаммои иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва сершумории эҳтиёҷоту камии воситаҳои қонеъгардонии онҳо, яъне нокифоягии коло ва хизматрасониҳо барои қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти инсон асоси муаммои иқтисодист. Ин даъво хато ва хилофи воқеъ аст. Зеро эҳтиёҷоте, ки муолиҷаи онҳо ҳатмӣ мебошад, эҳтиёҷоти асосии фард бо эътибори инсон мебошад, на эҳтиёҷоти дуюминдараҷа ё камолӣ, ҳол он ки барои қонеъгардонии ин навъи эҳтиёҷот низ саъю кӯшиш карда мешавад. Аз ин рӯ, эҳтиёҷоти асосӣ маҳдуданд, молу меҳнат, ки коло ва хизматрасониҳо меноманд ва дар дунё мавҷуданд, барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ кофианд ва қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосии ҳар як истеъмолкунанда имконпазир аст. Пас, дар эҳтиёҷоти асосӣ муаммое вуҷуд надорад, муаммои иқтисодии ҷомеа будан он тараф истад. Муаммои иқтисодӣ тақсимоти молу меҳнат ба ҳар як фард аст, то ки тамоми эҳтиёҷоти асосии афрод пурра қонеъ гардад ва дар саъю кӯшиш барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ мусоидат намояд.

Зиёдшавии эҳтиёҷоти навбанав ба зиёдшавии эҳтиёҷоти асосӣ тааллуқ надорад, зеро эҳтиёҷоти асосии инсон бо эътибори инсон зиёд намешавад, балки эҳтиёҷоти камолӣ зиёд ва нав мешавад. Зиёдшавии эҳтиёҷоте, ки бо пешрафти инсон дар ҳаёти маданӣ

ҳосил мешавад, на ба эҳтиёҷоти асосӣ, балки ба эҳтиёҷоти камолӣ таъаллуқ дорад. Албатта, барои қонеъгардонии ин навъи эҳтиёҷот низ кӯшиш карда мешавад, лекин қонеъ нагардондани онҳо муаммоеро ба вуҷуд намеорад, балки қонеъ нагардондани эҳтиёҷоти асосӣ муаммо эҷод мекунад. Илова бар ин, зиёдшавии эҳтиёҷоти камолӣ масъалаи дигар аст ва ба ҷамоате, ки дар кишвари муайян зиндагӣ мекунад, таъаллуқ дошта, ба ҳар як фарди ин кишвар таъаллуқдор нест. Ин масъаларо иштиёқмандии табиии инсон барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ ҳал мекунад. Ин иштиёқмандӣ, ки аз зиёдшавии эҳтиёҷоти камолӣ ба вуҷуд меояд, инсонро такон медиҳад, ки барои зиёд кардани воситаҳои қонеъгардонӣ бо густариши истифодаи захираҳои кишвар, ё бо фаъолият дар кишвари дигар, ё бо васеъшавӣ ва ҳамроҳшавӣ дар кишвари дигар кӯшиш намояд. Ин масъала аз муаммои қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷоти асосии ҳар як фарди ҷомеа фарқ мекунад. Зеро муаммои тақсимоти сарват ба ҳар як фард барои қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосӣ ва мусоидати ҳар як фард барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ ба нуқтаи назар дар хусуси ҳаёт, ки ба уммати муайян ё мабдаи муайян хос аст, таъаллуқ дорад. Аммо масъалаи зиёдкунии даромади миллӣ бо зиёдкунии истеҳсолот акси ин аст, ки аз ҷиҳати дарки зиёд кардани сарват бо воситаи истифодабарӣ, муҳоҷират, васеъшавӣ ё ҳамроҳшавӣ ба воқеи ҳисшавандаи кишвар таъаллуқ дорад. Ин масъала ба воқеъ мувофиқ меояд ва ҳар як фард онро иҷро карда метавонад. Инчунин масъалаи умумист, ки ба нуқтаи назари муайян таъаллуқ надорад, ба уммати муайян ва ба мабдаи муайян хос нест.

Бинобар ин, қоидаҳои иқтисодӣ қоидаҳоест, ки тақсимоти сарвати дохилӣ ва хориҷии кишварро ба ҳар як фарди уммат дар шакли ҷудогона таъмин менамояд. Ин қоидаҳо бояд қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосии ҳар як фардро дар шакли ҷудогона таъмин намуда, барои ҳар як фард имкони қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолиро фароҳам орад. Аммо баланд

бардоштани сатҳи истеҳсолот ба баҳси илмӣ мӯҳтоҷ аст. Ин баҳс дар низоми иқтисодӣ муаммои иқтисодиро, ки қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти афрод дар шакли ҷудогона мебошад, муолиҷа намекунад. Зеро афзоиши истеҳсолот боиси баланд бардоштани сатҳи сарвати кишвар мегардад, вале боиси қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосии тамоми афрод намегардад. Масалан, гоҳо кишвар, монанди Ироқ ва Саудия, бо истеҳсолот ғанӣ мешавад, вале эҳтиёҷоти асосии аксари афроди халқ пурра қонеъ гардонида намешавад. Бинобар ин, афзоиши истеҳсолот муаммои асосиро, ки қонеъгардонии пурраи ҳама эҳтиёҷоти асосии тамоми афрод дар шакли ҷудогона, сипас мусоидат ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ мебошад, муолиҷа намекунад, ҳол он ки муаммои мазкур бояд фавран ва дар навбати аввал муолиҷа карда шавад. Аз ин рӯ, камбизоатӣ ва маҳрумият, ки муолиҷаи онҳо ҷуста мешавад, на тарки қонеъгардонии эҳтиёҷоти аз рӯи тараққиёти маданӣ навшаванда, балки тарки қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии инсон бо эътибори инсон аст. Он чӣ, ки муолиҷааш ҷуста мешавад, на камбизоатӣ ва маҳрумияти кишвар, балки камбизоатӣ ва маҳрумияти ҳар як фарди ҷомеа дар шакли ҷудогона мебошад. Ин камбизоатӣ ва маҳрумияти ҳар як фард ба мафҳуми мазкур на бо афзоиши истеҳсолот, балки бо кайфияти тақсимоти сарват ба тамоми афрод дар шакли ҷудогона, ки тамоми эҳтиёҷоти асосии ҳар як фард пурра қонеъ мегардад ва дар қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ мусоидат менамояд, муолиҷа карда мешавад.

Мавзӯи арзиш чунин аст, ки низоми иқтисодии капиталистӣ арзишро на ҳақиқӣ, балки нисбӣ медонад. Пас, дар назди онҳо арзиш нисбӣ аст. Аз ин рӯ, арзиши як зироъ газвори пашмӣ ҳадди охирини манфиати ин газвор дар ҳолати фаровонӣ дар бозор ба ҳисоб меравад, инчунин миқдори коло ва хизматрасониест, ки ба муқобили газвор ба даст меояд. Агар он чӣ, ки ба муқобили либоси ин газвор ба даст меояд, пул бошад, арзиш ба нарх табдил меёбад. Ин ду арзиш дар назди онҳо ду чизи ҷудогона ва ду истилоҳи

мухталиф мебошад, ки аз якдигар фарқ мекунад: яке манфиат, дигаре арзиши мубодилавӣ. Маънои мазкури арзиш бо ин гуна муайянкунӣ хатост, зеро арзиши ҳар гуна коло миқдори манфиати ин коло бо назардошти омили камёбӣ мебошад. Пас, нигоҳи ҳақиқӣ ба ҳар гуна коло нигоҳ ба манфиат бо назардошти омили камёбӣ мебошад, хоҳ инсон ба коло аз ибтидо соҳибӣ кунад, монанди шикор ва хоҳ бо мубодила ба даст дарорад, монанди савдо, хоҳ манфиат нисбат ба шахс бошад ва хоҳ нисбат ба ашё. Арзиш номи чизи муайян аст, ки ҳақиқати мушаххас дорад, на номи чизи нисбӣ, ки ба ин чиз аз як ҷиҳат мувофиқ ояд, аз ҷиҳати дигар мувофиқ наояд. Пас, арзиш чизи ҳақиқист, на нисбӣ. Аз ин рӯ, нигоҳи иқтисоддонон ба арзиш нигоҳест, ки асоси хато дорад.

Аммо арзише, ки иқтисоддонон "арзиши ниҳоӣ" меноманд, муайянкунии тамаркузи истеҳсолот бинобар бадтарин эҳтимоли мубодилаи коло мебошад. Пас, арзиши коло бо камтарин ҳад муайян карда мешавад, то ки истеҳсолот дар асоси кафолатнок ба роҳ монда шавад. Арзиши ниҳоӣ ҳақиқати арзиши коло нест, ҳатто нархи коло ҳам нест, зеро арзиши коло ҳангоми муайянкунӣ бо назардошти омили камёбӣ дар ин вақт аз рӯи миқдори манфиати ин коло муайян карда мешавад. Пас, поёнравии нархи коло боиси поёнравии арзиши он ва болоравии нархи коло боиси болоравии арзиши он намегардад, зеро арзиши коло ҳангоми муайянкунӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Аз ин рӯ, назарияи ниҳоият на назарияи арзиш, балки назарияи нарх аст. Ин ҷо дар байни нарх ва арзиш, ҳатто дар назди иқтисоддонони капиталист низ фарқ вуҷуд дорад. Дар муайянкунии нарх бисёр будани талабот ва кам будани пешниҳод ё бисёр будани пешниҳод ва кам будани талабот якҷоя ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин кор на ба тақсимот, балки ба афзоиши истеҳсолот тааллуқ дорад. Дар муайянкунии арзиш миқдори манфиати коло бо назардошти омили камёбии ин коло ҳакам карда мешавад, вале омилӣ камёбӣ як ҷузъи муайянкунӣ дониста намешавад. Инчунин дар арзиш талабот ва пешниҳод умуман таъсир надорад.

Аз ин рӯ, асоси баҳси арзиш хатои маҳз аст. Пас, тамоми баҳсҳое, ки ҳамчун шохаҳо бар ин асос бунёд мегардад, низ хатои маҳз аст. Агар манфиати арзиши коло бо манфиати ин коло ё меҳнат муайян карда шавад, ин гуна муайянкунӣ дуруст ва ба субот дар муддати кӯтоҳ наздик аст. Агар арзиши коло бо нарх муайян карда шавад, ин гуна муайянкунӣ на муайянкунии ҳақиқӣ, балки муайянкунии нисбӣ аст. Дар ин ҳолат арзиши коло ҳамавақт аз рӯи табъи бозор ба тағйирёбӣ наздик аст ва арзиш будани он ботил гашта, лафзи "арзиш" ба воқеи он муносиб намеояд, зеро он ба василае табдил меёбад, ки бо он на аз рӯи манфиаташ, балки аз рӯи бозор пулро ба даст меоранд.

Ба гуфтаи иқтисоддонони капиталист, манфиат натиҷаи меҳнатест, ки инсон сарф мекунад. Агар пардохт ба кору меҳнат баробар набошад, бешубҳа, сатҳи истеҳсолот коҳиш меёбад. Аз рӯи хулосаи онҳо, тариқати муносибтарини тақсимоти сарват ба афроди ҷомеа таъмини болоравии истеҳсолот ба баландтарин сатҳи имконпазир мебошад. Ин хулоса хатои маҳз аст. Воқеи ҳисшаванда чунин аст: Моле, ки Аллоҳ дар коинот офаридааст, асоси манфиати коло мебошад. Харҷе, ки ҳамроҳи меҳнат барои зиёд кардани манфиати ин мол ё эҷоди манфиат дар ин мол сарф мешавад, молро ба шакле даровард, ки манфиати муайян пайдо кард. Пас манфиатро танҳо натиҷаи меҳнат донистан хато ва хилофи воқеъ, инчунин ба ҳисоб нагирифтани ашёи хом ва харҷи масрафшуда мебошад. Гоҳо мумкин аст ин харҷ на бадали меҳнат, балки бадали ашёи хом бошад. Аз ин рӯ, манфиат гоҳо натиҷаи меҳнати инсон, гоҳ натиҷаи мавҷудияти ашёи хом ва гоҳ натиҷаи якҷояи меҳнату ашёи хом мебошад, лекин танҳо натиҷаи меҳнати инсон нест. Аммо пастравии сатҳи истеҳсолот танҳо аз нобаробарии музд ва кор ба вуҷуд намеояд. Мумкин аст гоҳо аз ҳамин сабаб, гоҳо аз тамом шудани сарвати кишвар ва гоҳо аз ҷангҳо ё ягон сабаби дигар ба вуҷуд ояд. Масалан, пастравии истеҳсолот дар Фаронса ва Англия баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон на аз нобаробарии музд ва кор, балки аз маҳрум гаштани ҳар ду аз

мустамликаҳои ғанӣ ва бо сабаби ҷанг (саргармӣ бо ҷанг) ба вуҷуд омад. Пастравии истеҳсолот дар ИМА дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон аз нобаробарии музд бо кор ба вуҷуд наомад, балки натиҷаи саргармӣ бо ҷанг бар зидди Олмон буд. Имрӯз пастравии истеҳсолот дар олами исломӣ аз нобаробарии музд ва кор ба вуҷуд наомадааст, балки натиҷаи пастравии фикрист, ки тамоми Уммати Исломро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, нобаробарии музди кор сабаби ягонаи пастравии истеҳсолот нест, зеро тариқати муносибтарини тақсимоти сарват, ки таъмини болоравии сатҳи истеҳсолот ва расидан ба баландтарин сатҳи истеҳсолот мебошад, ба тақсимоти сарват ба афрод алоқа надорад.

Ба гуфтаи иқтисоддонони ғарбӣ, нарх ба истеҳсолот такон медиҳад, зеро мукофоти моддӣ такондиҳандаи инсон ба сарфи меҳнат мебошад. Ин гуфта хилофи воқеъ ва нодуруст аст. Аксар вақт инсон барои мукофоти маънавӣ, монанди фахр ё барои мукофоти рӯҳӣ, монанди ноилгардӣ ба савоби Аллоҳ ё барои мавсуфшавӣ бо сифати хулқӣ, монанди вафо саъю талош меварзад. Эҳтиёҷоти инсон гоҳо моддӣ, монанди фоидаи моддӣ, гоҳо рӯҳӣ, монанди муқаддасшуморӣ ва гоҳо маънавӣ, монанди ситоиш мебошад. Маҳдудсозии эҳтиёҷот танҳо бо эҳтиёҷоти моддӣ нодуруст аст. Инсон назар ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти моддӣ дар қонеъгардонии эҳтиёҷоти маънавӣ ё рӯҳӣ бо саховати бештар мол сарф мекунад. Аз ин рӯ, нарх такондиҳандаи ягонаи истеҳсолот нест, балки такондиҳанда гоҳо нарх бошад, гоҳо чизи дигар шуда метавонад. Оё сангтарошеро, ки дар сохтмони масҷид моҳҳо санг метарошад ё корхонаеро, ки дар тӯли чанд рӯз танҳо барои тақсимкунӣ ба камбизоатон маҳсулот истеҳсол мекунад, надидаед? Оё уммат бо мақсади мудофиаи кишвар ба кандани хандаққо ва омодасозии василаҳо қувва сарф намекунад? Наход нарх такондиҳандаи ин истеҳсолот ва ғайра бошад? Илова бар ин, мукофоти моддӣ низ бо нарх маҳдуд нест, гоҳо мукофоти моддӣ коло ё хизматрасонии дигар шуда метавонад. Пас, танҳо нархро такондиҳандаи истеҳсолот донистан нодуруст аст.

Яке аз чизҳои тааҷҷубовар, ки низоми иқтисодии капиталистӣ баён кардааст, нархро танзимгари ягонаи тақсимоти сарват ба афроди ҷомеа донистан мебошад. Ба гуфтаи онҳо, нарх қайдест, ки инсонро дар соҳибшавӣ ва истеъмол ба бозистодан дар ҳадде, ки ба даромадҳои ӯ муносиб аст, водор месозад ва истеъмоли ҳар як фардро ба даромадҳои ӯ маҳдуд месозад. Ҳамин тавр, нарх аз рӯи болоравии нархи баъзе колоҳо ва пастравии нархи баъзеи дигар, инчунин серпулии баъзе мардум ва кампулии баъзеи дигар танзимкунандаи тақсимоти сарват ба истеъмолкунандагон мебошад. Ҳиссаи ҳар як фард дар сарвати кишвар на ба миқдори эҳтиёҷоти асосӣ, балки ба арзиши хизматрасониҳо, ки бо он дар истеҳсоли коло ва хизматрасониҳо саҳм мегузорад, яъне ба миқдори замин ё сармояе, ки ӯ дар даст дорад ё ба миқдори коре, ки ӯ анҷом медиҳад ё лоиҳае, ки ӯ таҳия месозад, баробар аст.

Низоми иқтисодии капиталистӣ бо ин қоида, ки нархро танзимкунандаи тақсимот медонад, ба қароре омад, ки танҳо касоне, ки дар истеҳсолоти коло ва хизматрасониҳо саҳм гузошта метавонанд, ба зиндагӣ ҳақ доранд, аммо касони аз ин кор оҷиз, ки нотавон офарида шудаанд ё баъдтар нотавонӣ ба онҳо расидааст, ба зиндагӣ ҳақ надоранд, зеро онҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ аз сарвати кишвар ҳеҷ чизро ба даст даровarda наметавонанд. Инчунин ҳар кас ба ин қодир бошад, ҳақ дорад, ки бо моли худ дар фаровонӣ умр ба сар барад ва ба дигарон ҳукмрониву фармонравоӣ кунад, зеро ӯ ақлан ва ҷисман қавӣ офарида шудааст ва бо ҳар роҳ ба соҳибшавӣ қодир аст. Инчунин ҳар кас, ки ба модда майли қавӣ дорад, назар ба дигарон ба сарват бештар соҳиб шуда метавонад. Вале ҳар кас, ки майли рӯҳӣ ва ба сифатҳои маънавӣ вобастагии қавитар дорад, назар ба дигарон ба сарвати камтар соҳиб мешавад, зеро дар касби модда бо тақозои қайдҳои рӯҳӣ ё маънавӣ, ки афкори онҳоро пазируфтааст, маҳдуд мешавад. Ин ҷиҳати рӯҳӣ ва хулқиро аз ҳаёт дур месозад ва ҳаётро ба ҳаёти моддӣ табдил медиҳад, ки асоси онро муборизаи моддӣ барои касби воситаҳои қонеъгардонии

эҳтиёҷоти моддӣ ташкил медиҳад. Ин воқеи ҳақиқии кишварҳоест, ки ба низоми капиталистӣ эътиқод доранд ё ин низомро татбиқ мекунанд. Дар низоми иқтисодии кишварҳое, ки ба капитализм эътиқод мекунанд, ҳукмронии монополияҳои капиталистӣ ба миён омада, истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагон зулм карданд ва ақаллияти мардум, монанди соҳибони ширкатҳои калон: ширкатҳои нафт, мошинсозӣ, саноати вазнин (металлургия) ва ғайра, бар тамоми истеъмолкунандагон ҳукмрон гашта, нархҳои муайяни колоҳоро муқаррар намуданд. Ин боиси даъват ба кӯшиш дар роҳи ислоҳи низоми иқтисодӣ гардид. Ба давлат ҳуқуқ доданд, ки барои ҳимояи иқтисоди миллӣ ва истеъмолкунандагон, барои коҳиш додани истеъмоли баъзе колоҳо ва ҷилавгирии ҳукмронии монополистҳо дар ҳолатҳои хос ба нархгузорӣ дахл намояд ва дар танзими истеҳсолот лоиҳаҳои умумӣ тартиб доданд, ки бар онҳо давлат сарварӣ мекунад. Ин ислоҳот, гарчи ба асоси низоми иқтисодӣ, яъне озодии иқтисодӣ, зид меояд, ба шарту шароитҳои муайян хос аст. Илова бар ин, аксари иқтисоддонон, монанди соҳибони фардгароӣ (индивидуализм), онро инкор мекунанд ва мегӯянд, ки танҳо механизми нарх кафили пайдоиши ҳамоҳангӣ дар байни манфиати истеҳсолкунандагон ва манфиати истеъмолкунандагон мебошад ва ин ҷо ба назорати ҳукумат ҳеҷ гуна ниёз вуҷуд надорад. Вале ин ислоҳот, ки дастгирикунандагони дахолати давлат ба забон мегиранд, дар шарту шароитҳои муайян рух медиҳад. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар ҳамин шарту шароитҳо низ тақсимоти сарват ба афрод, ки тамоми эҳтиёҷоти ҳамаи афродро пурра қонеъ мегардонад, ба вуҷуд намеояд. Бинобар ин, тақсимоти нодуруст, ки бар асоси озодии моликият ва ба механизми ягонаи тақсимоти сарват табдил додани нарх бунёд гаштааст, бар ҳар як ҷомеае, ки низоми иқтисодии капиталистиро татбиқ мекунад, ҳукмрон мемонад. Аммо ҳолати Амрико, ки ҳар як фарди амрикоӣ ба сарват соҳиб мешавад ва тамоми эҳтиёҷоти асосиашро пурра қонеъ гардонда, ба қонеъгардонии баъзе эҳтиёҷоти дигар низ имкон меёбад,

натиҷаи фаровонии сарвати ин кишвар мебошад, ки барои ҳар як фард барои пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти асосӣ ва баъзе эҳтиёҷоти камолӣ имкон фароҳам меорад. Ҳолати мазкур ҳаргиз ба баробарии ҳиссаи фард бо арзиши хизматрасонӣ, ки ӯ бо он дар истеҳсол саҳм мегузорад, вобаста нест. Илова бар ин, ба механизми муайнсозии тақсимот табдил додани нарх монополияҳои капиталистии Ғарбро водор сохт, ки аз кишвари худ ба хориҷ бароянд ва барои пайдо кардани ашёи хом ва барои фурӯши маҳсулоти худ бозорҳо ҷӯянд. Мустамликадорӣ, минтақаҳои нуфуз ва ҳуҷуми иқтисодӣ, ки тамоми ҷаҳон аз он ранҷ мекашад, маҳз натиҷаи ҳамин ширкатҳои монополӣ ва натиҷаи табдил ёфтани нарх ба тақсимкунандаи сарват мебошад. Бинобар ин, сарватҳои ҷаҳон бар ин асос дар дасти монополияҳои капиталистӣ ҷамъ мешавад. Ин ҳама аз нодурустии қоидаҳое, ки низоми иқтисодии капиталистӣ бар он бунёд шудааст, сар мезанад.

Ин аз ҷиҳати низоми иқтисодии капиталистӣ мебошад. Аммо низоми иқтисодии сотсиалистӣ, аз ҷумла коммунистӣ ба низоми иқтисодии капиталистӣ зид аст. Ҳарчанд асари низоми сотсиалистӣ дар саҳнаи байналхалқӣ бо заволи Иттиҳоди шӯравӣ, ки ба татбиқу даъвати ин низом дар сатҳи маҳаллӣ ва байналхалқӣ кӯшиш мекард, завол ёфт, шиносоӣ бо афкору зиддияти ин низом ва баёни нодурустии ин низом барои аҳли даъвати исломӣ кори муҳим мебошад. Зеро касоне, ки ин афкорро куллан ё қисман тарафдорӣ мекунанд, дар миқёси танг бошад ҳам, ҳанӯз вуҷуд доранд.

Аксари раъйҳои сотсиалистӣ дар асри нуздаҳум пайдо шуд. Сотсиалистҳо бо раъйҳои равияи озодигароӣ ба муборизаи шадид пардохтанд, яъне бар зидди низоми иқтисодии капиталистӣ мубориза бурданд. Пайдоиши сотсиализм дар шакли қавӣ натиҷаи зулм ва хатоҳои сершумори низоми иқтисодии капиталистӣ буд, ки ҷомеа аз он ранҷ мекашид. Аз баррасии равияҳои сотсиалистӣ

аён мегардад, ки ин равияҳо дар се масъала, ки бо онҳо аз равияҳои дигари иқтисодӣ фарқ мекунанд, муштарак мебошанд:

**1) ба вуҷуд овардани баробарии амалӣ то як андозаи муайян;**

**2) куллан ё ҷузъан барҳам додани моликияти хусусӣ;**

**3) танзими истеҳсолот ва тақсимот бо воситаи аксарият**.

Равияҳои сотсиалистӣ, гарчи дар ин се масъала муттафиқ ҳастанд, дар баъзе масъалаҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Муҳимтарин масъалаҳоро дар поён баён мекунем:

**Якум:** Равияҳои сотсиалистӣ дар шакли баробарӣ, ки ба вуҷуд овардани онро мехоҳанд, ихтилоф мекунанд. Гурӯҳе дар бораи баробарии ҳисобӣ сухан меронад ва аз он баробариро дар ҳар чӣ, ки аз он баҳра бурдан мумкин аст, мақсад мекунад. Пас, ба ҳар як фард он чӣ, ки ба фарди дигар дода шудааст, дода мешавад. Гурӯҳе дар бораи баробарии коммунистӣ сухан меронад ва мақсад аз он ба ҳисоб гирифтани қудрати ҳар як фард дар тақсимоти кор ва ба ҳисоб гирифтани эҳтиёҷоти ҳар як фард дар тақсимоти маҳсулот мебошад. Ба андешаи онҳо, вақте ки қоидаи "аз ҳар кас мувофиқи қувва ё қудраташ1 ва барои ҳар кас мувофиқи эҳтиёҷаш2" татбиқ мегардад, баробарӣ ба вуҷуд меояд. Гурӯҳе дар бораи баробарӣ дар воситаҳои истеҳсолот сухан меронад, аз он ҷиҳат ки ашё дар воқеъ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти тамоми афрод кофӣ нест. Бинобар ин, қоидаи тақсимот бояд "аз ҳар кас мувофиқи қувва ё қудраташ ва барои ҳар кас мувофиқи кораш" бошад. Вақте ки барои ҳар як фард аз воситаҳои истеҳсолот, мисли он ки барои фарди дигар таҳия гаштааст, таҳия мегардад, баробарӣ ба вуҷуд меояд.

**Дуюм:** Равияҳои сотсиалистӣ дар миқдори моликияти хусусӣ, ки дар бораи барҳам додани он ҳарф мезананд, ихтилоф мекунанд. Гурӯҳе мегӯяд, ки моликияти хусусӣ мутлақо барҳам дода шавад ва ин коммунизм аст. Гурӯҳе мегӯяд, ки моликияти хусусӣ нисбат ба сарватҳои истеҳсолот барҳам дода шавад ва ин сармоя

(капитал) номида мешавад. Масалан, замин, корхона, роҳҳои оҳан, конҳо ва ғайра, яъне моликияти тамоми колоҳоеро, ки ягон чиз истеҳсол менамояд, манъ мекунанд. Пас, ҳеҷ кас барои иҷора додан ба хона, корхона, замин ва ғайра соҳиб шуда наметавонад. Лекин ин гурӯҳ моликияти афродро нисбат ба сарватҳои истеъмолӣ нигоҳ медоранд. Пас, дуруст аст, ки афрод ба ҳар чӣ, ки онро истеъмол мекунанд, соҳибӣ кунанд. Масалан, афрод ба хона танҳо барои сукунат, инчунин ба ҳосили замин ва маҳсулоти корхона соҳибӣ карда метавонанд. Ин сотсиализми капиталӣ аст. Гурӯҳе мегӯяд, ки моликияти хусусӣ танҳо нисбат ба заминҳои киштукор барҳам дода шавад ва ин гурӯҳ сотсиалистҳои кишоварзӣ мебошад. Гурӯҳе мегӯяд, ки ҳар як ҳолате, ки манфиати умумӣ ба табдил додани моликияти умумӣ ба моликияти хусусӣ даъват мекунад, омӯхта шавад ва соҳибони моликияти хусусӣ дар аксар ҳолатҳо бо воситаи қонунигардонии ҳадди аксари андоз барои фоида ва иҷора, инчунин ҳадди ақалли музд ҷилавгирӣ карда шаванд ва ба коргарон аз сармоя ва ғайра ҳисса дода шавад. Инро сотсиализми давлат меноманд.

**Сеюм:** Равияҳои сотсиалистӣ дар воситаҳои амалигардонии мақсадҳои худ ихтилоф мекунанд: ниқобия (синдикализм)-и инқилобӣ, ки дар озод кардани коргарон бар чизе бо номи "таъсири бевосита" такя мекунад, яъне то фаророрасии рӯзе, ки ба иҷрои матлаби худ имкон меёбанд ва ҳаракати иқтисодӣ фалаҷ гашта, низоми иқтисодии мавҷуда сарнагун мешавад, бар кӯшиши худи коргарон, монанди зиёд кардани корпартоии номунтазами коргарон, вайрон кардани дастгоҳҳо, интишори фикрати корпартоии умумӣ дар байни коргарон ва омодагӣ ба ташкили ин корпартоӣ, такя мекунанд.

Аммо сотсиалистҳои марксистӣ ба қонуни такомули тадриҷии ҷомеа (қонуни инкишофи ҷомеа) эътиқод мекунанд. Ба ақидаи онҳо, танҳо ҳамин қонун ба сарнагуншавии низоми мавҷуда ва иваз кардани ин низом бо низоми дигар, ки бар асоси сотсиализм бунёд мегардад, кафил мебошад.

Воситаи соҳибони сотсиализми давлатӣ дар татбиқи афкори худ қонунгузорӣ мебошад. Бо қонунгузорӣ метавон ҳимояи манфиатҳои омма ва беҳбудии аҳволи коргаронро таъмин намуд, инчунин бо андозбандӣ, хусусан бо андозҳои асосӣ: андози фоида, андози сармоя ва андози мерос метавон тафовутро дар сарватҳо кам кард.

**Чорум:** Равияҳои сотсиалистӣ дар ҳайате, ки ба он идораи лоиҳаҳои низоми сотсиалистиро супурдан мехоҳанд, ихтилоф мекунанд. Масалан, соҳибони сотсиализми капиталӣ танзими истеҳсолот ва тақсимотро ба давлат супоридан мехоҳанд, айни вақт тарафдорони ниқобия (синдикализм) мехоҳанд идораро ба ҷамоаҳои муназзами коргарон таҳти сарварии пешвоёни худ супоранд.

Назарияҳои Карл Маркси олмонӣ аз машҳуртарин ва пуртаъсиртарин назарияҳои сотсиалистӣ мебошад. Назарияҳои ӯ дар олами сотсиалистӣ ҳукмронӣ карда, ҳизби коммунистӣ ва давлати Иттиҳоди шӯравӣ дар Русия бар асоси ин назария бунёд гардид. Ин давлат тақрибан 70 сол арзи вуҷуд кард ва дар оғози солҳои 90-уми асри бистум сарнагун гашт.

Яке аз машҳуртарин назарияҳои Карл Маркс назарияи арзиш аст, ки онро аз олимони иқтисоди капиталистӣ гирифт ва бо он ба худи ин олимон зарба зад. Зеро Адам Смит, ки пешвои равияи озодигарой дар Англия ва асосгузори иқтисоди сиёсӣ, яъне низоми иқтисодии капиталистӣ ба ҳисоб меравад, дар таърифи арзиш гуфтааст: "Арзиши коло ба миқдори меҳнате, ки дар истеҳсоли ин коло сарф шудааст, вобаста аст. Арзиши колое, ки истеҳсолаш ду соат вақтро мегирад, ду баробари арзиши колоест, ки истеҳсолаш як соат вақтро мегирад". Баъд аз ӯ Рикардо омад ва ба эзоҳи назарияи меҳнат қатъӣ шурӯъ кард ва дар таърифи арзиш гуфт: "Танҳо миқдори меҳнате, ки дар истеҳсоли коло сарф карда шудааст, бевосита арзиши колоро муайян намекунад, балки ба он бояд меҳнате, ки дар гузашта барои истеҳсоли дастгоҳҳои

дар ҷараёни истеҳсолот истифодашаванда сарф шудааст, изофа гардад". Бо ибораи дигар, ба ақидаи Рикардо, арзиши коло ба сарфу харҷи истеҳсоли ин коло вобаста аст. Ӯ ин сарфу харҷро ба унсури ягона, яъне меҳнат вобаста донист.

Сипас Карл Маркс омад ва ин назарияи Рикардоро оид ба арзиш дар низоми иқтисодии капиталистӣ барои ҳуҷум ба моликияти хусусӣ ва низоми иқтисодии капиталистӣ дар сурати умумӣ ба силоҳи худ табдил дод. Ба гуфтаи Маркс, манбаи ягонаи арзиш меҳнатест, ки дар истеҳсоли коло сарф мешавад. Капиталисти сармоядор қувваи коргарро ба музде мехарад, ки аз эҳтиёҷи зарурии ин коргар барои зинда мондан ва ба кор қодир будан зиёдатӣ намекунад. Сипас ин қувваро дар истеҳсоли колоҳое, ки арзишашон аз музди коргар чанд андоза зиёд мебошад, истисмор мекунад. Карл Маркс фарқро дар байни колое, ки коргар истеҳсол мекунад ва музде, ки ба ин коргар пардохта мешавад, "арзиши изофӣ" номид. Ба хулосаи ӯ, ин фарқ ҳаққи коргарон буд, ки мулкдорон ва соҳибкорон дар зери номи "даромад", "фоида" ва "фоиз"-и сармоя онҳоро аз он маҳрум месозанд ва табиист, ки Маркс қонунияти ин корро эътироф намекард.

Карл Маркс дар он ақида буд, ки равияҳои сотсиалистӣ пеш аз ӯ дар роҳи ғолибгардонии фикрҳои худ бар ҳубби адолат ва кӯмаки мазлум, ки дар фитрати инсон мавҷуд аст, такя мекарданд. Ин равияҳо роҳҳои навро, ки ба имконпазирии татбиқи он дар ҷомеа эътиқод доштанд, эҷод ва ба ҳокимон, сармоядорон ва зиёиён тақдим менамуданд, инчунин онҳоро ба татбиқи ин роҳҳо ташвиқ мекарданд. Лекин Карл Маркс равияашро бар ин асос бунёд накард ва пайравии роҳи онҳоро ба худ раво надид. Ӯ равияашро бар асоси мабдаи фалсафӣ, ки бо номи "материализми таърихӣ" маъруф гаштааст, яъне "назарияи диалектика" меноманд, бунёд кард. Маркс пиндошт, ки низоми нав дар ҷомеа танҳо бо амалкунии қонунҳои иқтисодӣ ва қонуни такомули тадриҷии ҷомеа бе дахолати идораи қонунбарор ё ислоҳгар бунёд мегардад. Ӯ назарияи худро "сотсиализми илмӣ" номид, то аз равияҳои

сотсиалистии пеш аз ӯ, ки "сотсиализми хаёлӣ" номида шудааст, фарқ кунад. Дар поён назарияи сотсиалистии Карл Марксро мухтасар баён хоҳем кард:

Низоми ҷомеа дар ҳар гуна аср натиҷаи ҳолати иқтисодист ва тамоми дигаргуниҳое, ки ин низом дучор мегардад, ба сабаби ягона, яъне муборизаи табақаҳо барои беҳбуди ҳолати моддии худ вобаста аст. Аз таърих маълум аст, ки ин мубориза ҳамеша бо як сурат ба поён мерасад: табақаи сершумори бечораҳол бар табақаи камшумори сарватманд ғолиб мегардад. Карл Маркс инро "қонуни такомули тадриҷии иҷтимоӣ" меномад. Ин ҳам ба оянда ва ҳам ба гузашта мувофиқ меояд. Дар асрҳои гузашта ин мубориза дар байни хоҷаҳо ва ғуломон, баъдтар дар байни асилзодагон ва омма, баъдтар дар байни асилзодагон ва деҳқонон, инчунин дар байни сарварон ва донишмандон дар низоми синфӣ мавҷуд буд. Ин мубориза ҳамеша бо ғалабаи табақаи сершумори мазлум бар табақаи камшумори золим ба поён мерасид. Лекин табақаи мазлум баъд аз ғалаба ба табақаи золими консервативӣ табдил меёфт. Аз инқилоби франсуз ин мубориза дар байни табақаи миёна (бурҷуазия) ва табақаи коргарон ба вуқӯъ пайваст. Яке аз онҳо, яъне бурҷуазия соҳиби тамоми соҳаҳои иқтисод ва сармоя гашта, ба табақаи консерватив табдил ёфт. Дар муқобили табақаи мазкур табақаи коргарон қарор дошт, ки дар даст капитале надошт, вале аз ҷиҳати шумора бартарӣ дошт. Дар байни манфиатҳои ин ду табақа зиддияте буд, ки ба сабабҳои иқтисодӣ вобаста аст.

Зеро низоми истеҳсолот имрӯз бо низоми моликият ҳамқадам нест. Акнун истеҳсолот мисли замонҳои гузашта фардӣ нест, яъне коре нест, ки шахс ба танҳоӣ ба роҳ монда тавонад, балки истеҳсолот муштарак мебошад, яъне ҷараёнест, ки дар он афрод иштирок мекунанд. Айни вақт низоми моликият аз рӯи ин тағйир наёфтааст. Моликияти фардӣ (моликияти хусусӣ) ҳанӯз вуҷуд дорад ва асоси ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа табақаи коргарон, ки дар истеҳсолот иштирок мекунанд, дар

моликияти сармоя иштирок намекунанд ва дар зери раҳму шафқати сармоядорон, ки дар истеҳсолот иштирок намекунанд, рӯз мегузаронанд. Айни вақт сармоядорон коргаронро истисмор мекунанд, зеро ба коргарон музде медиҳанд, ки танҳо ба ҳадди камтарини маблағи рӯзгузаронӣ баробар аст. Коргар, азбаски ҷуз кораш молики чизе нест, ба пазируфтани ин шарт маҷбур аст. Фарқи арзиши маҳсулот ва музди коргар, ки Карл Маркс онро "арзиши изофӣ" меномад, фоидаеро ташкил медиҳад, ки капиталист бо маҳрум кардани дигарон онро азхуд мекунад, аммо аз рӯи адолат он бояд ҳиссаи коргар бошад. Муборизаи ин ду табақа, то низоми моликият бо низоми истеҳсолот созгор наояд, яъне моликият ба моликияти муштарак (сотсиалистӣ) табдил наёбад, идома меёбад. Ин мубориза аз рӯи қонуни такомули тадриҷии ҷомеа табиӣ бо ғалабаи табақаи коргарон ба поён мерасад, зеро табақаи мазкур табақаи бечораҳол, вале сершумор аст. Аммо кайфияти ғолибшавии табақаи коргарон ва сабабҳои ғалабаи ин табақаро қонуни такомули тадриҷии ҷомеа пешгӯӣ мекунад. Низоми имрӯзаи ҳаёти иқтисодӣ тухмҳои ҷомеаи ояндаро дарбар мегирад ва ин низом бо ҳаракати қонунҳои иқтисодӣ, ки дар ҷомеа амал мекунад, ба завол маҳкум аст. Дар вақти худ табақаи миёна (бурҷуазия) аз табақаи асилзодагон ғолиб омада, дар ҳаёти иқтисодӣ нақши муҳимро бозид ва сипас соҳиби сармояҳо гардид. Лекин имрӯз вазифаи табақаи мазкур ба интиҳо расид, фурсате омад, ки он ҷойи худро ба табақаи коргарон холӣ намояд. Инро қонуни "мутамарказшавӣ" ва натиҷаи рақобати озод тақозо мекунад. Бар асари қонуни мутамарказшавӣ шумораи сармоядорон коҳиш ёфта, шумораи коргарони кироӣ меафзояд. Инчунин бар асари рақобати озод истеҳсолот аз ҳар гуна ҳад гузашта, миқдори истеҳсолот аз миқдоре, ки истеъмолкунандагон – табақаи коргарон харида метавонанд, зиёд гашт, зеро табақаи коргарон музди кофӣ намегиранд. Ин боиси вуқӯи бӯҳронҳо мегардад ва дар натиҷаи бӯҳронҳо баъзе мардум сармояҳои худро аз даст дода, ба табақаи коргарон ҳамроҳ мешаванд. Низоми имрӯза ҳар чӣ бештар тараққӣ кунад, ҳамон

андоза фишори бӯҳронҳо шиддат гирифта, вуқӯи бӯҳронҳо наздик мешавад ва ҳамон андоза шумораи сармоядорон коҳиш ёфта, шумораи коргарон меафзояд. Сипас дере нагузашта рӯзе фаро мерасад, ки дар он бӯҳрони аз ҳама бӯҳронҳои пештара бузургтар рух дода, ба фалокати бузургтарин табдил меёбад. Он гоҳ аркони низоми иқтисодии капиталистӣ фурӯ рехта, бар болои вайронаҳои он низоми сотсиалистӣ бунёд мегардад. Ба ақидаи Карл Маркс, бунёдшавии сотсиализм марҳилаи охирини инкишофи таърихӣ мебошад. Зеро баробари барҳам хӯрдани моликияти хусусӣ фарқ дар байни табақаҳо барҳам мехӯрад. Бинобар ин, ангезаи муборизаи табақаҳои ҷомеа низ аз байн меравад.

Қонуни мутамарказшавӣ, ки Карл Маркс ба он ишора кардааст, аз низоми иқтисодии капиталистӣ сарчашма мегирад. Хулосаи ин қонун ҳаракати кору меҳнат ва сармоя мебошад, ки аз баъзе корхонаҳо ба корхонаҳои дигар интиқол меёбад. Пас, баъзе корхонаҳо хурд ва баъзеи дигар калон мешавад. Ҳамаи ин ҳолатҳо далолат мекунад, ки дар истеҳсолот мутамарказшавӣ рух медиҳад. Масалан, агар якчанд корхона, ки дар соҳаи ягона фаъолият мекунанд, омӯхта шавад, монанди корхонаҳои шоколадбарорӣ, аён мегардад, ки бо афзоиши сатҳи миёнаи қувваи истеҳсолот, ки дар ҳар гуна лоиҳа истифода бурда мешавад, якчанд корхона аз байн меравад. Ин далел аст, ки дар ин соҳаи истеҳсолот мутамарказшавӣ рух додааст. Пас, истеҳсолоти калон ҷойи истеҳсолоти хурдро ишғол менамояд. Масалан, шумораи корхонаҳо даҳ адад бошад, чор ё панҷ корхона ба корхонаи калон табдил ёфта, корхонаҳои боқимонда аз байн меравад.

Рақобати озод, ки Карл Маркс онро зикр намудааст, қоидаи озодии меҳнат ва таъмини ҳуқуқи истеҳсоли чизи дилхоҳ бо роҳи дилхоҳ барои ҳар як шахс мебошад.

Бӯҳрони иқтисодӣ, ки Карл Маркс ба он ишора кардааст, ҳар гуна беқарории ногаҳонист, ки дар тавозуни иқтисодӣ рух медиҳад. Бӯҳрони хоса тамоми навъҳои бӯҳронҳоро, ки бо сабаби

вайроншавии тавозун дар байни истеҳсолу истеъмол дар соҳаи хоси истеҳсолот рух медиҳад, дарбар мегирад. Ин ҳодиса ё бо сабаби афзоишу коҳишёбии аз ҳад зиёди истеҳсол ё ки афзоишу коҳишёбии аз ҳад зиёди истеъмол рух медиҳад.

Бӯҳрони даврии умумӣ дар шакли ларзиши сахт, ки тамоми аркони низоми иқтисодиро ба ларза меорад, намоён мегардад ва нуқтаи ҷудокунандаи давраи фаъолият ва давраи касод ба ҳисоб меравад. Давраи фаъолият 3-5 сол ва давраи касод низ ҳамин қадар муддат идома меёбад. Бӯҳронҳои даврии умумӣ сифатҳои хоса доранд, ки бо он фарқ мекунанд. Се сифати муҳими ин бӯҳронҳо чунинанд: сифати якум – сифати умумият, ки ин бӯҳронҳо дар ҳама ё лоақал бештари соҳаҳои фаъолияти иқтисодии як кишвар рух медиҳанд, сипас аввалан дар яке аз кишварҳо намоён гашта, дар он ҷо шакли умумӣ мегирад ва баъдтар аз ин кишвар ба кишварҳои дигар, ки ба рушди иқтисодӣ ноил гаштаанд ва бо ҳам алоқаҳои доимӣ доранд, интишор меёбад; сифати дуюм – сифати даврият, ки ин бӯҳронҳо ҳар дафъа дар шакли даврӣ рух дода, муддати ҷудокунандаи байни бӯҳронҳо 7-11 солро ташкил медиҳад ва гарчи дар муддатҳои аниқ рух намедиҳанд, дар шакли даврӣ такрор меёбанд; сифати сеюм – афзоиши аз ҳад зиёди истеҳсол, ки соҳибони корхонаҳо дар фурӯши маҳсулотҳои худ ба душвории сахт дучор гашта, дар аксар маҳсулотҳо пешниҳод аз талабот зиёд мегардад ва бӯҳрон рух медиҳад.

Ба ақидаи Карл Маркс, бар асари ин бӯҳронҳо баъзе мардум сармояҳои худро аз даст дода, шумораи сармоядорон коҳиш меёбад ва шумораи коргарон меафзояд. Айнан ҳамин чиз боиси вуқӯи бӯҳрони бузургтарин дар ҷомеа мегардад, ки низоми кӯҳнаро барҳам медиҳад.

Ин хулосаи сотсиализм аст, ки коммунизм яке аз навъҳои он аст. Аз ин хулоса аён мегардад, ки тамоми равияҳои сотсиалистӣ, аз ҷумла коммунистӣ барои пайдо кардани баробарии амалӣ дар

байни афрод ё баробарӣ дар манфиатҳо ё баробарӣ дар воситаҳои истеҳсолот ё баробарии мутлақ кӯшиш мекунанд. Тамоми навъҳои мазкури баробарӣ фарзияи хаёлист, ки ба вуҷуд овардани онҳо имконнопазир мебошад. Зеро ин баробариҳо ғайривоқеӣ ва амалинашаванда аст. Ғайривоқеӣ будани онҳо чунин аст, ки мардум бо табиати фитрии худ ҳам дар қувваи ҷисмонӣ ва ақлонӣ, ҳам дар қонеъгардонии эҳтиёҷот аз якдигар фарқ мекунанд. Пас, ҳосил шудани баробарӣ дар байни онҳо номумкин аст. Ба вуҷуд овардани баробарӣ дар байни мардум, агарчи дар соҳибшавӣ ба коло ва хизматрасониҳо ба тарзи маҷбурӣ бо ёрии қувваи теғу оташ имконпазир аст, чи дар истифодаи ин мол дар истеҳсолот ва чи дар баҳрабарӣ аз он имконпазир нест. Инчунин эҷоди баробарӣ дар миқдори қонеъгардонии эҳтиёҷот аз имкон берун аст. Пас, баробарӣ дар байни мардум кори назарӣ ва хаёлист.

Илова бар ин, пайдо кардани баробарӣ дар байни мардум бо вуҷуди тафовут дар қувва аз адолате, ки сотсиалистҳо, ба таъбири худ, барои ба вуҷуд овардани он кӯшиш мекунанд, дур мебошад. Фарқ дар байни мардум, тафовут дар соҳибшавӣ ба манфиатҳо ва воситаҳои истеҳсолот кори ҳатмӣ ва табиист. Ҳар гуна кӯшиш барои пайдо кардани баробарӣ ба нокомӣ маҳкум аст. Зеро он ба фитрати тафовут, ки дар байни банӣ-инсон мавҷуд аст, зид мебошад.

Батамом барҳам додани моликияти хусусӣ низ ба фитрати инсон зид аст. Чунки моликият ва соҳибшавӣ яке аз зуҳуроти ғаризаи бақо мебошад, ки мавҷудияти он дар инсон ҳатмист. Ин зуҳурот дар инсон фитрӣ ва як ҷузъи вуҷуди инсон мебошад, инчунин яке аз зуҳуроти тавоноии табиии ӯ ба ҳисоб меравад. Пас, несту нобуд кардани ин зуҳурот имконнопазир аст, зеро он ғаризӣ мебошад. Модом ки инсон зинда аст, решакан кардани ягон чизи ғаризӣ дар ӯ мумкин нест. Ҳар гуна кӯшиш ба нобудкунии он зӯроварӣ нисбат ба инсон аст, ки боиси ноором̣ӣ мегардад. Бинобар ин, кори табиӣ ин аст, ки ғариза на несту нобуд, балки танзим карда шавад. Аммо дар барҳамдиҳии ҷузъии моликият назар карда мешавад. Агар

миқдори колоҳое, ки мардум ба онҳо соҳибӣ мекунанд, бо миқдори муайяни зиёднашаванда маҳдуд карда шавад, ин кор маҳдудкунии моликият бо миқдор ба ҳисоб меравад ва ҷоиз нест. Зеро он фаъолияти инсонро маҳдуд сохта, ба кору фаъолияти ӯ халал мерасонад ва истеҳсоли ӯро коҳиш медиҳад. Инсон, вақте ки аз соҳибшавии моли беш аз миқдори мазкур манъ карда мешавад, дар пеши ҳад бозмеистад. Дар натиҷа ӯ ба идома додани фаъолият роҳ наёфта, ҷомеа аз истифодаи кору фаъолияти ин афрод маҳрум мегардад.

Агар миқдори коло ва хизматрасониҳое, ки инсон ба онҳо соҳибӣ мекунад, на бо миқдор, балки бо кайфияти муайян маҳдуд карда шавад, ҷоиз аст. Зеро ин чиз фаъолияти инсонро маҳдуд насохта, соҳибишавии молро дар байни афрод ба танзим медарорад ва дар сарфи саъю талош ва афзоиши фаъолият мусоидат менамояд.

Агар барҳамдиҳии моликият ҷузъӣ бошад, ба молҳои муайян, ки фард аз соҳибшавии онҳо манъ карда мешавад, маҳдуд гардад ва ба ӯ соҳибшавии молҳое, ки бо миқдори муайян маҳдуд нестанд, рухсат дода шавад, дар ин ҳолат назар карда мешавад. Агар аз рӯи табиати молҳое, ки хилқати истифодабарӣ доранд, ба танҳоӣ соҳибӣ кардани фард ба ин молҳо ҷуз бо роҳи маҳрум сохтани маҷмӯи одамон аз ин молҳо имконнопазир бошад, бо сабаби табиати муштаракии манфиати ин молҳо дар байни мардум, монанди роҳҳои умумӣ, майдонҳои кишвар, дарёҳо, баҳрҳо ва ғайра, манъи моликияти фард ба ин молҳо ба танҳоӣ аз рӯи табиати мол кори табиист. Дар ин ҳолат манъи фард аз соҳибшавии ин молҳо ба танҳоӣ зараре надорад. Агар табиати мол инро тақозо накунад, назар карда мешавад. Агар аз рӯи табиати мол моликшавии афрод ба ин мол ҷуз бо маҳрум сохтани маҷмӯи одамон имконнопазир бошад, монанди молҳое, ки молик шудан ба асли он дар шакли умумӣ имконнопазир аст, монанди об ва маъданҳои тамомнашаванда, манъи фард аз моликияти ин гуна молҳо зараре надорад. Зеро ин молҳо аз рӯи табиати худ чунинанд, ки фард ҷуз бо роҳи маҳрум кардани ҷамоат ба онҳо

молик шуда наметавонад. Асли ин молҳо моликшавии фардро ба онҳо ҷуз бо роҳи маҳрумсозии ҷамоат имконнопазир мегардонад. Агар мол ба ин зумра дохил нашавад, манъи афрод аз соҳибшавӣ ба ин молҳо ҷоиз нест. Зеро кори мазкур манъи моликияти ин молҳо бо воситаи рухсат додан танҳо ба баъзе афрод мебошад. Ин монанди маҳдудсозии мол бо миқдори муайян мебошад ва маҳдуд кардани моликият бо миқдор ба ин рост омада, айнан ҳамон гуна натиҷаҳо медиҳад. Бинобар ин, фаъолияти инсонро маҳдуд сохта, ба кору фаъолияташ монеа мешавад ва истеҳсоли ӯро коҳиш медиҳад. Инчунин инсонро, вақте ки ӯ ба миқдори рухсатшудаи соҳибшавӣ мерасад ва ба ӯ аз ин миқдор афзуданро манъ мекунанд, аз фаъолият бозмедорад.

Барҳамдиҳии ҷузъии моликият дар сотсиализм на маҳдудсозӣ бо кайфият, балки маҳдудсозӣ бо миқдор мебошад. Ин низом аз моликияти баъзе молҳое, ки аз рӯи табиаташон бояд инсон ба онҳо соҳибӣ кунад, манъ мекунад. Зеро он ё моликиятро бо миқдор маҳдуд месозад, монанди маҳдудсозии моликияти заминӣ бо масоҳати муайян, ё моликиятро бо молҳои муайян маҳдуд месозад, ки афрод аз моликшавӣ ба онҳо боздошта мешаванд, монанди маҳдудсозии воситаҳои истеҳсолот. Ҳол он ки аз рӯи табиати ин молҳо бояд афрод ба онҳо соҳибӣ кунанд. Маҳдудкунии моликият дар сотсиализм аз ҳамин навъ аст. Ин манъи моликияти молҳоест, ки аз рӯи табиаташон фард ба онҳо молик шуда метавонад. Манъи моликияти ин молҳо маҳдудкунии фаъолият ба ҳисоб меравад, хоҳ ин молҳо муайян карда шаванд, монанди манъи ҳаққи мерос ё манъи конҳо, роҳҳои оҳан, корхонаҳо ва ғайра, хоҳ манъи онҳо ба давлат вогузошта шавад, то аз рӯи раъйи худ дар хусуси тақозои манфиати омма онро манъ кунад. Ин ҳама, модом ки аз рӯи табиати молҳои манъшуда ба онҳо соҳибӣ кардани фард мумкин бошад, маҳдудсозии фаъолияти афрод ба ҳисоб меравад.

Танзими истеҳсолот ва тақсимот тавассути ҷамоат бо пайдо кардани безобитагӣ, бесарусомонӣ, ҳасад ва адоват дар байни

мардум имконнопазир аст, зеро ин ҳама дар байни мардум на танзим, балки бесарусомониро ба вуҷуд меорад. Ин танзим табиист, ки бо вогузоштани коргарон, дар ҳоле ки зулми соҳибкоронро ҳис мекунанд, ба вуҷуд намеояд. Зеро баъзан соҳибкорон эҳтиёҷоти коргаронро бо чунон маҳорат қонеъ мегардонанд, ки коргарон дар истисмори самараи меҳнаташон зулмро ҳис намекунанд, монанди аҳволи коргарони корхонаҳо дар Иёлоти муттаҳида. Дар натиҷа инкишоф, ки истеҳсол ва истеъмолро ба танзим медарорад, ҳосил намешавад. Бинобар ин, танзими мазкур бояд бо аҳкому муолиҷоти дуруст, ки асоси қатъӣ доранду ба воқеи муаммоҳо мутобиқанд, ба вуҷуд оварда шавад. Сотсиализм дар танзими истеҳсолот ва тақсимот ё ба пайдо кардани безобитагӣ ва бесарусомониҳо дар байни коргарон, ё ба қонуни такомули тадриҷии ҷомеа, ё ба тартибдиҳии қонунҳои вазъӣ, ки асоси қатъӣ надорад, такя мекунад. Бинобар ин, асоси танзим дар ин низом хатост.

Ин баёни хатои худи сотсиализм аст. Аммо хатои сотсиализми Карл Маркс ба навъи хос мебошад, ки аз се ҷиҳат бармеояд:

**Якум:** Раъйи Карл Маркс дар бораи назарияи арзиш хато ва мухолифи воқеъ мебошад. Манбаи ягонаи арзиши коло донистани меҳнате, ки дар истеҳсоли ин коло сарф шудааст, ба воқеъ зид аст, зеро меҳнати сарфшуда на манбаи ягона, балки яке аз манбаъҳои арзиши коло ба ҳисоб меравад. Ин ҷо ҷуз меҳнат чизҳои дигар ҳастанд, ки ба арзиши коло дохил мешавад. Масалан, ашёи хоме, ки ба он меҳнат сарф мешавад ва эҳтиёҷ ба манфиати ин коло. Баъзан манфиати ашёи хом аз меҳнате, ки ба ҳосилкунии ин ашёи хом сарф шудааст, бештар мебошад, масалан, монанди шикор. Баъзан ба манфиати ин коло дар бозор талабот мавҷуд намешавад ва содироти ин коло низ ғайриимкон мебошад, монанди хамр дар назди мусулмонон. Пас, манбаи ягонаи арзиш донистани меҳнат нодуруст аст ва ба воқеи коло мувофиқ намеояд.

**Дуюм:** Ба гуфтаи Карл Маркс, низоми иҷтимоӣ, ки дар ҳар гуна аср ба вуҷуд меояд, натиҷаи ҳолати иқтисодист, тамоми тағйиротҳои гуногун, ки ба ин низом мерасад, ба сабаби ягона: муборизаи табақаҳои иҷтимоӣ барои беҳбуди ҳолати моддии худ, вобаста аст. Ин гуфта хато ва мухолифи воқеъ аст, ки бар фарзияи назарии тахминӣ бунёд шудааст. Хато ва мухолифи воқеъ будани он ҳам аз таърих ва ҳам аз воқеъ намоён аст. Ба сотсиализм гузаштани Русияи шӯравӣ дар натиҷаи такомули тадриҷии моддӣ ба вуҷуд наомад ва муборизаи табақаҳо боиси тағйирёбии низоме бо низоми дигар нагашт, балки як ҷамоат бо шӯриши хунин ба сари ҳокимият омада, афкори худро бар халқ татбиқ кард ва низомро тағйир дод. Ин ҳолат дар ҷумҳурии мардумии Чин низ рух дод. Татбиқи сотсиализм дар Олмони шарқӣ (на дар Олмони ғарбӣ) ва дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ (на дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ) на дар натиҷаи муборизаи табақаҳо, балки бо истилошавии ин кишварҳо аз тарафи давлати сотсиалистӣ ва татбиқи низоми ин давлат бар кишварҳои мазкур ба амал омад. Ҳам дар низоми капитализм, ҳам дар низоми Ислом ва ҳам дар ҳар гуна низоми дигар ҳолат ҳамин тавр аст. Аз рӯи қонуни ҳаракати муборизаи табақаҳо, на низоми давлатҳои аграрӣ, ки мисли Русияи подшоҳӣ ва Хитой соҳибони капитал ва табақаи коргарон нисбат ба давлатҳои Ғарб кам буд, балки низоми давлатҳои саноатӣ, ки мисли Олмон, Англия ва Иёлоти муттаҳида шумораи сармоядорон ва коргарон зиёд аст, бояд тағйир меёфт. Давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрико, гарчи дар онҳо табақаи капиталистҳо ва табақаи коргарон мавҷуд аст, ба сотсиализм нагузаштанд ва ҳанӯз низоми худро татбиқ мекунанд. Мавҷуд будани табақаи коргарон ва табақаи сармоядорон ба низоми ин давлатҳо ягон таъсир нарасонд. Маҳз ҳамин чиз барои куллан решакан сохтани назарияи мазкур кифоя мекунад.

**Сеюм:** Хатогии назарияҳои Карл Маркс дар гуфтаҳои ӯ оид ба қонуни инкишофи иҷтимоӣ ба назар мерасад. Ба гуфтаи ӯ, низоми ҳаёти иқтисодӣ бо сабаби таъсири қонунҳои иқтисодии

амалкунанда ба завол маҳкум аст, табақаи миёна, ки аз табақаи асилзодагон ғолиб омада, ба сармоядорон табдил ёфтааст, бояд имрӯз ҷойи худро ба табақаи коргарон холӣ кунад, ки ин тақозои қонуни мутамарказшавӣ мебошад. Хатогии ин гуфтаҳо дар назарияи Карл Маркс дар бораи мутамарказшавии истеҳсолот мебошад, ки ин мутамарказшавӣ бар коҳишёбии шумораи сармоядорон ва афзоиши шумораи коргарон бунёд мегардад. Ин назария назарияи нодуруст аст. Ин ҷо ҳадде вуҷуд дорад, ки мутамарказшавии истеҳсолот аз он гузашта наметавонад. Мутамарказшавии истеҳсолот то ҳадди муайян мерасад, сипас бозмеистад ва барои инкишофе, ки Карл Маркс онро тасаввур кардааст, ношоиста мегардад. Зеро пайдошавии мутамарказшавӣ дар байни омилҳои парешони истеҳсолот аз ҳадди муайян намегузарад. Илова бар ин, мутамарказшавӣ дар кишоварзӣ, ки муҳимтарин шохаи истеҳсолот ба ҳисоб меравад, мутлақо вуҷуд надорад. Пас, чӣ тавр қонуни инкишоф дар ҷомеа ҳосил мешавад? Ба гумони Карл Маркс, мутамарказшавии истеҳсолот боиси мутамарказшавии сарватҳо мегардад ва дар натиҷа шумораи сармоядорони сарватманд коҳиш ёфта, шумораи коргарони бенаво меафзояд. Ин гумон хатост, зеро дар натиҷаи мутамарказшавии истеҳсолот шумораи сармоядорон меафзояд ва гоҳо коргарон низ ба сармоядор табдил меёбанд. Дар ширкати саҳҳомие, ки шакли одатии корхонаҳои калон мебошад, бештари саҳмиядорон аз коргарон иборатанд. Пас, мутамарказшавии истеҳсолот чӣ тавр рух медиҳад? Илова бар ин, коргароне, монанди муҳандисон, кимиёгарон ва мудирон ҳастанд, ки дар корхонаҳо музди калон мегиранд ва метавонанд аксар қисми музди худро пасандоз намуда, бе соҳиб шудан ба корхонаи алоҳида аз сафи сарватмандон ҷой мегирад. Пас, ба ин касон гуфтаҳои Карл Маркс оид ба коргарон дар инкишоф мувофиқ намеояд.

Ин назари мухтасар ба асосҳое, ки низоми иқтисоди капиталистӣ бар он бунёд шудааст ва асосҳое, ки низоми иқтисоди

сотсиалистӣ, аз ҷумла коммунистӣ бар он бунёд шудааст ва ишораи мӯъҷаз ба сохтакорӣ ва нодурустии ин асосҳо мебошад. Ин аз як ҷиҳат аст, аммо аз ҷиҳати дигар, асосҳои мазкур ба тариқати Ислом дар пайдо кардани муолиҷот мухолиф ва ба Ислом зид аст. Аммо ҷиҳати мухолифати ин асосҳо ба тариқати Ислом дар пайдо кардани муолиҷоти муаммоҳо чунин аст, ки тариқати Ислом дар муолиҷаи муаммои иқтисодӣ тариқатест, ки муолиҷаи тамоми муаммоҳои инсонро дарбар мегирад. Тариқат аз омӯзиш ва фаҳмиши воқеи муаммои иқтисодӣ, сипас истинботи ҳалли муаммо аз нусусҳои шаръӣ баъди омӯзиши нусусҳои мазкур ва мутмаиншавӣ аз мутобиқати ин нусус ба муаммо иборат аст. Ин ба аҳком ва муолиҷоти иқтисодӣ дар капитализм ва сотсиализм хилоф мебошад. Муолиҷот дар капитализм аз воқеи муаммо баъд аз омӯзиши муаммои мазкур гирифта мешавад ва дар сотсиализм аз фарзияҳои назарӣ, ки мавҷудияти он дар муаммо гумон карда мешавад, гирифта мешавад ва дармон аз рӯи ҳамин фарзияҳо гузошта мешавад. Ҳар ду тариқат мухолифи тариқати Ислом аст ва ба мусулмон гирифтани онҳо ҷоиз нест.

Аммо зиддияти иқтисоди капиталистӣ ва сотсиалистӣ, аз ҷумла коммунистӣ ба Ислом чунин аст, ки Ислом муолиҷоти худро аз аҳкоми шаръӣ, ки аз далелҳои шаръӣ истинбот мешавад, мегирад, аммо муолиҷоти иқтисодии капиталистӣ ва сотсиалистӣ аҳкомӣ шаръӣ нест, балки низоми куфр мебошад. Ҳукмбарорӣ бар ашё бо ин муолиҷот ҳукмбарорӣ бо ғайри нозилкардаи Аллоҳ мебошад ва ба мусулмон гирифтани ин муолиҷот ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалол нест. Гирифтани ин муолиҷот, агар бе эътиқод кардан ба онҳо гирифта шавад, фисқ аст ва агар эътиқод карда шавад, ки онҳо аҳкоми дурустанд, вале аҳкоми Ислом ба асри имрӯза ношоиста ва аз муолиҷаи муаммоҳои иқтисодӣ оҷиз мебошад, куфр аст. Аллоҳ нигаҳ дорад.

بسم الله الرحمن الرحيم

# ИҚТИСОД

Истилоҳи "иқтисод" аз лафзи юнонии қадимӣ (3) гирифта шудааст, ки маъноят "тадбири корҳои хона" мебошад. Бо ибораи дигар, аъзоёни хонавода, ки аз дасташон кор меояд, дар истеҳсоли коло ва баҷо овардани хизматрасониҳо ширкат меварзанд, сипас тамоми аъзоёни хонавода якҷоя аз дастовардҳо баҳра мебаранд. Минбаъд мардум калимаи "хона"-ро ба маънои васеътар истифода бурданд ва аз "хона" ҷамоатеро дар назар доштанд, ки давлати ягона бар он ҳукмронӣ мекунад.

Бинобар ин, аз калимаи "иқтисод" на маънои луғавӣ, яъне сарфаҷӯӣ ва на маънои мол, балки маънои истилоҳии мусаммои муайян4, яъне тадбири корҳо оид ба мол бо таъмини афзоишу эҷоди ин мол, ки дар ин бора илми иқтисод баҳс мекунад ё бо кайфияти тақсимоти ин мол, ки дар ин бора низоми иқтисодӣ баҳс мекунад, қасд карда мешавад.

Илми иқтисод ва низоми иқтисодӣ, гарчи ҳар ду дар бораи иқтисод баҳс мекунанд, ду чизи мухталифи гуногунҷинсанд ва мафҳуми яке аз мафҳуми дигаре фарқ мекунад. Низоми иқтисодӣ бо фаровонӣ ё норасоии сарват гуногун намешавад ва мутлақо таъсир намегирад. Шакли низоми иқтисодӣ дар фаровонӣ ва норасоии сарват аз ҳеҷ ваҷҳ таъсир надорад. Аз ин рӯ, мавзӯи ягона донистани иқтисод, ки ҳамчун чизи ягона баҳс карда мешавад, хатои калон аст. Зеро ин ё боиси хато дар дарки муаммоҳои ҳалталаби иқтисодӣ мегардад ва ё боиси фаҳмиши нодурусти омилҳое, ки сарватро афзоиш медиҳад ё дар кишвар ба вуҷуд меорад. Тадбири корҳои ҷамоат аз ҷиҳати зиёд кардани мол, яъне эҷоди мол як чиз ва тадбири корҳои ҷамоат аз ҷиҳати тақсимоти андешамандонаи мол чизи дигар аст. Пас, баҳси тадбири моддаи мол бояд аз баҳси тадбири тақсимоти ин мол ҷудо карда шавад, зеро баҳси якум ба воситаҳо ва баҳси дуюм ба

фикр тааллуқ дорад. Бинобар ин, низоми иқтисодӣ бояд бо эътибори фикре, ки ба нуқтаи назар дар бораи ҳаёт таъсир мерасонад ва аз ин нуқтаи назар таъсир мегирад, баҳс карда шавад. Аммо илми иқтисодро бо эътибори илме, ки ба нуқтаи назар дар бораи ҳаёт алоқа надорад, баҳс кардан зарур аст. Баҳси иқтисодӣ баҳси муҳимтарин мебошад, зеро муаммои иқтисодӣ ба эҳтиёҷоти инсон, воситаҳои қонеъгардонии ин эҳтиёҷот ва истифодабарии ин воситаҳо тааллуқ дорад. Истеҳсоли воситаҳо, модом ки онҳо дар коинот мавҷуд бошанд, дар қонеъгардонии эҳтиёҷот ба муаммои асосӣ сабаб намешавад, балки қонеъгардонии эҳтиёҷот инсонро ба истеҳсол ё эҷоди ин воситаҳо такон медиҳад. Муаммои мавҷуда дар алоқаҳои мардум, яъне дар ҷомеа аз тавоноӣ ё нотавонии мардум ба истифодаи ин воситаҳо, яъне аз мавзӯи соҳибшавии мардум ба ин воситаҳо сар мезанад ва ин асоси муаммои ҳалталаби иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, муаммои иқтисодӣ на аз истеҳсоли воситаҳои манфиатовар, балки аз мавзӯи соҳибшавӣ ба ин манфиат сар мезанад.

### Асоси низоми иқтисодӣ

Манфиат шоистагии ашё барои қонеъгардонии эҳтиёҷи инсон аст. Он аз ду чиз таркиб меёбад: якум – андозаи рағбати инсон барои ҳусули ашёи муайян; дуюм – хоссаҳое, ки дар худи ашё мавҷуданд ва шоистагии ин хоссаҳо барои қонеъгардонии эҳтиёҷи инсон, на фарди муайян. Ин манфиат ё аз меҳнат, ё аз мол ва ё аз ҳар ду ҳосил мешавад. Ибораи "меҳнати инсон" меҳнати ақлонӣ ва меҳнати ҷисмониро, ки барои эҷоди мол ё манфиати мол сарф мешавад, дарбар мегирад. Калимаи "мол" тамоми чизҳоеро, ки бо воситаи харидан ё ба иҷора гирифтан ё ба ория гирифтан барои истифодабарӣ ба даст меояд, дарбар мегирад. Истифодабарӣ ё бо истеъмоли чиз, монанди себ, ё бе истеъмоли чиз, монанди мошини сабукрав, ё бо истифода бо бақои худи чиз, монанди манзили иҷора ва иқомат дар хонае, ки бе иҷора гирифтан ба он соҳиб мешаванд, сурат мегирад. Инчунин пул, монанди тиллову нуқра, коло, монанди хӯроку пӯшок, моликияти ғайриманқула, монанди

хонаҳо, корхонаҳо ва чизҳои дигар, ки ба онҳо соҳиб шудан мумкин аст, ба мол шомил мегарданд. Пас, мол чизест, ки эҳтиёҷоти инсонро қонеъ мегардонад ва меҳнати инсон танҳо воситаи ҳусули айни мол ва манфиат мебошад. Бинобар ин, мол асоси манфиатро ташкил медиҳад. Аммо меҳнати инсон воситаест, ки имкони ҳосил кардани молро медиҳад. Пас, инсон аз рӯи фитрати худ барои ҳусули ин мол саъю кӯшиш мекунад, то ки ба он соҳиб шавад. Бинобар ин, меҳнати инсон ва мол воситае мебошад, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон хизмат мекунад. Ҳар ду сарвате ба ҳисоб меравад, ки инсон барои ҳосил кардани он саъю кӯшиш мекунад, то ба он соҳиб шавад. Пас, сарват маҷмӯи мол ва меҳнат аст.

Соҳибшавии афрод ба сарват ё аз тарафи афроди дигар, монанди соҳибшавӣ ба мол бо роҳи тӯҳфа, ё аз тарафи ғайриафрод, монанди соҳибшавии бевосита ба моли хом, ба амал меояд. Ин соҳибшавӣ ё соҳибшавӣ ба айн бо истеъмол ва истифодаи ин айн, монанди соҳибшавӣ ба себ ва соҳибшавӣ ба хона ҳамчун мулк, ё соҳибшавӣ ба манфиати айн, монанди ба иҷора гирифтани хона, ё соҳибшавӣ ба манфиате, ки аз меҳнати инсон ҳосил мешавад, монанди лоиҳакашии хона аз тарафи муҳандис, шуда метавонад.

Соҳибшавӣ ба тамоми ин чизҳо ё бо иваз, монанди байъ, иҷораи мол ва кирокунии муздур, ё бе иваз, монанди тӯҳфа, мерос ва орият, ба амал меояд. Бинобар ин, муаммои иқтисодӣ на дар пайдокунии сарват, балки дар соҳибшавӣ ба сарват аст. Он танҳо аз нуқтаи назар дар бораи соҳибшавӣ, яъне моликият, аз истифодаи нодурусти ин моликият ва тақсимоти нодурусти сарват дар байни мардум сар мезанад. Бинобар ин, муолиҷаи ҷиҳати мазкур асоси низоми иқтисодӣ мебошад (зеро муаммо аз ягон роҳи дигар сар намезанад).

Аз ин рӯ, низоми иқтисодӣ бар асоси се қоида бунёд мегардад: моликият, тасарруфи моликият ва тақсимоти сарват дар байни мардум.

## Нигоҳи Ислом ба иқтисод

Нигоҳи Ислом дар бораи моддаи сарват аз нигоҳи Ислом дар бораи истифодаи ин сарват фарқ мекунад. Дар назари Ислом воситаҳое, ки манфиатро ҳосил мекунанд, як чиз ва соҳибшавӣ ба ин манфиат чизи дигар аст. Мол ва меҳнати инсон моддаи сарват ва воситаҳои ҳосилкунандаи манфиат ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи Ислом, мол ва меҳнати инсон аз ҷиҳати мавҷудият дар ҳаёти дунё ва истеҳсол аз истифодаи ин молу меҳнати инсон ва кайфияти соҳибшавӣ ба ин манфиат фарқ мекунад. Пас, Ислом ба истифодаи сарват бевосита дахолат намуда, истифодаи баъзе молҳоро ҳаром гардонд, монанди хамр ва мурдор, инчунин истифодаи баъзе меҳнатҳои инсонро ҳаром гардонд, монанди рақс ва танфурӯшӣ. Фурӯши молҳоеро, ки хӯрдан ҳаром аст, ҳаром гардонд ва кирокуниро дар корҳое, ки содир кардан ҳаром аст, ҳаром гардонд. Ин аз ҷиҳати истифодаи мол ва меҳнати инсон мебошад. Аз ҷиҳати кайфияти соҳибшавӣ ба мол ва меҳнати инсон, барои соҳибшавӣ ба сарват якчанд ҳукмро машрӯъ гардонд, монанди аҳкоми шикор ва эҳёи заминҳои нокорам, аҳкоми иҷора ва фармоиш, аҳкоми мерос, тӯҳфа ва васият.

Ин нисбат ба истифодаи сарват ва кайфияти соҳибшавӣ ба ин сарват мебошад. Аммо нисбат ба моддаи сарват аз ҷиҳати истеҳсол чунин аст, ки Ислом ба истеҳсоли моддаи сарват ташвиқ кард ва вақте ки дар шакли умумӣ ба касб ҳавасманд гардонд, ба истеҳсол низ тарғиб намуд, лекин ба кайфияти афзоиши истеҳсолот ва миқдори маҳсулот дахолат накард, балки инро ба мардум вогузошт, то ки ба таври дилхоҳ амал намоянд. Аммо аз ҷиҳати мавҷудият, мол дар ҳаёти дунё табиӣ мавҷуд аст. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло молро чунон офарид, ки рому мутеи инсон мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

هُوَ الَّذِي خَلَقَ لَكُم مَّا فِي الأَرْضِ جَمِيعاً

"***Ӯст, ки ҳамаи чизҳоеро, ки дар рӯи замин аст, бароятон биёфарид***" [2:29],

اللَّهُ الَّذِي سخَّرَ لَكُمُ الْبَحْرَ لِتَجْرِيَ الْفُلْكُ فِيهِ بِأَمْرِهِ وَلِتَبْتَغُوا مِن فَضْلِهِ

"***Аллоҳ аст, ки дарёро роми шумо кард, то дар он ба фармони Ӯ киштиҳо равон бошанд ва талаби маишат кунед***" [45:12],

وَسَخَّرَ لَكُم مَّا فِي السَّمَاوَاتِ وَمَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعًا مِّنْهُ

"***Роми шумо сохт он чӣ дар осмонҳост ва он чӣ дар замин аст. Ҳама аз они Ӯст***" [45:13],

فَلْيَنظُرِ الْإِنسَانُ إِلَى طَعَامِه أَنَّا صَبَبْنَا الْمَاء صَبًّا ثُمَّ شَقَقْنَا الْأَرْضَ شَقًّا فَأَنبَتْنَا فِيهَا حَبًّا وَعِنَبًا وَقَضْبًا وَزَيْتُونًا وَنَخْلًا وَحَدَائِقَ غُلْبًا وَفَاكِهَةً وَأَبًّا مَّتَاعًا لَّكُمْ وَلِأَنْعَامِكُمْ

"***Пас одамӣ ба таоми худ бингарад. Мо боронро фурӯ боридем, бориданӣ ва заминро шикофтем, шикофтанӣ ва дар он донаҳо рӯёнидем ва току сабзиҳои хӯрданӣ ва зайтуну нахл ва боғҳои пурдарахт ва меваву алаф, то шумову чорпоёнатон баҳра баред***" [80:24-32],

وَعَلَّمْنَاهُ صَنْعَةَ لَبُوسٍ لَّكُمْ لِتُحْصِنَكُم مِّن بَأْسِكُمْ

"***Ва ба ӯ (Довуд) омӯхтем, то бароятон зиреҳ бисозад. То шуморо ҳангоми ҷанг ҳифз кунад***" [21:80],

وَأَنزَلْنَا الْحَدِيدَ فِيهِ بَأْسٌ شَدِيدٌ وَمَنَافِعُ لِلنَّاسِ

"***Ва оҳанро, ки дар он нерӯе сахт ва манофеъе барои мардум аст, фурӯ фиристодем***" [57:25].

Аллоҳ Таоло дар ин ва дигар оятҳо хабар дод, ки Ӯ мол ва меҳнати инсонро офаридааст, вале чизҳои дигарро, ки ба ҳар ду тааллуқ доранд, баён накард. Аз ин аён мегардад, ки Аллоҳ Таоло, гарчи барои истифодабарии мардум офарида шудани мол ва меҳнати инсонро баён кард, ба ин моддаи мол ва меҳнати инсон дахолат накард. Инчунин ба истеҳсоли сарват дахолат накард. Ягон насси шаръӣ нест, ки ба истеҳсоли сарват дахолат кардани Исломро нишон диҳад, баръакс нусуси шаръие ҳастанд, ки аз рӯи далолати

онҳо, шариат дар истихроҷи мол ва беҳбуди меҳнати инсон корро ба мардум вогузоштааст. Муслим аз тариқи Оиша (р) ва аз тариқи Анас (р) ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) дар мавзӯи гардолудкунии хурмо гуфтаанд:

"أَنْتُمْ أَعْلَمُ بِأَمْرِ دُنْيَاكُمْ"

"***Шумо кори дунёро беҳтар медонед***".

Ривоят карда мешавад, ки Расулуллоҳ (с) ду нафар мусулмонро барои омӯзиши аслиҳасозӣ ба Ҷураши Яман фиристоданд. Ин далолат мекунад, ки шариат масъалаи истеҳсоли молро ба мардум вогузоштааст, то мардум молро аз рӯи донишу таҷриба ва маҳорату кордонии худ истеҳсол намоянд.

Аз ин аён мегардад, ки Ислом на илми иқтисод, балки низоми иқтисодиро баррасӣ мекунад ва истифодаи сарвату кайфияти соҳибшавии манфиатро мавзӯи баҳс медонад, вале ба истеҳсоли сарват ва воситаҳои манфиат мутлақо дахолат намекунад.

**Сиёсати иқтисод дар Ислом**

Сиёсати иқтисод ҳадафест, ки аз аҳкоми муолиҷакунандаи тадбири корҳои инсон дар назар дошта мешавад. Сиёсати иқтисодӣ дар Ислом таъмини қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосии ҳар як фард ва ба қадри имкон фароҳам овардани имконияти қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ мебошад, бо эътибори он ки ин фард дар ҷомеаи муайян умр ба сар мебарад ва тарзи зиндагии хоса дорад. Ислом на ба ҷамоати афрод, ки дар кишвар зиндагӣ мекунанд, балки ба худи ҳар як фард эътибори худро менигаронад. Ислом ба шахс аввалан бо эътибори инсон менигарад, ки тамоми эҳтиёҷоти асосиаш бояд пурра қонеъ гардонда шавад, сониян бо эътибори фардияти мушаххас менигарад, ки барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ ба қадри имкон шароит фароҳам оварда шавад. Айни вақт Ислом ба фард бо эътиборе менигарад, ки ӯ бо дигарон бо алоқаи муайян марбут аст ва ин алоқа дар шакли муайян ва бо тарзи хос ба роҳ монда

мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати иқтисод дар Ислом танҳо барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар нест, ки таъмини истифодаи ҳар як фард аз ин зиндагӣ беэътибор гузошта шавад, инчунин танҳо барои пайдокунии некӯаҳволии мардум ва озод вогузоштани мардум дар баҳрабарӣ аз ин некӯаҳволӣ ба қадри имконоти ҳар кас нест, ки таъмини ҳуқуқи зиндагӣ барои ҳар як фард қатъи назар аз кӣ будан беэътибор гузошта шавад. Сиёсати иқтисод дар Ислом муоличаи муаммоҳои асосӣ, имконпазир гардондани сатҳи баланди зиндагӣ ва ба вуҷуд овардани некӯаҳволии тарзи хоси зиндагӣ барои ҳар як фард бо эътибори инсонест, ки ӯ тибқи алоқаҳои муайян зиндагӣ мекунад. Он аз ҳамин ҷиҳат аз дигар сиёсатҳои иқтисод фарқ мекунад.

Ислом, вақте ки барои инсон аҳкоми иқтисодро машрӯъ гардонд, ташреъро ба фард нигаронд. Инчунин ҳангоми кӯшиш барои таъмини ҳуқуқи зиндагӣ ва имконпазир гардондани некӯаҳволӣ ин ташреъро дар ҷамоати муайян, ки тарзи хоси зиндагӣ дорад, ҷорӣ менамояд. Ислом, вақте ки ба таъмини зиндагӣ ва имконпазир гардондани некӯаҳволӣ эътибор менигаронад, ба ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он бошад, эътибор менигаронад ва эътибори Ислом ба ҳолате, ки ҷомеа бояд дар он бошад, дар эътибори Ислом ба зиндагӣ ва некӯаҳволӣ нақши асосро мебозад. Бинобар ин, аҳкоми шаръӣ таъмини қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосии ҳар як шаҳрванди Давлати Исломро, ки аз хӯрок, пӯшок ва маскан иборат мебошад, кафолат дод. Ба ин мақсад, ба марди қодир кору меҳнатро фарз гардонд, то ки эҳтиёҷоти асосии худ ва касонеро, ки нафақаашон бар ин мард воҷиб аст, таъмин намояд. Агар фард ба коркунӣ қодир набошад, нафақаи ӯро ба дӯши фарзандон ва меросхӯрон фарз гардонд. Агар касе набошад, ки нафақаи ин фард бар ӯ воҷиб мегардад, нафақа бар дӯши байтулмол мебошад. Ҳамин тавр, Ислом қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳар як фардро, ки инсон бояд аз ҷиҳати инсон будан онҳоро қонеъ гардонад ва аз хӯрок, пӯшок ва маскан иборат аст, дар шакли айнӣ кафолат дод. Сипас ин фардро такон дод, ки аз

рӯи имконияташ аз чизҳои покиза баҳра барад ва зинатҳои дунёро ба даст орад. Давлатро аз бастани андози ба тамоми мусулмонон фарзшаванда ба моли фард боздошт, магар он ки аз кифояти эҳтиёҷоташ, гарчи эҳтиёҷи камолӣ аст, ки феълан дар ҳаёти оддӣ қонеъ мегардонад, зиёдатӣ бошад. Ҳамин тавр, таъмини ҳуқуқи зиндагиро барои ҳар як фард дар шакли айнӣ кафолат дод ва имкон дод, ки дар ҳаёт некӯаҳволиро ба даст орад. Дар айни вақт роҳҳои муайяни касби молро барои фард дар қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ ва камолӣ муқаррар намуд ва алоқаҳои ӯро ба тарзи хоса ба роҳ монд. Масалан, ба ҳар як мусулмон истеҳсол ва истеъмоли хамрро ҳаром гардонд ва онро барои мусулмон моддаи иқтисодӣ эътибор накард. Ба ҳар кас, ки шаҳрванди Давлати Ислом аст: хоҳ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон рибохӯрӣ ва судхӯриро ҳаром гардонда, онро барои шаҳрвандон моддаи иқтисодӣ эътибор накард. Ҳангоми истифодаи мол вазъеро, ки ҷомеа бояд дар он бошад, кори асосӣ дар истифодаи моддаи иқтисодӣ донист.

Аз ин аён мегардад, ки Ислом фардро аз инсонияти ӯ ҷудо накард, чунон ки инсонро аз фардияти ӯ ҷудо накард. Инчунин эътибори ҳолатеро, ки ҷомеа бояд дар он бошад, аз таъмини қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии ҳар як фард ва имконпазир гардондани қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолии ӯ ҷудо накард. Бинобар ин, қонеъгардонии эҳтиёҷот ва ҳолатеро, ки ҷомеа бояд дар он бошад, ду кори ба якдигар вобаста донист ва ҳар дуро аз якдигар ҷудо накард. Вале ҳолатеро, ки ҷомеа бояд дар он бошад, ба асоси қонеъгардонии эҳтиёҷот табдил дод. Барои он ки тамоми эҳтиёҷоти асосӣ пурра қонеъ гардонда шавад ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ имконпазир гардад, бояд моддаи иқтисодӣ барои мардум дастрас бошад, то ки қонеъгардонии эҳтиёҷот имконпазир гардад. Моддаи иқтисодӣ танҳо бо саъю кӯшиш барои касби ин модда барои мардум фаровон мегардад. Бинобар ин, Ислом ба касбу кор, талаби ризқ ва саъю кӯшиш водор намуд ва саъю кӯшишро барои касби ризқ бар марде, ки ба кор қодир асту

ба нафақаи худ ва зердастонаш5 ниёз дорад, фарз гардонд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَامْشُوا فِي مَنَاكِبِهَا وَكُلُوا مِن رِّزْقِهِ

"***Пас бар рӯи он сайр кунед ва аз ризқи Аллоҳ бихӯред***". [67:15].

Вале маънои ин дахолат ба истеҳсоли сарват ё баёни кайфияти афзоиши истеҳсоли сарват ё миқдори маҳсулот нест, зеро ба он алоқа надорад. Ин танҳо ташвиқ ба коркунӣ ва касби мол мебошад. Ҳадисҳои зиёде ворид шудааст, ки ба касби мол тарғиб мекунад. Дар ҳадисе омадааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ صَافَحَ سَعْدَ بْنَ مُعَاذٍ ( فَإِذَا يَدَاهُ قَدْ اكْتَبَتَا فَسَأَلَهُ النَّبِيُّ ﷺ عَنْ ذَلِكَ فَقَالَ: أَضْرِبُ بِالْبَرِّ وَالْـمِسْحَاةِ لِأُنْفِقَ عَلَى عِيَالِي. فَقَبَّلَ ( يَدَهُ وَقَالَ: كَفَّانِ يُحِبُّهُمَـا اللهُ تَعَالَى"

"***Расулуллоҳ (с) бо Саъд ибни Муоз бо даст салом карданд. Дастони ӯ обила дошт. Набӣ (с) дар ин бора аз ӯ пурсиданд. Ӯ гуфт: "Барои нафақаи оилаам белу каланд мезанам". Пайғамбар (с) дасти ӯро бӯса карданд ва гуфтанд: "Ин дастҳоро Аллоҳ Таоло дӯст медорад***"".

Ин ҳадисро Сарахсӣ дар "Мабсут" зикр кардааст. Бухорӣ аз тариқи Миқдом ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَا أَكَلَ أَحَدٌ طَعَامًا قَطُّ خَيْرًا مِنْ أَنْ يَأْكُلَ مِنْ عَمَلِ يَدِهِ"

"***Ҳеҷ кас аз таоме, ки аз амали дасташ мехӯрад, таоми беҳтар хӯрда наметавонад***".

Тавре ки ривоят шудааст:

" أَنَّ عُمَرَ مَرَّ بِقَوْمٍ مِنَ الْقُرَّاءِ فَرَآهُمْ جُلُوسًا قَدْ نَكَسُوا رُؤُوسَهُمْ، فَقَالَ: مَنْ هَؤُلَاءِ؟ فَقِيلَ: هُمُ الْـمُتَوَكِّلُونَ، فَقَالَ: كَلَّا، وَلَكِنَّهُمُ الْـمُتَأَكِّلُونَ، يَأْكُلُونَ أَمْوَالَ النَّاسِ. أَلَا

أَنْبِئْكُمْ مِنَ الْـمُتَوَكِّلُونَ؟ فَقِيلَ نَعَمْ. فَقَالَ: هُوَ الذِّي يُلْقِي الْحَبَّ فِي الْأَرْضِ، ثُمَّ يَتَوَكَّلُ عَلَى رَبِّهِ عَزَّ وَجَلَّ"

"***Умар аз назди ҷамоаи қориҳо гузашт ва дид, ки онҳо бо сари хам нишастаанд, сипас пурсид: "Инон кистанд?" Гуфтанд: "Инон мутаваккилон". Умар гуфт: "На, онҳо мутааккилон (муфтхӯрон) мебошанд, ки амволи мардумро мехӯранд. Оё ба шумо гӯям, ки мутаваккилон кистанд?" Гуфтанд: "Бале". Умар гуфт: "Мутаваккил касест, ки ба замин тухм мекорад, сипас ба Парвардигор Азза ва Ҷалла таваккул мекунад***".

Ин ривоятро Сарахсӣ дар "Мабсут" зикр кардааст. Ҳамин тавр, оят ва ҳадисҳои зиёдеро мебинем, ки ба саъю кӯшиш барои талаби ризқ ва ба коркунӣ барои касби мол, инчунин ба баҳрабарӣ бо ин мол ва хӯрдани чизҳои покиза такон медиҳад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللّهِ الَّتِيَ أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالْطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ

"***Бигӯ: "Чӣ касе либосҳоеро, ки Аллоҳ барои бандагонаш падид оварда ва хӯрданиҳои хуштаъмро ҳаром кардааст?***"" [7:32],

وَلاَ يَحْسَبَنَّ الَّذِينَ يَبْخَلُونَ بِمَا آتَاهُمُ اللّهُ مِن فَضْلِهِ هُوَ خَيْرًا لَّهُمْ بَلْ هُوَ شَرٌّ لَّهُمْ سَيُطَوَّقُونَ مَا بَخِلُواْ بِهِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ

"***Онон, ки дар неъмате, ки Аллоҳ ба онҳо ато кардааст, бухл меварзанд, мапиндоранд, ки дар бухл варзидан барояшон хайр аст. На, шарр аст! Дар рӯзи қиёмат он чиро, ки дар бахшиданаш бухл меварзиданд, чун тавқе ба гарданашон хоҳанд овехт***" [3:180],

كُلُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا رَزَقْنَاكُمْ

"***Бихӯред аз ин чизҳои покиза, ки бар шумо рӯзӣ додаем***" [7:160],

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَنفِقُواْ مِن طَيِّبَاتِ مَا كَسَبْتُمْ وَمِمَّا أَخْرَجْنَا لَكُم مِّنَ الأَرْضِ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз дастовардҳои некӯи хеш ва аз он чӣ бароятон аз замин рӯёнидем, инфоқ кунед***" [2:267],

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تُحَرِّمُواْ طَيِّبَاتِ مَا أَحَلَّ اللّهُ لَكُمْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, чизҳои покизаеро, ки Аллоҳ бар шумо ҳалол кардааст, ҳаром макунед***" [5:87],

وَكُلُواْ مِمَّا رَزَقَكُمُ اللّهُ حَلاَلاً طَيِّبًا

"***Аз чизҳои ҳалолу покизае, ки Аллоҳ ба шумо рӯзӣ додааст, бихӯред***" [5:88].

Ин ва дигар оятҳо бо далолати равшан далолат мекунад, ки аҳкоми шаръӣ дар бораи иқтисод ба касби мол ва баҳрабарӣ аз чизҳои покиза нигаронда шудааст. Ислом афродро ба касб ташвиқ намуда, ба истифодаи сарвате, ки онро касб мекунанд, мефармояд, то ки дар кишвар рушди иқтисодӣ ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии ҳар як фард ба вуҷуд омада, ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ имконият фароҳам ояд. Ислом, вақте ки аҳкомро дар бораи кайфияти соҳибшавӣ ба сарват машрӯъ гардонд, бо назардошти ҳусули мол аз тарафи мусулмон ба инобат гирифт, ки кайфияти соҳиб шудани инсон ба мол аз мушкилӣ холӣ бошад. Бинобар ин, кайфияти мазкурро басо содда гардонд. Сабабҳои соҳибшавӣ ва ақдҳоеро, ки бо он табодули моликият ҷараён мегирад, муқаррар кард ва эҷоди услуб ва воситаҳоро, ки бо он мол касб мешавад, ба инсон вогузошта, ба истеҳсоли сарват дахолат накард. Ин сабаб ва ақдҳоро хатти фарогирандаи қоидаҳои шаръӣ ва аҳкоми шаръӣ гардонд, ки масъалаҳои зиёдро дарбар мегирад ва аҳкоми зиёд ба он қиёс карда мешавад. Бинобар ин, коркуниро машрӯъ гардонда, аҳкоми онро баён намуд ва дуредгар, мӯзадӯз, косиб, деҳқон ва дигар шуда кор карданро ба инсон вогузошт. Масалан, ҳадияро бар ваҷҳе гардонд, ки атия (бахшиш) ҳангоми сабаби соҳибшавӣ будан ба он қиёс карда

мешавад, иҷораро бар ҳоле гардонд, ки ваколат ҳангоми музд додан ба вакил ба он қиёс карда мешавад. Ҳамин тавр, аён гардид, ки Шореъ сабабҳои соҳибшавӣ ва ақдҳоро баён ва бо маъноҳои умумӣ муқаррар кардааст. Аз ин рӯ, онҳо ҳар як ҳодисаи навро дарбар мегирад, вале бо нав шудани муомилот шакли нав намегирад. Зеро ба мардум муқайяд шудан бо муомилоте, ки дар шариат омадааст, воҷиб мебошад. Вале онҳо ба ҳар як ҳодисаи нав, ҳарчанд сершумор ва гуногун аст, мувофиқ меояд. Бинобар ин, мусулмон дар касби мол, гарчи ба ҳалолу покиза будани касбаш ҳарис аст, бе ҳеҷ гуна монеа дар роҳи худ бо иштиёқ шитобон ҳаракат мекунад. Ҳамин тавр, барои ҳар як фард он чӣ, ки бо он эҳтиёҷоти матлуби ӯ қонеъ мешавад, таъмин мегардад. Ислом бо такондиҳии фард кифоя накард ва қонеъгардониро ба касби афрод маҳдуд насохт, балки байтулмолро муассисае гардонд, ки барои тамоми раият аз он инфоқ карда мешавад ва парастории оҷизро бар давлат фарз ва таъминоти эҳтиёҷоти умматро аз воҷиботи давлат гардонд. Зеро ҳаққи парасторӣ бар дӯши давлат мебошад. Бухорӣ аз Ибни Умар ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلْإِمَامُ الَّذِى عَلَى النَّاسِ رَاعٍ وَهُوَ مَسْئُولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ"

"***Имоме, ки сарварии мардумро ба ӯҳда дорад, парастор ва аз раияти худ масъул аст***".

Шариат ба давлат, барои он ки воҷиботи шариатро баҷо орад, салоҳияти андозбандиро дод, то амволи муайнро, монанди ҷизя ва хироҷ, ба тарзи доимӣ ҷамъоварӣ намояд. Шариат амволи закотро дар байтулмол гузошт ва ҳаққи ҷамъоварии амволеро, ки ба тамоми мусулмонон фарз аст, монанди таъмири роҳҳо, сохтмони шифохона, таомдиҳӣ ба гуруснагон ва ғайра, ба давлат дод. Моликияти умумиро таҳти идора ва сарпарастии давлат гузошт ва афродро аз идоракунии ин навъи моликият манъ кард, инчунин давлатро аз супурдани соҳибӣ ва идораи ин навъи моликият ба афрод боздошт. Зеро сарпарастии омма ҳуқуқи валиюламр

мебошад ва ба ҳеҷ кас аз раият ҷуз таъйиноти валиюламр ҷоиз нест, ки бо ин кор машғул шавад. Моликияти умумӣ, ки аз нафт, оҳан, мис ва ғайра иборат аст, моликияте ба ҳисоб меравад, ки истифодабарӣ ва афзоишдиҳии он барои эҷоди рушди иқтисодии уммат лозим аст. Зеро ин амвол аз они уммат аст ва давлат афзоишдиҳӣ ва идоракунии онро ба ӯҳда мегирад. Вақте ки давлат ба зиёдкунии амвол пардохта, масъулияти риояи корҳоро ба дӯш мегирад ва ҳар як фард ба касби мол пардохта, барои ризқ саъю талош меварзад, сарвате ҷамъоварӣ мешавад, ки барои қонеъгардонии пурраи тамоми эҳтиёҷоти асосӣ ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ кифоя мекунад. Вале ин рушди иқтисодӣ бо такондиҳии ҳар як фард ба касби мол, инчунин муқарраркунии амвол барои давлат ва моликияти умумӣ на барои худи мол, на барои ифтихор бо ин мол, на барои инфоқи ин мол ба маъсиятҳо, на барои носипосӣ ва на барои такаббур, балки барои истифодаи мол ҳамчун воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷот мебошад. Бинобар ин, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

**" مَنْ طَلَبَ الدُّنْيَا حلاَلاً اِسْتِعْفَافًا عَنْ الْـمَسْأَلَةِ، وَسَعْيًا عَلَى أَهْلِهِ، وَتَعَطُّفًا عَلَى جَارِهِ، جَاءَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَجْهُهُ كَالْقَمَرِ لَيْلَةَ الْبَدْرِ، وَمَنْ طَلَبَ الدُّنْيَا حلاَلاً، مُفَاخِرًا، مُكَاثِرًا، مُرَائِيًا، لَقِيَ اللهَ وَهُوَ عَلَيْهِ غَضْبَانُ"**

"***Ҳар кас дунёро бо роҳи ҳалол ва барои бениёзӣ аз пурсиш ҷӯяд, барои оилаи худ саъю талош варзад ва ба ҳамсояи худ ҳамдардӣ намояд, рӯзи қиёмат бо рӯйи монанди моҳи шаби бадр меояд. Ҳар кас дунёро бо роҳи ҳалол, вале барои фахрфурӯшӣ, афзоишдиҳӣ ва риёкорӣ ҷӯяд, бо Аллоҳ дар ҳоле вомехӯрад, ки Аллоҳ аз ӯ дарғазаб аст***".

Ин ҳадис дар "Мусаннафи Ибни Абӯшайба" аз тариқи Абӯҳурайра (р) оварда шудааст. Муслим аз тариқи Мутарриф ва Мутарриф аз падараш ривоят кардааст, ки Набӣ (с) гуфтаанд:

وَهَلْ لَكَ يَا ابْنَ آدَمَ مِنْ مَالِكَ إِلاَّ مَا أَكَلْتَ فَأَفْنَيْتَ، أَوْ لَبِسْتَ فَأَبْلَيْتَ، أَوْ " تَصَدَّقْتَ فَأَمْضَيْتَ"

"***Эй фарзанди Одам, аз моли худ танҳо ҳиссае, ки хӯрда тамом кардаӣ ё пӯшида кӯҳна кардаӣ ё бо садақа додан барои охират гузоштаӣ, аз они туст!***" Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تُسْرِفُواْ إِنَّهُ لاَ يُحِبُّ الْمُسْرِفِينَ

"***Ва исроф макунед, ки Аллоҳ исрофкоронро дӯст надорад***" [6:141].

Касби мол на барои фахрфурӯшӣ, балки воситаи қонеъгардонии эҳтиёҷот мебошад. Вале ин мақсади ягона нест, ки Ислом талаб мекунад, балки тамоми иқтисод бояд бо амру наҳйҳои Аллоҳ ба роҳ монда шавад, ки Ислом инро кори ҳатмӣ гардондааст. Ба мусулмон фармуд, ки бо он чӣ, ки касб мекунад, сарои охиратро ҷӯяд, вале насибаи худро аз ин дунё фаромӯш накунад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَابْتَغِ فِيمَا آتَاكَ اللَّهُ الدَّارَ الْآخِرَةَ وَلَا تَنسَ نَصِيبَكَ مِنَ الدُّنْيَا وَأَحْسِن كَمَا أَحْسَنَ اللَّهُ إِلَيْكَ وَلَا تَبْغِ الْفَسَادَ فِي الْأَرْضِ

"***Дар он чӣ, ки Аллоҳ ба ту арзонӣ дошта, сарои охиратро биҷӯй ва баҳраи хешро аз дунё фаромӯш макун. Ва ҳамчунон ки Аллоҳ ба ту некӣ карда, некӣ кун ва дар замин аз паи фасод марав***" [28:77].

Бинобар ин, фалсафаи иқтисод чунин аст, ки корҳои иқтисодӣ бо амру наҳйҳои Аллоҳ бинобар дарки алоқамандӣ бо Аллоҳ ба роҳ монда шавад. Бо ибораи дигар, фикрате, ки тадбири корҳои мусулмон дар ҳаёти ҷомеа бар он бунёд мегардад, тақозо мекунад, ки корҳои иқтисодӣ ба талаботи аҳкоми шаръӣ бо эътибори дин мувофиқ бошад ва тадбири корҳо, хусусан корҳои иқтисодии раият, ки шаҳрвандони Давлати Ислом ба ҳисоб меравaнд, бо аҳкоми шаръӣ бо эътибори ташреъ муқайяд бошад. Пас

шаҳрвандонро ба он чӣ, ки Ислом рухсат додааст, рухсат дод ва бо он чӣ, ки Ислом муқайяд кардааст, муқайяд сохт. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَا آتَاكُمُ الرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَاكُمْ عَنْهُ فَانتَهُوا

"***Ҳар чӣ пайғамбар ба шумо дод, биситонед ва аз ҳар чӣ шуморо манъ кард, иҷтиноб кунед***" [59:7],

يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءتْكُم مَّوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّكُمْ وَشِفَاء لِّمَا فِي الصُّدُورِ

"***Эй мардум, барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон мавъизае омад ва шифое барои он беморие, ки дар дил доред***" [10:57],

فَلْيَحْذَرِ الَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِ أَن تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ

"***Онон, ки аз фармони ӯ сарпечӣ мекунанд, бояд битарсанд, ки мабод ба онҳо фитнае ё азоби дардовар бирасад!***" [24:63],

وَأَنِ احْكُم بَيْنَهُم بِمَا أَنزَلَ اللّهُ

"***Миёнашон бар вафқи он чӣ Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм кун***" [5:49].

Ислом тавассути иршод, ки мусулмонро ба татбиқи ин сиёсат бо такони тақвои Аллоҳ водор месозад ва тавассути қонунгузорие, ки давлат онро бар мардум татбиқ мекунад, муқайядшавии мусулмонон ва мардумро бо ин аҳком кафолатнок гардонд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اتَّقُواْ اللّهَ وَذَرُواْ مَا بَقِيَ مِنَ الرِّبَا إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ битарсед ва агар имон овардаед, аз рибо ҳар чӣ боқӣ мондааст, раҳо кунед***" [2:278],

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِذَا تَدَايَنتُم بِدَيْنٍ إِلَى أَجَلٍ مُّسَمًّى فَاكْتُبُوهُ وَلْيَكْتُب بَّيْنَكُمْ كَاتِبٌ بِالْعَدْلِ وَلاَ يَأْبَ كَاتِبٌ أَنْ يَكْتُبَ كَمَا عَلَّمَهُ اللّهُ فَلْيَكْتُبْ وَلْيُمْلِلِ الَّذِي عَلَيْهِ الْحَقُّ وَلْيَتَّقِ اللّهَ رَبَّهُ وَلاَ يَبْخَسْ مِنْهُ شَيْئًا فَإن كَانَ الَّذِي عَلَيْهِ الْحَقُّ سَفِيهًا أَوْ ضَعِيفًا أَوْ لاَ يَسْتَطِيعُ أَن يُمِلَّ هُوَ فَلْيُمْلِلْ وَلِيُّهُ بِالْعَدْلِ وَاسْتَشْهِدُواْ شَهِيدَيْنِ من رِّجَالِكُمْ فَإِن لَّمْ يَكُونَا رَجُلَيْنِ فَرَجُلٌ وَامْرَأَتَانِ مِمَّن تَرْضَوْنَ مِنَ الشُّهَدَاء أَن تَضِلَّ إْحْدَاهُمَا فَتُذَكِّرَ إِحْدَاهُمَا الأُخْرَى وَلاَ يَأْبَ الشُّهَدَاء إِذَا مَا دُعُواْ وَلاَ تَسْأَمُوْاْ أَن تَكْتُبُوْهُ صَغِيرًا أَو كَبِيرًا إِلَى أَجَلِهِ ذَلِكُمْ أَقْسَطُ عِندَ اللّهِ وَأَقْومُ لِلشَّهَادَةِ وَأَدْنَى أَلاَّ تَرْتَابُواْ إِلاَّ أَن تَكُونَ تِجَارَةً حَاضِرَةً تُدِيرُونَهَا بَيْنَكُمْ فَلَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَلاَّ تَكْتُبُوهَا

"***Эй касоне, ки имон овардаед, чун воме то муддате муайян ба якдигар диҳед, онро бинависед. Ва бояд дар байни шумо котибе бошад, ки онро ба дурустӣ бинависад. Ва котиб набояд, ки дар навиштан аз он чӣ Аллоҳ ба ӯ омӯхтааст, сарпечӣ кунад. Ва қарздор бояд, ки бар котиб имло кунад ва аз Аллоҳ – Парвардигори худ битарсад ва аз он ҳеҷ накоҳад. Агар қарздор сафеҳ ё сағир бувад ё худ имло кардан наметавонист, валии ӯ аз рӯи адолат имло кунад. Ва ду шоҳиди мард ба шаҳодат гиред. Агар ду мард набувад, як марду ду зан, ки ба онҳо ризоят диҳед, шаҳодат бидиҳанд, то агар яке фаромӯш кард, дигаре ба ёдаш биёварад. Ва шоҳидон чун ба шаҳодат даъват шаванд, набояд ки аз шаҳодат худдорӣ кунанд. Ва аз навиштани муддати қарзи худ чи кӯчак ва чи бузург малӯл машавед. Ин равиш дар назди Аллоҳ одилонатар аст ва шаҳодатро устувордорандатар ва шакку тардидро зоилкунандатар. Ва ҳар гоҳ муомилаи нақдӣ бошад, агар барои он санаде нанависед, муртакиби гуноҳе нашудаед***" [2:282].

Пас, Ислом кайфияти муқайядшавӣ бо ин аҳком ва кайфияти иҷрои ин аҳкомро баён кардааст.

Пас, аён мегардад, ки сиёсати иқтисод дар Ислом бар асоси қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳар як фард бо эътибори инсоне, ки дар ҷомеаи муайян умр ба сар мебарад ва бар касби сарват барои таъмини он чӣ, ки эҳтиёҷотро қонеъ мегардонад, бунёд мегардад. Ин фикрат бар асоси ягона бунёд мегардад, ки он бароҳмонии корҳо бо аҳкоми шаръӣ мебошад. Фикрати мазкур аз ҷониби ҳар як фард бо такони тақвои Аллоҳ ва аз ҷониби давлат бо татбиқ тавассути иршоду қонунгузорӣ дар амал иҷро мешавад.

**Қоидаҳои умумии иқтисодӣ**

Аз баррасии аҳкоми шаръӣ оид ба иқтисод аён мегардад, ки Ислом мавзӯи фароҳам овардани имкони истифодаи сарватро ба мардум муолиҷа намудааст. Айнан ҳамин чиз дар назари Ислом муаммои иқтисодии ҷомеа мебошад. Ислом, вақте ки дар бораи иқтисод баҳс мекунад, дар бораи соҳибшавӣ ба сарват, тасарруфи ин сарват аз тарафи мардум ва тақсимоти ин сарват дар байни мардум баҳс мекунад. Бинобар ин, аҳком оид ба иқтисод ба се қоида бунёд мегардад: моликият, тасарруфи моликият ва тақсимоти сарват дар байни мардум.

Моликият аз ҷиҳати моликият будан аз они Аллоҳ аст, зеро Ӯ молики тамоми мулк мебошад ва насс омадааст, ки мол аз они Ӯст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَآتُوهُم مِّن مَّالِ اللَّهِ الَّذِي آتَاكُمْ

"***Ва аз он моле, ки Аллоҳ ба шумо арзонӣ доштааст, ба онон бидиҳед***" [24:33].

Пас, мол танҳо аз они Аллоҳ аст. Вале Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло банӣ-инсонро дар хусуси мол ҷонишини худ гардонд, инчунин мол ва ҳуқуқи моликиятро дод. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَنفِقُوا مِمَّا جَعَلَكُم مُّسْتَخْلَفِينَ فِيهِ

"***Ва аз он моле, ки шуморо дар он халифа (ҷонишин) гардондааст, инфоқ кунед***" [57:7],

**وَيُمْدِدْكُمْ بِأَمْوَالٍ وَبَنِينَ**

"***Ва шуморо ба амволу фарзандон мадад кунад***" [71:12].

Ин ҷо мебинем, ки Аллоҳ ҳангоми баён кардани асли моликият молро ба худ нисбат медиҳад ва мегӯяд: (**مَّالِ اللهِ**) – "***моли Аллоҳ***". Инчунин ҳангоми баён кардани интиқоли моликият ба мардум моликиятро ба худи мардум нисбат медиҳад ва мегӯяд:

**فَادْفَعُواْ إِلَيْهِمْ أَمْوَالَهُمْ**

"***Амволашонро ба худашон вогузоред***" [4:6],

**خُذْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ**

"***Аз дороиҳояшон садақа биситон***" [9:103],

**فَلَكُمْ رُؤُوسُ أَمْوَالِكُمْ**

"***Асли сармоя аз они шумост***" [2:279],

**وَأَمْوَالٌ اقْتَرَفْتُمُوهَا**

"***Амволе, ки андӯхтаед***" [9:24],

**وَمَا يُغْنِي عَنْهُ مَالُهُ**

"***Дороияш ба ҳолаш суд набахшад***" [92:11].

Илова бар ин, ҳуқуқи моликият, ки дар ҷонишингардонӣ омадааст, барои тамоми банӣ-инсон умумӣ омадааст. Банӣ-инсон бо ин ҷонишингардонӣ на моликияти ҳақиқӣ, балки ҳуқуқи моликиятро ба даст меоранд. Бинобар ин, банӣ-инсон дар ҳуқуқи соҳибшавӣ ҷонишинанд. Аммо моликияти ҳақиқии фарди муайян чунин аст, ки Ислом шарт кард, ки барои соҳибшавии фард ба он бояд аз тарафи Аллоҳ изн бошад. Бинобар ин, танҳо фарде, ки Шореъ ба

соҳибшавӣ ба ин мол изн додааст, соҳиби мол шуда метавонад. Ин изн далолати хоса ба соҳибшавии ин фард ба мол маҳсуб меёбад. Пас, ҷонишинии тамоми мардум дар моликият бо ҷонишинии умумӣ омадааст ва мавҷудияти ҳуқуқи моликиятро ифода мекунад. Вале ҷонишинии фарди муайян дар моликияти ҳақиқӣ бо изни хоси Шореъ ба фард дар бораи соҳибшавӣ омадааст.

Тавре ки шариат баён мекунад, ин ҷо моликияти хусусӣ мавҷуд аст, ки ҳар як фард ҳақ дорад, ки бо воситаи яке аз сабабҳои соҳибшавӣ соҳиби мол гардад. Абӯдовуд аз Самура ривоят кардааст, ки Набӣ (с) гуфтаанд:

"مَنْ أَحَاطَ حَائِطًا عَلَى أَرْضٍ فَهِيَ لَهُ"

"***Ҳар кас заминеро бо девор печонад, ин замин аз они ӯст***".

Ин ҷо моликияти умумӣ ҳаст, ки аз они тамоми уммат аст. Аҳмад аз яке аз муҳоҷирин ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلْـمُسْلِمُونَ شُرَكَاءُ فِي ثَلاَثٍ: فِي الْـمَـاءِ وَالْكَلأِ وَالنَّارِ"

"***Мусулмонон дар се чиз: об, чарогоҳ ва оташ шариканд***".

Ин ҷо моликияти давлат мавҷуд аст. Агар мусулмоне вафот кунад ва меросхӯр надошта бошад, моли ӯ аз они байтулмол аст. Хироҷ, ҷизя ва ғайра, ки ҷамъоварӣ мешавад, аз они байтулмол аст. Давлат молеро, ки ба он соҳиб шудааст, мувофиқи аҳкоми шаръӣ ба ҷиҳати дилхоҳи худ сарф менамояд. Шариат сабабҳоеро, ки фард бо воситаи онҳо соҳиби мол шуда метавонад, ҳолатҳоеро, ки уммат бо воситаи онҳо соҳиби мол шуда метавонад ва сабабҳоеро, ки давлат бо воситаи онҳо соҳиби мол шуда метавонад, баён намуд ва ҷуз инро манъ кард.

Аммо тасарруфи моликият чунин аст, ки тасарруфи моликияти умумӣ ба давлат супорида шуд, зеро давлат ноиби уммат мебошад. Лекин шариат давлатро аз тасарруфи моликияти умумӣ бо мубодила ё тӯҳфакунӣ боздошт ва дар ҳолатҳои ҷуз ин ба

тасарруфи моликияти умумӣ мувофиқи аҳкоми шаръӣ, ки шариат онро баён кардааст, иҷозат дод. Аммо тасарруфи моликияти давлат ва моликияти фард чунин аст, ки тасарруфи мазкур дар аҳкоми байтулмол ва аҳкоми муомилот, аз қабили байъ ё раҳн ва ғайра, равшан мебошад. Шореъ ба давлат ва фард ба тасарруфи моликияти худ бо мубодила, тӯҳфакунӣ ва ғайра мувофиқи аҳкоме, ки шариат онро баён кардааст, иҷозат дод. Аммо тақсимоти сарват дар байни мардум тавассути сабабҳои соҳибшавӣ ва ақдҳо ба равиши табиӣ амалӣ мегардад. Вале тафовути мардум дар қувва ва эҳтиёҷ ба қонеъгардонӣ боиси тафовути тақсимоти сарват дар байни мардум мегардад. Ин эҳтимоли тақсимоти нодурустро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷаи тақсимоти нодуруст мол дар дасти як гурӯҳ ҷамъ шуда, аз гурӯҳи дигар дур мегардад ва канзи воситаҳои собити табодул: тилло ва нуқра, ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, шариат аз гардиши сарват танҳо дар байни сарватмандон манъ кард ва воҷиб гардонд, ки сарват дар байни тамоми мардум гардиш хӯрад. Инчунин шариат аз канзи тилло ва нуқра, ҳарчанд закоташон дода шавад, манъ намуд.

# НАВЪҲОИ МОЛИКИЯТ

## Моликияти хусусӣ

Саъю талош барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ аз фитрати инсон мебошад. Бинобар ин, соҳибшавӣ ба мол барои қонеъгардонии ин эҳтиёҷот ва саъю талош дар роҳи ин соҳибшавӣ низ аз фитрати инсон мебошад. Қонеъгардонии эҳтиёҷоти инсон кори ҳатмист, ки аз ин кор бозистодану даст кашидан мумкин нест. Аз ин рӯ, соҳибшавии инсон ба сарват кори фитрӣ, ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад. Бинобар ин, ҳар гуна кӯшиш ба манъи инсон аз соҳибшавӣ ба сарват мухолифи фитрат аст. Инчунин ҳар гуна кӯшиш ба маҳдудкунии соҳибшавии инсон ба миқдори муайян кори мухолифи фитрат аст. Аз ин рӯ, табиист, ки инсон набояд аз соҳибшавӣ ба сарват ва саъю талош дар роҳи ин соҳибшавӣ боздошта шавад. Вале ҷоиз нест, ки инсон дар ин соҳибшавӣ озод вогузошта шавад, то ба сарват ба таври дилхоҳ ноил гардад, дар роҳи соҳибшавӣ ба таври дилхоҳ саъю талош варзад ва сарватро ба таври дилхоҳ тасарруф намояд. Ин бесарусомонӣ ва беқарориро ба вуҷуд оварда, боиси шарру фасод мегардад. Зеро мардум дар қувва ва эҳтиёҷ ба қонеъгардонӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Агар онҳо ба ҳоли худ вогузошта шаванд, тавонгарон соҳиби сарват ва заифон аз сарват маҳрум мегарданд. Дар натиҷа беморону оҷизон ба ҳалокат маҳкум гашта, исрофкорон ба шаҳвату шикампарастӣ саргарм мешаванд. Бинобар ин, ба мардум дар соҳибшавӣ ба сарват ва саъю талош дар ин роҳ бояд дар асоси танзиме имкон дод, ки қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии ҳамаи мардум ва дастрасии қонеъгардонии

эҳтиёҷоти ғайриасосӣ кафолатнок гардад. Аз ин сабаб, ин соҳибшавӣ бояд бо кайфияти муайян маҳдуд карда шавад, ки ин кайфият аз ҷиҳати дастрасӣ барои тамоми мардум қатъи назар аз фарқ дар қувва ва эҳтиёҷ содда бошад, инчунин аз ҷиҳати қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ ва дастрас кардани қонеъгардонии эҳтиёҷоти ғайриасосӣ ба фитрат мувофиқ ояд. Аз ин рӯ, бояд моликиятро бо кайфияте маҳдуд кард ва бар зидди манъи моликият мубориза бурд, зеро ин кор ба фитрат зид аст. Инчунин бояд бар зидди маҳдудкунии моликият бо миқдор мубориза бурд, зеро ин кор саъю талоши инсонро дар роҳи соҳибшавӣ ба сарват маҳдуд месозад ва ба фитрат зид аст. Инчунин бояд бар зидди озодии соҳибшавӣ мубориза бурд, зеро ин кор дар алоқаҳои мардум бесарусомониро ба вуҷуд оварда, боиси шарру фасод мегардад. Ислом моликияти хусусиро мубоҳ гардонда, на бо миқдор, балки бо кайфият маҳдуд сохт. Ислом бо ин кор ба фитрат мувофиқ омада, алоқаҳои мардумро ба танзим даровард ва ба инсон барои қонеъгардонии тамоми эҳтиёҷоташ имкон дод.

## Таърифи моликияти хусусӣ

Моликияти хусусӣ ҳукми шаръист, ки ба айн ё манфиат нигаронда шудааст ва ба касе, ки ба ягон чиз ноил гаштааст, имкон медиҳад, ки аз ҳамон чиз истифода барад ё ба ҷойи он иваз гирад. Масалан, моликияти инсон ба нон ва ҳавлӣ. Соҳиби нон метавонад ин нонро бихӯрад ё бифурӯшад ва пулашро гирад. Инчунин соҳиби ҳавлӣ метавонад дар ин ҳавлӣ истиқомат кунад ё бифурӯшад ва пулашро гирад. Пас, ҳам нон ва ҳам ҳавлӣ айн (ашёи мавҷуда) мебошад. Ҳукми шаръӣ дар бораи нону ҳавлӣ изни Шореъ ба инсон дар бораи истифодаи ҳар ду бо воситаи истеъмол, баҳрабарӣ ва мубодила мебошад. Ин изни истифодабарӣ имкон медиҳад, ки соҳибмулк, яъне касе, ки ба ӯ изн дода шудааст, аз нон бихӯрад ва дар ҳавлӣ истиқомат кунад, инчунин имкон медиҳад, ки ҳар дуро бифурӯшад. Пас, ҳукми шаръӣ нисбат ба нон бо айн муқаррар шудааст, ки ба истеъмоли ин нон изн медиҳад, аммо

нисбат ба ҳавлӣ бо манфиат муқаррар шудааст, ки ба истиқомат дар он изн медиҳад. Бинобар ин, моликият изни Шореъ ба истифодаи айн мебошад. Аз ин рӯ, моликият танҳо бо исбот ва тақрири Шореъ ба сабабҳои моликият собит мегардад. Изн ва ҳаққи моликияти айн на аз худи айн ва табиати айн, яъне нафъовар ё ғайринафъовар будани айн, балки аз изни Шореъ сарчашма мегирад. Боз сарчашмаи дигар ин аст, ки Шореъ сабаберо, ки соҳибшавиро ба айн рухсат медиҳад, пайдокунандаи мусаббаб гардонд, ки он соҳибшавии шаръӣ ба ин мол мебошад. Бинобар ин, Шореъ ба соҳибшавии баъзе айнҳо изн дод ва аз соҳибшавии баъзеи дигар манъ кард, ба баъзе ақдҳо изн дод ва баъзеи дигарро манъ кард. Масалан, барои мусулмон соҳибшавии хамр ва гӯшти хукро манъ кард, инчунин барои ҳар як шаҳрванди Давлати Ислом соҳибшавии моли рибо ва моли қиморро манъ кард. Масалан, байъро изн дод ва ҳалол гардонд, аммо рибоhelp манъ кард ва ҳаром гардонд. Масалан, ба ширкати инон изн дод, аммо ҷамъиятҳои таовунӣ, ширкатҳои саҳҳомӣ ва ширкатҳои бимаро манъ кард.

Соҳибшавии машрӯъ шартҳо дорад. Инчунин тасарруфи мулк қайдҳо дорад, то ки моликият аз манфиати ҷамоат ва манфиати фард бо эътибори як ҷузъи ҷамоат, на бо эътибори фарди ҷудогона ва бо эътибори инсон дар ҷомеаи муайян берун нашавад. Истифодабарӣ аз айне, ки дар ихтиёри кас мебошад, бо ҳуҷҷат аз тарафи Шореъ ҳосил мешавад, яъне аслан моликият аз они Шореъ мебошад ва Шореъ онро бо тартибе аз тарафи худ бо сабаби шаръӣ ба фард ато мекунад. Пас, ин ба моликияти фарди ҷамоат табдил додани ашёи хос аз тарафи Шореъ мебошад. Агар ба моликияти фард табдил додан намебуд, фард молики ин ашё шуда наметавонист.

Моликшавӣ ба айн моликшавӣ ба зоти айн ва моликшавӣ ба манфиати айн мебошад, натанҳо моликшавӣ ба манфиат. Мақсади ҳақиқӣ аз моликшавӣ истифодабарии айн ба тарзи муайянест, ки Шореъ онро баён кардааст.

Дар партави ин таърифи моликияти хусусӣ метавон фаҳмид, ки ин ҷо сабабҳои машрӯи моликшавӣ вуҷуд дорад ва метавон фаҳмид, ки ин ҷо аҳволи муайяни тасарруфи ин моликият вуҷуд дорад ва метавон фаҳмид, ки ин ҷо кайфияти муайяни истифодабарии он чӣ, ки кас молики он мешавад, вуҷуд дорад ва метавон фаҳмид, ки ҳодисаҳое вуҷуд доранд, ки таҷовуз ба ҳаққи моликияти хусусӣ эътибор карда мешавад. Ҳамин тавр, аз ин таъриф маънои ҳақиқии соҳибшавиро, ки Шореъ ба он рухсат додааст ва маънои саъю талошро дар роҳи ин соҳибшавӣ ва истифодабарии он чӣ, ки кас соҳиби он шудааст, метавон фаҳмид. Бо иборaи дигар, ин таъриф ба маънои ҳақиқии моликият далолат мекунад.

**Маънои моликият**

Ҳуқуқи моликияти хусусӣ ҳуқуқи шаръии фард аст, ки ӯ молики амволи манқула ва ғайриманқула шуда метавонад. Ин ҳуқуқ бо ташреъ ва иршод ҳифз ва маҳдуд карда мешавад. Ҳуқуқи моликият манфиатест, ки арзиши молӣ дорад ва он бо шариат муқаррар мегардад. Илова бар ин, маънои моликияти хусусӣ ин аст, ки фард дар тасарруфи моле, ки молики он аст, соҳибихтиёр (султон) аст. Инчунин фард бар корҳои ихтиёрии худ соҳибихтиёр мебошад. Бинобар ин, маҳдудсозии ҳуқуқи моликият дар ҳудуди амру наҳйҳои Аллоҳ кори кушоду равшан аст.

Маҳдудсозии моликият дар сабабҳои машрӯи моликшавӣ, ки ҳуқуқи моликият бо он муқаррар карда мешавад, дар ҳолатҳое, ки уқубот воҷиб мегардад ва ҳолатҳое, ки уқубот воҷиб намегардад, монанди таърифи дуздӣ ва ҳолатҳои дуздӣ номида шудани он, таърифи ғорат (роҳзанӣ), таърифи ғасб ва ҳоказо, ба назар мерасад. Ин маҳдудсозӣ дар ҳуқуқи тасарруфи моликият, ҳолатҳое, ки ба ин тасарруф рухсат дода мешавад ва ҳолатҳое, ки аз ин тасарруф манъ карда мешавад, инчунин дар таърифи ин ҳолатҳо ва баёни ҳодисаҳо ба назар мерасад. Ислом, вақте ки моликиятро маҳдуд сохт, на бо миқдор, балки бо кайфият маҳдуд

сохт. Ин маҳдудсозӣ бо кайфият дар корҳои зерин кушоду равшан ба назар мерасад:

***1) моликият на дар миқдори моле, ки кас молики он мешавад, балки аз ҷиҳати сабабҳои моликшавӣ ва афзоишдиҳии мулк, маҳдуд карда мешавад;***

***2) кайфияти тасарруф маҳдуд карда мешавад;***

***3) ҳуқуқи моликияти замини хироҷӣ на ба афрод, балки ба давлат дода мешавад;***

***4) моликияти хусусӣ дар ҳолатҳои муайян маҷбуран ба моликияти умумӣ табдил дода мешавад;***

***5) ба касоне, ки ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ қодир нестанд, ба миқдоре ки эҳтиёҷоташонро қонеъ мегардонад, нафақа таъйин мешавад.***

Аз ин аён мегардад, ки маънои моликияти хусусӣ ба вуҷуд овардани ҳукмронии фард бар он чӣ, ки ӯ молики он аст ва бар кайфияти муайяни маҳдуд мебошад, ки моликиятро ба ҳуқуқи шаръии ин фард табдил медиҳад. Ташреъ ҳифзи ҳуқуқи моликияти фардро ба давлат воҷиб гардонд ва эҳтирому ҳифзи ин ҳуқуқ ва манъи таҷовузро ба ин ҳуқуқ кори ҳатмӣ гардонд. Бинобар ин, барои ҳар кас, ки ин ҳуқуқро бо дуздӣ, бо ғорат ё бо ягон роҳи ғайримашрӯъ поймол мекунад, уқуботи манъкунандаро муқаррар намуд. Ҳамин тавр, ташреъ ба ин ҳуқуқ уқуботи манъкунанда ва роҳнамоии тарбиявиро муқаррар намуд, то ки нафсро аз нигаронии он чӣ, ки дар он ҳуқуқи моликият надорад ва он чӣ, ки ба мулки дигарон дохил мешавад, боздорад. Пас, моли ҳалол молест, ки ба он маънои моликият мувофиқ меояд ва моли ҳаром мулк ба ҳисоб намеравад ва ба он маънои моликият мувофиқ намеояд.

# *САБАБҲОИ МОЛИКШАВӢ БА МОЛ*

Ҳар чӣ, ки бо он сарватманд мешаванд, қатъи назар аз айнаш мол ба ҳисоб меравад. Мурод аз сабаби моликшавӣ ба мол сабабест, ки молики мол шудани шахсро, ки қаблан молики он набуд, ба вуҷуд меорад. Аммо тамоми навъҳои мубодила на аз сабабҳои моликшавӣ ба мол, балки аз сабабҳои моликшавӣ ба айнҳо маҳсуб меёбад. Зеро мубодила моликшавӣ ба айни муайяне аз мол бо воситаи айни дигаре аз мол мебошад. Пас, мол аслан дар ихтиёри кас буд ва танҳо табодули айнҳои ин мол рух дод. Афзоишдиҳии мол, монанди фоидаи тиҷорат, уҷри ҳавлӣ ё ҳосили кишт ва ғайра, аз сабабҳои моликшавӣ ба мол маҳсуб намеёбад. Дар ин ҳолат баъзе молҳои нав ба вуҷуд меояд, вале аз моли дигар ба вуҷуд меояд. Пас, ин на аз сабабҳои моликшавӣ ба мол, балки аз сабабҳои афзоишдиҳии мол ба ҳисоб меравад. Мавзӯъ моликшавӣ ба мол аз оғоз аст. Бо ибораи дигар, мавзӯъ ҳусули мол аз ибтидо мебошад. Фарқ дар байни сабабҳои моликшавӣ ва сабабҳои афзоишдиҳии моликшавӣ чунин аст, ки моликшавӣ ҳусули мол аз ибтидо, яъне ҳусули асли мол мебошад ва афзоишдиҳии моликшавӣ зиёд кардани молест, ки фард аллакай молики он мебошад. Пас, мол вуҷуд дошт, танҳо афзоиш ёфт ва зиёд шуд. Шариат аҳкомеро овард, ки ба моликшавӣ ва афзоишдиҳии моликшавӣ тааллуқ дорад. Ақдҳо, монанди байъ ва иҷора, аз аҳкомест, ки ба афзоишдиҳии мол тааллуқ дорад. Кору меҳнат, монанди шикор ва музораба, аз аҳкомест, ки ба моликшавӣ тааллуқ дорад. Пас, сабабҳои моликшавӣ сабабҳои соҳибшавӣ ба

асл мебошад ва сабабҳои афзоишдиҳии моликшавӣ сабабҳои зиёдкунии асли молест, ки фард дар гузашта бо яке аз сабабҳои моликшавӣ соҳиби он шудааст.

Моликшавӣ ба мол сабабҳои шаръӣ дорад, ки Шореъ онро бо сабабҳои муайян маҳдуд сохтааст ва аз ин ҳад гузаштан ҷоиз нест. Пас, сабаби моликшавӣ ба мол бо он чӣ, ки шариат баён кардааст, маҳдуд мебошад. Таърифи моликшавӣ, ки пештар зикр гардид: "Моликшавӣ ҳукми шаръист, ки бо айн ё манфиат муқаррар шудааст", тақозо мекунад, ки изне аз тарафи Шореъ мавҷуд бошад, то моликшавӣ ба вуҷуд ояд. Пас, бояд сабабҳое мавҷуд бошад, ки Шореъ ба он изн додааст, то моликшавӣ ба вуҷуд ояд. Агар сабаби шаръӣ мавҷуд бошад, моликшавӣ ба мол низ мавҷуд аст. Агар сабаби шаръӣ мавҷуд набошад, гарчи фард феълан соҳиби мол мегардад, моликшавӣ ба мол вуҷуд надорад. Зеро моликшавӣ соҳибшавӣ ба мол бо сабаби шаръист, ки Шореъ ба он изн додааст. Шариат сабабҳои моликшавиро бо ҳолатҳои муайян маҳдуд сохта, онро дар адади муайян баён намуд ва озод вонагузошт. Барои ин сабабҳо хатҳои паҳновари равшанро муқаррар сохт, ки ҷузъиёти сершумор ба таҳти он шомил мегардад. Ин ҷузъиёт фуруоти ин хатҳо ва масъалаҳои аҳкоми он ба ҳисоб меравад. Шариат сабабҳои моликшавиро бо иллатҳои куллии муайян иллатнок нагардонд. Бинобар ин, куллиёти дигар ба ин сабабҳо қиёс карда намешавад. Зеро эҳтиёҷоти навшаванда на дар муомилот, балки дар амволи навпайдошуда ба вуҷуд меояд, яъне на дар низоми алоқа, балки дар мавзӯи алоқа ба вуҷуд меояд. Пас, бояд муомилотро бо ҳолатҳои муайян маҳдуд сохт, ки ба эҳтиёҷоти навшаванда ва зиёдшаванда, ба мол бо эътибори мол ва ба меҳнат бо эътибори меҳнат мувофиқ ояд. Ҳамон вақт моликияти хусусӣ (моликшавии фардӣ) тавре маҳдуд мешавад, ки ба фитрат мувофиқ аст ва ин моликият (моликшавӣ) тавре ба танзим медарояд, ки ҷомеаро аз хатарҳое, ки аз озод вогузоштани он ба миён меояд, нигаҳ медорад. Чунон ки издивоҷ яке аз зуҳуроти ғаризаи навъ ва парастиш яке аз зуҳуроти ғаризаи тадайюн

мебошад, моликияти хусусӣ низ яке аз зуҳуроти ғаризаи бақо аст. Агар ин зуҳурот дар қонеъгардонии он чӣ, ки қонеъгардониро талаб мекунад, озод вогузошта шавад, бесарусомонӣ ва изтироб ба вуҷуд омада, боиси қонеъгардонии ғайритабиӣ ё қонеъгардонии нодуруст мегардад. Бинобар ин, кайфияте, ки инсон бо он молро ҳосил мекунад, бояд маҳдуд карда шавад, то ки афроди камшумор дар уммат аз тариқи мол ҳукмрон гашта, аксариятро аз қонеъгардонии баъзе эҳтиёҷоташон маҳрум насозанд, барои мол танҳо бо эътибори мол саъю талош варзида, инсон таъми ҳаёти гувороро гум накунад, мол аз мардум манъ шуда, дар хазина ва анборҳо нигаҳ дошта нашавад. Бинобар ин, сабабҳои моликшавӣ бояд маҳдуд карда шавад.

Аз таҳқиқи аҳкоми шаръие, ки ба мол молик шудани шахсро тақозо мекунад, аён мегардад, ки сабабҳои моликшавӣ дар панҷ сабаб маҳдуд аст:

***1) кору меҳнат;***

***2) мерос;***

***3) эҳтиёҷ ба мол барои зиндагӣ;***

***4) бахшиши давлат аз амволи худ ба раият;***

***5) амволе, ки афрод бе муқобили мол ё меҳнат мегиранд.***

**Кору меҳнат**

Аз назари дақиқ ба ҳар гуна айни мол: хоҳ табиӣ мавҷуд бошад, монанди занбурӯғ ва хоҳ бо кори инсон ба вуҷуд омада бошад, монанди нон ва мошин, аён мегардад, ки ҳусули ин чизҳо ба кору меҳнат мӯҳтоҷ аст.

Далолати калимаи (عَمَلٌ) васеъ аст. Азбаски кор гуногуннавъ, гуногуншакл ва гуногуннатиҷа мебошад, Шореъ калимаи (عَمَلٌ)-ро дар шакли мутлақ наовард ва ба кор дар шакли умумӣ ишора накард, балки ба корҳои муайяну маҳдуд ишора намуд. Дар ин ишоракунӣ кор ва навъҳои онро, ки ба яке аз сабабҳои моликшавӣ будан шоиста аст, баён кард. Аз таҳқиқи аҳкоми шаръӣ, ки ба корҳо ишора мекунад, аён мегардад, ки навъҳои машрӯи кор, ки сабаби моликшавӣ ба мол мегардад, корҳои зерин мебошад:

1) ***эҳёи замини нокорам;***
2) ***истихроҷи он чӣ, ки дар зери замин аст ё он чӣ, ки дар ҳаво;***
3) ***шикор;***
4) ***миёнаравӣ ва даллолӣ;***
5) ***музораба;***
6) ***мусоқот;***
7) ***кор бар ивази музд барои дигарон.***

**Эҳёи замини нокорам**

Замини нокорам заминест, ки соҳиб надорад ва ҳеҷ кас аз он истифода намебарад. Эҳёи ин замин бо киштукор, ё бо ниҳолшинонӣ, ё бо сохтумон амалӣ мегардад. Бо ибораи дигар, истифодакунии ин замин бо ягон навъи истеъмолест, ки маънои эҳёро дорад. Эҳёи замин аз тарафи шахсе ин заминро ба мулки ин шахс табдил медиҳад. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"مَنْ أَحْيَا أَرْضًا مِيتَةً فَهِيَ لَهُ"

"***Ҳар кӣ ягон замини нокорамро эҳё гардонад, ин замин аз они ӯст***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Умар ривоят кардааст. Расул (с) гуфтаанд:

"مَنْ أَحَاطَ حَائِطًا عَلَى أَرْضٍ فَهِيَ لَهُ"

"***Ҳар кӣ ягон заминро бо девор печонад, ин замин аз они ӯст***".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Расул (с) гуфтаанд:

"مَنْ سَبَقَ إِلَى مَا لَمْ يَسْبِقْهُ إِلَيْهِ مُسْلِمٌ فَهُوَ لَهُ"

"***Ҳар кӣ ба маконе равад, ки пеш аз ӯ ягон мусулмон нарафтааст, ин макон аз они ӯст***".

Ин ҳадисро Табаронӣ дар "Кабир" ривоят кардааст. Дар ин бора дар байни мусулмон ва зиммӣ фарқ вуҷуд надорад, зеро ҳадисҳо мутлақ омадаанд. Зиммӣ ба он чӣ, ки аз зери водиҳо, ҷангалзорҳо ва қуллаи кӯҳҳо мегирад, молик мегардад. Маҳрум кардани зиммӣ аз ин чизҳо ҷоиз нест. Бинобар ин, замини нокорам мулки зиммӣ шуда метавонад. Ин дар тамоми заминҳо: хоҳ дорулислом бошад, хоҳ дорулҳарб, хоҳ замини ушрӣ бошад, хоҳ замини хироҷӣ, умумӣ аст. Вале шарти моликшавӣ ин аст, ки замин бояд дар муддати се сол аз вақти соҳибшавӣ истифода шавад ва ин эҳёро бо истифодабарии замин давом диҳад. Агар замин дар муддати се сол аз вақти соҳибшавӣ истифода нашавад ё баъд аз ин ба муддати се

соли паёпай истифода нашавад, ҳаққи моликияти ин замин аз даст меравад. Абўюсуф дар китоби "Хироҷ" аз Саид ибни Мусайяб ривоят кардааст, ки Умар ибни Хаттоб гуфтааст: "Касе, ки заминро истифода намебарад, баъд аз се сол ба замин ҳақ надорад". Дар "Сунани Байҳақӣ" аз Амр ибни Шуайб ворид шудааст, ки Умар беҳаракатиро се сол таъйин кард ва агар замин вогузошта шуда, се сол гузарад, сипас аз тарафи каси дигар эҳё гардонда шавад, ин кас ба замин ҳақдор аст. Умар ин суханро дар назди саҳобагон гуфт ва ба ин сухан амал кард. Саҳобагон ўро инкор накарданд, пас, ин иҷмоъ гардид.

### Истихроҷи он чӣ, ки дар зери замин аст

Яке аз навъҳои кор истихроҷи он чизест, ки дар зери замин мебошад ва аз заруратҳои ҷамоат ба ҳисоб намеравад. Ин рикоз аст. Бо ибораи дигар, аз рўи таъбири фиқҳӣ рикоз чизест, ки ҳаққи оммаи мусулмонон нест. Касе, ки онро истихроҷ мекунад, молики 4/5 ҳиссаи он гашта, аз он хумсро мебарорад. Аммо он чӣ, ки аз заруратҳои ҷамоат, яъне ҳаққи оммаи мусулмонон мебошад, ба моликияти умумӣ дохил мешавад. Хуллас, он чӣ, ки бо феъли инсон дар замин гўр карда шудааст ё миқдораш чунон маҳдуд аст, ки ҷамоат ба он эҳтиёҷ надорад, рикоз ба ҳисоб меравад. Он чӣ, ки аслӣ аст ва ҷамоат ба он эҳтиёҷ дорад, на рикоз, балки моликияти умумӣ ба ҳисоб меравад. Аммо он чӣ, ки аслӣ аст ва ҷамоат ба он эҳтиёҷ надорад, монанди конҳои санг, ки аз онҳо барои биноҳо ва ғайра санг истихроҷ карда мешавад, на рикоз аст ва на моликияти умумӣ, балки ба моликияти хусусӣ дохил мешавад. Моликияти рикоз ва баровардани хумс аз рикоз бо ҳадиси шариф собит шудааст. Насоӣ аз Амр ибни Шуайб, Амр аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардааст:

" سُئِلَ رَسُولُ اللهِ ﷺ عَنْ اللُّقَطَةِ فَقَالَ: مَا كَانَ فِي طَرِيقٍ مَأْتِيٍّ، أَوْ فِي قَرْيَةٍ عَامِرَةٍ فَعَرِّفْهَا سَنَةً فَإِنْ جَاءَ صَاحِبُهَا وَإِلاَّ فَلَكَ، وَمَا لَمْ يَكُنْ فِي طَرِيقٍ مَأْتِيٍّ وَلاَ فِي قَرْيَةٍ عَامِرَةٍ فَفِيهِ وَفِي الرِّكَازِ الْـخُمُسُ"

"***Аз Расулуллоҳ (с) дар бораи бозёфт пурсиданд. Расул (с) гуфтанд: "Он чиро, ки дар роҳи мардумгузар ё деҳаи сераҳолӣ бошад, дар тӯли як сол эълон кун. Агар соҳибаш ояд, меояд, вагарна аз они туст. Дар он чӣ, ки дар роҳи мардумгузар ё деҳаи сераҳолӣ нест ва дар рикоз хумс вуҷуд дорад***"".

Истихроҷи он чӣ, ки дар ҳаво аст, монанди истихроҷи оксиген ва азот, инчунин истихроҷи ҳар чӣ, ки шариат мубоҳ гардондааст ва Аллоҳ Таоло офарида, ба истифодаи он рухсат додааст, ба навъи истихроҷи он чӣ, ки дар зери замин аст, дохил мешавад.

**Шикор**

Яке аз навъҳои кор шикор мебошад. Касе, ки моҳӣ, марворид, марҷон, исфанҷ ва ҷонвари шикоршавандаи баҳриро шикор мекунад, молики он мегардад. Инчунин касе, ки парранда, ҳайвон ва ҷонвари шикоршавандаи хушкиро шикор мекунад, молики он мегардад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

أُحِلَّ لَكُمْ صَيْدُ الْبَحْرِ وَطَعَامُهُ مَتَاعًا لَّكُمْ وَلِلسَّيَّارَةِ وَحُرِّمَ عَلَيْكُمْ صَيْدُ الْبَرِّ مَا دُمْتُمْ حُرُمًا

"***Шикори дарёӣ ва хӯрдани он ба ҷиҳати баҳраманд шуданатон аз он бар шумо ва мусофирон ҳалол шудааст. Ва шикори саҳроӣ, то ҳангоме ки дар эҳром ҳастед, бар шумо ҳаром шуда***" [5:96],

وَإِذَا حَلَلْتُمْ فَاصْطَادُواْ

"***Ва чун аз эҳром бадар омадед, сайд кунед***" [5:2],

يَسْأَلُونَكَ مَاذَا أُحِلَّ لَهُمْ قُلْ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَمَا عَلَّمْتُم مِّنَ الْجَوَارِحِ مُكَلِّبِينَ تُعَلِّمُونَهُنَّ مِمَّا عَلَّمَكُمُ اللّهُ فَكُلُواْ مِمَّا أَمْسَكْنَ عَلَيْكُمْ وَاذْكُرُواْ اسْمَ اللّهِ عَلَيْهِ

"***Аз ту мепурсанд, ки чӣ чизҳое бар онҳо ҳалол шудааст. Бигӯ: "Чизҳои покиза бар шумо ҳалол шуда ва низ хӯрдани сайди он ҳайвон, ки ба он сайд кардан омӯхтаед, чун парандагони шикорӣ ва сагони шикорӣ, ҳар гоҳ онҳоро бад-он сон, ки Аллоҳ ба шумо омӯхтааст, таълим дода бошед. Аз он сайд, ки бароятон мегиранд ва нигоҳ медоранд, бихӯред ва номи Аллоҳро бар он бихонед***"" [5:4].

Абӯсаълаба Ҳашанӣ ривоят кардааст:

" أَتَيْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ فَقُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ إِنَّا بِأَرْضِ صَيْدٍ، أَصِيدُ بِقَوْسِى، وَأَصِيدُ بِكَلْبِى الْـمُعَلَّمِ، وَأَصِيدُ بِكَلْبِى الَّذِى لَيْسَ بِمُعَلَّمٍ، فَأَخْبِرْنِى مَاذَا يَصْلُحُ لِى؟ قَالَ: أَمَّا مَا ذَكَرْتَ إِنَّكُمْ بِأَرْضِ صَيْدٍ فَمَـا صِدْتَ بِقَوْسِكَ وَذَكَرْتَ اسْمَ اللهِ عَلَيْهِ فَكُلْ، وَمَا صِدْتَ بِكَلْبِكَ الْـمُعَلَّمِ وَذَكَرْتَ اسْمَ اللهِ عَلَيْهِ فَكُلْ، وَمَا صِدْتَ بِكَلْبِكَ الَّذِى لَيْسَ بِمُعَلَّمٍ فَأَدْرَكْتَ ذَكَاتَهُ فَكُلْ"

"***Ба назди Расулуллоҳ (с) омадам ва гуфтам: Ё Расулаллоҳ, мо дар замини шикорӣ ҳастем. Бо камон шикор мекунам, бо саги омӯхташуда шикор мекунам ва бо саги омӯхтанашуда шикор мекунам. Ба ман гӯед, ки кадомаш дуруст аст. Расул (с) гуфтанд: "Чунон ки зикр кардӣ, шумо дар замини шикорӣ ҳастед. Пас, он чиро, ки бо камон шикор ва номи Аллоҳро зикр кардаӣ, бихӯр. Он чиро, ки бо саги омӯхташуда шикор ва номи Аллоҳро зикр кардаӣ, бихӯр. Он чиро, ки бо саги омӯхтанашуда шикор кардаӣ, агар саривақт шаръан кушта тавонӣ, бихӯр***"".

Ин ҳадисро Насоӣ ва Ибни Моҷа ривоят кардаанд.

### Миёнаравӣ ва даллолӣ

Миёнарав номи касест, ки дар харидуфурӯш бар ивази музд ба каси дигар кор мекунад. Ин таъриф нисбат ба даллол низ дуруст аст, зеро ӯ низ дар харидуфурӯш бар ивази музд ба каси дигар кор мекунад. Миёнаравӣ яке аз навъҳои кор аст, ки бо он шаръан молики мол мегарданд.

Абӯдовуд аз Қайс ибни Абӯғарзаи Кинонӣ ривоят кардааст:

"***Дар давраи Расулуллоҳ (с) миёнаравон номида мешудем. Расулуллоҳ (с) аз назди мо раҳгузар шуданд ва ба мо бо номи аз он беҳтар хитоб карданд:***

"يَا مَعْشَرَ التُّجَّارِ إِنَّ الْبَيْعَ يَحْضُرُهُ اللَّغْوُ وَالْحَلْفُ فَشُوبُوهُ بِالصَّدَقَةِ"

"***Эй ҷамоати тоҷирон, дар байъ беҳудагӯӣ ва қасам содир мешавад. Пас, онро бо садақа кӯр кунед***"".

Маънои ҳадис ин аст, ки тоҷир гоҳо дар васфи молаш ба беҳудагӯӣ роҳ медиҳад ва гоҳо барои фурӯхтани молаш бе фикру андеша қасам мехӯрад, пас барои дафъи паёмади ин кор ба садақа тарғиб карда мешавад. Коре барои харидуфурӯш, ки барои он ба муздурӣ гирифта мешавад, бояд ё бо коло, ё бо модда маълум бошад. Ба муздурӣ гирифтани касе барои харидуфурӯши хонаи фалонӣ ё матои фалонӣ дуруст аст. Инчунин ба муздурӣ гирифтани касе барои харидуфурӯш ба як шабонарӯз дуруст аст. Вале ба муздурӣ гирифтани касе ба кори номаълум фосид аст.

Корҳое, ки баъзе муздурон анҷом медиҳанд, миёнаравӣ нест. Масалан, тоҷире барои харидани коло аз тоҷири дигар касеро сафир мефиристад, тоҷири дигар бар муқобили харидан ба ин сафир мол медиҳад ва ин молро аз арзиши коло ҳисоб намекунад, балки сафир бо эътибори миёнарав аз тоҷир ин молро мегирад. Инро дар онҳо "ҳаққи комиссиюн" меноманд. Ин миёнаравӣ ба ҳисоб намеравад, зеро шахс вакили тоҷирест, ки колоро мехарад, арзоншавии арзиши коло аз они муштарӣ аст, на аз они сафир. Бинобар ин, ин молро гирифтан ҳаром аст, мол аз они касест, ки ӯро сафир фиристодааст. Агар ӯ ин молро бахшад, ба сафир гирифтани он ҷоиз аст. Инчунин агар нафаре ходим ё дӯсташро ба харидани колое фиристад ва фурӯшанда ба ин ходим ё дӯст бар муқобили харид мол, яъне ҳаққи комиссиюн диҳад, ин молро гирифтан ба ин ходим ё дӯст ҷоиз нест. Зеро ин миёнаравӣ ба ҳисоб намеравад, балки дуздидани моли шахсест, ки сафир

фиристодааст. Ин мол аз они касест, ки сафир фиристодааст, на аз они сафире, ки аз номи тоҷир мол мехарад.

**Музораба**

Музораба ин аст, ки ду нафар дар як тиҷорат ширкат мекунанд: яке мол медиҳад ва дигаре кор мекунад. Бо ибораи дигар, тани шахсе ва моли шахси дигар ширкат мекунанд: яке кор мекунад ва дигаре мол медиҳад, сипас ҳар ду ба миқдори муайяни фоида, монанди сеяки фоида ё нисфи фоида, иттифоқ мекунанд. Масалан, яке ҳазор доллар медиҳад ва дигаре бо ин пул кор мекунад, сипас фоидаро дар байни худ тақсим мекунанд. Молро бояд ба коргар супорид ва ӯро дар мол боихтиёр гузошт, зеро музораба тақозо мекунад, ки мол ба музориб супорида шавад. Коргар метавонад ба соҳиби мол сеяки фоида ё нисфи фоида ё миқдореро, ки ҳар ду ба он иттифоқ мекунанд, шарт гузорад. Ҳамин тавр, мукофот маълум мегардад. Зеро музориб бо кори худ ба фоида ҳақдор мегардад ва миқдори кам ё беш, ки ҳар ду иттифоқ мекунанд, ҷоиз аст, монанди музд дар иҷора ва ҷузъе аз мева дар мусоқот. Музораба яке аз навъҳои кор аст, ки шаръан сабаби моликшавӣ мебошад. Пас, музориб ба фоидае, ки аз музораба бо кори худ ба даст медарорад, аз рӯи иттифоқи ҳар ду молик мегардад. Инчунин музораба яке аз навъҳои ширкат ба ҳисоб меравад, зеро он ширкати тан ва мол мебошад. Ширкат аз муомилотест, ки шариат ҷоизии онро баён кардааст. Абӯҳурайра (р) ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" إِنَّ اللهَ يَقُولُ: أَنَا ثَالِثُ الشَّرِيكَيْنِ، مَا لَمْ يَخُنْ أَحَدُهُمَا صَاحِبَهُ، فَإِذَا خَانَهُ خَرَجْتُ مِنْ بَيْنِهِمَا"

"***Аллоҳ Таоло мегӯяд: "Ман сеюмини ду шарик ҳастам, ки яке ба дигаре хиёнат намекунад ва агар хиёнат кунад, аз байни онҳо хориҷ мешавам***"".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Дар ҳадиси дигар, ки Доракутнӣ ривоят кардааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" يَدُ اللهِ عَلَى الشَّرِيكَيْنِ، مَا لَمْ يَخُنْ أَحَدُهُمَا صَاحِبَهُ، فَإِذَا خَانَ أَحَدُهُمَا صَاحِبَهُ رَفَعَهَا عَنْهُمَا"

"***Дасти Аллоҳ дар болои ду шарик аст, ки яке ба дигаре хиёнат намекунад ва агар яке ба дигаре хиёнат кунад, дасти Аллоҳ аз ҳар ду бардошта мешавад***".

Табаронӣ дар "Кабир" аз Ибни Аббос ривоят кардааст: "Аббос ибни Абдулмутталиб, ҳар гоҳ молеро ба музораба диҳад, ба соҳибаш шарт мегузошт, ки бо ин мол аз баҳр нагузарад, ба водӣ фуруд наёяд ва ҷонваронро нахарад, агар чунин кунад, зомин мешавад, мепазируфт. Вақте ки шартҳои худро ба Расулуллоҳ (с) пешкаш намуд, эшон ба ӯ иҷозат доданд". Саҳобагон (р) низ ба ҷоизии музораба иҷмоъ кардаанд. Чунон ки дар "Мусаннафи Ибни Абӯшайба" омадааст, Умар моли ятимро ба музораба дод ва Усмон низ ба марде молеро ба музораба додааст. Дар музораба музориб бо кори худ дар моли каси дигар барои худ мулк пайдо мекунад. Музораба нисбат ба музориб кор мебошад ва яке аз сабабҳои моликшавӣ ба ҳисоб меравад, вале нисбат ба соҳиби мол на сабаби моликшавӣ, балки яке аз сабабҳои афзоишдиҳии мулк ба ҳисоб меравад.

## Мусоқот

Мусоқот яке аз навъҳои кор ба ҳисоб меравад. Мусоқот ин аст, ки шахсе боғи худро барои обёрӣ ва анҷоми дигар корҳои зарурӣ бар ивази ҷузъи маълуми меваи боғ ба каси дигар месупорад. Ин кор "**мусоқот**" номида шудааст, зеро ин калима ба вазни муфоалатун аз калимаи (**السَّقْيُ**) сохта шудааст. Аксари боғҳои аҳли Ҳиҷоз, азбаски аз оби чоҳҳо обёрӣ мешавад, ба обёрӣ эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин, кори мазкурро мусоқот номидаанд. Мусоқот аз корҳоест, ки шариат ҷоизии онро баён кардааст. Муслим аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят кардааст:

"عَامَلَ رَسُولُ اللهِ ﷺ أَهْلَ خَيْبَرَ بِشَطْرٍ مَا يَخْرُجُ مِنْهَا مِنْ ثَمَرٍ أَوْ زَرْعٍ"

"***Расулуллоҳ (с) бо аҳли Хайбар ба нисфи мева ё киште, ки аз он ҷо мерӯид, муомила карданд***".

Мусоқот дар хурмо, дарахт ва ангур бар ивази ҷузъи маълум, ки барои коргар аз мева ҷудо карда мешавад, ҷоиз аст. Мусоқот танҳо дар дарахти мевадиҳанда ҷоиз мебошад. Аммо дар дарахтҳое, монанди бед, ки мева намедиҳад ё монанди санавбар ва кедр, ки меваaш нодаркор аст, мусоқот ҷоиз нест, зеро мусоқот бо ҷузъе аз мева амалӣ мегардад ва ин дарахтҳо меваи даркорӣ надорад. Вале дар дарахтҳое, монанди тут ва гул, ки баргашон даркор аст, мусоқот ҷоиз аст. Зеро барг ба маънои мева мебошад ва сабзиш ҳар сол такрор меёбад, онро гирифтан ва мусоқот бар ивази ҷузъе аз он мумкин аст. Дар ин айнан ҳукми дарахти мевадор татбиқ мешавад.

**Кирокунии муздур**

Ислом ба фард кирокунии муздурон, яъне коргаронро барои коркунӣ иҷозат дод. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

"***Оё онон раҳмати Парвардигоратро тақсим мекунанд? Ҳол он ки мо рӯзии онҳоро дар ин зиндагии дунё миёнашон тақсим мекунем. Ва баъзеро ба мартабат болотар аз баъзе дигар қарор додаем, то баъзе баъзеи дигарро ба хидмат гиранд***" [43:32].

Ибни Шиҳоб ривоят кардааст:

"Ба ман Урва ибни Зубайр хабар дод, ки модари мӯъминон Оиша (р) гуфтааст:

" اِسْتَأْجَرَ رَسُولُ اللهِ ﷺ وَأَبُو بَكْرٍ رَجُلاً مِنْ بَنِى الدَّيْلِ هَادِيًا خِرِّيتًا وَهُوَ عَلَى دَيْنِ كُفَّارِ قُرَيْشٍ فَدَفَعَا إِلَيْهِ رَاحِلَتَيْهِمَـا، وَوَاعَدَاهُ غَارَ ثَوْرٍ بَعْدَ ثَلاَثِ لَيَالٍ بِرَاحِلَتَيْهِمَـا صُبْحَ ثَلاَثٍ"

"***Расулуллоҳ (с) ва Абӯбакр мардеро аз қабилаи Банӣ-Дайл, ки роҳбаладе моҳир, вале дар дини кофирони Қурайш буд, киро карданд. Ҳар ду ба ӯ маркабҳои худро доданд ва ваъда карданд, ки баъд аз се шаб субҳи сеюм бо маркабашон ба ғори Савр биёяд***"". Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِنْ أَرْضَعْنَ لَكُمْ فَآتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ

"***Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед***" [65:6].

Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

" قَالَ اللهُ ثَلَاثَةٌ أَنَا خَصْمُهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ رَجُلٌ أَعْطَى بِي ثُمَّ غَدَرَ وَرَجُلٌ بَاعَ حُرًّا فَأَكَلَ ثَمَنَهُ وَرَجُلٌ اسْتَأْجَرَ أَجِيرًا فَاسْتَوْفَى مِنْهُ وَلَمْ يُعْطِهِ أَجْرَهُ"

"***Аллоҳи Азза ва Ҷалла мегӯяд: "Се нафар ҳаст, ки рӯзи қиёмат Ман хасми онҳо мебошам: марде, ки бо номи Ман ато карда, сипас хиёнат варзидааст, марде, ки шахси озодро фурӯхта, пулашро хӯрдааст, марде, ки муздуреро киро карда, аз ӯ иҷрои кореро талаб кардааст, вале муздашро надодааст***"".

Кирокунӣ ба моликияти кирокунанда табдил додани манфиате аз тарафи муздур ва ба моликияти муздур табдил додани моле аз тарафи кирокунанда мебошад. Пас, кирокунӣ ақд бар манфиат бо иваз мебошад. Ақд дар кирокунии муздур ё бар манфиати коре, ки аз тарафи муздур анҷом дода мешавад, ё бар манфиати худи муздур баста мешавад. Агар ақд бар манфиати кор ворид шавад, он чӣ, ки бар он ақд баста мешавад, манфиатест, ки аз кор ҳосил мешавад, монанди кирокунии косибону ҳунармандон барои корҳои муайян, монанди кирокунии рангрез, оҳангар ва дуредгар. Агар ақд бар манфиати шахс баста шавад, он чӣ, ки бар он ақд баста мешавад, манфиати шахс аст, монанди кирокунии ходимон ва коргарон. Ин муздур ё танҳо барои фард ба муддати маълум кор мекунад, монанди касе, ки дар корхона ё бӯстон ё киштзор барои

касе бар ивази музди муайян кор мекунад ё монанди корманди ҳукумат дар тамоми шӯъба ва идораҳои ҳукуматӣ, ё барои тамоми мардум бар ивази музди муайян кори муайянро анҷом медиҳад, монанди дуредгар, дӯзанда, мӯзадӯз ва ғайра. Тоифаи якум муздури хос ва тоифаи дуюм муздури муштарак ё муздури умумӣ мебошад.

**Муайянкунии кор**

Кирокунӣ истифодабарӣ аз манфиати чизи кирошуда мебошад. Он нисбат ба муздур истифодабарӣ аз меҳнати муздур ба ҳисоб меравад. Дар кирокунии муздур муайян кардани навъи кор, муддати кор, музди кор ва меҳнати сарфшаванда лозим аст. Навъи корро бояд баён кард, то ки кор номаълум набошад, зеро кирокунӣ ба чизи номаълум фосид аст. Муддати корро бояд муайян кард, ки он рӯзона аст, ё моҳона ва ё солона. Музди корро низ бояд муайян кард. Ибни Масъуд ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"إِذَا اِسْتَأْجَرَ أَحَدُكُمْ أَجِيرًا فَلْيُعْلِمْهُ أَجْرَهُ"

"***Агар нафаре аз шумо муздуреро киро кунад, муздашро ба ӯ маълум созад***".

Ин ҳадис дар "Канзулуммол" омадааст, ки онро Дорақутнӣ ривоят кардааст. Меҳнатеро, ки коргар сарф мекунад, бояд муайян кард. Ба коргарон танҳо он чӣ, ки дар тавоноии онҳост, таклиф карда мешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لاَ يُكَلِّفُ اللّهُ نَفْسًا إِلاَّ وُسْعَهَا

"***Аллоҳ ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тоқаташ мукаллаф намекунад***" [2:286].

Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"إِذَا أَمَرْتُكُمْ بِأَمْرٍ فَأْتُوا مِنْهُ مَا اسْتَطَعْتُمْ"

"***Агар шуморо ба коре фармоям, аз ин кор, чанде метавонед, баҷо оред***".

Ин ҳадисро шайхайн аз тариқи Абӯҳурайра ривоят кардаанд. Талаб кардани сарфи меҳнат аз коргар танҳо ба қадри тоқати одатии ин коргар ҷоиз аст. Азбаски ченкунии меҳнат бо меъёри ҳақиқӣ мумкин нест, муайянкунии соати кории якрӯза барои ченкунии меҳнат мизони наздиктарин мебошад. Пас, барои чен кардани меҳнати сарфшаванда соати кориро муайян бояд кард. Дар айни вақт муайянкунии навъи кор, монанди кандани замини сахт ё мулоим, кӯфтани оҳан, шикастани санг, рондани мошин ё коркунӣ дар кон, миқдори меҳнати сарфшавандаро баён мекунад. Ҳамин тавр, навъ, муддат ва музди кор, инчунин меҳнате, ки дар ин кор сарф мешавад, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, шариат, вақте ки ба кор гирифтани коргарро мубоҳ гардонд, ба муайянкунии кор аз ҷиҳати навъ, муддат, музд ва меҳнат таваҷҷӯҳ кард. Музде, ки коргар бар ивази анҷомдиҳии кор мегирад, мулки ин коргар аст, ки ӯ бо сарфи меҳнат ба даст овардааст.

### Навъи кор

Кирокунӣ ба ҳар гуна кори ҳалол ҷоиз аст. Пас, кирокунӣ ба тиҷорат, зироат, саноат, хидмат, ваколат, нақли ҷавоби хасм, хоҳ талабкунанда бошад, хоҳ талабшаванда, ҷалби баййина, ҳамли баййина ба ҳоким, талаб кардани ҳуқуқ, додрасӣ дар байни мардум, инчунин ба чоҳканӣ, сохтмон, рондани мошин ё тайёра, табъи китоб, нусхабардории Мусҳаф, кашондани мусофирон ва ғайра ҷоиз аст. Кирокунӣ ба кор дар кори муайян воқеъ мешавад ёки дар коре, ки дар аҳднома мавсуф аст. Вақте ки кирокунӣ ба кори муайян ё муздури муайян воқеъ мешавад, масалан, Холид Муҳаммадро барои дӯхтани либоси муайян ё рондани мошини муайян киро мекунад, анҷом додани кор ба худи муздур воҷиб аст ва анҷоми кор аз тарафи каси дигар ба ҷойи ӯ мутлақо ҷоиз нест. Агар бемор ё аз иҷрои кор оҷиз шавад, ба ҷойи ӯ каси дигар анҷом намедиҳад, зеро муздур аллакай таъйин шудааст. Инчунин агар ба

либоси муайян талаф расад ё мошини муайян ба фалокат дучор шавад, анҷоми кор дар ғайри ин либос ё ин мошин ба муздур воҷиб нест, зеро навъи кор аллакай муайян шудааст. Вале агар кирокунӣ ба айне бошад, ки дар аҳднома мавсуф аст ё ба муздуре бошад, ки барои кори муайян мавсуф аст ё ба кори мавсуф бошад, ҳукм фарқ мекунад ва дар ин ҳолат ҷоиз аст, ки корро худи муздур анҷом диҳад ва ё каси дигарро ба ҷойи худ гузорад. Агар бемор ё аз иҷрои кор оҷиз бошад, ба муздур воҷиб аст, то ба ҷойи худ касеро гузорад, ки ин корро анҷом медиҳад. Инчунин ба муздур, модом ки васфи коре, ки ақди иҷора ба он баста шудааст, ба ӯ мувофиқ ояд, воҷиб аст, ки мошин ронад ё либос дӯзад, новобаста ба мошин ё либосе, ки кирокунанда ба ӯ омода мекунад. Зеро на зот, балки навъи айн муайян шудааст. Пас, ин ҷо ҳар гуна айн, модом ки аз ҷинси ин навъ бошад, кифоя мекунад. Дар ҳолатҳое, ки на бо зот, балки бо васф муайян карда мешавад, кирокунанда ихтиёр дорад, ки ҳар гуна зотро аз худи навъе, ки ақд бар он баста шудааст, омода кунад. Муайянкунии навъи кор коргареро, ки ин корро анҷом медиҳад, дарбар мегирад, то ки меҳнати ӯ баён карда шавад, масалан, муҳандис ва кореро, ки аз тарафи коргар анҷом дода мешавад, дарбар мегирад, то ки меҳнати дар ин кор сарфшаванда баён карда шавад, масалан, чоҳканӣ. Бинобар ин, муайянкунии кор бо васф монанди муайянкунии кор бо зот аст. Пас, муайянкунии кор бо васф, монанди муайянкунии зоти кор кифоя мекунад. Инчунин кифоя аст, ки дар аҳднома ғоиб бошад, монанди ҳозири мушоҳид бошад. Чунон ки киро ва таъйин кардани фалон муҳандис ҷоиз аст, кирокунии муҳандисе бо ягон васф ҷоиз аст. Чунон ки кирокунии шахсе барои дӯхтани фалон курта ҷоиз аст, кирокунии шахсе барои дӯхтани куртае бо ягон васф ҷоиз аст.

Агар марде барои коре қабул карда шавад ва ӯ ин корро ба каси дигар арзонтар фурӯхта, боқимондаро фоида гирад, ҷоиз аст, хоҳ ба ин кас бо ягон чиз ёрӣ диҳад, хоҳ на. Зеро ба ӯ ҷоиз аст, ки каси дигарро бар ивази музди аввал ё камтар ва ё зиёдтар аз ин музд

киро намояд. Бинобар ин, кирокунии коргарон барои фаъолияти якҷоя, ки ҳунармандон, монанди дӯзандагон, дуредгарон ва ғайра, ба он даст мезананд, инчунин кирокунии коргарон аз тарафи аҳдкунандагон барои анҷомдиҳии корҳое, ки ба он аҳд карда мешавад, ҷоиз аст, хоҳ ба миқдоре, ки худ гирифтаанд, музд диҳанд, хоҳ зиёдтар ё камтар аз ин миқдор. Зеро ин кирокунӣ хоҳ ба корҳои муайян бошад, хоҳ ба муддати муайян аз навъи муздури хос ба ҳисоб меравад, ки шаръан ҷоиз аст.

Аммо ба касе ҷоиз нест, ки коргаронро бо гирифтани як қисми муздашон киро кунад ё ба ҳисоби як қисми муздашон бар онҳо сардор таъйин намояд, зеро дар ин ҳолат ӯ як қисми музди муқаррарии коргаронро ғасб мекунад. Абӯдовуд аз Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст, ки Расул (с) гуфтаанд:

**" إِيَّاكُمْ وَالْقِسَامَةَ. قَالَ: فَقُلْنَا: وَمَا الْقِسَامَةُ؟ قَالَ: الشَّيْءُ يَكُونُ بَيْنَ النَّاسِ فَيَنْتَقِصُ مِنْهُ"**

"***Аз қисомат худдорӣ кунед". Абӯсаид гуфт: "Мо гуфтем: Қисомат чист? Расул (с) гуфтанд: "Костани он чӣ, ки дар байни мардум аст***"".

Дар ҳадисе, ки Абӯдовуд аз Ато ривоят кардааст, Набӣ (с) гуфтаанд:

**"اَلرَّجُلُ يَكُونُ عَلَى الْفِئَامِ مِنَ النَّاسِ فَيَأْخُذُ مِنْ حَظِّ هَذَا وَحَظِّ هَذَا"**

"***Марде, ки бар як гурӯҳи мардум сарвар аст, аз ҳиссаи ину он мегирад***".

Агар паймонкунандае бо шахсе созишнома бандад, ки сад нафар коргар меорад ва музди ҳар як коргар якдинорӣ мебошад ва сипас ба коргарон камтар аз як динор музд диҳад, ин кор ҷоиз нест. Зеро миқдоре, ки бар он созишнома баста шудааст, музди барои ҳар як коргар муқарраршуда ба ҳисоб меравад. Агар ӯ созишнома баста бошад, ки сад нафар коргар меорад, вале музди коргаронро зикр

накарда бошад ва сипас ба коргарон камтар аз миқдори созишшуда музд диҳад, ин кор ҷоиз аст. Зеро ӯ муздеро, ки ба коргарон муқаррар карда шудааст, кам накард. Дар муайянкунии навъи кор шарт аст, ки муайянкунӣ дур аз номаълумӣ бошад, то ки кирокунӣ ба чизи маълум бошад. Зеро кирокунӣ ба чизи номаълум фосид аст. Агар касе гӯяд, ки "Барои кашондани ин сандуқҳои коло то Миср бар ивази даҳ динор туро киро мекунам", дуруст аст, ё гӯяд, ки "Барои кашондани ҳар як тоннаи коло бо якдинорӣ туро киро мекунам" дуруст аст ва ё гӯяд, ки "Барои кашондани ҳар як тоннаи коло бо якдинорӣ туро киро мекунам ва он чӣ, ки аз он зиёд мебошад, ба ҳисоби ин аст" дуруст аст. Инчунин ҳар гуна лафзе, ки ба кашондани ҳамаи коло далолат мекунад, ҷоиз аст. Аммо касе гӯяд, ки "Як тоннаи колоро бо як динор мекашонӣ ва он чӣ, ки аз ин зиёд мебошад, ба ҳисоби ин аст" ва бо ин кашондани ҳамаи онро бо ҳамин як динор ирода кунад, ҷоиз нест, зеро он чӣ, ки бар он ақд баста шудааст, баъзе қисми коло ва ин қисм номаълум аст. Агар гӯяд, ки "Ҳар як тоннаро якдинорӣ мекашонӣ", ин кор дуруст аст. Инчунин агар ба баровардани об барои ҳар як метр бар ивази як қирш киро кунад, ҷоиз аст. Пас, шарт аст, ки кирокунӣ бояд ба чизи маълум бошад ва агар номаълумӣ дохил шавад, дуруст нест.

**Муддати кор**

Кирокуние ҳаст, ки дар он танҳо зикри коре, ки ба он киро карда мешавад, лозим аст ва зикри муддат зарур нест, монанди дӯхтан ва рондани мошин. Кирокуние ҳаст, ки дар он танҳо зикри муддате, ки ба он киро карда мешавад, лозим аст ва зикри миқдори меҳнат зарур нест, монанди мегӯяд, ки "туро ба як моҳ барои кандани чоҳ ё ҷӯй киро кардам". Ин ҷо ба маълум кардани миқдор эҳтиёҷ нест ва коргар бояд дар ин моҳ бо кандан машғул шавад, хоҳ кам ва хоҳ беш. Кирокуние ҳаст, ки дар он зикри муддат ва меҳнат зарур аст, масалан, сохтани хона, сохтани бензинтозакунак ва ғайра. Дар ҳар коре, ки бе зикри муддат номаълум мемонад, зикри муддат зарур аст. Зеро кирокунӣ бояд

маълум бошад ва баъзе корҳо бе зикри муддат номаълум мемонад. Кирокунӣ, агар номаълум монад, ҷоиз нест. Агар ба муддати маълум, монанди як моҳ ва як сол, киро карда шавад, то поён ёфтани ин муддат ҳеҷ кас аз ду ҷониб кирокуниро бекор карда наметавонад. Агар ба муддати такроршаванда, монанди кирокунии коргаре ба ҳар моҳ бар ивази бист динор, киро карда шавад, ҳар моҳ ақд бастан лозим аст, то муздур кореро, ки ба он киро карда шудааст, анҷом диҳад. Дар ақди иҷора (ақди кирокунӣ) зикри муддат зарур аст. Вале шарт нест, ки муддати кирокунӣ аз дунболи ақд оғоз шавад, балки кирокунӣ барои моҳи раҷаб дар моҳи муҳаррам дуруст аст. Агар дар ақд муддат зикр гардад ё зикри муддат дар ақд барои дуркунии номаълумӣ зарур бошад, муайянкунии муддат бо ягон воҳиди вақт, монанди дақиқа, соат, ҳафта, моҳ ё сол, воҷиб аст.

**Музди кор**

Шарт аст, ки моли кирокунӣ бо воситаи дидан ва васфи дуркунандаи номаълумӣ маълум карда шавад. Зеро Набӣ (с) гуфтаанд:

"إِذَا اسْتَأْجَرَ أَحَدُكُمْ أَجِيرًا فَلْيُعْلِمْهُ أَجْرَهُ"

"***Агар нафаре аз шумо муздуреро киро кунад, ба ӯ муздашро маълум созад***".

Ҷоиз аст, ки ивази кирокунӣ пул, ғайри пул, мол ва ё манфиат бошад. Ҳар чӣ, ки арзиш дорад, иваз шуда метавонад, танҳо шарт аст, ки маълум бошад. Агар номаълум бошад, дуруст нест. Кирокунии даравгар бар ивази қисми номаълуми кишт бо сабаби номаълумӣ дуруст нест. Бар хилофи ин кирокунӣ бар ивази як соъ ё як мудд8 дуруст аст. Кирокунии муздур бар ивази таому либосаш ё бар ивази музд якҷоя бо таому либосаш ҷоиз аст. Зеро ин кор дар ҳаққи маконанда ҷоиз аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَعلَى الْمَوْلُودِ لَهُ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ

"***Хӯроку либоси онон ба ваҷҳе некӯ бар ӯҳдаи соҳиби фарзанд аст***" [2:233].

Барои макондан (**разоа**) ба модарон нафақа ва либос дода мешавад. Агар ин кор дар ҳаққи маконанда ҷоиз бошад, дар ҳаққи дигарон низ ҷоиз аст, зеро ин ҳама кирокунӣ ва аз масъалаҳои кирокунӣ ба ҳисоб меравад.

Хуллас, музд бояд то андозае, ки номаълумиро дур мекунад, маълум бошад, то ки онро бе кашмакаш пурра гирифта тавонанд. Зеро асл дар тамоми ақдҳо дуркунии кашмакаш дар байни мардум мебошад. Бояд пеш аз оғози кор ба музд иттифоқ кард ва кор фармудани муздур пеш аз иттифоқкунӣ бо ӯ ба музд макрӯҳ аст. Коргар, вақте ки ба коре киро мешавад, бо сабаби ақд ба музд ҳақдор мегардад. Вале пардохтани музд танҳо баъд аз кор воҷиб аст. Дар ин ҳолат фавран пардохтани музд воҷиб мегардад. Зеро Расул (с) дар ҳадиси қудсӣ гуфтаанд:

" ثَلَاثَةٌ أَنَا خَصْمُهُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، رَجُلٌ أَعْطَى بِي ثُمَّ غَدَرَ، وَرَجُلٌ بَاعَ حُرًّا فَأَكَلَ ثَمَنَهُ، وَرَجُلٌ اسْتَأْجَرَ أَجِيرًا فَاسْتَوْفَى مِنْهُ وَلَمْ يُعْطِهِ أَجْرَهُ"

"***Се нафар ҳаст, ки Ман рӯзи қиёмат даъвогари онҳоям: марде, ки бо номи Ман медиҳад, сипас хиёнат меварзад, марде, ки шахси озодро фурӯхта, пулашро мехӯрад, марде, ки муздуреро киро карда, аз ӯ истифода мебарад ва муздашро намедиҳад***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст. Агар таъйини вақти музд шарт карда шавад, музд дар ин мӯҳлат дода мешавад. Агар пардохти мӯҳлат ба мӯҳлат шарт карда шавад, чи рӯзона, чи моҳона ва чи аз ин кам ё беш музд бояд аз рӯи он чӣ, ки ҳар ду иттифоқ мекунанд, пардохта шавад. Ба билфеълу комилан ситонда шудани манфиат аз тарафи кирокунанда зарурат нест, балки тақдими имкони истифодабарӣ кифоя аст, ки муздур ба музд ҳақдор гардад. Агар барои хидмати хона муздури хос киро

карда шавад ва муздур ба ин хона омада, худро таҳти тасарруфиирокунанда гузорад, баробари гузашти муддате, ки дар он имкони истифодабарӣ аз муздур дода шуд, ба музд ҳақдор мегардад. Зеро ақд ба манфиат баста шудааст, вале кирокунанда онро билфеъл наситондааст. Аз ин рӯ, ба ситондани манфиат имкон додани муздур ва бо ситондани он машғул нашудани кирокунанда кифоя аст, ки муздур ба музд ҳақдор гардад. Зеро мусоҳилакорӣ на аз тарафи муздур, балки аз тарафи кирокунанда рух додааст. Муздури муштарак ё муздури умумӣ, агар ба кори муайян дар айн киро карда шавад, агарчи кор иҷро мешавад, коргар холӣ ба ҳисоб намеравад. Масалан, рангрез дар дӯкони худ рангрезӣ кунад ва дӯзанда дар дӯкони худ дӯзандагӣ кунад, то корро ба кирокунанда насупорад, аз ин кор халос намешавад, то корро ба кирокунанда пурра насупорад, ба музд ҳақдор шуда наметавонад. Зеро он чӣ, ки ба он ақд баста шудааст, дар дасти муздур аст ва то онро ба ақдкунанда насупорад, халос намешавад. Агар кор дар мулки (дар зери дасти) кирокунанда иҷро шавад, масалан, кирокунанда муздурро барои дӯхтан ё рангрезӣ ба хонаи худ биёрад, муздур аз кор халос мешавад ва танҳо бо коркунӣ ба музд ҳақдор мегардад. Зеро ӯ дар зери дасти кирокунанда аст, ки корро баробари анҷом додан супоридааст.

### Меҳнате, ки дар кор сарф мешавад

Ақд дар кирокунии муздур бар манфиати меҳнате, ки ин муздур сарф мекунад, баста мешавад ва музд бо манфиат муқаррар карда мешавад. Худи меҳнат на миқёси музд аст ва на миқёси манфиат. Дар ин сурат музди сангтарош аз музди муҳандис зиёд мешуд. Зеро меҳнати сангтарош бештар аст. Ҳол он ки воқеъ акси ин аст. Бинобар ин, музд бадали манфиат аст, на бадали меҳнат. Музд, чунон ки бо ихтилофи корҳои гуногун мухталиф мешавад, дар як кор низ на бо тафовути меҳнат, балки бо тафовути камоли манфиат гуногун мешавад. Ақд дар ҳар ду ҳолат на аз рӯи меҳнати муздур, балки аз рӯи манфиати муздур баста мешавад. Ин ҷо қобили таваҷҷӯҳ манфиат аст, хоҳ манфиати муздурони мухталиф

дар корҳои гуногун бошад, хоҳ манфиати муздурони мухталиф дар як кор ва меҳнат мутлақо эътибор надорад. Оре, манфиати кор самараи меҳнат аст, хоҳ дар корҳои мухталиф бошад, хоҳ дар як кор, ки аз тарафи ашхоси гуногун анҷом дода мешавад. Вале мурод аз самараи меҳнат манфиат аст, натанҳо сарфи меҳнат, ҳарчанд меҳнат низ мулоҳиза мешавад. Агар марде ба сохтмон киро шавад, кирокуниро бояд бо вақт ё кор муайян кард. Агар бо кор муайян карда шавад, манфиат дар баёни мавзеъ, дарозӣ, паҳноӣ, баландӣ ва масолеҳи сохтмон ба назар мерасад. Агар бо вақт муайян карда шавад, манфиат одатан бо зиёд будани муддат меафзояд ва кам будани муддат коста мегардад. Бинобар ин, васфи кор ва зикри вақт миқёси манфиат мебошад. Агар кор бо вақт муайян шавад, муздур беш аз тоқати одатии худ кор намекунад ва ба машаққати ғайриодатӣ водошта намешавад.

## Ҳукми кирокунӣ ба манфиатҳои ҳаром

Барои сиҳҳати иҷора (дуруст шудани кирокунӣ) шарт аст, ки манфиат мубоҳ бошад. Кирокунии муздур ба он чӣ, ки манфиаташ ҳаром аст, ҷоиз нест. Бинобар ин, кирокунии муздур ба ҳамлу нақли хамр барои касе, ки ин хамрро мехарад, ба фишурдани хамр, инчунин ба ҳамлу нақли хук ва мурдор ҷоиз нест. Тирмизӣ аз Анас ибни Молик ривоят кардааст:

" لَعَنَ رَسُولُ اللهِ ﷺ فِي الْخَمْرِ عَشَرَةً: عَاصِرَهَا، وَمُعْتَصِرَهَا، وَشَارِبَهَا، وَحَامِلَهَا، وَالْـمَحْمُولَةَ إِلَيْهِ، وَسَاقِيَهَا، وَبَائِعَهَا، وَآكِلَ ثَمَنِهَا، وَالْـمُشْتَرِيَ لَهَا، وَالْـمُشْتَرَاةَ لَهُ"

"***Расулуллоҳ (с) дар хамр даҳ касро лаънат карданд: касе, ки ба фишурдани хамр мефармояд, касе, ки хамрро мефишурад, касе, ки хамрро менӯшад, касе, ки хамрро мекашонад, касе, ки хамр барои ӯ кашонда мешавад, касе, ки хамрро мерезад, касе, ки хамрро мефурӯшад, касе, ки пули хамрро мехӯрад, касе, ки хамрро мехарад ва касе, ки хамр барои ӯ харида мешавад***".

Инчунин кирокунӣ ба ягон кори рибо ҷоиз нест, зеро ин кирокунӣ ба манфиати ҳаром аст. Ибни Моҷа аз тариқи Ибни Масъуд аз Набӣ (с) ривоят кардааст:

"أَنَّهُ لَعَنَ آكِلَ الرِّبَا وَمُؤْكِلَهُ وَشَاهِدَيْهِ وَكَاتِبِهِ"

"***Набӣ (с) рибохор, рибодиҳанда, шоҳид ва котиби рибоpo лаънат карданд***".

Аммо нисбат ба кормандони бонкҳо, идораҳои ҳисобу китоб ва тамоми муассисаҳое, ки бо рибо машғуланд, назар карда мешавад. Агар коре, ки ба он киро карда мешавад, ҷузъе аз корҳои рибо бошад, хоҳ аз худи он рибо ҳосил шавад, хоҳ якҷоя бо дигар кори рибо ба мусулмон анҷом додани ин кор ҳаром аст. Масалан, мудирон, муҳосибон, мудаққиқон ва ҳар гуна коре, ки боиси манфиати марбут ба рибо мегардад, хоҳ бевосита марбут бошад, хоҳ билвосита. Аммо корҳое, ки чи ба шакли бевосита ва чи ба шакли билвосита ба рибо марбут нестанд, ҷоиз мебошад. Масалан, дарбон, муҳофиз, фаррош ва ғайра. Зеро ин кирокунӣ ба манфиати мубоҳ мебошад ва он чӣ, ки ба котиб ва шоҳиди рибо мувофиқ меояд, ба ин кирокунӣ мувофиқ намеояд. Кормандони ҳукумат, ки бо амалиёти рибо машғуланд, кормандоне, ки бо қарздиҳии фоизнок ба кишоварзон машғуланд, кормандони молия, ки бо корҳои рибо машғуланд, кормандони идораҳои ятимон, ки амволро бо фоиз ба қарз медиҳанд, монанди кормандони бонкҳо мебошад. Ин ҳама вазифаҳои ҳароманд ва касоне, ки дар ин вазифаҳо ҳастанд, муртакиби гуноҳи кабира мегарданд. Зеро ба онҳо он чӣ, ки ба котиб ё шоҳиди рибо мувофиқ аст, мувофиқ меояд. Бинобар ин, дар ҳар гуна коре, ки Аллоҳ Таоло онро ҳаром гардондааст, муздур шудани мусулмон ҳаром аст.

Аммо корҳое, ки фоидаашон ё иштирок дар онҳо бо сабаби шаръан ботил будан ҳаром аст, монанди ширкатҳои бима, ширкатҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои кооперативӣ ва ғайра, чунин аст, ки ба мусулмон анҷоми ақдҳои ботил ё ақдҳои фосид ё корҳое, ки бар онҳо бунёд мегардад, анҷоми ақде ё коре, ки ба ҳукми шаръӣ

мухолиф аст, ҷоиз нест. Дар ин гуна корҳо муздур шудани мусулмон ҳаром аст. Масалан, корманде, ки ақдҳои бимаро, гарчи худаш қабул намекунад, менависад, ё корманде, ки дар хусуси шартҳои бима гуфтушунид мекунад, ё корманде, ки бимаро қабул мекунад, корманде, ки фоидаҳоро аз рӯи муштариён дар ҷамъияти кооперативӣ тақсим мекунад, корманде, ки саҳмияҳои ширкатҳоро мефурӯшад, корманде, ки бо ҳисоботи санадҳо (коғазҳои арзишдори бозаргонӣ) машғул аст, корманде, ки ба ҷамъияти кооперативӣ даъват мекунад ва ғайра.

Аммо ҳолати тамоми кормандони ширкатҳои шартномавӣ чунин аст, ки агар кори онҳо аз корҳое бошад, ки шаръан анҷом додан ҷоиз аст, дар ин соҳа кор кардан ҷоиз аст ва агар иҷрои кор ҷоиз набошад, дар ин соҳа кор кардан низ ҷоиз нест, зеро дар он муздур шудан ҷоиз нест. Барои коре, ки анҷом додан ҳаром аст, муздур киро кардан ё муздур шудан низ ҳаром аст.

## Ҳукми кирокунии ғайримусулмон

Шарт нест, ки ҳам муздур ва ҳам кирокунанда ё яке аз ҳар ду мусулмон бошад. Аз рӯи кори Расулуллоҳ (с) ва иҷмои саҳобагон бар кирокунии ғайримусулмонон дар ҳар гуна кори мубоҳ, инчунин дар кори давлат, ки барои иҷрои он ба он муздур киро карда мешавад, ба мусулмон кирокунии ғайримусулмон мутлақо ҷоиз аст. Расулуллоҳ (с) яҳудиеро ба котибӣ ва яҳудии дигарро ба мутарҷимӣ киро кардаанд. Бухорӣ дар "Саҳеҳ" овардааст, ки Расулуллоҳ (с) мушрикеро ба роҳбаладӣ киро кардаанд. Абӯбакр ва Умар насрониёнро ба ҳисоби мол киро кардаанд. Чунон ки кирокунии ғайримусулмон ба мусулмон ҷоиз аст, кирошавии мусулмон ба ғайримусулмон барои анҷоми кори ғайриҳаром ҷоиз аст. Агар кор ҳаром бошад, кирокунанда хоҳ мусулмон бошад, хоҳ ғайримусулмон ҷоиз нест. Аз ин рӯ, кирошавии худи мусулмон ба насронӣ барои коре ҷоиз аст. Ин аз қабили хордошти мусулмон дар назди кофир нест, балки кирошавӣ ба каси дигар мебошад ва ин кор ҷоиз аст. Дар ин кор мусулмон будани кирокунанда ва

мусулмон будани муздур шарт нест. Тирмизӣ ривоят кардааст, ки Алӣ (р) бар ивази як хурмо барои ҳар як сатили об, ки аз чоҳ мекашонд, ба яҳудие киро шудааст. Вақте ки Набӣ (с) аз ин хабар ёфтанд, инро инкор накарданд. Зеро ин на хордошти мусулмон, балки ақди иваз мебошад. Аммо дар корҳое, ки қурбат ба Аллоҳ мавҷуд мебошад, мусулмон будани муздур шарт аст. Масалан, имомат, азон, ҳаҷ, адои закот, таълими Қуръон ва ҳадис. Зеро анҷоми ин корҳо танҳо аз тарафи мусулмон дуруст аст ва ба анҷоми ин корҳо танҳо мусулмон киро карда мешавад. Иллат дар корҳои мазкур ин аст, ки анҷоми ин корҳо танҳо аз тарафи мусулмон дуруст мебошад. Агар адои корҳое, ки дар онҳо ба Аллоҳ қурбат ҳосил мешавад, аз тарафи ғайримусулмон дуруст бошад, ба анҷоми ин корҳо кирокунии ғайримусулмон низ дуруст аст. Хулоса, дар корҳое, ки дар назди кирокунанда ҳосилкунандаи қурбати Аллоҳ ба ҳисоб меравад ва дар назди муздур ҳосилкунандаи қурбати Аллоҳ ба ҳисоб намеравад, назар карда мешавад. Агар анҷоми кор танҳо аз тарафи мусулмон дуруст бошад, монанди қазо, кирокунии ғайримусулмон дар ин кор ҷоиз нест. Агар анҷоми кор аз тарафи ғайримусулмон дуруст бошад, монанди ҷанг, кирокунии ғайримусулмон барои анҷоми ин кор ҷоиз аст. Бинобар ин, кирокунии зиммӣ ба ҷанг ва пардохтани музд ба ӯ аз байтулмол ҷоиз аст.

**Кирокунӣ ба ибодатҳо ва манфиатҳои умумӣ**

Таърифи иҷора (кирокунӣ) чунин аст:

"***Иҷора ақдест, ки бар манфиат бо иваз баста мешавад***".

Шарт аст, ки манфиат чизе бошад, ки кирокунанда онро пурра ситонда тавонад. Татбиқи ин шарт ба ҳодисаҳо ба мо нишон медиҳад, ки кирокунӣ ба ҳар гуна манфиат, ки кирокунанда онро аз муздур ситонда метавонад, хоҳ манфиати шахс бошад, монанди ходим, хоҳ манфиати кор бошад, монанди ҳунарманд, модом ки дар бораи наҳйи ин манфиат далели шаръӣ наояд, ҷоиз аст. Зеро асл дар ашё мубоҳист ва манфиати чиз аз ашё ба ҳисоб меравад.

Ин ҷо наметавон гуфт, ки ин ақд ё муомила аст ва асл дар ҳар ду на мубоҳӣ, балки муқайядшавӣ мебошад. Зеро ақд на манфиат, балки кирокунӣ аст. Аммо манфиат на муомила ва на ақд, балки чизест, ки дар болои он муомила рух медиҳад ва ақд баста мешавад. Аз ин рӯ, кирокунӣ ба тамоми манфиатҳое, ки дар бораи онҳо наҳӣ наомадааст, хоҳ дар бораи ҷоизии он насс омада бошад, хоҳ на ҷоиз аст. Бинобар ин, ба шахсе ҷоиз аст, ки мард ё занеро ба ҳуруфчинии саҳифаҳои муайян бо мошини ҳуруфчинӣ бар ивази музди муайян киро кунад. Зеро ин кирокунӣ ба манфиатест, ки дар бораи он наҳӣ наомадааст. Кирокунӣ ба ин кор, гарчи дар бораи ҷоизии он насс наомадааст, ҷоиз мебошад. Пас, кирокунии паймонакунандаи ғалла ва тарозубон ба кори муайян ва ба муддати муайян ҷоиз аст. Далел ҳадиси зерин аст, ки Сувайд ибни Қайс ривоят кардааст: "Расулуллоҳ (с) ба назди мо пиёда омаданд. Мо дар бораи нарх баҳс кардем ва ба эшон фурӯхтем. Сипас марде бар ивази музд баркашид. Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"زِنْ وَأَرْجِحْ"

"***Баркаш ва вазнинтар кун***"".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Пас, ин гуна кирокунӣ ҷоиз аст, зеро ба ҷоизии он насс омад. Аммо дар ибодатҳо хоҳ фарз бошад, хоҳ нафл назар карда мешавад. Агар нафъи ибодат ҷуз анҷомдиҳанда ба каси дигар нарасад, монанди ҳаҷ барои худ ё адои закоти худ, ба ин ибодат музд гирифтан ҷоиз нест. Зеро музд ивази истифодабарӣ мебошад. Ин ҷо барои каси дигар ягон истифодабарӣ ҳосил намешавад. Пас, кирокунӣ бо ин сабаб ҷоиз нест. Зеро ин ибодатҳо бар ӯ фарз аст. Агар нафъи ибодат ҷуз анҷомдиҳанда ба каси дигар низ расад, ба ин ибодат музд гирифтан ҷоиз аст. Масалан, азонгӯӣ барои дигарон, имомат барои дигарон ё кирокунӣ барои адои ҳаҷҷи маййит ё адои закот ба ҷойи кирокунанда. Ин ҳама ҷоиз аст, зеро ақд бар манфиат бо иваз баста мешавад. Музд ин ҷо ивази баҳрабарӣ мебошад. Азбаски

истифодабарӣ барои каси дигар ҳосил мешавад, кирокунӣ ҷоиз аст. Аммо Тирмизӣ аз Усмон ибни Абӯос ҳадисе ривоят кардааст:

"إِنَّ مِنْ آخِرِ مَا عَهِدَ إِلَيَّ النَّبِيُّ ﷺ أَنْ أَتَّخِذَ مُؤَذِّنًا لاَ يَأْخُذُ عَلَى أَذَانِهِ أَجْرًا"

"***Супориши охирини Набӣ (с) ба ман ин буд, ки муаззине бигирам, ки бар ивази азонгӯӣ музд намегирад***".

Расулуллоҳ (с) дар ин ҳадис аз кирои муаззине, ки музд мегирад, боздоштанд, вале худи муаззинро аз музд гирифтан бознадоштанд. Ин ҳадис далолат мекунад, ки муаззиноне ҳастанд, ки музд мегиранд ва муаззиноне ҳастанд, ки музд намегиранд. Пайғамбар (с) Усмон ибни Абӯосро аз кирои муаззине, ки музд мегирад, боздоштанд. Дар ин наҳй мазмуни нафратпайдокунӣ аз муздгирӣ бар ивази азонгӯӣ мавҷуд аст. Ин ба кароҳати муздгирӣ бар ивази ин кор ишора мекунад. Вале далолат намекунад, ки кирокунӣ барои азонгӯӣ ҳаром бошад, балки далолат мекунад, ки ин кирокунӣ бо вуҷуди кароҳат ҷоиз аст.

Аммо таълим чунин аст, ки ба шахс кирокунии муаллиме барои таълими фарзандонаш, худаш ё касоне, ки ба таълими онҳо рағбат дорад, ҷоиз аст. Зеро таълим манфиати мубоҳ ва ивазгирӣ дар ин кор ҷоиз аст. Бинобар ин, кирокунӣ ба ин кор ҷоиз аст. Шариат муздгириро барои таълими Қуръон иҷозат додааст. Бинобар ин, муздгирӣ барои таълими ғайри Қуръон ба тариқи авло ҷоиз мебошад. Бухорӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"أَحَقُّ مَا أَخَذْتُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا كِتَابُ اللهِ"

"***Он чӣ, ки барои муздгирии шумо аз ҳама сазовортар аст, Китоби Аллоҳ мебошад***".

Иҷмои саҳобагон бар он баста шудааст, ки ризқгирӣ аз байтулмол барои таълим ҷоиз аст. Пас, муздгирӣ барои таълим низ ҷоиз аст. Аз тариқи Ибни Абӯшайба, ки ӯ аз Садқаи Димишқӣ ва ӯ аз Вазия ибни Ато ривоят кардааст: "Дар Мадина се муаллим буд, ки

кӯдаконро таълим медоданд. Умар ибни Хаттоб ҳар моҳ ҳар яки онҳоро понздаҳдинорӣ ризқ медод". Ин ҳама ба ҷоизии муздгирӣ барои таълим далолат мекунад. Аммо тамоми ҳадисҳое, ки бо наҳйӣ дар ин бора омадааст, на ба наҳйӣ аз кирокунӣ барои таълими Қуръон, балки ба наҳйӣ аз муздгирӣ барои таълими Қуръон мансуб аст. Ин ҳама на ба ҳаром будани кирокунӣ барои таълими Қуръон, балки ба кароҳати муздгирӣ барои таълими Қуръон далолат мекунад. Кароҳати муздгирӣ ҷоизиро бекор намекунад. Бинобар ин, муздгирӣ барои таълими Қуръон бо вуҷуди ҷоизии кирошавӣ ба ин кор макрӯҳ аст.

Кирокунии табиб низ ҷоиз аст, зеро он манфиатест, ки пурра ситондани он ба кирокунанда имконпазир аст. Вале кирокунии табиб ба шифоёбӣ ҷоиз нест, зеро ин кирокунӣ ба номаълум мебошад. Кирокунии табиб барои ташхису муоина ҷоиз аст, зеро дар ин кор манфиати маълум вуҷуд дорад. Кирокунии табиб барои хидмат ба рӯзҳои маълум ҷоиз аст, зеро ин кори муайян мебошад. Кирокунии табиб барои табобати бемор, гарчи табиб навъи бемориро намедонад, ҷоиз аст, зеро табобат маълум ва дур аз номаълумист ва танҳо бемор будани касро донистан кифоя мекунад. Азбаски табобат манфиатест, ки барои кирокунанда пурра ситондани он имконпазир аст, кирокунии табиб ҷоиз аст. Бинобар ин, кирокунӣ барои ин кор ҷоиз аст. Дар бораи Набӣ (с) ривоят омадааст, ки ба ҷоизии кирокунӣ барои табобат далолат мекунад. Бухорӣ аз Анас ривоят кардааст:

**" اِحْتَجَمَ رَسُولُ اللهِ ﷺ فَحَجَمَهُ أَبُو طَيْبَةَ وَأَعْطَاهُ صَاعَيْنِ مِنْ طَعَامٍ وَكَلَّمَ مَوَالِيَهُ فَخَفَّفُوا عَنْهُ"**

"***Расулуллоҳ (с) хун доданд. Абӯтайба аз эшон хун гирифт. Пайғамбар (с) ба ӯ ду соъ таом доданд ва бо хоҷаҳои ӯ гуфтугӯ карданд. Сипас онҳо кори Абӯтайбаро сабук гардонданд***".

Дар ҳамон замон хунгирӣ аз дармонҳое буд, ки бо он табобат мекарданд. Муздгирӣ барои ин кор далолат мекунад, ки

кирошавии табиб ҷоиз аст. Аммо Тирмизӣ аз Рофеъ ибни Ходиҷ ҳадиси зеринро ривоят кардааст:

"كَسْبُ الْحَجَّامِ خَبِيثٌ"

"**Касби хунгиранда хабис аст**".

Ин ҳадис на ба манъи кирокунии хунгиранда, балки ба кароҳати касбкунии хунгирӣ бо вуҷуди мубоҳӣ далолат мекунад. Далел ин аст:

"سَمَّى الثَّوْمَ وَالْبَصَلَ خَبِيثَيْنِ مَعَ إِبَاحَتِهِمَا"

"***Пайғамбар (с) сирпиёз ва пиёзро бо вуҷуди мубоҳӣ хабис номиданд***".

Ин ҳадисро Муслим аз Маъдон ибни Абӯталҳа ривоят кардааст. Ин ҳама дар бораи муздурест, ки манфиаташ хос мебошад.

Хидмати муздуре, ки манфиаташ умумӣ мебошад, яке аз манфиатҳое эътибор карда мешавад, ки таъмини он барои мардум ба давлат воҷиб аст. Зеро ҳар гуна манфиате, ки нафъаш ба афроди ҷамоат мерасад ва ҷамоат ба он мӯҳтоҷ аст, аз манфиатҳои умумӣ ба ҳисоб меравад, ки таъмини он барои тамоми мардум ба байтулмол воҷиб аст. Масалан, амир касоне, ки дар байни мардум қозигӣ мекунад, кормандони идораҳо ва муассисаҳо, муаззинон ва имомонро бар ивази музди ҳармоҳа киро мекунад. Таълим ва тиб низ ба ҷумлаи соҳаҳое дохил мешавад, ки киро кардани муздурон барои тамоми мардум ба давлат воҷиб аст. Ба таълим оем, саҳобагон иҷмоъ кардаанд, ки ба муаллимон аз байтулмол ба миқдори муайян ҳамчун музд рӯзӣ дода шавад. Зеро Расул (с) таълими даҳ нафар фарзанди мусулмононро ҳамчун фидяи асири кофир ва бадали фидяи ин асир аз ғаниматҳо таъйин карданд. Ҳол он ки фидя моликияти тамоми мусулмонон буд. Ба тиб оем, ба Расул (с) табибе ҳадия карданд ва Эшон (с) ӯро барои мусулмонон таъйин намуданд. Рафтори Расул (с), ки тасарруф ва гирифтани ин ҳадияро тарк карда, барои мусулмонон таъйин намуданд, далел

аст, ки ин ҳадия натанҳо барои эшон, балки барои оммаи мусулмонон мебошад. Агар ба Расул (с) ҳадияе ояд ва онро барои оммаи мусулмонон гузоранд, ин ҳадия ба оммаи мусулмонон дахлдор мегардад. Аз ин рӯ, рӯзии табибон ва муаллимон ба дӯши байтулмол мебошад, гарчи ба фард киро кардани табиб ва муаллим ҷоиз аст, таъмини тиб ва таълим барои тамоми раият ба давлат воҷиб мебошад. Дар ин бора дар байни мусулмон ва зиммӣ, бой ва камбағал фарқ вуҷуд надорад. Зеро ин монанди азон ва қазо аз корҳое ба ҳисоб меравад, ки манфиаташ ба ҳама мерасад ва мардум ба он мӯҳтоҷанд. Пас, ин корҳо аз манфиатҳои омма ба ҳисоб рафта, таъмин ва кафолати онҳо барои раият ба байтулмол воҷиб мебошад.

**Муздур кист?**

Шариати исломӣ ҳар инсонеро, ки бар ивази музд кор мекунад, қатъи назар аз кирокунанда: чи фард бошад, чи ҷамоат ва чи давлат, муздур донист. Пас, анҷомдиҳандаи ҳар гуна навъи кор ба муздур шомил мегардад. Дар ҳукми шаръӣ дар байни муздури давлат ва муздури дигарон фарқ вуҷуд надорад. Коргари давлат, коргари ҷамоат ва коргари фард – ҳама коргаранд ва ба онҳо аҳкоми кор татбиқ мешавад, яъне ҳар яки онҳо муздуранд ва ба онҳо аҳкоми иҷора (кирокунӣ) татбиқ мешавад. Масалан, деҳқонон, ходимон, коргарони корхонаҳо, котибони тоҷирон, коргарони давлат – ҳама муздур ва коргаранд. Зеро ақди иҷора бар манфиати айнҳо, ё бар манфиати кор, ё бар манфиати шахс баста мешавад. Агар ақд бар манфиати айнҳо баста шавад, баҳси муздур ба он дохил намешавад, зеро ӯ ба он ягон алоқа надорад. Агар ақд бар манфиати кор, монанди кирокунии ҳунармандон ва косибон барои корҳои муайян ё бар манфиати шахс, монанди кирокунии ходимон ва коргарон баста шавад, ӯ ба муздур тааллуқ дорад ва муздур номидани ӯ мувофиқ аст.

**Асоси муқарраркунии музд**

Иҷора ақд бар манфиат бо иваз мебошад. Дар бастани ақди иҷора шарт аст, ки ҳар ду ақдкунанда соҳибҳуқуқ ва оқил бошанд. Барои сиҳҳати ин ақд ризои ҳар ду ақдкунанда ва маълум будани музд низ шарт аст. Зеро Расул (с) гуфтаанд:

"إِذَا اسْتَأْجَرَ أَحَدُكُمْ أَجِيرًا فَلْيُعْلِمْهُ أَجْرَهُ"

"***Агар нафаре аз шумо муздуре киро кунад, ба ӯ муздашро маълум созад***".

Ин ҳадисро Дорақутнӣ аз Ибни Масъуд ривоят кардааст. Инчунин Аҳмад аз Абӯсаид ривоят кардааст: "Набӣ (с) аз кирокунии муздур бе баён кардани муздаш боздоштанд". Вале бе маълум кардани музд низ ақди иҷора баста мешавад ва дуруст ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат ҳангоми ихтилоф дар миқдори музд ба музди мисл мурочиат мекунанд. Агар ҳангоми ақди иҷора музд таъйин нашавад ё муздур ва кирокунанда дар музди таъйиншуда ихтилоф кунанд, ба музди мисл мурочиат мекунанд. Дар ин ҳолат аз рӯи қиёс ба маҳр ба музди мисл мурочиат карда мешавад. Зеро дар маҳр ҳангоми таъйин нашудан ё ихтилоф дар маҳри таъйиншуда ба маҳри мисл мурочиат карда мешавад. Дар ривояти Насоӣ ва Тирмизӣ, ки ӯ инро ҳасани саҳеҳ гуфтааст, омадааст:

" عَنْ ابْنِ مَسْعُودٍ أَنَّهُ سُئِلَ عَنْ رَجُلٍ تَزَوَّجَ امْرَأَةً وَلَمْ يَفْرِضْ لَهَا صَدَاقًا وَلَمْ يَدْخُلْ بِهَا حَتَّى مَاتَ فَقَالَ ابْنُ مَسْعُودٍ لَهَا مِثْلُ صَدَاقِ نِسَائِهَا لَا وَكْسَ وَلَا شَطَطَ وَعَلَيْهَا الْعِدَّةُ وَلَهَا الْمِيرَاثُ فَقَامَ مَعْقِلُ بْنُ سِنَانٍ الْأَشْجَعِيُّ فَقَالَ قَضَى رَسُولُ اللهِ ﷺ فِي بِرْوَعَ بِنْتِ وَاشِقٍ امْرَأَةٍ مِنَّا مِثْلُ الَّذِي قَضَيْتَ فَفَرِحَ بِهَا ابْنُ مَسْعُودٍ"

"***Тавре ки аз Ибни Масъуд овардаанд, аз ӯ дар бораи марде пурсиданд, ки бо зане издивоҷ намуда, пеш аз додани маҳраш ва дохил шудан ба наздаш даргузаштааст. Ибни Масъуд гуфт: "Ба ӯ на кам ва на беш, балки мисли маҳри занони дигар дода мешавад. Ӯ идда медорад ва ба ӯ мерос дода мешавад***".

***Маъқал ибни Синони Ашҷаӣ бархост ва гуфт: "Расулуллоҳ (с) дар бораи зане аз қабилаи мо Бирваа бинти Вошиқ мисли ту ҳукм бароварда буданд". Ибни Масъуд аз шунидани ин хеле хурсанд шуд***".

Маънои сухани Ибни Масъуд: "ба ӯ мисли маҳри занони дигар" маҳри мисли маҳри занони дигар мебошад. Пас, Шореъ маҳри мислро ба заноне, ки маҳрашон таъйин нашудааст, воҷиб гардондааст. Вақте ки дар маҳри таъйиншуда ихтилоф мекунанд, ҳамин роҳ пеш гирифта мешавад. Азбаски маҳр ивази лозимӣ аст ва бар ақди никоҳ бунёд мегардад, ҳар гуна ивази лозимӣ, ки бар ақд бунёд мегардад, қатъи назар аз муқобили ин иваз: чи мол, монанди байъ, чи манфиат ё меҳнат, монанди иҷора, чи ниҳла, монанди ақди никоҳ, ба маҳр қиёс карда мешавад. Аз ин рӯ, дар ҳолати таъйин нашудани иваз дар ақд ё ихтилоф дар бораи ивази таъйиншуда ба ивази мисл ҳукм карда мешавад. Бинобар ин, ҳангоми таъйин нашудан дар ақд ва ихтилоф дар бораи музди таъйиншуда дар иҷора ба музди мисл ва дар байъ ба нархи мисл ҳукм карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми ихтилофи муздур ва кирокунанда дар бораи музди таъйиншуда ва ҳангоми таъйин нашудани музд дар ақд ба музди мисл ҳукм карда мешавад. Агар музд ҳангоми бастани ақд маълум бошад, музд музди таъйиншуда мебошад ва агар номаълум бошад ё дар музди таъйиншуда ихтилоф кунанд, музд музди мисл мебошад. Бинобар ин, музд ду қисм аст: музди таъйиншуда ва музди мисл. Дар эътибор кардани музди таъйиншуда ризои ду ақдкунанда бар ин музд шарт аст. Агар ду ақдкунанда ба музди муайян розӣ бошанд, ин музд музди таъйиншуда ба ҳисоб рафта, кирокунанда ба пардохти бештар аз он ва муздур ба гирифтани камтар аз он водошта намешаванд, балки он музди шаръан воҷиб мебошад. Музди мисл, агар ақди иҷора бар манфиати кор баста шуда бошад, музди мисли ин гуна кор ва мисли ин гуна коргар мебошад. Агар ақди иҷора бар манфиати шахс баста шуда бошад, музди мисл танҳо мисли музди ин гуна коргар мебошад.

Муздро на давлат ва на урфи аҳли кишвар, балки коршиносон дар таъйини музд муқаррар мекунанд. Ин мутахассисон музди кореро, ки муқарраркунии муздаш қасд карда мешавад ё коргареро, ки муқарраркунии муздаш қасд карда мешавад, муайян мекунанд.

Асосе, ки коршиносон дар муқарраркунии музд бар он такя мекунанд, манфиат мебошад: хоҳ манфиати кор бошад, хоҳ манфиати коргар. Зеро ақди иҷора бар манфиат баста мешавад. Пас, манфиат асосест, ки музд аз рӯи он муқаррар мегардад. Музд бо истеҳсоли муздур ва бо ҳадди ақалли сатҳи зиндагӣ дар ҷамоати муздур муқаррар намегардад. Истеҳсоли муздур ва дараҷаи сатҳи зиндагӣ дар муқарраркунии музд дахл надорад, балки муқарраркунии музд ба манфиат вобаста аст. Музди муздур аз рӯи муқарраркунии коршиносон дар бораи арзиши ин манфиат дар ҷомеаи ин муздур муқаррар мегардад. Коршиносон, вақте ки музди кор ва музди коргарро муқаррар мекунанд, ба арзиши ин манфиат дар ҷомеа назар мекунанд. Пас, муздро аз рӯи арзиши манфиате, ки аз коргар ё кор ҳосил мешавад, муқаррар мекунанд. Бинобар ин, агар дар муқарраркунии арзиши манфиат дар ҷомеа ихтилоф рух диҳад, муқарраркунии музд бо далелу ҳуҷҷат ҷоиз нест, балки бо раъйи коршиносон иктифо карда мешавад. Зеро масъала ин ҷо на далеловарӣ дар бораи миқдори манфиат, балки донистани арзиши манфиат мебошад.

Ин асосест, ки музд аз рӯи он муқаррар мегардад ва асос манфиат аз рӯи муқарраркунии коршиносон мебошад. Коршиносонро, ки натанҳо музди кор ё коргар, балки музди мислро низ муқаррар мекунанд, воҷиб аст, ки ба шахсе монанди муздури ҳамин гуна кор, яъне ҳам ба кор ва ҳам ба коргар назар кунанд, дар айни вақт ба замону макони кирокунӣ низ назар кунанд. Зеро музд бо тафовути кору коргар ва замону макон фарқ мекунад.

Коршиносонеро, ки музд ё музди мислро муқаррар мекунанд, аслан ду ақдкунанда, яъне кирокунанда ва муздур ихтиёр мекунанд. Агар коршиносонро ихтиёр накунанд ё дар ин бора

ихтилоф кунанд, соҳиби салоҳият дар таъйини ин коршиносон маҳкама ё давлат мебошад.

### Муқарраркунии музди муздур

Инсон табиатан ба сарфи меҳнат дар истеҳсоли моле, ки бо он эҳтиёҷоташро қонеъ мегардонад, кӯшиш мекунад. Эҳтиёҷоти инсон зиёд аст, ки бо узлат аз дигарон онҳоро қонеъ гардонда наметавонад. Пас, амри ҳатмист, ки инсон дар ҷомеа бо табодули натиҷаҳои меҳнат бо дигарон зиндагӣ кунад. Бинобар ин, инсоне, ки дар ҷомеа зиндагӣ мекунад, натанҳо барои истеъмоли бевосита, балки ҳам барои истеъмоли бевосита ва барои табодул дар истеҳсоли мол меҳнат сарф мекунад. Зеро эҳтиёҷоти инсон зиёд аст. Ӯ ба молҳое, ки дар назди ӯ мавҷуд нест ва ба истифодаи бевосита аз меҳнати дигарон, монанди таълим ва тиб, эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин, молҳое, ки ӯ истеҳсол мекунад, ҳарчанд гуногун ва зиёд бошад, барои қонеъгардонии тамоми эҳтиёҷоташ кофӣ нест. Зеро ӯ бо меҳнати хос он чиро, ки тамоми эҳтиёҷоташро қонеъ мегардонад, истеҳсол карда наметавонад, балки бояд ба меҳнати дигарон такя кунад ва ба мубодилаи меҳнати дигарон, ки ба ӯ лозим аст, бо меҳнати худ ё бо мол эҳтиёҷ дорад. Аз ин рӯ, табодули меҳнати мардум зарур аст. Азбаски ин меҳнат ба бадали меҳнат ё моли каси дигар гузошта мешавад, бояд миқёсе бошад, ки арзиши меҳнатҳои сарфшударо нисбат ба меҳнатҳои дигар муайян кунад, то мубодилаи он имконпазир гардад. Инчунин арзиши молҳоеро, ки барои қонеъгардонӣ ҳусули он қасд карда мешавад, муайян кунад, то мубодилаи он бо дигар молҳо ё бо меҳнат имконпазир гардад. Бинобар ин, бояд миқёси ягона бошад, ки арзиши меҳнат ва арзиши молҳоро муайян мекунад, то мубодилаи молҳо бо дигар молҳо, мубодилаи молҳо бо меҳнатҳо ва мубодилаи меҳнатҳо бо дигар меҳнатҳо имконпазир гардад. Аз ин рӯ, "мукофоти пулӣ"-ро пазируфтанд, ки ба инсон дар ҳусули молу меҳнати барои қонеъгардонӣ лозимӣ имкон медиҳад. Ин мукофоти пулӣ нисбат ба коло нарх ва нисбат ба меҳнат музд мебошад. Зеро он дар

табодули колоҳо муқобили айни коло ва дар табодули меҳнатҳо муқобили манфиати меҳнати сарфшудаи инсон мебошад. Бинобар ин, инсон аз муомилоти байъ ва аз муомилоти иҷора бениёз шуда наметавонад. Вале дар байни байъ ва иҷора ҷуз муомилаи миёни фардҳои банӣ-инсон будан вобастагие вуҷуд надорад. Иҷора ба байъ ва музд ба нарх вобаста нест. Бинобар ин, муқарраркунии музд муқарраркунии нарх нест ва яке ба дигаре алоқае надорад. Нарх бадали мол ва ҳатман мол муқобили мол мебошад: хоҳ мол бо арзиш муқаррар карда шавад, хоҳ бо нарх. Музд бадали меҳнат аст ва зарур нест, ки ин меҳнат мол истеҳсол намояд, балки гоҳ мол истеҳсол менамояд ва гоҳ на. Зеро манфиати меҳнат ба истеҳсоли мол маҳдуд нест, балки ин ҷо ҷуз мол манфиатҳои дигар низ вуҷуд дорад. Меҳнате, ки дар зироат, тиҷорат ё саноат сарф мешавад, қатъи назар аз навъ ва миқдор: чи кам ва чи беш мол истеҳсол менамояд ва бо он бевосита сарватҳои кишвар меафзояд. Хизматрасоние, ки табиб, муҳандис, адвокат, муаллим ва ғайра тақдим мекунанд, меҳнатест, ки мол истеҳсол намекунад ва бо он бевосита сарвати уммат намеафзояд. Истеҳсолгар, вақте ки музд мегирад, онро ба муқобили моли истеҳсолкардаи худ мегирад. Вале муҳандис, вақте ки музд мегирад, ба муқобили мол намегирад, зеро молеро истеҳсол накардааст. Бинобар ин, муқарраркунии нарх ба муқобили мол ҳатмист. Муқарраркунии манфиати меҳнат бар хилофи ин на ба муқобили мол, балки ба муқобили манфиат аст, ки гоҳ мол ва гоҳ чизи дигар шуда метавонад. Аз ин рӯ, байъ аз кирокунии муздур ва нарх аз музд аз ҷиҳати муқарраркунии феълӣ фарқ мекунад. Вале фарқкунии байъ аз иҷора ва нарх аз музд маънои онро надорад, ки дар байни ҳар ду ҳеҷ гуна вобастагӣ вуҷуд надорад, балки фарқкунии мазкур чунин аст, ки иҷора бар байъ ва байъ бар иҷора бунёд намеёбад, инчунин нарх бинобар муқарраркунии музд ва музд бинобар муқарраркунии нарх муқаррар карда намешавад. Зеро муқарраркунии яке бинобар дигаре боиси ҳукмроншавии нархҳои колоҳои истеҳсолкардаи муздур бар музди пардохтшаванда мегардад. Ҳол он ки нархҳои колоҳо бояд на бар муздур, балки бар

кирокунанда ҳукмрон гардад. Вақте ки бар муздур ҳукмрон мегардад, боиси ҳукмроншавии кирокунанда бар муздур мегардад, ки дар вақти дилхоҳ бо ҳуҷҷати паст ё баланд шудани нархҳо муздашро паст ва баланд мекунад. Ин кор ҷоиз нест. Зеро музди муздур бадали манфиати кораш ва модом ки музд дар байнашон муқаррар шуда бошад, ба арзиши манфиати кораш баробар мебошад. Пас, музди муздур ба нархҳои колоҳои истеҳсолшаванда вобаста нест. Наметавон гуфт, ки маҷбурсозии кирокунанда ба пардохти музди муқарраршуда дар ҳоли пастравии нархҳои колои истеҳсолшаванда боиси хисороти кирокунанда ва ин дар навбати худ боиси сабукдӯшшавии коргар мегардад. Зеро ин ҳолат танҳо ҳангоми ҳусули пастравии нархи коло дар тамоми бозорҳо рух дода метавонад. Ин на ба кирокунанда, балки ба муқарраркунии манфиати коргар аз тарафи коршиносон вобаста аст. Зеро коршиносон на ба ҳолати ягона, балки ба маҷмӯи манфиати муздур дар шакли умумӣ назар мекунанд. Бинобар ин, муқарраркунии музд на ба нархи коло, балки ба муқарраროти коршиносон вобаста аст.

Илова бар ин, бунёд ёфтани иҷора бар байъ ва байъ бар иҷора боиси ҳукмроншавии нархҳои ниёзҳои рӯзмарра бар музди муздур мегардад. Ҳол он ки нархҳои ниёзҳои рӯзмарра бояд на бар музди муздур, балки ба чизҳои барои эҳтиёҷот кифоякунандаи муздур ҳукмрон гардад. Бинобар ин, агар нархи молҳои зарурӣ ба музди коргар ҳукмрон гардад, ин чиз таъмини коргарро бо чизҳои ба эҳтиёҷаш кифоякунанда ба дӯши кирокунанда мегузорад. Ҳол он ки таъмини ҳар як инсон бо чизҳои ба эҳтиёҷаш кифоякунанда як қисми идораи корҳои ҳамин инсон ба ҳисоб рафта, таъмини ӯ на вазифаи кирокунанда, балки вазифаи давлат мебошад. Инчунин мутлақо ҷоиз нест, ки таъмини коргар бо чизҳои ба эҳтиёҷаш кифоякунанда ба маҳсулот истеҳсол намудани ӯ вобаста карда шавад. Зеро гоҳо мумкин аст коргар заиф бошад, дар натиҷа маҳсулоти кам истеҳсол намояд, ки ба эҳтиёҷаш кифоя намекунад. Бинобар ин, агар музди ӯ ба маҳсулоти истеҳсолнамудааш ё ба

молҳои зарурӣ, ки ӯ мӯҳтоҷ аст, вобаста карда шавад, аз зиндагии осудаву хотирҷамъона маҳрум мегардад. Ин корест, ки набояд роҳ дод. Зеро бояд ба ҳар як шаҳрванди давлат ҳуқуқи зиндагӣ пурра таъмин гардад. Новобаста ба истеҳсоли маҳсулоти зиёд ё кам ва қудрати истеҳсол доштан ё аз истеҳсол оҷиз будан ба ҳар як инсон бояд ин ҳуқуқ пурра таъмин гардад. Пас, музди коргар аз рӯи арзиши манфиати ӯ муқаррар карда мешавад, хоҳ ба эҳтиёҷоти ӯ кофӣ бошад, хоҳ на. Аз ин рӯ, муайян кардани музди коргар бо нархи колоҳои истеҳсолкунандаи ӯ ё бо нархи молҳои зарурӣ, ки ӯ мӯҳтоҷ аст, хатост. Пас, асоснок кардани иҷора бар байъ ва байъ бар иҷора хатост. Бинобар ин, ба якдигар асоснок кардани онҳо ҷоиз нест. Аз ин рӯ, ҷоиз нест, ки нарх бар музди кор ва музди кор бар нарх асоснок карда шавад. Зеро муайян кардани музди кор ва муайян кардани нарх аз ҳам фарқ мекунад. Омилҳои муайян ва чизҳои хосе вуҷуд дорад, ки дар муайян кардани ҳар яки онҳо ҳукмрон аст ва ба эътибор гирифта мешавад. Бинобар ин, музди кор аз рӯи миқдори манфиати меҳнат муайян карда мешавад. Пас, муайян кардани музди кор аслан на бар меҳнат, балки бар манфиат асос меёбад, ҳарчанд манфиат маҳсули меҳнати шахс аст. Ин манфиатро коршиносон аз рӯи фоидаи он муқаррар менамоянд. Ин муайянкунӣ абадӣ нест, балки ба муддати созишшуда ё ба иҷрои кори созишшуда вобаста аст. Бинобар ин, агар муддат ба поён расад ё кор иҷро гардад, ба кор аз нав музд муқаррар карда мешавад. Ин музди нав ё аз ҷониби ақдкунандагон ё аз тарафи коршиносон оид ба баёни "музди мисл" муқаррар карда мешавад. Муддат гоҳо рӯзона, гоҳо моҳона ва гоҳо солона шуда метавонад. Воқеи муайян кардани музди кор аз ҳамин иборат аст. Аммо нарх ченаки мубодила дар байни миқдори пул ва миқдори колоест, ки ба ивази ҳамин пул дода мешавад. Зеро нарх пулест, ки бар ивази воҳиди колои муайян дар вақти муайян дода мешавад. Нархро табиист, ки бозор муқаррар мекунад. Дар ин эҳтиёҷи мардум ба коло ба эътибор гирифта мешавад. Дуруст, гоҳо нарх аз рӯи дараҷаи эҳтиёҷи харидор ба коло муайян карда шуда, онро новобаста ба нархаш мехарад, вале

гоҳо нарх аз рӯи дараҷаи эҳтиёҷи фурӯшанда муайян карда шуда, онро новобаста ба нархаш мефурӯшад. Лекин ин корест, ки набояд роҳ дод. Зеро ин кор барои ҷомеа хатарнок аст. Бинобар ин, ба он роҳ додан мумкин нест. Инро ғабн (фиреб) мегӯянд. Бинобар ин, дар ин ҳолат на фурӯшандаву харидоре, ки бо ҳам ба мувофиқа меоянд, балки фурӯшандагону харидорони бозор ба эътибор гирифта мешавад. Бо ибораи дигар, нархи мазкур миқдорест, ки дар бозор ба коло муқаррар карда мешавад. Зеро дар чунин ҳолат ҳам харидор ва ҳам фурӯшанда маҷбуран нархи муқарраркардаи бозорро мепазиранд. Новобаста ба сарфу харҷи истеҳсоли ин коло эҳтиёҷ ба манфиати коло нархро муайян карда, фурӯшандаву харидорро ба риояи ин нарх маҷбур мекунад. Аз ин рӯ, муайян кардани нарх аз муайян кардани музди кор тамоман фарқ карда, дар байни ин ду ҳеҷ гуна алоқа вуҷуд надорад. Бинобар ин, муайян кардани музди кор ба нарх асоснок намешавад. Зеро нархро эҳтиёҷ ба коло муайян мекунад ва камёб будан дар муайян кардани нарх омили таъсиррасон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, нархро ба сарфу харҷе, ки ба истеҳсоли коло рафтааст, қиёс кардан мумкин нест. Зеро гоҳо мумкин аст нарх ва сарфу харҷи истеҳсолот яксон набошад, аз рӯи шароитҳои кӯтоҳмуддат кам ё зиёд гардад. Аммо дар муддати дароз дар байни нархи бозор ва харҷи истеҳсолот ба равиши табиӣ баробарӣ ба вуҷуд меояд. Лекин ин чиз музди корро ба нархи коло вобаста намекунад. Зеро ҳам дар муддати кӯтоҳ ва ҳам дар муддати дароз харидорон ҳангоми харидани коло ба харҷе, ки барои истеҳсоли коло рафтааст, эътибор намедиҳанд, балки дар ҳар ду ҳолат нархро эҳтиёҷ ба коло муайян мекунад, дар ин омили камёбӣ низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Капиталистҳо ва коммунистҳо дар муайян кардани музди коргар аз якдигар сахт фарқ мекунанд. Зеро капиталистҳо ба коргар музди табиӣ медиҳанд. Ба андешаи онҳо, музди табиӣ аз эҳтиёҷоти зиндагӣ дар сатҳи паст, ки коргар мӯҳтоҷ аст, иборат буда, сатҳи пасттарини харҷҳои зиндагӣ зиёд гардад, муздро зиёд

мекунанд, агар кам гардад, кам мекунанд. Аз ин рӯ, музди коргар новобаста аз фоидаи коргар ба шахс ва ҷомеа аз рӯи харҷҳои зиндагӣ муқаррар карда мешавад. Аммо музди коргарон дар кишварҳои капиталистӣ, монанди Амрико ва Аврупо, танҳо ислоҳоти низоми капитализм дар бораи додани ҳуқуқи иловагӣ ба коргар беш аз ҳуқуқест, ки озодии мулк медиҳад. Бо вуҷуди ин гуна ислоҳот музди коргар ҳанӯз аз сатҳи миёнаи зиндагӣ паст мебошад. Ин музд ба миқдори маҳсулотҳои саноатӣ, ки ӯ истеҳсол мекунад, мувофиқ намеояд. Гарчи сатҳи баланди зиндагӣ дар ҷомеаи Аврупо ва Амрико зоҳиран музди пасттарини коргарро музди хуби кор нишон медиҳад, коргар баробари миқдори маҳсулоти истеҳсолнамудаи худ музд намегирад. Бинобар ин, агар миқдори музди коргарро дар Аврупо ва Амрико, гарчи онро нисбат ба мо камбағал намекунад ва ба ӯ баробари қонеъ гардондани эҳтиёҷоти асосӣ ба қонеъ гардондани баъзе эҳтиёҷоти камолӣ низ имкон медиҳад, ба сатҳи зиндагии ҷомеаи ҳамин коргар қиёс намоем, аён мегардад, ки сатҳи зиндагии ӯ, гарчи нисбат ба мо баланд аст, нисбат ба ҷомеаи худ паст ба ҳисоб меравад. Ба ҳар ҳол, бо вуҷуди он ки сатҳи зиндагии коргарон дар Аврупо ва Амрико нисбат ба мо баланд аст, дар тамоми кишварҳои капиталистӣ миқдори музди коргар нисбат ба сатҳи зиндагии ҷомеааш ҳанӯз паст мебошад.

Ба ҳар ҳол, модом ки музди коргар бо воситаҳои зиндагии сатҳи пасттарин муқаррар карда шавад, дар натиҷаи ин мулкдории коргарон нисбат ба ҷомеаи худ дар ҳадди пасттарин сатҳи воситаҳои зиндагӣ, ки онҳо мӯҳтоҷанд, маҳдуд мегардад: хоҳ ҳаёти онҳо монанди аҳволи коргарони давлатҳои фикран ақибмонда, аз қабили кишварҳои имрӯзаи исломӣ, аз мубориза барои қонеъгардонии танҳо эҳтиёҷоти асосӣ иборат бошад, хоҳ монанди аҳволи коргарони давлатҳои пешқадами Аврупо ва Амрико аз кӯшиш барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ ва камолӣ иборат бошад. Зеро дар тамоми ин кишварҳо коргар нисбат ба ҷомеаи худ дорои мулке мебошад, ки дар сатҳи

пасттарини зиндагӣ маҳдуд аст. Ҳарчанд ин кишварҳо аз ҷиҳати баланд ё паст будани сатҳи зиндагӣ аз ҳам фарқ мекунанд, модом ки музди коргар аз рӯи пасттарин сатҳи воситаҳои зиндагӣ, ки ӯ мӯҳтоҷ мешавад, муқаррар карда шавад, аҳволи коргарон ҳамин тавр боқӣ хоҳад монд.

Аммо коммунистҳо дар истеҳсоли коло ва пурра ба охир расондани истеҳсоли коло меҳнати коргарро ба мадди аввал мегузоранд. Бинобар ин, мепиндоранд, ки меҳнат ё лаёқат ба меҳнат дар истеҳсоли коло нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, коммунистҳо мепиндоранд, ки чизи асосӣ дар истеҳсоли маҳсулот меҳнати коргар мебошад. Пас, музди коргар аз рӯи маҳсулоти истеҳсолнамудаи ӯ муқаррар карда мешавад ва харҷҳои истеҳсолотро ба як унсур, яъне меҳнат вобаста мекунанд. Ин табиист, ки хилофи воқеъ мебошад. Зеро воқеи маҳсус ин аст, ки моле, ки Аллоҳ дар ин коинот офаридааст, асоси арзиши коло мебошад. Харҷҳое, ки барои афзудани фоидаи ин мол ё барои ба вуҷуд овардани фоида дар он дар якҷоягӣ бо меҳнат сарф шудааст, ин молро ба шакле овард, ки фоидаи муайян меорад. Пас, асос кардани меҳнат хато ва хилофи воқеъ мебошад. Музди коргар донистани колои истеҳсолшуда ба ҳисоб нагирифтани ашёи хом ва харҷу масраф мебошад. Гоҳо харҷро коргари дигар сарф намуда, муздро низ ӯ мегирад, айни замон ин коргар коло истеҳсол намекунад ва истеҳсоли коло ба меҳнати ӯ ягон алоқа надорад. Бинобар ин, колоро ба ӯ ҳамчун музд додан мумкин намегардад. Агар тахмин кунем, ки ин ҷо синфи коргар дар назар дошта шудааст, дар ин сурат ашёи хом беэътибор гузошта шудааст. Ҳол он ки ашёи хомро Аллоҳ офаридааст ва беэътибор гузоштан ва ба ҳисоб нагирифтани он дуруст нест. Вале дар муайян кардани музд коргарро синф ҳисоб кардан низ хатост. Зеро коргарон шахсони муайян мебошанд ва музд танҳо ба ҳамин шахсҳо дода мешавад. Пас, синфи коргар эътибор кардан на боиси муайян кардани музд, балки боиси бекор кардани он ва мулкдорӣ мегардад. Ин ба фитрати инсон зид ва фикри хатост, ки воқеи маҳсус надорад. Зеро

воқеи маҳсус далолат мекунад, ки инсон кўшиш мекунад эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонад. Ин кўшиш ўро такон медиҳад, ки аз коинот ё инсонҳои дигар чизеро бигирад, ки эҳтиёҷоти ўро қонеъ мегардонад ё ба ҳамин ашёи хоми коинот меҳнати худро сарф кунад, то моли мавҷуда эҳтиёҷоти ўро қонеъ гардонда тавонад. Бинобар ин, назарияи коммунистон, ки колои истеҳсолшударо музд таъйин мекунанд, хатост. Инчунин муздро аз рўи колои истеҳсолнамудаи коргар муқаррар сохта, ашёи хомро ба як канор гузоштан хатост. Зеро олатҳои кор, ки коргар истифода мебарад ва харҷҳое, ки ў сарф мекунад, дар тавлиди коло саҳми худро гузоштааст ва ин коло як қисми меҳнати коргар нест. Бинобар ин, агар меҳнат як синфи алоҳида ва ин коло як қисми меҳнати коргар ҳисоб карда шавад, ин чиз боиси бекор шудани музди коргар мегардад. Ин, чунон ки дар боло зикр кардем, хатост. Музди коргар ҳам аз ҷиҳати арзиш ва ҳам аз ҷиҳати нарх ба коло алоқадор нест, балки он ба манфиате вобаста аст, ки меҳнати мазкур ба шахс ва ҷамоа меорад. Аз ин рў, музди кор на аз рўи колои истеҳсолшуда, балки аз рўи ҳамин манфиат муқаррар мегардад. Ин манфиат: хоҳ монанди занбурўғ ва себ дар ашёи хом мавҷуд бошад, хоҳ монанди истеҳсоли паровоз дар меҳнати коргар музд ба ҳамин манфиат вобаста мешавад. Бинобар ин, маҳдудсозии музди коргар бо ҳадди муайян новобаста ба муқоисаи он хато ва ба воқеи маҳсус зид аст. Бинобар ин, агар музд маълум бошад, худи ҳамин кифоя аст, онро набояд бо ҳадди муайян маҳдуд сохт. Аз ин рў, назарияи капиталистҳо, коммунистҳо ва сотсиалистҳо дар муайян кардани музд хато ва хилофи воқеъ мебошад. Ин назарияҳо дар қонеъгардонии эҳтиёҷот боиси вайрон шудани алоқаҳои миёни мардум мегардад.

Сабаби ин ихтилофи капиталистҳо ва коммунистҳо дар муайян кардани музди коргар аз ихтилофи онҳо дар маънидод намудани арзиши коло сар мезанад. Масалан, баъзе капиталистҳо дар таърифи арзиш гуфтаанд: "Арзиш вақт, меҳнат ва ашёи хомест, ки ба истеҳсоли коло сарф мешавад. Масалан, арзиши паровоз аз

арзиши велосипед зиёд аст". Ин арзиш дар назди онҳо аз рӯи камёбии ҳамин коло муқаррар карда мешавад. Баъзе капиталистҳо мегӯянд: "Арзиши ашё ба манфиати ашё, яъне ба қудрати он дар қонеъгардонии эҳтиёҷот вобаста аст". Баъзеи дигар мегӯянд: "Арзиши ҳар гуна коло ба миқдори меҳнате, ки дар истеҳсоли он сарф мегардад, инчунин асбобу анҷоме, ки дар ҷараёни истеҳсоли коло кор фармуда мешавад ва меҳнате, ки дар истеҳсоли олатҳои корӣ сарф мешавад, вобаста аст". Вале назарияи нав, яъне назарияе, ки бо номи "назарияи ниҳоӣ" маъруф аст, ба арзиш ҳам аз ҷиҳати истеҳсолкунанда, ҳам аз ҷиҳати истеъмолкунанда, яъне аз ҷиҳати пешниҳоду талабот баҳо медиҳад. Пас, арзиш ҳам ба талабот ва ҳам ба пешниҳод вобаста мешавад. Аз ин рӯ, манфиати ҳадди охирин ба талабот ҳукми худро мегузаронад, яъне он ниҳояи тавоноии коло дар қонеъгардонии эҳтиёҷ буда, баъд аз он қудрати қонеъгардонӣ коҳиш меёбад ё ба зарар табдил меёбад. Харҷҳои истеҳсолоте, ки ба ҳадди охирин мерасад, ба пешниҳод ҳукми худро мегузаронад, яъне он ниҳояи миқдори меҳнатест, ки дар истеҳсоли коло сарф шудааст ва агар ба истеҳсолот аз ин зиёд сарф гардад, зарар мебинад. Дар нуқтае, ки дар байни ҳамин ду падида мувозина ба вуҷуд меояд, арзиш тағйир меёбад.

Акнун дар бораи моҳияти арзиш дар назди коммунистҳо таваққуф менамоем. Карл Маркс гуфтааст: "Манбаи ягонаи арзиш меҳнатест, ки дар истеҳсоли коло сарф мегардад. Капиталист меҳнати коргарро бар ивази музди ночиз мехарад. Ин музд аз миқдоре, ки барои зиндагӣ дар ҳоли коршоямӣ зарур аст, намеафзояд. Сипас ин қувваро дар истеҳсоли колоҳое, ки арзишашон аз музди коргар чандин маротиба зиёд мебошад, истисмор мекунад". Маркс фарқи маҳсулотеро, ки коргар истеҳсол мекунад ва музде, ки ба ӯ пардохта мешавад, "арзиши иловагӣ" номид ва таъкид сохт, ки ин "арзиши иловагӣ" ғасби музди коргарон аз тарафи мулкдорон ва капиталистон бо номҳои

"рента", "даромад" ва "фоидаи капитал" мебошад. Маркс табиист, ки қонунӣ будани инро эътироф накард.

Ҳақиқат фикрест, ки дар ҳис воқеъ дорад (яъне воқеи маҳсус дорад). Пас, арзиши ҳар гуна коло миқдори манфиати он бо назардошти омили камёбӣ мебошад. Кору меҳнат, гарчи василаи ҳусули ин манфиат ва гоҳо василаи истеҳсоли коло аст, ҳангоми мубодила ва истифодаи ин манфиат мутлақо ба ҳисоб гирифта намешавад. Бинобар ин, нигоҳи ҳақиқӣ ба ҳар гуна коло нигоҳ ба манфиат бо назардошти омили камёбӣ мебошад, хоҳ инсон ба ин манфиат аз оғоз соҳиб шавад, монанди шикор, хоҳ бо воситаи мубодила соҳиб шавад, монанди байъ. Дар ин бора дар байни ҷомеаи Москва, ҷомеаи Париж ва ҷомеаи Мадинаи мунаввара фарқ вуҷуд надорад. Инсон дар ҳама ҷо ҳангоми кӯшиш барои ҳусули коло манфиати ин колоро бо назардошти омили камёбӣ муқаррар мекунад. Ин арзиши коло аз ҷиҳати коло будан дар назди инсон ба ҳисоб меравад ва ин арзиши ҳақиқии коло аст. Аммо арзиши феълии коло бо миқдори бадали он ба колои дигар ё пул муқаррар карда мешавад. Арзиши коло, ҳарчанд замон, макон ва шароитҳо тағйир меёбад, бар ин ваҷҳи собит бетағйир мемонад. Аммо нархи коло пулест, ки дар муқобили воҳиди колои муайян дар замони муайян, макони муайян ва шароити муайян пардохта мешавад. Пас, нархи коло бо тағйирёбии замон, макон ва шароитҳо тағйир меёбад. Бо ибораи дигар, нарх нисбати мубодила дар байни миқдори пул ва миқдори колоест, ки бар муқобили ҳамин пул дода мешавад.

Масалан, агар марде бо зане издивоҷ кунад, ба маҳраш ҷевони муайянро, ки дорои сифати муайян аст, таъйин намояд, панҷоҳ динор будани арзишашро зикр кунад ва ҷевонро билфеъл ба ин зан супорад, арзиши ҷевон баробари супоридан таъйин мегардад. Пас, агар баъдтар ин ҷевонро аз зан бозпас гирад ва сипас зан онро даъво кунад, мард бояд на пул, балки худи ҷевонро диҳад. Агар собит шавад, ки ҷевон шикастааст ё мард даъво кунад, ки ҷевон шикастааст, мард бояд ба зан панҷоҳ динор пардозад. Зеро ин

арзиши ҷевон аст: нархи мисли ҷевон ҳангоми даъво хоҳ аз панҷоҳ динор зиёд бошад, хоҳ кам. Арзиш феълан муқаррар шудааст ва нархи мисли ҷевон эътибор надорад. Бар хилофи ин, агар дар ақд зикр гардад, ки нархи ҷевон панҷоҳ динор аст ва ҷевонро билфеъл супорад, баъдтар онро аз зан бозпас гирад ва сипас зан ҷевонро даъво кунад, мард бояд ҷевонро бидиҳад, ё панҷоҳ динор нархи ҷевонро пардозад, ё барои зан ба панҷоҳ динор ҷевон харад, нархи ҷевон ҳангоми даъво хоҳ аз панҷоҳ динор зиёд бошад, хоҳ кам. Дар ҳама ҳолат мард бояд ҷевонеро, ки нархаш панҷоҳ динор аст, бисупорад.

Тафсилот ин аст, ки арзиш тағйир намеёбад, вале нарх тағйир меёбад. Пас, арзиши феълии коло миқдори бадали ин коло ҳангоми баҳогузорӣ (муқарраркунӣ) мебошад, вале нархи коло он чизест, ки дар бозор барои мубодила дар муқобили он пардохта мешавад. Ин гуна фарқи арзиш ва нарх дар байъ ва дигар навъҳои мубодила вуҷуд дорад. Аммо кирокунии муздур миқдорест, ки бо он манфиати меҳнати ин муздур ҳангоми бастани ақд муқаррар карда мешавад. Ин миқдор ҳангоми интиҳои муддати кирокунӣ бори дигар муқаррар карда мешавад. Аз ин аён мегардад, ки дар байни музди муздур ва арзиши коло, дар байни музди муздур ва харҷи истеҳсолот, инчунин дар байни музди муздур ва сатҳи зиндагӣ ягон алоқа вуҷуд надорад. Музди коргар тамоман чизи дигар аст. Зеро музд миқдори манфиатест, ки кирокунанда бо воситаи меҳнати муздур ба даст меорад. Миқдори ин манфиатро на кирокунанда, балки эҳтиёҷ ба ин манфиат муқаррар месозад. Пас, танҳо манфиати дорои ҳамин гуна сифат музди коргарро муқаррар месозад. Ин музд аз рӯи гуногунии корҳо гуногун мешавад ва аз рӯи тафовути маҳорат дар худи як кор низ фарқ мекунад. Масалан, музди муҳандис аз музди дуредгар фарқ мекунад. Музди дуредгари моҳир аз музди дуредгари оддӣ фарқ мекунад. Музди мардум дар як кор аз рӯи анҷоми моҳирона бо сабаби манфиати меҳнат баланд мешавад. Ин на болобардории

онҳо, балки болобардории музд ба ҳисоб меравад. Онҳо бо сабаби манфиати хуби меҳнаташон ба ҳамин гуна музд ҳақдор мегарданд.

**Мерос**

Сабаби дуюми моликшавӣ ба мол мерос мебошад. Мерос бо насси қатъии Қуръон собит шудааст. Дар Қуръон аҳкоми тавқифии муайян ҳаст, ки иллатро дарбар нагирифтааст. Ҳарчанд ин аҳком дар бораи ҷузъиёт омадааст, ҷузъиёти мазкур хатҳои фарогиранда дорад. Масалан, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يُوصِيكُمُ اللّهُ فِي أَوْلاَدِكُمْ لِلذَّكَرِ مِثْلُ حَظِّ الأُنثَيَيْنِ فَإِن كُنَّ نِسَاء فَوْقَ اثْنَتَيْنِ فَلَهُنَّ ثُلُثَا مَا تَرَكَ**

"***Аллоҳ дар бораи фарзандонатон ба шумо сафориш мекунад, ки саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст. Ва агар духтар бошанд ва беш аз ду тан, ду саввуми мерос аз онҳост***" [4:11].

Аз ин қавл якчанд аҳкомро мефаҳмем. Пас, мефаҳмем, ки писарон нисбат ба духтарон ду баробар зиёд ҳисса мегиранд. Инчунин мефаҳмем, ки агар писарон набошанд, ба писари писар муомилаи писар карда мешавад. Зеро фарзандони писар таҳти калимаи "фарзандон" дохил мешавад. Писари духтар бар хилофи ин аст, ки нисбат ба ӯ дар ҳолати набудани писарон муомилаи писар карда намешавад. Зеро фарзандони духтар дар луғат таҳти калимаи "фарзандон" дохил намешавад. Боз мефаҳмем, ки фарзандон, агар занон ва аз ду зиёд бошанд, дар ду сеюми мерос (9) шарик мешаванд. Расулуллоҳ (с) ба ду духтар низ ҳукми духтарони беш аз дуро баровардаанд ва саҳобагон ба ин иҷмоъ кардаанд. Пас, ба ду духтар низ ҳукми духтарони беш аз ду татбиқ мешавад. Ин аҳком аз маънои умумие, ки оят онро зикр кардааст, фаҳмида мешавад. Ворис бо ҳамин аҳком ба ҳиссае аз мерос ҳақдор мегардад. Бинобар ин, мерос аз рӯи аҳкоми мерос, ки дар Китоб,

суннат ва иҷмои саҳобагон муфассал омадааст, яке аз сабабҳои моликшавӣ мебошад.

Мерос яке аз василаҳои тақсимоти сарват ба ҳисоб меравад. Тақсимоти сарват на иллати мерос, балки баёни воқеи он аст. Сарват, модом ки соҳиби он шудан мубоҳ аст, дар дасти афрод ҳангоми дар қайди ҳаёт буданашон ҷамъоварӣ мешавад. Вақте ки онҳо вафот мекунанд, мерос сарваташонро дар байни ворисон тақсим мекунад. Тавре ки дар ин воқеъ дида мешавад, мерос василаи тақсимоти сарват дар шакли табиӣ мебошад. Аз бозҷӯӣ аён мегардад, ки се ҳолати зерин ҳолатҳоест, ки тақсимоти сарват дар мерос рух медиҳад:

а) дар ҳолати якум ворисон аз рӯи аҳкоми мерос ҳамаи молро мегиранд, ки дар ин ҳолат ҳамаи мерос ба онҳо тақсим карда мешавад;

б) дар ҳолати дуюм ворисоне ёфт намешавад, ки аз рӯи аҳкоми мерос ҳамаи молро гиранд. Масалан, марде вафот карда, танҳо занаш монад ё зане вафот карда, танҳо шавҳараш монад. Зан танҳо чоряки меросро мегирад ва боқимондаи мерос аз они байтулмол аст. Мард танҳо нисфи меросро мегирад ва боқимондаи мерос аз они байтулмол аст;

в) дар ҳолати сеюм ҳеҷ гуна ворис ёфт намешавад, ки дар ин ҳолат ҳамаи мол аз они байтулмол, яъне аз они давлат аст.

Ҳамин тавр, сарват тақсим мегардад ва мол ба дасти ворисон гузашта, табодули мол дар доираи иқтисодӣ дар байни мардум аз нав оғоз меёбад. Он гоҳ сарватҳо дар дасти як шахси муайян ҷамъоварӣ ва нигаҳдорӣ намешавад.

Мерос яке аз сабабҳои машрӯи моликият аст. Пас, ҳар кас чизеро мерос гирад, ба он ҳамчун мулки шаръӣ соҳиб мегардад. Бинобар ин, мерос яке аз сабабҳои моликшавӣ аст, ки шариати исломӣ ба он рухсат додааст.

**Эҳтиёҷ ба мол барои зиндагӣ**

Сабаби сеюми моликшавӣ эҳтиёҷ ба мол барои зиндагӣ мебошад. Зеро зиндагӣ ҳаққи ҳар як инсон аст. Пас, воҷиб аст, ки ба ин зиндагӣ на ҳамчун тӯҳфа ва на ҳамчун илтифот, балки ҳамчун ҳаққи худ ноил гардад. Кор сабабест, ки эҳтиёҷи рӯзмарраи ҳар як фардро аз шаҳрвандони Давлати Ислом таъмин мекунад. Агар кор ба ӯ имконнопазир бошад, давлат бояд барои ӯ кор омода созад. Зеро давлат сарпарасти ҳамин шаҳрвандон ва аз қонеъгардонии эҳтиёҷоти онҳо масъул ба ҳисоб меравад. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"اَلْإِمَامُ الَّذِى عَلَى النَّاسِ رَاعٍ وَهُوَ مَسْئُولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ"

"**Имоме, ки мардумро идора мекунад, сарвар ва аз раияти худ масъул аст**".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Ибни Умар ривоят кардааст. Агар пайдо кардани кор ба ӯ имконнопазир бошад ё бо сабаби беморӣ, пиронсолӣ ва дигар сабабҳои оҷизӣ аз коркунӣ оҷиз бошад, зиндагии ӯ ба касе, ки шариат инфоқро ба ӯ воҷиб гардондааст, воҷиб мегардад. Агар касе набошад, ки нафақаи ин оҷиз ба ӯ воҷиб аст ё ин гуна кас бошад, вале ба инфоқ қодир набошад, нафақаи ӯ ба дӯши байтулмол, яъне давлат аст. Илова бар ин, барои ӯ дар байтулмол ҳаққи дигар низ вуҷуд дорад, ки он закот аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالَّذِينَ فِي أَمْوَالِهِمْ حَقٌّ مَّعْلُوم لِّلسَّائِلِ وَالْمَحْرُومِ

"***Ва онон, ки дар амволашон ҳаққест муайян барои гадову маҳрум***" [70:24-25].

Пардохтани ин ҳақ ба сарватмандон фарз аст. Аллоҳ Таоло дар сураи "Тавба" гуфт:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاء وَالْمَسَاكِينِ

"***Садақот барои фақирон ва мискинон аст***" [9:60],

فَرِيضَةً مِّنَ اللّهِ

"***Он фаризаест аз ҷониби Аллоҳ***" [9:60],

яъне ҳаққест, ки фарз гардонда шудааст. Агар давлат дар ин бора бепарвогӣ кунад, ҷамоаи мусулмонон низ дар бораи муҳосабаи давлат ва кафолати мӯҳтоҷон ба бепарвогӣ роҳ диҳад, ҳол он ки бепарвогии ҷамоаи мусулмонон имконнопазир аст, дар ҳолати мазкур ин фард метавонад ҳар чиро, ки бо он кори худро беҳ ва дуруст мекунад, аз ҳар гуна макон биёбад: хоҳ моли афрод бошад, хоҳ моли давлат, бигирад. Дар ин ҳолат, модом ки дар назди нафаре аз мардум хӯрок бошад, ба гурусна хӯрдани гӯшти мурдор мубоҳ нест. Модом ки дар дасти инсоне хӯрок мавҷуд бошад, барои хӯрдани мурдор музтар ба ҳисоб намеравад. Агар ба ёфтани хӯрок қодир набошад, метавонад барои наҷот додани ҳаёташ гӯшти мурдорро бихӯрад. Азбаски зиндагӣ яке аз сабабҳои ҳусули мол аст, Шореъ гирифтани таомро дар соли гуруснагӣ дуздие эътибор накард, ки барои он даст бурида шавад. Тавре ки Абӯумома ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ قَطْعَ فِي زَمَنِ الْـمَجَاعِ"

"***Дар замони гуруснагӣ буридан нест***".

Шариат ҳаққи фардро дар моликшавӣ ба мол бо сабаби зиндагӣ бо ташреъ ва иршод кафолат дод. Инчунин ин ҳақро бо нишон додани роҳ ба ӯ кафолатнок гардонд. Имом Аҳмад ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"أَيُّمَـا أَهْلُ عَرْصَةٍ أَصْبَحَ فِيهِمُ امْرُؤٌ جَائِعًا فَقَدْ بَرِئَتْ مِنْهُمْ ذِمَّةُ اللهِ تَبَارَكَ وَتَعَالَى"

"***Агар марде дар байни аҳли маҳаллае гурусна бошад, зиммаи Аллоҳ Таборака ва Таоло аз онҳо бардошта мешавад***".

Баззор аз Анас ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

**"مَا آمَنَ بِي مَنْ بَاتَ شَبْعَانَ وَجَارُهُ جَائِعٌ إِلَى جَنْبِهِ وَهُوَ يَعْلَمُ بِهِ"**

"***Ҳар кас шабро сер гузаронад ва ҳамсояаш дар паҳлӯяш гурусна бошаду ӯ инро донад, ба ман имон наовардааст***".

**Бахшиши давлат аз молҳои худ ба раият**

Яке аз сабабҳои моликшавӣ бахшиши давлат аз молҳои байтулмол ба раият (шаҳрвандон) мебошад, то эҳтиёҷашонро қонеъ гардонанд ё ба истифодаи моликияташон имкон ёбанд. Қонеъ гардондани эҳтиёҷашон чунин аст, ки барои киштукори заминашон ё пардохти қарзҳояшон ба онҳо молҳо медиҳад. Умар ибни Хаттоб аз байтулмол ба деҳқонони Ироқ молҳо дод, то дар киштукори заминашон ва қонеъ гардондани эҳтиёҷашон ба онҳо кӯмак кунад ва аз онҳо ин молҳоро бозпас нагирифт.

Эҳтиёҷи ҷамоат ба истифода аз моликияти фард, вақте ки давлат аз молу мулки бекорхобида ва истифоданашавандаи худ ба афроди уммат медиҳад, рух медиҳад. Масалан, давлат баъзе заминҳои бесоҳибро ҷудо карда медиҳад. Чунон ки Расулуллоҳ (с) ҳангоми ба Мадина омадан ҳамин тавр карданд. Он гоҳ ба Абӯбакр ва Умар замин ҷудо карда доданд. Инчунин ба Зубайр замини васеъ ҷудо карданд. Ба ӯ аз заминҳои нокорами Нақеъ заминеро, ки аспаш бо дав мерасад, инчунин аз замини дарахтдор ва хурмодор ҷудо карда доданд. Хулафои рошидин баъд аз Пайғамбар (с) низ ба мусулмонон замин ҷудо карда доданд. Замине, ки давлат ба фард ҷудо карда медиҳад, ба моликияти ин фард табдил меёбад. Зеро ҷамоат ба ин мулкдорӣ мӯҳтоҷ аст, то ки бо сабаби ин мулкдорӣ аз он истифода барад, фард бо меҳнати ба ҷомеа фоидаовар таъмин гардад, қувваҳои зеҳниву ҷисмии ӯ ба ҷамоат хизмат кунад. Лафзи (اَلْإِقْطَاعُ) ин ҷо ба маънои луғавӣ ва фиқҳӣ истифода шудааст. Он ба сохти феодалӣ, ки ба Ислом бегона аст, алоқае надорад.

Ғаниматҳое, ки ба ҷанговарон тақсим карда мешавад ва ғаниматҳои хос, ки имом ба соҳибӣ кардан рухсат медиҳад, ба ҷумлаи молҳое дохил мешавад, ки давлат ба афрод медиҳад.

**Молҳое, ки афрод бе муқобили мол ё меҳнат мегиранд**

Яке аз сабабҳои моликшавӣ мол гирифтани афрод бе муқобили мол ё меҳнат мебошад. Ин панҷ чизро дарбар мегирад:

1. Бахшиши афрод ба ҳамдигар: хоҳ ҳангоми зинда будан, монанди тӯҳфа ва ҳадия, хоҳ баъд аз вафот, монанди васият. Насоӣ ва Ибни Исҳоқ дар "Сиратуннабавия" аз Амр ибни Шуайб, ӯ аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардааст: "Сафирони Ҳавозин ба назди Расулуллоҳ (с) омаданд ва баргардондани ғаниматҳоеро, ки аз онҳо гирифта шудааст, пурсиданд". Молик аз Ато ибни Муслим Абдуллоҳи Хуросонӣ ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"مَا كَانَ لِي وَلِبُنَيَّ عَبْدِ الْـمُطَّلِبِ فَهُوَ لَكُمْ"

"***Ҳаққи ман ва фарзандони Абдулмутталиб аз они шумост***"", яъне "***аз ман ба шумо тӯҳфа аст***".

Ибни Асокир аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"تَهَادَوا تَحَابُّوا"

"***Ба якдигар ҳадия диҳед, якдигарро дӯст медоред***".

Бухорӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ لَنَا مَثَلُ السُّوءِ، الَّذِى يَعُودُ فِي هِبَتِهِ كَالْكَلْبِ يَرْجِعُ فِي قَيْئِهِ"

"***Дар мо аз касе, ки монанди қайи худро хӯрдани саг тӯҳфаи худро бозпас мегирад, каси бадтар нест***".

Дар тӯҳфа ва ҳадия дар байни кофир ва мусулмон фарқе вуҷуд надорад, зеро бахшиши кофир мубоҳ аст ва гирифтани ин бахшиш монанди гирифтани бахшиши мусулмон аст. Муслим аз Асмо бинти Абӯбакр ривоят кардааст: "Дар даври Қурайш, вақте ки бо онҳо аҳд баста шуд, модарам омад. Ҳамон вақт ӯ мушрика буд. Ман аз Расулуллоҳ (с) фатво пурсидам: Ё Расулаллоҳ, модарам ба хонаам омад ва ӯ ҳавасманд аст. Оё бо ӯ хешовандӣ кунам? Расул (с) гуфтанд: "Оре"". Бухорӣ аз Абӯҳумайди Соидӣ ривоят кардааст:

"أَهْدَى مَلِكُ أَيْلَةَ لِلنَّبِيِّ ﷺ بَغْلَةً بَيْضَاءَ وَكَسَاهُ بُرْدًا"

"***Подшоҳи Айла ба Набӣ (с) хачири сафед ҳадия кард ва ҷома пӯшонд***".

Чунон ки тӯҳфа ва ҳадия бахшиши мол ҳангоми зинда будан аст, васият низ бахшиши мол баъд аз вафот ба ҳисоб меравад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

كُتِبَ عَلَيْكُمْ إِذَا حَضَرَ أَحَدَكُمُ الْمَوْتُ إِن تَرَكَ خَيْرًا الْوَصِيَّةُ لِلْوَالِدَيْنِ وَالأَقْرَبِينَ

"***Ҳар гоҳ яке аз шуморо марг фаро расад ва моле бар ҷой гузорад, муқаррар шуд, ки дар бораи падару модар ва хешовандон аз рӯи инсоф васият кунад***" [2:180].

Бухорӣ аз Саъд ибни Абӯваққос ривоят кардааст:

" مَرِضْتُ بِمَكَّةَ مَرَضًا، فَأَشْفَيْتُ مِنْهُ عَلَى الْـمَوْتِ، فَأَتَانِي النَّبِيُّ ﷺ يَعُودُنِي، فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، إِنَّ لِي مَالاً كَثِيرًا، وَلَيْسَ يَرِثُنِي إِلاَّ ابْنَتِي أَفَأَتَصَدَّقُ بِثُلُثَيْ مَالِي؟ قَالَ: لاَ. قَالَ: قُلْتُ: فَالشَّطْرُ؟ قَالَ: لاَ. قُلْتُ: اَلثُّلُثَ؟ قَالَ: اَلثُّلُثُ كَبِيرٌ، إِنَّكَ إِنْ تَرَكْتَ وَلَدَكَ أَغْنِيَاءَ، خَيْرٌ مِنْ أَنْ تَتْرُكَهُمْ عَالَةً يَتَكَفَّفُونَ النَّاسُ"

"***Дар Макка ба бемории сахт мубтало гашта, ба мурдан наздик омадам. Набӣ (с) ба аёдати ман омаданд. Ман гуфтам:***

***Ё Расулаллоҳ, ман моли зиёд дорам, вале ҷуз як духтар ворисе надорам. Оё аз се ду қисми моламро садақа кунам? Набӣ (с) гуфтанд: "На". Гуфтам: Оё нисфи моламро садақа кунам? Набӣ (с) гуфтанд: "На". Гуфтам: Оё сеяки моламро садақа кунам? Набӣ (с) гуфтанд: "Сеяк зиёд аст. Дар ҳоли сарватманд гузоштани фарзанд беҳтар аз он аст, ки дар ҳоли фақиру аз мардум талбанда гузорӣ***"".

Фард бо сабаби ҳадия, тӯҳфа ва васият ба моле, ки ба ӯ ҳадия, тӯҳфа ё васият карда мешавад, соҳиб мегардад.

2. Ҳақдорӣ ба мол бар ивази зараре, ки ба фард мерасад, монанди дияи мақтул ва дияи ҷароҳатҳо. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَن قَتَلَ مُؤْمِنًا خَطَئًا فَتَحْرِيرُ رَقَبَةٍ مُّؤْمِنَةٍ وَدِيَةٌ مُّسَلَّمَةٌ إِلَى أَهْلِهِ

"***Ва ҳар кас, ки мӯъминеро ба хато бикушад, бояд ки бандае мӯъминро озод кунад ва хунбаҳояшро ба хонаводааш таслим кунад***" [4:92].

Насоӣ ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) ба аҳли Яман мактуб навишта, онро бо Амр ибни Ҳазм фиристоданд ва дар он омадааст:

"وَإِنَّ فِي النَّفْسِ الدِّيَةَ مَائِةً مِنَ الْإِبِلِ"

"***Дияи ҷон сад шутур аст***".

Дар бораи дияи ҷароҳатҳо Насоӣ аз Зуҳрӣ, ӯ аз Абӯбакр ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Ҳазм, ӯ аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) дар як мактуб ба ӯ навишта будаанд:

" وَفِي الْأَنْفِ إِذَا أُوْعِبَ جَدْعُهُ الدِّيَةُ، وَفِي اللِّسَانِ الدِّيَةُ، وَفِي الشَّفَتَيْنِ الدِّيَةُ، وَفِي الْبَيْضَتَيْنِ الدِّيَةُ، وَفِي الذَّكَرِ الدِّيَةُ، وَفِي الصُّلْبِ الدِّيَةُ، وَفِي الْعَيْنَيْنِ الدِّيَةُ، وَفِي الرِّجْلِ الْوَاحِدَةِ نِصْفُ الدِّيَةِ، وَفِي الْـمَأْمُومَةِ ثُلُثُ الدِّيَةِ، وَفِي الْجَائِفَةِ ثُلُثُ الدِّيَةِ، وَفِي الْـمُنْقَلَةِ خَمْسَ عَشْرَةَ مِنَ الْإِبِلِ"

"***Дар бинӣ, агар аз бех бурида шавад, дия, дар забон дия, дар ду лаб дия, дар ду тухм дия, дар закар дия, дар сутунмӯҳра дия, дар ду чашм дия, дар як пой нисфи дия, дар кафондани сар сеяки дия, дар шикофтани шикам сеяки дия ва дар шикастани устухон понздаҳ шутур аст***".

Дар қатли барқасд ворисони мақтул ҳақ доранд, ки аз қотил дияи мақтулро биситонанд. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"لاَ يَجْنِى جَانٍ إِلاَّ عَلَى نَفْسِهِ"

"***Ҷинояткор танҳо ба зарари худ ҷиноят содир мекунад***".

Ин ҳадисро Ибни Моҷа аз тариқи Амр ибни Аҳвас ривоят кардааст. Дар қатли беқасд, монанди қатли шибҳи барқасд ва қатли бархато, ворисони мақтул ҳақ доранд, ки аз оқилаи қотил дия ситонанд. Имом Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст:

" اِقْتَتَلَتْ اِمْرَأَتَانِ مِنْ هُذَيْلٍ فَرَمَتْ إِحْدَاهُمَا الْأُخْرَى بِحَجَرٍ فَقَتَلَتْهَا وَمَا فِي بَطْنِهَا فَاخْتَصَمُوا إِلَى النَّبِيِّ ﷺ فَقَضَى أَنَّ دِيَةَ جَنِينِهَا غُرَّةٌ عَبْدٌ أَوْ وَلِيدَةٌ، وَقَضَى أَنَّ دِيَةَ الْـمَرْأَةِ عَلَى عَاقِلَتِهَا"

"***Ду зан аз қабилаи Ҳузайл бо ҳам ба ҷанг хестанд. Яке ба дигаре санг партофта, ӯро ва он чиро, ки дар батнаш буд, кушт. Сипас ба Набӣ (с) дар хусуси ин моҷаро муроҷиат карданд. Он кас ҳукм карданд, ки дияи ҷанини мақтула як ғулом ё як каниз ва дияи зан ба дӯши оқилаи ӯст***".

Оқила касест, ки ақлро мепардозад. Ақл ин ҷо ба маънои дия аст. Оқила ҳама асабаҳо аст, ки бародарон, амакҳо, писарон ва касони аз инон поинтар дохил мешаванд. Агар қотил оқила надошта бошад, дия аз байтулмол гирифта мешавад. Зеро Набӣ (с) барои ансорие, ки дар Хайбар одам кушт, аз байтулмол пардохтанд. Тавре ки ривоят мешавад, дар даври Умар марде дар маҳалли серодам кушта шуд, вале қотилашро наёфтанд. Алӣ ба Умар гуфт:

"***Эй амирулмўъминин, хуни мусулмон бекор намешавад, дияи ўро аз байтулмол бипардоз***".

Аммо дар дияи ҷароҳатҳо чунин аст, ки ҷароҳати сар ё рўй, буридани узве, буридани гўшт, ноқобил гардондани ягон қобилияти муфид, монанди ноқобил гардондани қобилияти шунавоӣ, биниш ва ақл (фикрронӣ) аз ҷароҳатҳо ба ҳисоб меравад. Агар ба инсон яке аз ин ҷароҳатҳо расад, мувофиқи аҳкоме, ки ҳар як узв ва ҳар як ҳолатро баён кардааст, ба дияи ин ҷароҳат ҳақ дорад. Фард бо сабаби дия ба моле, ки аз дияи мақтул ё дияи узви талафрасида ё қобилияти муфиди ноқобилгардида мегирад, соҳиб мегардад.

3. Ҳақдорӣ ба маҳр ва чизҳои тобеи он бо сабаби ақди никоҳ. Зан ба ин мол бо роҳе, ки дар аҳкоми издивоҷ баён шудааст, соҳиб мегардад. Ин мол бадали манфиат нест, зеро манфиат дар байни зану шавҳар дуҷониба аст. Пас, маҳр бо насси шаръӣ ҳаққи зан аст. Аллоҳ Таоло мегўяд:

**وَآتُواْ النَّسَاء صَدُقَاتِهِنَّ نِحْلَةً**

"***Маҳри занонро ба тиби хотир ба онҳо бидиҳед***" [4:4],

яъне бо эътибори фарзи Аллоҳ аз таҳти дил диҳед. Ниҳла ба маънои бахшиш аст, зеро ҳам зан ва ҳам мард аз якдигар баҳра мебаранд. Аҳмад аз Анас ривоят кардааст:

**" جَاءَ عَبْدُ الرَّحْمَانِ بْنُ عَوْفٍ وَعَلَيْهِ رَدْعُ زَعْفَرَانَ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ مَهْيَمْ؟ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ، تَزَوَّجْتُ امْرَأَةً، فَقَالَ: مَا أَصْدَقْتَهَا؟ قَالَ: وَزْنُ نَوَاةٍ مِنْ ذَهَبٍ. قَالَ: أَوْلِمْ وَلَوْ بِشَاةٍ"**

"***Вақте ки Абдурраҳмон ибни Авф бо бўи заъфарон омад, Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Чӣ шуд?" Абдурраҳмон ибни Авф гуфт: "Ё Расулаллоҳ, бо зане издивоҷ кардам". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ба ў чӣ садақа кардӣ". Ў гуфт: "Тиллое ба вазни***

***дона". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агарчи бо як гӯсфанд аст, меҳмондорӣ кун***"".

4. Бозёфт: Вақте ки шахсе бозёфтеро пайдо кунад, нигоҳ карда мешавад. Ҳар чиро, монанди тилло, нуқра, ҷавоҳир ва либос, ки метавон нигаҳ дошт ва овоза кард, агар берун аз ҳарам бошад, гирифтан ҷоиз аст. Абӯдовуд аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с), чун аз эшон дар бораи бозёфт пурсиданд, гуфтаанд:

" مَا كَانَ مِنْهَا فِي طَرِيقِ الْـمِيتَاءِ (أَيْ الْـمَسْلُوكَةِ) أَوْ الْقَرْيَةِ الْجَامِعَةِ، فَعَرِّفْهَا سَنَةٌ، فَإِنْ جَاءَ طَالِبُهَا فَادْفَعْهَا إِلَيْهِ، وَإِنْ لَمْ يَأْتِ فَهِيَ لَكَ، وَمَا كَانَ فِي الْخَرَابِ، يَعْنِي فَفِيهَا وَفِي الرِّكَّازِ الْـخُمُسُ"

"***Онро, агар бозёфти роҳи нарм (яъни роҳи кӯбида) ё деҳаи серодам бошад, дар тӯли як сол эълон кун. Агар талабгораш биёяд, ба ӯ бисупор, дар акси ҳол аз они туст. Агар бозёфти хароба бошад, дар он ва дар рикоз хумс вуҷуд дорад***".

Агар бозёфт дар ҳарам бошад, он бозёфт ба ҳисоб намеравад, зеро бозёфти ҳарам ҳаром аст. Дар ҳадисе, ки аз тариқи Абдурраҳмон ибни Усмон ривоят шудааст, омадааст, ки Расулуллоҳ (с) аз бозёфти ҳоҷӣ боздоштаанд. Онро танҳо барои нигаҳ доштан то ба соҳибаш расондан гирифтан ҷоиз аст. Зеро Расул (с) гуфтаанд:

"وَلاَ يَلْتَقِطُ سَاقِطَتَهَا إِلاَّ مُنْشِدٌ"

"***Ашёеро, ки аз Макка ёфт мешавад, танҳо ҷӯянда мегирад***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

Агар бозёфт чизи зудвайроншаванда бошад, ки нигаҳ доштан мумкин нест, монанди хӯрок, тарбуз ва ғайра, бозёфткунанда ихтиёр дорад: метавонад онро бихӯрад ва сипас ҳангоми ёфт шудани соҳибаш пулашро диҳад ё метавонад онро фурӯшад ва пулашро то муддати як сол нигаҳ дорад. Ҳамаи ин аҳком танҳо нисбат ба ашёе татбиқ мешавад, ки бозёфт ашёи арзишманду

одатан ҷустуҷӯшаванда бошад ва агар гум шавад, соҳибаш албатта онро меҷӯяд. Агар бозёфт ашёи ночиз бошад, монанди як дона хурмо, як луқма хӯрок, бозёфткунанда бе эълон кардан дарҳол ба он соҳиб мегардад.

5. Таъвизи халифа ва касоне, ки корашон аз ҳокимият ба ҳисоб меравад. Таъвиз муқобили корашон нест, балки муқобили боздоштшавӣ аз иҷрои корҳояшон мебошад. Ин касон танҳо баробари гирифтани мол ба он соҳиб мегарданд. Зеро Аллоҳ Таоло инро ба онҳо ҳалол гардондааст. Масалан, Абӯбакр, вақте ки аз ӯ барои корҳои мусулмонон фориғ шуданро талаб карданд, барои боздоштшавӣ аз тиҷорат ҳамчун таъвиз мол гирифтааст ва саҳобагон ин кори ӯро тасдиқ кардаанд.

Ҳамин панҷ навъи мол: бахшиш, таъвизи зарар, маҳр, бозёфт, таъвизи ҳокимон моле ба ҳисоб мераванд, ки фард бе муқобили мол ё меҳнат мегирад. Ин гуна гирифтан бинобар ин ваҷҳ яке аз сабабҳои машрӯи моликшавист, ки шахс ба моли гирифтааш соҳиб мегардад.

## Ҳаққи тасарруф

Таърифи моликият чунин аст: "Моликият ҳукми шаръиест, ки бо айн ё манфиат муқаррар карда мешавад ва тақозо мекунад, ки ба зиёд кардани он тавассути истифодаи чиз ва гирифтани ивази он имкон дода шавад". Аз ин рӯ, моликият ҳукми шаръист, ки бо айн ё манфиат муқаррар карда мешавад, яъне изни Шореъ аст. Пас, тасарруф чизест, ки бар ин ҳукми шаръӣ бунёд мегардад, яъне бар изне, ки ба молик имкон медиҳад, то аз чиз истифода барад ва ивази онро гирад. Аз ин рӯ, тасарруфи моликият бо изни Шореъ муқайяд аст, зеро моликият изни Шореъ ба истифодабарӣ ва тасарруф истифодабарӣ аз айн мебошад. Азбаски мол аз они Аллоҳ аст ва Аллоҳ бо изни худ бандаро дар он ҷонишин гардонд, соҳибшавии фард ба мол монанди вазифаест, ки ӯ барои истифодабарӣ аз мол ва зиёд кардани он бо сабаби соҳибшавӣ адо менамояд. Зеро фард ҳангоми моликшавӣ ба мол ба истифодабарии он низ соҳиб мегардад. Ӯ дар ин истифодабарӣ бо ҳудуди шариат муқайяд аст ва дар ин тасарруфи мутлақ вуҷуд надорад. Инчунин дар худи айн низ тасарруфи мутлақ вуҷуд надорад, ҳарчанд бо соҳибшавии айнӣ молики он аст. Агар аз ин мол бо роҳи ғайришаръӣ аблаҳона ва исрофкорона истифода барад, давлатро лозим мешавад, ки ӯро аз ин тасарруф манъ кунад ва аз ин салоҳият, ки онро худи Аллоҳ додааст, маҳрум созад. Аз ин рӯ, тасарруфи айн ва истифодабарии он маъноест, ки аз моликият дар назар дошта мешавад ё асари ин моликият. Ҳаққи тасарруф дар айни моликшуда ҳаққи тасарруфро дар зиёд кардани мулк ва ҳаққи тасарруфро ба инфоқ ҳамчун бахшиш ва нафақа дарбар мегирад.

### Афзоиш додани моликшавӣ

Афзоиш додани мол ба услубу василаҳое, ки барои истеҳсоли мол истифода мешавад, вобаста аст, аммо афзоиш додани моликшавӣ ба ин мол ба кайфияте, ки фард бо он ба зиёд кардани ин моликшавӣ ноил мегардад, тааллуқ дорад. Бинобар ин, низоми иқтисодӣ ба афзоиш додани мол дахл надорад ва танҳо ба афзоиш додани моликшавӣ дахолат мекунад. Ислом ба афзоиш додани мол дахолат накард ва афзоиш додани молро бо услубу василаҳое, ки инсон онро афзоишдиҳандаи мол медонад, ба инсон гузошт ва ба афзоиш додани моликшавии ин мол дахолат намуда, аҳкоми онро баён кард. Аз ин рӯ, афзоиш додани моликшавӣ бо ҳадҳое, ки Шореъ онро гузоштааст, муқайяд аст ва аз он гузаштан ҷоиз нест. Шореъ хатҳои васеи кайфиятеро, ки бо он моликшавӣ афзоиш дода мешавад, баён кард ва тафсилотро ба муҷтаҳидон гузошт, то аз ин хатҳои васеъ аҳкомро аз рӯи фаҳмиши воқеъ истинбот намоянд. Шореъ баён кард, ки кайфиятҳои муайян (яъне роҳҳои муайян) ҳаром ва мамнӯъ мебошад. Пас, муомилот ва ақдҳоеро, ки бо он моликшавӣ афзоиш дода мешавад, баён намуд ва фардро аз афзоиш додани моликшавӣ бо роҳҳои муайян боздошт.

Шахс, агар ба молҳое, ки дар ҳаёти дунё мавҷуд аст, назар афканад, баъд аз бозҷӯӣ мебинад, ки он ба се чиз маҳдуд аст: замин, он чӣ, ки аз табодули ашё ҳосил мешавад ва он чӣ, ки аз таҳвили шаклҳои ашё аз як вазъ ба вазъи дигар ҳосил мешавад. Аз ин рӯ, чизҳое, ки инсон барои ҳосил кардан ё афзоиш додани мол бо он сарукор мегирад (шуғл меварзад), зироат, тиҷорат ва саноат аст. Пас, кайфиятҳое, ки бо он моликшавии фард ба ин мол зиёд мегардад, бояд мавзӯи баҳси низоми иқтисодӣ бошад. Бинобар ин, зироат, тиҷорат ва саноат услубу василаҳоест, ки барои истеҳсоли мол истифода мешавад. Аҳкоме, ки ба зироат, тиҷорат ва саноат тааллуқ дорад, кайфиятеро, ки фард бо он моликшавии худро ба мол афзоиш медиҳад, баён мекунад.

Шариат ҳангоми баёни аҳкоми замин ва чизҳои тааллуқдори он аҳкоми зироатро ва ҳангоми баёни аҳкоми байъу ширкат ва чизҳои тааллуқдори он аҳкоми тиҷоратро ва ҳангоми баёни

аҳкоми муздур ва фармоиш аҳкоми саноатро баён кард. Аммо маҳсулоти саноат, яъне он чӣ, ки саноат истеҳсол мекунад, ба тиҷорат дохил мешавад. Бинобар ин, афзоиш додани моликшавӣ бо аҳкоме, ки шариат онро овардааст, муқайяд аст: аҳкоми заминҳо ва чизҳои тааллуқдори он, аҳкоми байъу ширкат ва чизҳои тааллуқдори он, аҳкоми муздур ва фармоиш.

# *АҲКОМИ ЗАМИНҲО*

Замин рикба ва манфиат дорад. Рикба асли замин ва манфиат истифодаи замин дар зироат ва ғайра мебошад. Ислом, чунон ки соҳибии манфиати заминро мубоҳ гардонд, соҳибии рикбаи заминро низ мубоҳ гардонд ва аҳкоми ҳар дуро баён намуд. Дар моликияти рикбаи замин назар карда мешавад. Агар замин дар кишваре бошад, ки бо ҷанг ва истифодаи қувва фатҳ шудааст, рикбаи замин моликияти давлат ва ин гуна замин замини хироҷӣ ба ҳисоб меравад, вале ҷазираи Араб аз ин мустасност.

Агар замин бо сулҳ фатҳ шуда бошад, назар карда мешавад. Агар дар сулҳ омада бошад, ки замин ба мост ва бар ивази пардохти хироҷ ба аҳолии кишвар гузошта мешавад, ин хироҷ барои ин замин абадӣ боқӣ мемонад ва ин замин то қиёмат замини хироҷӣ ба ҳисоб меравад, ҳарчанд бо мусулмоншавии аҳолӣ, бо харидан ё бо роҳи дигар ба дасти мусулмонон гузарад.

Агар дар сулҳ омада бошад, ки замин ба онҳост, дар дасташон боқӣ мемонад ва ба онҳо хироҷи маълум муқаррар мегардад, ин хироҷ ба мақоми ҷизя аст ва бо мусулмоншавии аҳолӣ ё бо фурӯхташавии замин ба мусулмон соқит мешавад. Агар заминро ба кофир фурӯшанд, хироҷ боқӣ мемонад ва соқит намегардад, зеро кофир аз аҳли хироҷ ва ҷизя мебошад. Агар кишвар монанди Индонезия бошад, ки аҳолиаш мусулмон шудааст ё аз заминҳои ҷазираи Араб бошад, рикбаи ин заминҳо моликияти аҳолии он ҷо мебошад ва замини ушрӣ ба ҳисоб меравад. Зеро замин дар мақоми мол аст ва яке аз ғаниматҳои ҷанг ба ҳисоб меравад. Пас,

он ҳалол ва моликияти байтулмол аст. Ҳафс ибни Ғиёс аз Абӯзиъб ва ӯ аз Зуҳрӣ ривоят кардааст:

" قَبِلَ رَسُولُ اللهِ ﷺ الْجِزْيَةَ مِنْ مَجُوسِ الْبَحْرَيْنِ. قَالَ الزُّهْرِيُّ: فَمَنْ أَسْلَمَ مِنْهُمْ قُبِلَ إِسْلاَمُهُ، وَأَحْرَزَ لَهُ إِسْلاَمُهُ نَفْسَهُ وَمَالَهُ إِلاَّ الْأَرْضَ، فَإِنَّهَا فَيْءٌ لِلْمُسْلِمِينَ، مِنْ أَجْلِ أَنَّهُ لَمْ يُسْلِمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ وَهُوَ فِي مَنْعَةٍ"

"***Расулуллоҳ (с) аз маҷусиёни Баҳрайн ҷизяро қабул карданд. Ҳар кас аз онҳо мусулмон шуд, мусулмонии ӯ пазируфта шуд ва бо сабаби Ислом ҷону молашро ҷуз замин нигаҳ дошт. Зеро замин, барои он ки сараввал ҳангоми ба ҳимояи худ қодир будан иймон наовардаанд, файъи мусулмонон ба ҳисоб меравад***".

Фарқи замин ва молҳои дигар аз ғаниматҳо ин аст, ки молҳо тақсим, тасарруф ва ба мардум дода мешавад, вале риқбаи замин ҳукман дар зери тасарруфи байтулмол боқӣ мемонад ва ба аҳолии худ гузошта мешавад, то аз он истифода кунанд. Боқӣ мондани замин дар байтулмол ва тақсим нашудани риқбаи он ба мардум барои истифодаи он имкон медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки замин ғанимати умумии ҳамаи мусулмонон: чи мусулмононе, ки дар фатҳ ҳузур доштанд ва чи мусулмононе, ки пас аз онҳо меоянд, ба ҳисоб меравад. Тамоми заминҳои ҷазираи Араб ушрӣ мебошад. Зеро Набӣ (с) Маккаро бо қувва фатҳ намуданд ва онро ба аҳолии худ гузошта, ба он замин хироҷ таъйин накарданд. Хироҷи замин, ки ба мақоми ҷизяи сарикасӣ аст, дар заминҳои араб таъйин нагардид, инчунин ҷизя ба гарданашон таъйин нагардид. Зеро шарти бастани хироҷ ба кишвар вогузоштани аҳолии он ҷо дар эътиқоди худ мебошад, чунон ки дар Саводи Ироқ рух дод. Аммо аз мушрикони араб ҷуз Ислом ё теғ чизи дигар пазируфта нашуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِذَا انسَلَخَ الأَشْهُرُ الْحُرُمُ فَاقْتُلُواْ الْمُشْرِكِينَ حَيْثُ وَجَدتُّمُوهُمْ وَخُذُوهُمْ وَاحْصُرُوهُمْ وَاقْعُدُواْ لَهُمْ كُلَّ مَرْصَدٍ فَإِن تَابُواْ وَأَقَامُواْ الصَّلاَةَ وَآتَوُاْ الزَّكَاةَ فَخَلُّواْ سَبِيلَهُمْ

"***Ва чун моҳҳои ҳаром ба поён расид, ҳар ҷо, ки мушриконро ёфтед, бикушед ва бигиреду ба ҳабс афканед ва дар ҳама ҷо ба каминашон нишинед. Аммо агар тавба карданд ва намоз хонданд ва закот доданд, аз онҳо даст бардоред***" [9:5],

سَتُدْعَوْنَ إِلَى قَوْمٍ أُوْلِي بَأْسٍ شَدِيدٍ تُقَاتِلُونَهُمْ أَوْ يُسْلِمُونَ

"***Ба зудӣ барои ҷанг бо мардуме сахт нерӯманд фаро хонда мешавед, ки бо онҳо биҷангед ё мусулмон шаванд***" [48:16].

Модом ки аз онҳо ҷизя гирифта нашудааст, ба заминҳояшон хироҷ низ баста намешавад.

Аз ин рӯ, рақбаи замин дар тамоми кишварҳое, ки Ислом бо қувва фатҳ намудааст ё бо сулҳ бар он, ки замин ба мост, хоҳ дар дасти мусулмонон боқӣ монда бошад, монанди Миср, Ироқ ва Туркия, хоҳ ба дасти кофирон гузашта бошад, монанди Испания, Украина, Қрим, Албания, Ҳиндустон, Югославия ва ғайра моликияти давлатӣ ва замини хироҷӣ ба ҳисоб меравад. Тамоми заминҳое, ки аҳолиаш дар он мусулмон шудаанд, монанди Индонезия ва тамоми заминҳои ҷазираи Араб моликияти аҳолии он ҷо ва заминҳои ушрӣ ба ҳисоб меравад.

Манфиати замин: хоҳ замини хироҷӣ бошад, хоҳ замини ушрӣ, хоҳ давлат ҷудо карда диҳад, хоҳ дар байни мардум мубодила шавад, хоҳ эҳё кунанд ва хоҳ бо девор печонанд, аз моликияти хусусӣ ба ҳисоб меравад. Ин манфиат ба тасарруфкунандаи замин ҳуқуқи соҳиби айнро медиҳад ва ӯ ҳақ дорад манфиатро фурӯшад, тӯҳфа кунад ва ин замин аз ӯ мерос мемонад. Зеро давлат метавонад ба афрод заминҳоро хоҳ замини хироҷӣ бошад, хоҳ замини ушрӣ ҷудо карда диҳад. Ҷудо карда додани заминҳои хироҷӣ моликшавӣ ба манфиати замин аст ва рақбаи замин дар байтулмол боқӣ мемонад, вале дар замини ушрӣ моликшавӣ ба рақба ва манфиати замин аст.

Фарқи ушр ва хироҷ ин аст, ки ушр бар ҳосили замин баста мешавад. Агар замин бо оби борон ба тарзи табиӣ обёрӣ шавад,

давлат аз зироаткори замин ушри ҳосили феълиро мегирад. Агар замин бо чархофалак ё чизи дигар ба тарзи сунъӣ обёрӣ шавад, давлат нисфи ушри ҳосилро мегирад. Муслим аз Ҷобир ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"فِيمَـا سَقَتِ الْأَنْهَارُ وَالْغَيْمُ الْعُشُورُ وَفِيمَـا سُقِىَ بِالْسَّانِيَةِ نِصْفُ الْعُشْرِ"

"***Дар он чӣ, ки бо дарёҳо ва борон обёрӣ мешавад, ушр ва дар он чӣ, ки бо шутур обёрӣ мешавад, нисфи ушр аст***".

Ушр закот ба ҳисоб рафта, ба байтулмол гузошта мешавад ва танҳо ба яке аз ҳашт синф, ки дар оят зикр шудаанд, сарф мегардад.

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاء وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِي سَبِيلِ اللّهِ وَابْنِ السَّبِيلِ فَرِيضَةً مِّنَ اللّهِ وَاللّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ

"***Садақот барои фақирон, мискинон, омилони садақот, муаллафатулқулуб, ғуломон, қарздорон, дар роҳи Аллоҳ ва мусофирон аст, ки аз тарафи Аллоҳ фарз гардонда шудааст. Аллоҳ алиму ҳаким аст***" [9:60].

Ҳадиси зеринро, ки Расулуллоҳ (с) ҳангоми ба Яман фиристодани Абӯмӯсо ва Муоз барои таълими корҳои динӣ ба мардум гуфтаанд, Ҳоким, Байҳақӣ ва Табаронӣ ривоят кардаанд:

"لاَ تَأْخُذوا الصَّدَقَةَ إِلاَّ مِنْ هَذِهِ الْأَرْبَعَةِ: الشَّعِيرِ، وَالْحِنْطَةِ، وَالزَّبِيبِ، وَالتَّمْرِ"

"***Танҳо аз чаҳор чиз: ҷав, гандум, мавиз ва хурмо, садақа гиред***".

Аммо хироҷ бар замин баста мешавад ва давлат аз соҳиби замин миқдори муайянро мегирад. Ин миқдорро давлат на аз рӯи ҳосили феълӣ, балки аз рӯи ҳосили тахминии одатӣ муқаррар менамояд. Хироҷи замин аз рӯи имконияти эҳтимолии замин муқаррар карда мешавад, то на ба соҳиби замин зулм шавад ва на ба байтулмол. Хироҷ аз соҳиби замин: хоҳ ба замин кишт корад, хоҳ на, хоҳ замин ҳосил диҳад, хоҳ на, ҳар сол гирифта мешавад. "Умар ибни Хаттоб

(р) Усмон ибни Ҳанифро ба деҳаҳои дурдасти Ироқ фиристод ва фармуд, ки ин заминҳоро чен кунад ва ба ҳар як ҷарибі замин: хоҳ корам бошад, хоҳ нокорам, ки монанди он киштукор мешавад, як дирҳаму як қафиз хироҷ таъйин намуд". Инро Абӯюсуф дар "Хироҷ" аз Амр ибни Маймун ва Ҳориса ибни Мазриб ривоят кардааст. Ҳаҷҷоҷ ибни Артаа низ аз Ибни Авф ривоят кардааст: "Умар ибни Хаттоб Саводро ҷуз кӯҳи Ҳалвон чен кард ва барои ҳар як ҷарибі замин: хоҳ корам бошад, хоҳ на ва хоҳ бо сатил обёрӣ шавад, хоҳ бо чизҳои дигар, хоҳ киштукор шавад, хоҳ на, як дирҳаму як қафиз хироҷ таъйин кард". Инро Абӯюсуф дар "Хироҷ" ривоят кардааст. Хироҷ дар байтулмол аз боби закот ҷудогона гузошта мешавад ва давлат онро монанди молҳои дигар ба ҷиҳатҳои дилхоҳ сарф менамояд.

Хироҷи заминҳое, ки бо қувва фатҳ ва ба он хироҷ баста шудааст, абадуддаҳр боқӣ мемонад. Агар аҳолиаш мусулмон шавад ё онро ба мусулмон фурӯшанд, хироҷаш соқит намегардад, зеро сифати он: бо қувва фатҳ шудан, то охируззамон боқӣ мемонад. Воҷиб аст, ки аҳолӣ якҷоя бо хироҷ ушр пардозад. Аз рӯи ояту ҳадисҳо хироҷ ҳаққест, ки ба замин воҷиб аст, вале ушр ҳаққест, ки ба ҳосили замини мусулмон воҷиб аст. Ин ду ҳақ ба якдигар зид нест, зеро он бо ду сабаби гуногун воҷиб аст. Аммо ҳанафиҳо ҳадиси зеринро аз Расул (с) ривоят кардаанд ва ба ҷамъ нашудани ушр ва хироҷ далел меоранд:

"لاَ يُجْتَمَعُ عُشْرٌ وَ خِرَاجٌ فِي أَرْضٍ مُسْلِمٍ"

"***Ушр ва хироҷ дар замини мусулмон ҷамъ намешавад***".

Ин ҳадис нест. Ҳофизон инро аз суханони Расулуллоҳ (с) наҳисобидаанд.

Саравваl хироҷ гирифта мешавад. Агар баъд аз адои хироҷ киштҳо ва меваҳое, ки дар он закот воҷиб аст, боқӣ монад ва ба нисоб расад, аз он закот бароварда мешавад. Агар ба нисоб нарасад, ба он закот нест.

**Эҳёи заминҳои нокорам**

Замини нокорам заминест, ки дар он нишонаи соҳибии касе: хоҳ фард бошад ва хоҳ давлат, ба назар намерасад, инчунин дар он асари печондан, киштукор, ободгардонӣ ва ғайра ба назар намерасад. Эҳё ва обод кардани замин шоиста гардондани он ба зироати фаврӣ мебошад. Ҳар гуна замини нокорам, вақте ки инсоне онро эҳё мекунад, ба моликияти ӯ табдил меёбад. Шариат эҳёкунандаи заминро ба замин молик гардонд. Бухорӣ аз Оиша ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ أَعْمَرَ أَرْضًا لَيْسَتْ لِأَحَدٍ فَهُوَ أَحَقُّ"

"***Ҳар кас замини бесоҳибро обод кунад, ба он ҳақ дорад***".

Абўдовуд аз Пайғамбар (с) ривоят кардааст:

"مَنْ أَحَاطَ حَائِطًا عَلَى أَرْضٍ فَهِيَ لَهُ"

"***Ҳар кас заминеро бо девор печонад, ин замин аз они ўст***".

Бухорӣ аз Умар ва ў аз Пайғамбар (с) ривоят кардааст:

"مَنْ أَحْيَا أَرْضًا مَيِّتَةً فَهِيَ لَهُ"

"***Ҳар кас замини нокорамро эҳё кунад, ин замин аз они ўст***".

Дар ин кор аз рўи мутлақ омадани ҳадис мусулмон ва зиммӣ баробар аст.

Эҳё иқтоъ нест. Фарқи ҳар ду ин аст, ки эҳё ба замини нокорам таъаллуқ дорад, ки дар он нишонаи соҳибии касе: хоҳ фард бошад, хоҳ давлат ба назар намерасад, инчунин дар он асари печондан, киштукор, ободгардонӣ ва ғайра ба назар намерасад. Эҳёи ин замин ободгардонии он бо ҳар гуна чизест, ки ба ободгардонӣ далолат мекунад.

Аммо иқтоъ (ҷудо карда додан) дар заминҳое рух медиҳад, ки дар дасти давлат қарор дорад ва онро "заминҳои давлат" меноманд. Ба ин навъ заминҳои зерин дохил мешавад:

1. Заминҳои обод, ки барои киштукор ва дарахт шоям аст, монанди заминҳои Хайбар ва Банӣ-Назир, ки Пайғамбар (с) ба Зубайр ҷудо карда доданд, дар ин заминҳо хурмо ва дарахтҳои дигар буд, инчунин монанди заминҳои ободи кишварҳои фатҳшуда, ки соҳибонашон гурехтаанд.

2. Заминҳое, ки пеш киштукор шудааст, вале баъдтар ба хароба табдил ёфтааст, монанди заминҳо ва водиҳои Ироқ, ки дар байни Кӯфа ва Басра воқеъ аст. Муҳаммад ибни Убайд Сақафӣ ривоят кардааст: "Марде аз аҳли Басра бо номи Нофеъ Абӯабдуллоҳ аз Умар ибни Хаттоб пурсид, ки барояш заминеро аз заминҳои Басра ҷудо карда диҳад. Ин замин аз заминҳои хироҷӣ набуд ва гирифтани он барои ҷамъ овардани беда (дар ривояте "поя" омадааст) барои аспҳояш ба мусулмоне зарар намерасонд. Умар ба Абӯмӯсои Ашъарӣ чунин мактуб навишт: "Агар ҳамин гуна замин мавҷуд бошад, ба ӯ ҷудо карда деҳ"". Усмон ибни Аффон низ ба Усмон ибни Абӯоси Сақафӣ заминеро аз заминҳои Басра, ки шӯр ва қамишзор буд, ҷудо карда дод. Ӯ ин заминро ба даст овард ва эҳё намуд.

3. Заминҳои нокорам, ки ҳеҷ гоҳ киштукор ё обод нашудааст, вале давлат онро, азбаски аз марофиқи шаҳру деҳот ба ҳисоб меравад, ба зери дасти худ гирифтааст, монанди соҳилҳои баҳр ва дарёҳо, ки ба шаҳру деҳот наздик аст.

4. Заминҳое, ки соҳибонаш се сол кор нафармудаанд ва давлат аз онҳо гирифтааст. Масалан, Пайғамбар (с) ба Билоли Музанӣ замин ҷудо карда доданд. Сипас Умар як қисми ин заминро, ки се сол кор нафармудааст, аз ӯ бозпас гирифт ва ба мусулмонони дигар ҷудо карда дод. Абӯубайд дар "Амвол" аз Билол ибни Ҳориси Музанӣ ривоят кардааст: "Пайғамбар (с) ба ӯ ҳамаи Ақиқро ҷудо карда доданд. Вақте ки замони Умар фаро расид, ба ӯ гуфт: "Пайғамбар

(с) ин заминро на барои аз мардум печондан, балки барои кор фармудан ба ту додаанд. Пас, қисмеро аз замин, ки обод карда метавонӣ, бигир ва боқимондаро баргардон"". Дар ҳақиқат саҳобагон иҷмоъ кардаанд, ки ҳар кас заминашро се сол бекор гузорад, заминашро гиранд ва ба каси дигар диҳанд.

Печондани замин бо эҳё кардани он баробар аст. Зеро Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"مَنْ أَحَاطَ حَائِطًا عَلَى أَرْضٍ فَهِيَ لَهُ"

"***Ҳар кас заминеро бо девор печонад, ин замин аз они ӯст***".

"مَنْ أَحَاطَ حَائِطًا عَلَى شَيْءٍ فَهُوَ لَهُ"

"***Ҳар кас чизеро бо девор печонад, ин чиз аз они ӯст***".

"مَنْ سَبَقَ إِلَى مَا لَمْ يَسْبِقْ إِلَيْهِ مُسْلِمٌ فَهُوَ أَحَقُّ بِهِ"

"***Ҳар кас дар он чӣ, ки мусулмоне ба ӯ пешдастӣ накардааст, пешдастӣ кунад, ҳақ дорад***".

Аз рӯи мазмуни ҳадис, печонанда бо печондан тасарруфи онро ба даст меорад. Печонанда метавонад касеро, ки эҳё кардани макони печондаашро мехоҳад, аз ин кор боздорад. Агар каси дигар пеш аз гузашти се сол аз санаи печондан заминеро, ки ӯ печондааст, бо зӯроварӣ эҳё кунад, соҳиби он шуда наметавонад, балки замин ба печонанда баргардонда мешавад. Агар ин зӯроварӣ баъд аз гузашти се сол рух диҳад, ба печонанда баргардонда намешавад, балки дар дасти эҳёкунанда боқӣ мемонад. Зеро печондан дар тасарруфи замин монанди эҳё кардан ва ба даст даровардан мебошад. Агар печонанда заминро фурӯшад, ба пули он молик мешавад, зеро ин ҳақ бар муқобили мол ва мубодилаи он ҷоиз аст. Агар печонанда вафот кунад, соҳибии замин, монанди молҳои дигар, ба ворисони ӯ мегузарад. Онҳо заминро тасарруф мекунанд ва замин монанди молҳои дигар аз рӯи шариат ба онҳо тақсим

мешавад. Мурод аз печондан на гузоштани санг ба замин, балки гузоштани он чӣ, ки ба соҳибшавӣ далолат мекунад. Печондан гоҳо бо гузоштани сангҳо ба канорҳои замин ва гоҳо бе санг: бо гузоштани ғав бо шоху шаббаи хушк ба атрофи замин, ё бо обёрӣ кардани замин, ё бо сӯзондани хорҳои замин, ё бо тоза кардани замин аз алафу хорҳо, ё бо гузоштани чизҳои касногузар, ё бо кофтани хандақ ва ё бо кори дигар амалӣ мегардад. Ин ҳама печондан ба ҳисоб меравад.

Чунон ки ҳадис нишон медиҳад, печондан монанди эҳё кардан аст ва танҳо дар заминҳои нокорам рух медиҳад. Умар гуфтааст: "Печонанда баъд аз се сол ҳақ надорад", яъне печонанда дар замини нокорам. Аммо ба заминҳои дигар на бо печондану эҳё, балки бо ҷудо карда додани имом соҳиб мешаванд. Зеро печондан ва эҳё дар бораи заминҳои нокорам ворид шудааст:

"مَنْ أَحْيَا أَرْضًا مَيِّتَةً"

"***Ҳар кас замини нокорамро эҳё кунад***".

Нокорам сифатест, ки мафҳуми маъмул дорад ва қайд ба ҳисоб меравад. Тавре ки Байҳақӣ аз Амр ибни Шуайб ривоят кардааст, Умар печонданро се сол таъйин кардааст. Ҳар кас вогузорад ва се сол гузарад, сипас каси дигар эҳё кунад, ӯ ба он ҳақ дорад. Ин далолат мекунад, ки ба заминҳои корам бо печондан ё эҳё соҳиб намешаванд.

Фарқи замини нокорам ва корам нишон медиҳад, ки Пайғамбар (с) бо печондан ё эҳё соҳиби замини нокорам шуданро ба мардум мубоҳ гардондаанд. Пас, кори мазкур аз мубоҳот ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба изни имом дар бораи печондан ё эҳё ниёз нест, зеро дар мубоҳот ба рухсати имом ҳоҷат нест. Аммо ба заминҳои корам танҳо баъд аз ҷудо карда додани имом соҳиб мешаванд, зеро ин заминҳо аз мубоҳот ба ҳисоб намеравад, балки аз чизҳоест, ки дар дасти имом мебошад ва заминҳои давлатӣ номида мешавад. Билол Музанӣ аз Пайғамбар (с) замин ҷудо

карда доданро пурсид. Танҳо баъд аз ҷудо карда додани Пайғамбар (с) ба замин соҳиб шуд. Агар ба ин гуна замин бо печондан ё эҳё соҳиб шудан мумкин мебуд, ӯ заминро бо чизе, ки моликияти ӯ будани онро нишон медод, мепечонд ва ҷудо карда додани онро напурсида, ба он соҳиб мешуд.

Хоҳ мусулмон, хоҳ кофир, агар замини нокорами ушриро эҳё кунад, ҳам ба риқба ва ҳам ба манфиаташ соҳиб мегардад. Ба мусулмон дар он, агар ба нисоб расад, ушр воҷиб мегардад, яъне закоти киштҳо ва меваҳо, ки дар он закот воҷиб аст. Ба кофир на ушр, балки хироҷ воҷиб мегардад. Зеро ӯ аз аҳли закот нест ва дуруст нест, ки замин аз вазифа: ушр ё хироҷ, холӣ бошад.

Агар мусулмон замини нокорами замини хироҷиро, ки дар гузашта ба он хироҷ баста нашудааст, эҳё кунад, ҳам ба риқба ва ҳам ба манфиаташ соҳиб мегардад. Агар кофир ин гуна заминро эҳё кунад, танҳо ба манфиаташ соҳиб мегардад. Ба мусулмон дар он на хироҷ, балки ушр воҷиб мегардад. Ба кофир хироҷ воҷиб мегардад, чунон ки ба аҳолии кофир ҳангоми фатҳ шудан бар ивази истифодаи замин хироҷ баста мешавад.

Ҳар кас замини нокорами замини хироҷиро, ки дар гузашта пеш аз табдилёбӣ ба замини нокорам ба он хироҷ баста шудааст, эҳё кунад, хоҳ мусулмон бошад, хоҳ кофир танҳо ба манфиати замин соҳиб мегардад. Ба ӯ дар он хироҷ воҷиб мегардад, зеро он замини фатҳшуда ба ҳисоб рафта, ба он хироҷ баста мешавад. Бинобар ин, новобаста ба мусулмон ё кофир будани соҳибаш абадан боқӣ мондани хироҷ бар ин замин воҷиб аст.

Ин гуфтаҳо ба заминҳое, ки барои киштукор эҳё карда мешавад, тааллуқ дорад. Аммо заминҳое, ки барои сукунат ё сохтани корхона, мағоза ва ферма эҳё карда мешавад, дар он на ушр ҳаст ва на хироҷ. Ин ҷо дар байни замини ушрӣ ва замини хироҷӣ фарқ нест. Саҳобагоне, ки Ироқ ва Мисрро фатҳ намуданд, Кӯфа, Басра ва Фустот11ро бунёд карданд ва аз замони Умар ибни Хаттоб дар он ҷо манзил гирифтанд, дигарон низ ҳамроҳи онҳо манзил

гирифтанд. Вале ба онҳо хироҷ баста нашуд ва аз он закот низ напардохтанд. Зеро закот ба масканҳо ва биноҳо воҷиб нест.

**Тасарруфи замин**

Ҳар як соҳиби замин ба кор фармудани замин маҷбур карда мешавад. Ба мӯҳтоҷ он чиро, ки ба ӯ имкони кор фармудани заминро медиҳад, аз байтулмол медиҳанд. Заминро аз касе, ки онро се сол бекор мегузорад, мегиранд ва ба каси дигар медиҳанд. Умар ибни Хаттоб гуфтааст: "Баъд аз се сол печонанда ҳақ надорад". Яҳё ибни Одам аз тариқи Амр ибни Шуайб ривоят кардааст:

" أَقْطَعَ رَسُولُ اللهِ ﷺ أُنَاسًا مِنْ مُزَيْنَةَ أَوْ جُهَيْنَةَ أَرْضًا فَعَطَّلُوهَا، فَجَاءَ قَوْمٌ فَأَحْيَوْهَا، فَقَالَ عُمَرُ: لَوْ كَانَتْ قَطِيعَةٌ مِنِّى، أَوْ مِنْ أَبِي بَكْرٍ، لَرَدَدْتُهَا وَلَكِنْ مِنْ رَسُوْلِ اللهِ ﷺ قَالَ: وَ قَالَ عُمَرُ: مَنْ عَطَّلَ أَرْضاً ثَلاثَ سِنِيْنَ لَمْ يَعْمُرْهَا فَجَاءَ غَيْرُهُ فَعَمرَهَا فَهِىَ لَهُ"

"***Расулуллоҳ (с) ба мардуми музайнагӣ ё ҷуҳайнагӣ замин ҷудо карда доданд. Онҳо заминро вогузоштанд, касони дигар омада, ин заминҳоро эҳё карданд. Он гоҳ Умар гуфт: "Агар ман ҷудо карда медодам ё Абӯбакр ҷудо карда медод, онро бозпас мегирифтам, лекин онро Расулуллоҳ (с) ҷудо карда додаанд. Ҳар кас заминро се сол обод накунад ва бекор гузорад, сипас каси дигар ояду онро обод кунад, замин аз они ӯст***"".

Мурод аз ин сипарӣ шудани муддати беш аз се сол мебошад, яъне агар Абӯбакр ҷудо карда медод, се сол намегузашт ё ман ҷудо карда медодам, се сол намегузашт, лекин Расулуллоҳ (с) ҷудо карда додаанд, бинобар ин, муддати беш аз се сол гузаштааст. Пас, бозпас гирифтани он мумкин нест. Абӯубайда дар "Амвол" дар бораи Билол ибни Ҳориси Музанӣ гуфтааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ أَقْطَعَهُ الْعَقِيقَ أَجْمَعَ، قَالَ: فَلَمَّا كَانَ زَمَانُ عُمَرَ قَالَ لِبِلاَلٍ: إِنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ لَمْ يَقْطَعْكَ لِتُحَجِّرَهُ عَلَى النَّاسِ، إِنَّمَا أَقْطَعَكَ لِتَعْمَلَ، فَخُذْ مِنْهَا مَا قَدَرْتَ عَلَى عِمَارَتِهِ، وَرَدِّ الْبَاقِىَ"

"***Расулуллоҳ (с) ба ӯ тамоми Ақиқро ҷудо карда доданд. Умар дар замони хилофати худ ба ӯ гуфт: "Эй Билол, Расулуллоҳ (с) онро на барои аз мардум печондан, балки барои кор фармудан ҷудо карда доданд. Қисмеро, ки обод карда метавонӣ, ба худат гузор, боқимондаро баргардон***".

Аз рӯи иҷмои саҳобагон низ заминро аз касе, ки онро се сол бекор мегузорад, мегиранд ва ба каси дигар медиҳанд.

Аз ин рӯ, соҳиби замин метавонад ба замин бо олат, тухмӣ, ҳайвон ва коргарон худаш кишт корад, барои киштукор аз коргарон истифода барад ва ба коркунӣ дар ин замин киро намояд. Агар ба ин қодир набошад, давлат ба ӯ ёрӣ медиҳад. Агар соҳиби замин ҳеҷ чиз накорад, заминро барои киштукор ба каси дигар бе иваз ҳамчун бахшиш медиҳад. Агар ин корро накунад ва заминро дар дасташ нигаҳ дорад, ба ӯ се сол мӯҳлат дода мешавад. Агар дар тӯли муддати се сол заминро бекор гузорад, давлат онро аз ӯ гирифта, ба каси дигар медиҳад. Юнус аз Муҳаммад ибни Исҳоқ ва ӯ аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ривоят кардааст:

" جَاءَ بِلاَلُ بْنُ الْحَارِثِ الْـمُزَنِيُّ إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ فَاسْتَقْطَعَهُ أَرْضًا، فَأَقْطَعَهَا لَهُ طَوِيلَةً عَرِيضَةً، فَلَمَّـا وُلِّيَ عُمَرُ قَالَ لَهُ: يَا بِلاَلُ: إِنَّكَ اسْتَقْطَعْتَ رَسُولَ اللهِ ﷺ أَرْضًا طَوِيلَةً عَرِيضَةً فَقَطَعَهَا لَكَ، وَإِنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ لَمْ يَكُنْ يَمْنَعُ شَيْئًا يُسْأَلُهُ، وَأَنْتَ لاَ تُطِيقُ مَا فِي يَدَيْكِ. فَقَالَ: أَجَلْ. فَقَالَ: فَانْظُرْ مَا قَوِيتَ عَلَيْهَا مِنْهَا فَأَمْسِكْهُ، وَمَا لَمْ تُطِقْ، وَمَا لَمْ تَقْوَ عَلَيْهِ، فَادْفَعْهُ إِلَيْنَا نَقْسِمْهُ بَيْنَ الْـمُسْلِمِينَ. فَقَالَ: لاَ أَفْعَلُ، وَاللهِ شَيْئًا أَقْطَعَنِيهِ رَسُولُ اللهِ ﷺ. فَقَالَ عُمَرُ وَاللهِ لَتَفْعَلَنَّ. فَأَخَذَ مِنْهُ مَا عَجَزَ عَنْ عِمَـارَتِهِ، فَقَسَمَهُ بَيْنَ الْـمُسْلِمِينَ"

"***Билол ибни Ҳориси Музанӣ ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омада пурсид, ки ба ӯ замин ҷудо карда диҳанд. Пайғамбар (с) ба ӯ замини васеъ ва дароз ҷудо карда доданд. Вақте ки Умар халифа шуд, ба ӯ гуфт: "Эй Билол, аз Пайғамбар (с) замини васеъ ва дарозро пурсида будӣ, онро ба ту доданд. Зеро Пайғамбар (с) чизи пурсидашударо барнамегардонданд. Ба он замин ба танҳоӣ зӯрат намерасад". Билол гуфт: "Оре". Умар***

***гуфт: "Аз рӯи тахмин қисмеро, ки зӯрат мерасад, бигир. Қисмеро, ки зӯрат намерасад, ба мо баргардон, то онро ба мусулмонон тақсим кунем". Билол гуфт: "Ин корро намекунам. Қасам ба Аллоҳ, он чизест, ки ба ман Расулуллоҳ (с) ҷудо карда додаанд". Умар гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки албатта ин корро мекунӣ". Аз ӯ заминеро, ки аз обод кардани он оҷиз буд, гирифт ва ба мусулмонон тақсим кард***".

Инро Яҳё ибни Одам дар китоби "Хироҷ" ривоят кардааст. Ин сареҳан нишон медиҳад, ки соҳиби замин, агар ба киштукор зӯраш нарасад ва се сол бекор гузорад, давлат онро аз ӯ мегирад ва ба каси дигар медиҳад, чунон ки Умар ибни Хаттоб бо Билоли Музанӣ дар хусуси кори мазкур рафтор кард.

Хуллас, бо печондан, ҷудо карда додани халифа, эҳё кардан, мерос гирифтан ва харидан ба замин соҳиб мешаванд. Печонанда ва касе, ки халифа ба ӯ замин ҷудо карда додааст, дар нусусҳо оид ба гирифтани замин аз касе, ки онро се сол бекор мегузорад, зикр шудааст. Вале соҳибони дигари замин – ворис, эҳёкунанда ва харидор зикр нашудаанд. Пас, оё гирифтани замине, ки онро се сол бекор мегузоранд ва халифа аз ӯ гирифта, ба каси дигар медиҳад, ба печонанда ва касе, ки халифа ба ӯ замин ҷудо карда додааст, хос аст? Ҷавоб чунин аст: Агар касе ба печонанда назар афканад, мебинад, ки печондани замин монанди харидан, мерос гирифтан ё ҳар гуна сабаби моликшавӣ дар тасарруф ва ба даст даровардани замин мебошад. Агар печонанда замини печондаро фурӯшад, ба фурӯши он соҳиб мегардад, зеро он ҳақ дар муқобили мол ва мубодилаи он ҷоиз аст. Агар печонанда вафот кунад, соҳибии замин монанди молҳои дигар ба ворисон гузашта, ворисон онро тасарруф мекунанд ва замин аз рӯи шариат ба онҳо тақсим мешавад. Инчунин бо касе, ки халифа ба ӯ замин ҷудо карда медиҳад, ҳамин кор рух медиҳад. Пас, печонанда ва касе, ки ба ӯ замин ҷудо карда додаанд, сифати хос надоранд, ки аз соҳибони дигар фарқ кунанд, гирифтани заминро ҳангоми бекор гузоштан ба ҳар ду хос гардонад ва касонеро, ки бо сабабҳои дигар ба замин

соҳиб шудаанд, аз ин мустасно кунад ё печонанда ва касеро, ки ба ӯ замин ҷудо карда додаанд, ҳангоми бекор гузоштан барои гирифтани замин қайд гардонад. Дар ҳадис зикр шудани танҳо ин ду маънои қайдро надорад, зеро он васфе нест, то фаҳмонад, ки сабаби гирифтани замин аз касе, ки заминро бекор мегузорад, печондан ё ҷудо карда додан мебошад. Ин аз қабили зикри яке аз афроди насси мутлақ ва он гирифтани замин аз соҳибаш ҳангоми бекор гузоштан мебошад. Пас, насс умумӣ ва зикри печонанда ё касе, ки ба ӯ замин ҷудо карда додаанд, на қайде, ки дигаронро ҷуз ин ду дарбар нагирад, балки зикри яке аз афрод мебошад. Илова бар ин, агар дар хусуси ҳодисае насс ояд, назар карда мешавад. Агар дар ин насс иллият омада бошад, насс дар он чӣ, ки ба ин иллат тааллуқ дорад, умумӣ мешавад. Ин ҷо аз насс иллият фаҳмида мешавад ва он гирифтани замин баъд аз се сол бо сабаби бекор гузоштан бо тарки киштукор мебошад. Бинобар ин, бекор гузоштани замин ба муддати се сол иллати гирифтани замин аст. Пас, иллати гирифтани замин аз печонанда на печонанда будан ва на печонандаи бекоргузоранда будан, балки бекор гузоштан ба муддати се сол аст. Зеро на печонда гирифтани замин чи дар алоҳидагӣ ва чи якҷоя бо бекоргузорӣ, балки танҳо бекоргузорӣ иллияти гирифтанро ифода мекунад. Пас, бекоргузории замин иллатест, ки дар ҳастӣ ва нестӣ (ҳамавақт) бо маълул мебошад. Хуллас, агар бекоргузории замин ба муддати се сол аз тарафи соҳиби замин рух диҳад, новобаста ба сабаби моликшавӣ: чи печондан, чи иқтоъ, чи мерос ва чи дигар замин аз ӯ гирифта мешавад. Агар печонанда заминро ба муддати се сол бекор нагузорад, замин аз ӯ гирифта намешавад. Илова бар ин, печондани замин дар қавли Умар: "печонанда нест" киноя аз моликшавии замин мебошад. Зеро одати молики замин печондани замин аст, яъне ҳудуди заминро бо санг мепечонад, то мулки ӯ будани он маълум гардад ва аз мулки дигарон фарқ кунад. Барои "муҳтаҷир" (12) номида шудан санг чидан шарт нест, балки киштукор ё дарахтшинонӣ дар ҳудуди замин, ё хандаққобӣ дар атрофаш, ё анҷом додани ҳар гуна коре, ки ба соҳиб шудан

далолат мекунад, иҳтиҷор (13) ва анҷомдиҳандаи ин корҳо муҳтаҷир номида мешавад. Бинобар ин, Пайғамбар (с) дар ҳадиси дигар гуфтаанд:

"مَنْ أَحَاطَ حَائِطًا عَلَى أَرْضٍ"

"***Ҳар кас заминеро бо девор печонад***".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Ин далолат мекунад, ки печондани замин киноя аз моликшавии он аст, ки маънои луғавии калимаи (اِحْتَجَرَ) инро нишон медиҳад. Дар луғат маънои (اِحْتَجَرَ) "дар оғӯш ё канори худ гирифт" мебошад. Пас, маънои (اِحْتَجَرَ الْأَرْضَ) "заминро ба канори худ гирифт", яъне "ба замин соҳибӣ кард" мебошад. Бинобар ин, маънои ҳадис чунин аст: Ҳар кӣ заминеро ба канори худ гирифтааст, яъне ба замин соҳибӣ кардааст, хоҳ дар атрофи он санг гузорад, хоҳ бо девор печонад ва хоҳ кори дигарро, ки ба соҳиб шудани ӯ далолат мекунад, анҷом диҳад, баъд аз се сол ҳақ надорад.

Ин гуфтаҳо дар бораи насс мебошад. Аммо кори Умар ва сукути саҳобагон дар кори мазкур чунин аст: Умар заминеро, ки Пайғамбар (с) ба музайнӣ ҷудо карда доданд ва аз тарафи дигарон обод карда шудааст, ба ободкунанда ҳукм кард ва музайнагиро аз гирифтани замин манъ кард. Умар гуфт: "Ҳар кас заминеро бо тарки киштукор се сол бекор гузорад ва каси дигар ояду онро обод кунад, замин аз они ӯст". Сухани Умар "ҳар кас заминеро бекор гузорад" умумӣ аст. Умар ба Билол ибни Ҳориси Музанӣ боз гуфт: "Пайғамбар (с) онро на барои аз мардум печондан, балки барои кор фармудан ҷудо карда доданд. Қисмеро, ки обод карда метавонӣ, бигир ва боқимондаро баргардон". Инро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст. Умар билфеъл заминҳоеро, ки ӯ аз обод кардан оҷиз буд, бозпас гирифт. Бинобар ин, хос гардондани ин ба худи иқтоъ бе хосгардонандаи сареҳ ҷоиз нест. Пас, он умумӣ боқӣ мемонад. Рӯйдоди ҳодиса бо касе, ки ба ӯ замин ҷудо карда додаанд, на қайди ин ҳодиса, балки таъбири воқеъ мебошад.

Аз ин рӯ, замин, агар соҳибаш онро се сол бекор гузорад, новобаста ба сабаби моликшавӣ аз соҳибаш гирифта мешавад ва ба каси дигар дода мешавад. Зеро ибрат на бо сабаби моликшавӣ, балки бо бекоргузории замин аст. Наметавон гуфт, ки ин ба ноҳақ гирифтани молҳои мардум аст. Зеро шариат ба соҳибии замин маъное дод, ки аз маънои соҳибии моликияти манқула ва ғайриманқула фарқ мекунад ва соҳибшавии заминро барои киштукор гардонд. Агар то муддате, ки шариат онро баён кардааст, бекор гузошта шавад, маънои соҳибшавӣ дар соҳиби замин аз байн меравад. Шариат таъйин кард, ки моликшавӣ ба замин барои киштукор бо ободгардонист ва бо иқтоъ, мерос, харид ва ғайра амалӣ мегардад, инчунин соҳибаш бо сабаби бекоргузорӣ аз он маҳрум мегардад. Ин ҳама барои бардавомии киштукор ва истифодаи замин мебошад.

**Манъи иҷораи замин**

Ба соҳиби замин хоҳ ба риқбаву манфиати замин соҳиб бошад, хоҳ танҳо ба манфиати замин, яъне хоҳ замини ушрӣ бошад, хоҳ хироҷӣ, хоҳ музд пул бошад, хоҳ чизи дигар мутлақо ҷоиз нест, ки заминашро барои киштукор ба иҷора диҳад. Инчунин мутлақо ҷоиз нест, ки бар ивази таом ва чизи дигар, ки аз замин мерӯяд ё мебарояд, заминро барои киштукор ба иҷора диҳад. Зеро ҳамаи ин иҷора ба ҳисоб меравад ва иҷораи замин барои киштукор мутлақо ҷоиз нест. Дар "Саҳеҳи Бухорӣ" ривоят шудааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ كَانَتْ لَهُ أَرْضٌ فَلْيَزْرَعْهَا، أَوْ لِيَمْنَحْهَا أَخَاهُ فَإِنْ أَبَى فَلْيُمْسِكْ أَرْضَهُ"

"***Ҳар кас замин дошта бошад, кишт кунад ё ба бародараш диҳад, агар додан нахоҳад, заминро нигаҳ дорад***".

Дар "Саҳеҳи Муслим" ривоят шудааст:

"نَهَى رَسُولُ اللهِ ﷺ أَنْ يُؤْخَذَ لِلْأَرْضِ أَجْرٌ أَوْ حَظٌّ"

"Пайғамбар (с) аз гирифтани музде ё ҳиссае барои замин боздоштанд". Дар "Сунани Насоӣ" ривоят шудааст:

" نَهَى رَسُولُ اللهِ عَنْ كِرَاءِ الْأَرْضِ. قُلْنَا: يَا رَسُولَ اللهِ، إِذَنْ نُكْرِيهَا بِشَيْءٍ مِنَ الْـحَبِّ، قَالَ: لاَ. وَكُنَّا نُكْرِيهَا بِالتِّبْنِ، فَقَالَ: لاَ. وَكُنَّا نُكْرِيهَا بِمَـا عَلَى الرَّبِيعِ السَّاقِى، قَالَ: لاَ، اِزْرَعْهَا أَوِ امْنَحْهَا أَخَاكَ"

"***Расулуллоҳ (с) аз иҷора додани замин боздоштанд. Мо гуфтем: Ё Расулаллоҳ, бар ивази ғалла ба иҷора диҳем? Он кас гуфтанд: "На". Мо гуфтем: Бар ивази каҳ ба иҷора диҳем? Он кас гуфтанд: "На". Мо гуфем: Бар ивази чизе дар рабеуссоқӣ ба иҷора диҳем? Он кас гуфтанд: "На, ба замин киштукор кун ё ба бародарат бидеҳ***"".

Рабеъ дарёи хурд, яъне водӣ аст, яъне "заминро бар ивази кишти қисме, ки дар водӣ, яъне дар лаби об аст, ба иҷора диҳем". Тавре ки аз Расулуллоҳ (с) собит шудааст:

"أَنَّهُ نَهَى عَنْ أَنْ يُؤْخَذَ لِلْأَرْضِ أَجْرٌ أَوْ حَظٌّ، وَعَنْ أَنْ تُكْرَى بِثُلُثٍ أَوْ رُبُعٍ"

"***Пайғамбар (с) аз гирифтани музде ё ҳиссае барои замин ва ба иҷора додан бар ивази сеяк ё чоряк боздоштанд***".

Абӯдовуд аз Рофеъ ибни Хадиҷ ва ӯ аз Расулуллоҳ (с) ривоят кардааст:

" مَنْ كَانَتْ لَهُ أَرْضٌ فَلْيَزْرَعْهَا، أَوْ فَلْيُزَرِّعْهَا أَخَاهُ، وَلاَ يُكَارِيهَا بِثُلُثٍ، وَلاَ بِرُبْعٍ، وَلاَ بِطَعَامٍ مُسَمًّى"

"***Ҳар кас замин дошта бошад, ба он киштукор кунад ё барои киштукор ба бародараш диҳад, вале бар ивази сеяк, чоряк ё таоми муайян ба иҷора надиҳад***".

Тавре ки Бухорӣ аз Нофеъ ривоят кардааст, Рофеъ ибни Хадиҷ ба Абдуллоҳ ибни Умар гуфтааст:

"أَنِ النَّبِيَّ ﷺ نَهَى عَنْ كِرَاءِ الْـمَزَارِعِ"

"***Пайғамбар (с) аз иҷора додани киштзорҳо боздоштанд***".

Пас, Ибни Умар ва ман ба ҳузури Рофеъ рафтем, то ки дар ин бора бипурсем. Ӯ гуфт:

"نَهَى النَّبِيُّ ﷺ عَنْ كِرَاءِ الْـمَزَارِعِ"

"***Пайғамбар (с) аз иҷора додани киштзорҳо боздоштанд***".

Тавре ки Бухорӣ аз Солим ривоят кардааст, Абдуллоҳ ибни Умар ба иҷора додани заминро тарк кардааст.

Ин ҳадисҳо сареҳан нишон медиҳад, ки Пайғамбар (с) аз иҷора додани замин боздоштаанд. Наҳй, ҳарчанд танҳо ба талаби тарк далолат мекунад, ин ҷо боз қаринае ҳаст, ки ба ҷозим будани талаб далолат мекунад. Аз Пайғамбар (с) пурсиданд: "Бар ивази ғалла ба иҷора диҳем?" Он кас гуфтанд: "На". Боз пурсиданд: "Бар ивази каҳ ба иҷора диҳем?" Он кас гуфтанд: "На". Боз пурсиданд: "Бар ивази кишти водӣ ба иҷора бидиҳем?" Он кас гуфтанд: "На". Сипас инро бо қавли худ таъкид намуданд: "Ба замин киштукор кун ё ба бародарат бидеҳ". Равшан аст, ки исрор дар наҳй барои таъкид мебошад. Илова бар ин, таъкид дар забони арабӣ бо такрори лафз лафзӣ ё маънавӣ мешавад. Ин ҷо такрор шудани лафзҳои наҳй ба таъкид далолат мекунад. Аммо замини Хайбарро бар ивази нисфи ҳосил ба иҷора додани Расулуллоҳ аз ин боб нест. Зеро замини Хайбар дарахтзор ва замини ноҳамвор буд. Ҳадисе, ки Ибни Исҳоқ дар "Сират" аз Абдуллоҳ ибни Абӯбакр ривоят кардааст, ба ин далел аст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ كَانَ يَبْعَثُ إِلَى أَهْلِ خَيْبَرَ عَبْدَ اللهِ بْنَ رَوَاحَةَ خَارِصًا بَيْنَ الْـمُسْلِمِينَ وَيَهُودِ، فَيَخْرِصُ عَلَيْهِمْ... ثُمَّ أُصِيبُ عَبْدُ اللهِ بْنُ رَوَاحَةِ بِمُؤْتَةٍ يَرْحَمُهُ اللهُ فَكَانَ جَبَّارُ بْنُ صَخْرٍ اِبْنِ أُمَيَّةَ بْنِ خَنْسَاءَ، أَخُو بَنِى سَلَمَةَ، هُوَ الَّذِى يَخْرُصُ عَلَيْهِمْ بَعْدَ عَبْدِ اللهِ بْنِ رَوَاحَةَ"

"***Пайғамбар (с) ба аҳли Хайбар Абдуллоҳ ибни Равоҳаро ҳамчун хорис (тахминкунандаи меваҷот) дар байни мусулмонону***

***яҳудиён мефиристоданд ва ӯ меваҷотро барояшон тахмин мекард. Сипас Абдуллоҳ ибни Равоҳа (Аллоҳ ӯро раҳмат кунад) дар ҷанги Мӯъта ҳалок шуд. Баъд аз Абдуллоҳ ибни Равоҳа бародари Банӣ-Салама Ҷаббор ибни Сахр ибни Умайя ибни Хансо меваҷотро тахмин мекард***".

"Хорис" касест, ки меваҷотро дар ҳоли дар дарахт будан ва пеш аз чидан тахмин мекунад. Ин ривоят сареҳан нишон медиҳад, ки замини Хайбар дарахтзор ва ноҳамвор буд. Киштзорҳо дар он ҷо масоҳати басо хурди дарахтзорҳоро ташкил намуда, ба дарахтзор тобеъ буд. Аз ин рӯ, замини Хайбар на аз боби иҷораи замин, балки аз боби мусоқот ба ҳисоб меравад ва мусоқот ҷоиз аст. Илова бар ин, баъд аз наҳйи Пайғамбар (с) саҳобагон аз иҷораи замин даст кашиданд ва яке аз онҳо Абдуллоҳ ибни Умар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки онҳо иҷораи заминро ҳаром фаҳмидаанд. Вале ҳаром будани иҷораи замин танҳо ба киштукор тааллуқ дорад ва иҷораи замин ба корҳои дигар ҷуз киштукор ҷоиз аст. Ба фард ҷоиз аст, ки барои истироҳатгоҳ, хобгоҳ, анбори молҳо ва истифода дар кори муайян ҷуз киштукор заминро ба иҷора гирад. Зеро наҳйе, ки дар бораи иҷораи замин омадааст, аз рӯи нишондоди ҳадисҳои саҳеҳ, ба иҷораи замин барои киштукор мансуб аст. Аҳкоми мазкури заминҳо ва чизҳои ба он тааллуқдор кайфиятеро, ки Шореъ бо он мусулмонро ҳангоми фаъолият барои зиёд кардани моликияташ бо роҳи киштукор муқайяд кардааст, баён менамояд.

**Байъ**

Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло молро сабаби амалигардонии манфиатҳои бандагон дар дунё қарор дод ва барои касб кардани ин манфиатҳо роҳи тиҷоратро машрўъ гардонд. Зеро он чӣ, ки ҳар кас ба он ниёз дорад, дар ҳама макон имконпазир ва мавҷуд нест, инчунин гирифтани он бо қувва ва бо низоъ фасодкорист. Пас, бояд низоме бошад, ки ба ҳар кас имкон диҳад, то чизеро, ки ба он ниёз дорад, бо роҳе ҷуз қувва ва низоъ бигирад. Пас, ин низом тиҷорат ва аҳкоми байъ аст. Аллоҳ Таоло мегўяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَأْكُلُواْ أَمْوَالَكُمْ بَيْنَكُمْ بِالْبَاطِلِ إِلاَّ أَن تَكُونَ تِجَارَةً عَن تَرَاضٍ مِّنكُمْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, амволи якдигарро ба ноҳақ махўред, магар он ки тиҷорате бошад, ки ҳар ду тараф бад-он ризоят дода бошед***" [4:29].

Тиҷорат ду навъ аст: якум – ҳалол, ки дар шариат байъ номида мешавад ва дуюм – ҳаром, ки дар шариат рибо номида мешавад. Ҳар ду тиҷорат аст. Аллоҳ Таоло дар бораи кофироне хабар медиҳад, ки фарқи байъ ва риборо аз рўи ақл инкор кардаанд:

مِنَ الْمَسِّ ذَلِكَ بِأَنَّهُم مِنَ الْمَسِّ ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ

"***Ин ба кайфари он аст, ки гуфтанд: "Байъ низ мисли рибо аст***"" [2:275].

Сипас Аллоҳ Таоло бо қавли зерин баъй ва риборо дар ҳалолӣ ва ҳаромӣ аз ҳам ҷудо намуд:

وَأَحَلَّ اللّٰهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا

"***Аллоҳ байъро ҳалол ва риборо ҳаром кардааст***" [2:275].

Пас, тавре ки донистем, ҳар ду тиҷорат аст ва байъ ҳалол ва шаръан ҷоиз аст. Байъ бо ду лафз, ки яке ба иҷоб (пешниҳод) ва дигаре ба қабул далолат мекунад, монанди "харидам" ва "фурӯхтам" ва он чӣ, ки қавлан ва амалан ба ин маъност, рух медиҳад. Ба соҳиби коло ҷоиз аст, ки колоро худаш фурӯшад, ё ҳамчун ноиби худ вакиле ё сафире фиристад, то ба ҷойи ӯ фурӯшад. Инчунин ҷоиз аст, ки муздуре киро кунад, то ба ҷойи ӯ фурӯшад, вале шарт аст, ки музди ӯ маълум бошад. Пас, агар муздурро бар ивази як қисми фоида киро кунад, ӯ ба шарики музорибакунанда табдил меёбад ва ба ӯ на ҳукми муздур, балки ҳукми музорибакунанда татбиқ мегардад. Ҳамин тавр, ба фард ҷоиз аст, ки молро худаш харад, ё бо воситаи вакил ё сафир харад, ё касеро киро кунад, ки ба ҷойи ӯ мехарад.

Хуллас, тиҷорат ҷоиз аст ва як навъи зиёд кардани моликият ба ҳисоб меравад, ки дар аҳкоми байъ ва ширкат равшан баён шудааст. Тиҷорат дар Қуръону ҳадис омадааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

"***Ва ҳар гоҳ муомалаи нақдӣ бошад, агар барои он санаде нанависед, муртакиби гуноҳе нашудаед***" [2:282].

Тавре ки Рифоа ривоят кардааст:

**" أَنَّهُ خَرَجَ مَعَ النَّبِيِّ ﷺ إِلَى الْـمُصَلَّى، فَرَأَى النَّاسَ يَتَبَايَعُونَ فَقَالَ: يَا مَعْشَرَ التُّجَّارِ، فَرَفَعُوا أَعْنَاقَهُمْ وَأَبْصَارَهُمْ إِلَيْهِ إِجَابَةً لَهُ فَقَالَ: إِنَّ التُّجَّارَ يُبْعَثُونَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ فُجَّارًا إِلاَّ مَنِ اتَّقَى اللهَ وَبَرَّ وَصَدَقَ"**

"***Чун ӯ бо Расулуллоҳ (с) ба мусалло (идгоҳ) баромад, Расулуллоҳ (с) бо дидани харидуфурӯши мардум гуфтанд: "Эй ҷамоаи тоҷирон". Мардум лаббайгӯён ба эшон рӯ оварданд.***

***Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Рӯзи қиёмат тоҷирон дар ҳоли фоҷир аз нав зинда мешаванд, магар касе, ки аз Аллоҳ тақво мекунад, некӣ мекунад ва рост мегӯяд*"".

Абӯсаид аз Набӣ (с) ривоят кардааст:

"التَّاجِرُ الصَّدُوقُ الْأَمِينُ مَعَ النَّبِيِّينَ وَالصِّدِّيقِينَ وَالشُّهَدَاءِ"

"***Тоҷири ҳамеша ростгӯ ва амонатдор якҷоя бо пайғамбарон, сиддиқон ва шаҳидон мебошад***".

Ин ду ҳадисро Тирмизӣ овардааст.

Тиҷорат ду навъ аст: тиҷорати дохилӣ ва тиҷорати хориҷӣ. Тиҷорати дохилӣ харидуфурӯши колои мавҷуда дар байни мардум аст, хоҳ маҳсулоти кишоварзӣ бошад, хоҳ маҳсулоти саноат, хоҳ маҳсулоти худ бошад, хоҳ маҳсулоти каси дигар, вале табодули он бояд дар дохили кишвар рух диҳад. Дар тиҷорати дохилӣ ҷуз аҳкоме, ки ба байъ тааллуқдор аст, қайде вуҷуд надорад. Аммо коло, навъи коло, ҳамлу нақли коло дар дохили кишвар аз як шаҳр ба шаҳри дигар ба инсон гузошта шудааст, то зимни аҳкоми шариат тиҷорат кунад ва давлат ҷуз назорат бар тиҷорати дохилӣ ҳақ надорад. Тиҷорати хориҷӣ фурӯши коло ба хориҷи кишвар ва хариди коло аз хориҷи кишвар мебошад, хоҳ колои кишоварзӣ бошад, хоҳ колои саноат. Ин тиҷорат ба назорати бевоситаи давлат тобеъ аст. Пас, давлат назорати бевоситаро аз болои воридоту содироти коло ва аз болои тоҷирони аҳли ҳарбу аҳли аҳд ба роҳ мемонад.

**Фармоиш**

Фармоиш ин аст, ки марде ба каси дигар супориш медиҳад, то барои ӯ зарф, мошин ё чизе, ки ба саноат дохил мешавад, бисозад. Фармоиш ҷоиз ва бо суннат собит аст. Расулуллоҳ (с) ба сохтани ангуштарин фармоиш додаанд. Тавре ки Анас ривоят кардааст:

"صَنَعَ النَّبِيُّ ﷺ خَاتِمًا"

"Расулуллоҳ (с) ангуштарин созондаанд". Тавре ки Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст:

"أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ اصْطَنَعَ خَاتَمًا مِنْ ذَهَبٍ"

"***Набӣ (с) ба сохтани ангуштарини тилло фармоиш додаанд***".

Ин ду ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. Инчунин Расулуллоҳ (с) ба сохтани минбар фармоиш додаанд. Тавре ки Саҳл ривоят кардааст:

"بَعَثَ رَسُولُ اللهِ ﷺ إِلَى امْرَأَةٍ أَنْ مُرِي غُلَامَكِ النَّجَّارَ يَعْمَلُ لِي أَعْوَادًا أُجْلِسُ عَلَيْهِنَّ"

"***Расулуллоҳ (с) ба зане одам фиристода гуфтанд: "Ба хизматкори дуредгарат фармо, то барои нишастани ман минбар созад***"".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

"وَقَدْ كَانَ النَّاسُ يَسْتَصْنِعُونَ فِي أَيَّامِ رَسُولِ اللهِ ﷺ وَسَكَتَ عَنْهُمْ"

"***Вақте ки Расулуллоҳ (с) дар қайди ҳаёт буданд, мардум фармоиш медоданд (яъне ба якдигар ба сохтани ашёҳо фармоиш медоданд) ва Расулуллоҳ (с) ба онҳо сукут карданд***".

Сукути эшон тақрир ба фармоишдиҳии онҳо буд. Тақрир ва амали Расул (с) монанди қавлашон далели шаръӣ мебошад. Ашёе, монанди ангуштарин, минбар, ҷевон, мошин ва ғайра, ки ба сохтан фармоиш медиҳанд, объекти ақд ба ҳисоб меравад. Фармоиш аз ин ҷиҳат на аз қабили иҷора, балки аз қабили байъ аст. Агар шахс ба созанда моддаи хомро биёрад ва талаб кунад, ки барояш чизи муайянро созад, дар ин ҳолат аз қабили иҷора ба ҳисоб меравад.

Саноат яке аз асосҳои муҳими ҳаёти иқтисодии ҳар як уммат ва халқ дар ҳар як ҷомеа мебошад. Дар гузашта саноат танҳо ба корхонаи дастӣ такя мекард. Вақте ки инсон дар корфармоии дастгоҳҳо роҳи истифодаи бухорро кашф кард, корхонаи механизмдор тадриҷан ҷойи корхонаи дастиро ишғол намуд.

Вақте ки ихтирооти навбанав пайдо шуд, дар саноат инқилоби бузург рух дода, истеҳсол ба тарзи ғайричашмдошт афзуд ва корхонаи механизмдор ба яке аз асосҳои ҳаёти иқтисодӣ табдил ёфт.

Аҳкоме, ки ба корхонаҳои механизмдор ё корхонаҳои дастӣ тааллуқ дорад, ё аз аҳкоми ширкат, ё аз аҳкоми иҷора, ё аз аҳкоми байъ ва тиҷорати хориҷӣ мебошад. Таъсиси корхона гоҳо бо моли фарде рух медиҳад, ки ин ҳолат кам андар кам вомехӯрад, вале дар бештари ҳолатҳо бо моли якчанд фард, ки дар ин кор шарик мешаванд, анҷом мепазирад. Дар ин ҳол аҳкоми ширкатҳои исломӣ татбиқ мегардад. Аммо ба фаъолияти корхона, ки идора, кор, истеҳсол ва ғайраро дарбар мегирад, аҳкоми кирокунии муздур татбиқ мегардад. Ба фурӯши маҳсулоти корхона аҳкоми байъ ва тиҷорати хориҷӣ татбиқ мегардад. Фиреб, ғабн, иҳтикор ва нархгузорӣ манъ карда мешавад, ки ин ҳама аз аҳкоми байъ ба ҳисоб меравад. Ба фармоиши маҳсулот: хоҳ хурд бошад, хоҳ калон пеш аз истеҳсоли он аҳкоми фармоиш татбиқ мегардад. Инчунин дар масъалаи маҷбур кардан ё маҷбур накардани фармоишдиҳанда ба чизе, ки барояш истеҳсол шудааст, шариат ҳакам карда мешавад.

## Ширкат дар Ислом

(اَلشِّرْكَةُ) дар луғат омехташавии ду ё бештар ҳиссаест, ки яке аз дигаре ҷудо намешавад, аммо дар шаръ ақд дар байни ду ё бештар нафар аст, ки бо мақсади фоида дидан ба анҷоми ягон кори молиявӣ иттифоқ мекунанд. Ақди ширкат монанди ақдҳои дигар мавҷудияти иҷоб (14) ва қабулро тақозо менамояд. Иҷоб ин аст, ки ҷонибе ба ҷониби дигар гӯяд: "***Дар фалон кор бо ту шарик шудам***" ва ҷониби дигар гӯяд: "***Қабул кардам***". Лозим нест, ки айнан ҳамин лафз гуфта шавад, балки маъно эътибор дорад. Бо ибораи дигар, дар иҷобу қабул бояд маъное бошад, ки хитоби шифоҳӣ ё хаттии ҷониберо ба ҷониби дигар дар бораи шарикӣ дар ягон чиз ва пазируфтани ҷониби дигарро ифода намояд. Танҳо иттифоқ ба шарикӣ ё иттифоқ ба мол додан барои шарикӣ ақд ба ҳисоб намеравад, балки ақд бояд маънои шарикиро дар ягон чиз дарбар гирад. Шарти сиҳҳати ақди ширкат ин аст, ки ақд бояд дар бораи тасарруф (15) баста шавад ва ин тасарруф, ки ақди ширкат дар бораи он баста мешавад, қобили ваколат бошад, то фоидае, ки бо тасарруф ба даст меояд, дар байни онҳо муштарак бошад.

Ширкат ҷоиз аст. Зеро ҳангоми пайғамбар фиристода шудани Расул (с) мардум ин корро анҷом медоданд ва эшон ба он сукут карданд. Пас, сукути Пайғамбар (с) дар бораи ин кори мардум далели шаръӣ ба ҷоизии ширкат аст.

Бухорӣ аз тариқи Сулаймон ибни Абӯмуслим ривоят кардааст:

"*Аз Абӯминҳол дар бораи сарфи дастбадаст пурсидам. Ӯ гуфт: "Ман ва шарикам як чизро ба нақд ва ба насия харидем. Он гоҳ Барро ибни Озиб омад ва аз ӯ дар ин бора пурсидем. Ӯ гуфт: "Ман ва шарикам Зайд ибни Арқам низ чунин корро анҷом додем ва аз Пайғамбар (с) пурсидем. Пайғамбар (с) гуфтанд:*

"مَا كَان يَدًا بِيَدٍ فَخُذُوهُ وَمَا كَانَ نَسِيئَةً فَرُدُّوهُ"

"*Он чӣ, ки дастбадаст шудааст, бигиред ва он чӣ, ки насия аст, баргардонед*".

Ин ҳадис нишон медиҳад, ки мусулмонон бо ҳам шарикӣ кардаанд ва Пайғамбар (с) ба ин сукут варзидаанд. Абӯдовуд аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ اللهَ يَقُولُ أَنَا ثَالِثُ الشَّرِيكَيْنِ مَا لَمْ يَخُنْ أَحَدُهُمَا صَاحِبَهُ، فَإِذَا خَانَهُ خَرَجْتُ مِنْ بَيْنِهِمَا"

"*Аллоҳ мегӯяд: "Модом ки яке аз ду шарик ба дигаре хиёнат накунад, Ман сеюми онҳо ҳастам. Агар хиёнат кунад, аз байни онҳо хориҷ мешавам*"".

Ширкат дар байни мусулмон ва мусулмон, зиммӣ ва зиммӣ, мусулмон ва зиммӣ ҷоиз аст. Шарикӣ кардани мусулмон бо насронӣ, маҷусӣ ва каси дигар аз зиммиён дуруст аст. Муслим аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст:

"عَامَلَ رَسُولُ اللهِ ﷺ أَهْلَ خَيْبَرَ - وَهُمْ يَهُودٌ - بِشَطْرٍ مَا يَخْرُجُ مِنْهَا مِنْ ثَمَرٍ أَوْ زَرْعٍ"

"*Пайғамбар (с) бо аҳли Хайбар, ки онҳо яҳудӣ буданд, ба нисфи мева ё киште, ки аз ин замин мерӯид, муомила карданд*".

"اِشْتَرَى رَسُولُ اللهِ ﷺ مِنْ يَهُودِيٍّ طَعَامًا وَرَهَنَهُ دِرْعَهُ"

"*Пайғамбар (с) аз як яҳудӣ таом хариданд ва сипарашонро ба ӯ гарав монданд*".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Оиша ривоят кардааст. Тирмизӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст:

"تُوُفِّيَ النَّبِيُّ ﷺ وَدِرْعُهُ مَرْهُونَةٌ بِعِشْرِينَ صَاعًا مِنْ طَعَامٍ أَخَذَهُ لِأَهْلِهِ"

"***Вақте ки Пайғамбар (с) вафот карданд, сипарашон барои бист соъ таом, ки ба оилашон гирифта буданд, дар гарав буд***".

Тирмизӣ аз Оиша ривоят кардааст:

"أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ أَرْسَلَ إِلَى يَهُودِيٍّ يَطْلُبُ مِنْهُ ثَوْبَيْنِ إِلَى الْـمَيْسَرَةَ"

"***Пайғамбар (с) ба як яҳудӣ одам фиристоданд, ки то доройӣ аз ӯ ду курта бипурсанд***".

Аз ин рӯ, ширкат бо яҳудӣ, насронӣ ва каси дигар аз зиммиён ҷоиз аст, зеро муомила бо онҳо ҷоиз аст. Танҳо ба зиммиёне, ки бо мусулмон шарикӣ мекунанд, фурӯхтани хамр ва хук ҷоиз нест. Аммо маблағе, ки зиммиён пеш аз ширкат бо мусулмон аз фурӯши хамр ва хук ба даст овардаанд, дар ширкат ҳалол аст. Ширкат танҳо бо касоне, ки ба тасарруф ҳақ доранд, дуруст аст, зеро ширкат ақд дар бораи тасарруфи мол мебошад ва бо касоне, ки ба тасарруфи мол ҳақ надоранд, дуруст нест. Бинобар ин, ширкат бо касоне, ки аз ақл бегона дониста шудаанд ва бо касоне, ки ба тасарруф ҳақ надоранд, ҷоиз нест.

Ширкат ё ширкати моликият, ё ширкати ақд мебошад. Ширкати моликият ширкати айн16 аст, монанди ширкат дар моле, ки онро ду мард мерос гирифтаанд ё харидаанд ё ҳадия гирифтаанд ва ғайра. Ширкати ақд мавзӯи баҳси зиёд кардани моликият ба ҳисоб меравад. Аз таҳқиқу баррасии ширкатҳои ақд дар Ислом, аҳкоми шаръӣ, ки ба ин ширкатҳо тааллуқ доранд ва далелҳои шаръӣ, ки дар ин хусус ворид шудаанд, аён мегардад, ки ширкати ақд панҷ навъ аст: ширкати инон, ширкати абдон, ширкати музораба, ширкати вуҷӯҳ ва ширкати муфовоза. Баёни мухтасари аҳкоми ин ширкатҳо чунин аст:

**Ширкати инон**

Ширкати инон шарикии ду тан, яъне ду шахс бо молҳояшон аст, ки ҳар ду бо тани худ кор мекунанд ва фоида дар байни ҳар ду тақсим мешавад. Азбаски ду шарик, монанди ду савора ҳангоми баробар шудани аспашон дар тасарруф баробаранд ва дар фаъолият низ инони ҳар ду баробар аст, ширкати инон номида шудааст. Ин ширкат бо суннат ва иҷмои саҳобагон ҷоиз аст. Мардум аз замони Пайғамбар (с) ва саҳобагон бо ин навъи ширкат сарукор доштанд.

Дар ин навъи ширкат сармоя пул мебошад, зеро пул арзиши молҳо ва нархи колоҳои фурӯшӣ мебошад. Аммо ширкат дар молҳои тиҷоратӣ ҷоиз нест, магар он ки ҳангоми ақд арзиши онҳо муқаррар шавад ва ин арзиш ҳангоми ақд сармоя ба ҳисоб равад. Шарт аст, ки сармоя маълум бошад, то тасарруфи фаврии он имконпазир гардад. Ширкат бо сармояи номаълум, бо моли ғоиб ё бо қарз ҷоиз нест, зеро ҳангоми мунозира ба сармоя муроҷиат кардан лозим мегардад, инчунин тасарруфи фаврии қарз имконнопазир аст, ҳол он ки тасарруф мақсуди ширкат ба ҳисоб меравад. Шарт нест, ки ҳар ду мол дар миқдор баробар ва аз як навъ бошад. Танҳо арзиши ҳар ду мол бояд бо арзиши ягона муқаррар шавад, то ҳар ду мол ба моли ягона табдил ёбад. Шарикӣ бо пули Миср ва бо пули Сурия мумкин аст, вале бояд арзиши ҳар ду пул бо ченаки ягона муқаррар шуда, фарқи байни онҳо аз байн равад ва ҳар ду пул ба чизи ягона табдил ёбад. Зеро шарт аст, ки сармояи ширкат моли ягонаи ба ҳама шоеъ бошад ва моли шарике аз моли шарики дигар фарқ накунад. Инчунин шарт аст, ки мол дар дасти ҳар ду шарик бошад. Ширкати инон бар ваколат ва боварӣ бунёд мегардад. Зеро ҳар яки онҳо баробари додани мол ба шарики худ, ба ӯ бовар мекунад ва баробари изн додан дар тасарруф ӯро вакил мекунад. Ширкат, вақте ки таъсиси он ба поён мерасад, ба чизи ягона табдил ёфта, ба шарикон воҷиб мегардад, ки бевосита худашон кор кунанд. Зеро ширкат ба тани онҳо баста мешавад. Аз ин рӯ, ҷоиз нест, ки яке аз онҳо ба ҷойи худ барои тасарруф дар ширкат каси дигарро вакил кунад. Вале ҳар як

ширкат каси дилхоҳро киро мекунад ва тани дилхоҳро ҳамчун муздур, ки на барои яке аз шарикон, балки барои ширкат кор мекунад, кор фармояд.

Ҷоиз аст, ки ҳар як шарик бар ваҷҳе, ки барои ширкат манфиатовар медонад, бихарад ва бифурӯшад. Ҳар як шарик метавонад пул ва колои фурӯхташударо дар даст нигаҳ дорад, қарзро талаб намояд ва даъвогари қарз бошад, пул бифиристад ва пули фиристодашударо қабул намояд, колои нуқсондорро баргардонад, аз сармояи ширкат ба иҷора гирад ва ба иҷора диҳад. Зеро манфиатҳо дар мақоми айнҳо ва монанди харидуфурӯш мебошад. Пас, шарик метавонад колоро бифурӯшад, масалан, мошинро ва ҳамчун колои фурӯшӣ ба иҷора диҳад. Чунон ки мебинед, манфиати коло дар ширкат монанди худи айн мебошад. Шариконро шарт нест, ки дар мол баробар бошанд, балки шарт аст, ки дар тасарруф баробар бошанд. Аммо мол чунин аст, ки баробар ва нобаробар будани шарикон дар мол дуруст мебошад. Фоида аз рӯи он чӣ, ки ҳар ду ба он шарт мекунад, тақсим мешавад. Ҳам шарт кардани баробарӣ дар фоида ва ҳам шарт кардани нобаробарӣ дар фоида дуруст аст. Алӣ (р) дар ин бора гуфтааст: "***Фоида аз рӯи созиш аст***". Инро Абдурраззоқ дар "Ҷомеъ" ривоят кардааст. Вале зиён дар ширкати инон танҳо аз рӯи миқдори мол тақсим мешавад. Агар молҳояшон дар миқдор баробар бошад, зиён низ баробар тақсим мешавад. Агар шарикон се нафар бошанд, зиён сеякӣ тақсим мешавад. Агар ба таври дигар шарт карда бошанд, шарташон арзише надорад ва ҳукми зиён бе ягон шарташон татбиқ мешавад. Ҳукм тақсими зиён аз рӯи ҳиссаи мол мебошад. Зеро тан молашро аз даст намедиҳад, балки танҳо меҳнаташро аз даст медиҳад. Зиён бар мол боқӣ монда, аз рӯи ҳиссаи шарикон тақсим мешавад. Зеро ширкат ваколат аст. Ҳукми ваколат ин аст, ки вакил кафилиро ба гардан намегирад. Зиён ба моли муваккил меафтад. Абдурраззоқ дар "Ҷомеъ" ривоят кардааст, ки Алӣ (р) гуфтааст: "***Зиён аз рӯи мол ва фоида аз рӯи созиш аст***".

## Ширкати абдон

Ширкати абдон шарикии ду ё бештар нафар на бо мол, балки танҳо бо тан аст. Бо ибораи дигар, ду ё бештар нафар дар кори муайян, ки бо дасташон, яъне меҳнаташон анҷом мепазирад, хоҳ фикрӣ бошад, хоҳ ҷасадӣ шарикӣ мекунанд. Масалан, соҳибони касб, монанди муҳандисон, табибон, шикоркунандагон, ҳаммолон, дуредгарон, ронандагон ва ғайра, дар фаъолияти касбӣ шарик мешаванд ва фоидаро дар байнашон тақсим мекунанд. Шарт нест, ки касбашон яксон ё ҳамаашон соҳиби касб (косиб) бошад. Агар соҳибони касбҳои гуногун шарикӣ кунанд, ҷоиз аст. Зеро онҳо дар даромади мубоҳ шарикӣ мекунанд, пас ин кор дуруст аст, инчунин яксон будани касбҳо низ дуруст аст. Агар дар кори муайян шарикӣ кунанд, ки яке аз онҳо ширкатро идора намояд, дигаре аз онҳо бо ҳисобу китоби мол машғул шавад ва боз дигаре аз онҳо бо дасташ кор кунад, ин ширкат дуруст аст. Аз ин рӯ, шарикӣ кардани коргарон дар корхонае, хоҳ ҳамаашон касбро донанд, хоҳ баъзе донанд ва баъзе дигар надонанд, ҷоиз мебошад. Пас, тамоми косибон, коргарон, котибон ва посбонон, ки дар корхона бо ҳам шарикӣ мекунанд, шарикон ба ҳисоб мераванд. Танҳо мубоҳ будани коре, ки бо қасди фоида дидан анҷом медиҳанд, шарт аст. Агар кор ҳаром бошад, шарикӣ дар он ҷоиз нест.

Фоида дар ширкати абдон тибқи он чӣ, ки бар он иттифоқ мекунанд, баробар ё нобаробар тақсим мешавад. Зеро нобаробар будани шарикон аз ҷиҳати кор дар коре, ки бо он фоида ба даст меояд, ҷоиз аст, пас нобаробар будани шарикон аз ҷиҳати фоидае, ки бо ин кор ҳосил мешавад, ҷоиз аст. Ҳар яки онҳо метавонад аз касе, ки онҳоро киро кардааст, ҳамаи муздро ва аз касе, ки маҳсулоташонро харидааст, пули молро талаб намояд. Касе, ки онҳоро киро кардааст ва касе, ки маҳсулоташонро харидааст, метавонад ҳамаи муздро ё ҳамаи пули маҳсулотро ба яке аз онҳо пардозад ва агар ба ҳар касе аз онҳо пардозад, соқит мегардад. Агар яке аз шарикон дар танҳоӣ (бе иштироки шарикон) кор кунад, даромад дар байнашон тақсим мешавад, зеро онҳо якҷоя ба

кор кафолат медиҳанд ва бо кафолати якҷояашон музд воҷиб мегардад. Аз ин рӯ, музд аз они онҳост, чунон ки кафолат ба дӯши онҳост. Ҳеҷ яки онҳо наметавонад каси дигарро ҳамчун шарик бо танаш ба ҷойи худ вакил намояд, инчунин наметавонад муздуреро ҳамчун шарик бо танаш (шарики тан) ба ҷойи худ киро намояд, зеро ақд ба худи ӯ баста шудааст. Пас, воҷиб аст, ки ӯ корро бевосита худаш анҷом диҳад, зеро шарик айнан танаш аст ва айнан танаш дар ширкат таъйин шудааст. Вале ба яке аз шарикон ҷоиз аст, ки муздуронро киро кунад ва кирокунии мазкур дар ин ҳангом аз ширкат ва барои ширкат ба ҳисоб меравад. Ин кор, гарчанд онро яке аз шарикон анҷом медиҳад, ноибӣ, вакилӣ ва муздурӣ ба ҷойи ӯ ба шумор намеравад. Тасарруфи ҳар як шарик тасарруф аз тарафи ширкат ба ҳисоб меравад ва ҳар яки онҳо аз коре, ки шарикаш онро анҷом додааст, масъул мегардад.

Ин гуна ширкат ҷоиз аст. Абӯдовуд ва Асрам бо иснoди ҳар ду аз Абӯубайда ва ӯ аз падараш Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст:

" اِشْتَرَكْتُ أَنَا وَعَمَّـارُ بْنِ يَاسِرٍ، وَسَعْدُ بْنِ أَبِي وَقَّاصٍ، فِيْمَـا نُصِيبُ يَوْمَ بَدْرٍ، فَجَاءَ سَعْدٌ بِأَسِيْرِينَ وَلَمْ أَجِئُ أَنَا وَعَمَّـارٌ بِشَيْءٍ"

"***Ман, Аммор ибни Ёсир ва Саъд ибни Абӯваққос дар ҳиссае, ки рӯзи Бадр ба даст меояд, шарик шудем. Саъд ибни Абӯваққос ду асир овард. Ман ва Аммор ҳеҷ чиз наовардем***".

Расул (с) ба ин кор иқрор шуданд.

Аҳмад ибни Ҳанбал гуфтааст:

"***Набӣ (с) онҳоро шарик карда буданд***".

Ин ҳадис сареҳан нишон медиҳад, ки ҷамоате аз саҳобагон дар коре, яъне ҷанг бар зидди душман, бо танашон шарикӣ кардаанд ва агар ҷангро буранд, ғаниматҳоеро, ки ба даст овардаанд, тақсим намудаанд. Сухани "***ҳукми ғаниматҳо ба ин ширкат мухолиф аст***" ба ин ҳадис зид нест, зеро ҳукми ғаниматҳо баъд аз ҷанги

Бадр нозил шудааст. Вақте ки ин ширкат бо тан таъсис ёфт, ҳукми ғаниматҳо мавҷуд набуд. Ҳукми ғаниматҳо, ки дар бораи ҳукми баъдина нозил шудааст, ширкатеро, ки таъсис ёфтааст, насх намекунад, балки танҳо ҳиссаи соҳибони ғаниматро баён мекунад ва ҳукми ширкати абдон бо ин ҳадис собит мешавад ва боқӣ мемонад.

**Ширкати музораба**

Ширкати музораба қироз (17) номида мешавад. Ин шарикии тан ва мол аст. Бо ибораи дигар, марде молашро ба каси дигар медиҳад, то бо он тиҷорат кунад ва фоидаи ҳосилшаванда аз рӯи он чӣ, ки ҳар ду шарт мекунанд, тақсим шавад. Вале зиён дар музораба на аз рӯи иттифоқи шарикон, балки аз рӯи нишондоди шариат тақсим мешавад. Зиён дар музораба тибқи шариат на ба дӯши музориб (музорабакунанда), балки хоссатан ба мол меафтад. Ҳарчанд соҳиби мол ва музорабакунанда иттифоқ кунанд, ки ҳам фоида ва ҳам зиён дар байнашон тақсим мешавад, фоида дар байнашон тақсим мешавад, вале зиён ба мол меафтад. Зеро ширкат ваколат аст. Ҳукми вакил ин аст, ки ӯ кафолат намедиҳад ва зиён танҳо ба муваккил (вакилкунанда) меафтад. Абдураззоқ дар "Ҷомеъ" аз Алӣ (р) ривоят кардааст: "Зиён аз рӯи мол ва фоида аз рӯи созиш аст". Пас, тан дар моле зиён намебинад, балки танҳо дар меҳнати худ зиён мебинад ва зиён ба мол меафтад.

То молро ба коргар насупоранд, инчунин байни ӯ ва молро холӣ нагузоранд, музораба дуруст намешавад. Зеро музораба тақозо мекунад, ки мол ба музорабакунанда супорида шавад. Воҷиб аст, ки дар музораба ҳиссаи музорабакунанда ва миқдори моли музорабашаванда маълум бошад. Дуруст нест, ки соҳиби мол якҷоя бо музорабакунанда кор кунад. Ин кор, гарчанд онро шарт мекунанд, дуруст нест. Зеро соҳиби мол ба тасарруфи моле, ки ба моли ширкат табдил меёбад, ҳақ надорад. Соҳиби мол ба тасарруфи ширкат низ мутлақо ҳақ надорад, балки танҳо музориб тасарруф мекунад, кор мекунад ва молро дар даст нигаҳ медорад.

Зеро ақди ширкат бар тани музориб ва моли соҳиби мол баста шудааст. Ақд ба тани соҳиби мол баста нашудааст. Бинобар ин, ӯ монанди касест, ки ба ширкат бегона мебошад ва дар ширкат ба тасарруфи ҳеҷ чиз ҳақ надорад. Вале музориб ба тасарруфе, ки соҳиби мол ба он изн додааст, муқайяд аст ва ҷоиз нест, ки бо соҳиби мол мухолифат варзад, зеро ӯ бо изн тасарруф мекунад. Масалан, агар соҳиби мол ба музориб танҳо ба тиҷорати пашм изн диҳад ё ҳамлу нақли молро тавассути баҳр манъ кунад, ӯ бояд ба ин риоя намояд. Вале ин на ба маъноест, ки соҳиби мол ширкатро тасарруф мекунад, балки ба маъноест, ки музориб дар ҳудуде, ки соҳиби мол ба ӯ изн додааст, муқайяд аст. Бо вуҷуди ин, тасарруф дар ширкат танҳо ба коргар маҳдуд аст ва соҳиби мол дар тасарруф ҳеҷ гуна салоҳият надорад.

Шарикӣ кардани ду мол ва тани яке аз онҳо (мол аз ҷонибе ва молу тан аз ҷониби дигар) музораба ба ҳисоб меравад. Масалан, ду мард се ҳазор (пул) доранд: яке як ҳазор ва дигаре ду ҳазор. Агар соҳиби ду ҳазор ба соҳиби як ҳазор ба тасарруфи ҳар ду мол изн диҳад ва созиш кунанд, ки фоида дар байнашон ба ду тақсим мешавад, ширкат дуруст аст. Соҳиби як ҳазор ба соҳиби ду ҳазор музориб ва шарик ба ҳисоб меравад. Инчунин шарикӣ кардани ду мол ва тани каси дигар (моли ду нафар ва тани шахси сеюм) музораба ба ҳисоб меравад. Ин ҳама ба боби музораба дохил мешавад.

Музораба шаръан ҷоиз аст.

Ривоят шудааст: "***Аббос ибни Абдулмутталиб ба музораба мол дода, ба музориб шартҳои муайянро мегузошт. Вақте ки ин хабар ба Набӣ (с) расид, ин корро маъқул донистанд***".

Саҳобагон низ ба ҷоизии музораба иҷмоъ кардаанд. Тавре ки Ибни Абӯшайба аз Абдуллоҳ ибни Ҳамид, ӯ аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардааст, "Умар ибни Хаттоб (р) ба ӯ моли ятимеро ба музораба дод. Сипас онро гардиш дода, фоида дидааст ва даромадро тақсим кардааст". Тавре ки Ибни Қудома дар "Муғнӣ"

аз Молик ибни Аъло ибни Абдурраҳмон, ӯ аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардааст, "Усмон ба ӯ барои музораба пул додааст". Боз аз Ибни Масъуд ва Ҳаким ибни Ҳизом зикр шудааст, ки "онҳо бо якдигар музораба кардаанд". Ин дар пеши чашми саҳобагон рух додааст. Ривоят нашудааст, ки саҳобие инро инкор кардааст ё мухолифат варзидааст. Пас, ин кор иҷмои онҳо ба (ҷоизии) музораба мебошад.

**Ширкати вуҷӯҳ**

Ширкати вуҷӯҳ шарикии ду тан бо моли каси дигар аст. Боибораи дигар, нафаре ба ду ё беш аз он нафар молашро ба музораба медиҳад. Музорибон дар фоидаи моли каси дигар шарик мешаванд. Гоҳо иттифоқ мекунанд, ки фоидаро ба се тақсим кунанд: ба ҳар ду шарик сеякӣ ва ба мол низ сеяк, гоҳо иттифоқ мекунанд, ки фоидаро ба чор тақсим кунанд: ба мол чоряк, ба яке аз онҳо чоряк ва ба дигаре нисф, гоҳо ба шартҳои дигар иттифоқ мекунанд. Бо ин гуна шартҳои эҳтимолии ҳусул метавонад дар байни музорибон аз ҷиҳати фоида гирифтан нобаробарӣ ба вуҷудояд. Шарикии ҳар ду, гарчанд ҳиссаашон нобаробар ва тасарруфи шаръиашон дар моли ягона аст, бар мақому манзалати яке аз онҳо ё мақому манзалати ҳар дуи онҳо аз ҷиҳати маҳорат дар кор ё аз ҷиҳати тасарруфи зебо дар идора бунёд мегардад. Бинобар ин, ширкати мазкур, гарчи аслан ба музораба тааллуқ дорад, ба ширкати навъи дигар ҷуз ширкати музораба табдил ёфтааст.

Шарикии ду ё беш аз он нафар дар он чӣ, ки бо боварии тоҷирон ба онҳо мехаранд, ширкати вуҷӯҳ ба ҳисоб меравад. Мақому манзалати онҳо, ҳарчанд дар даст сармоя надоранд, ба ин боварӣ бунёд мегардад. Онҳо ба тақсими моле, ки мехаранд, ба ду, се, чаҳор ва ё ғайра шарт мекунанд. Сипас ин молро мефурӯшанд. Фоидае, ки аз ин ба даст меоранд, на аз рӯи мол, балки аз рӯи созиш ба ду, се, чаҳор ё ғайра тақсим мешавад. Вале зиён на аз рӯи созиш ва на аз рӯи фоида, балки аз рӯи миқдори моликияти онҳо дар моли харидашуда тақсим мешавад. Зеро ин молҳои

харидашуда дар мақоми молашон мебошад, хоҳ фоида дар байнашон аз рӯи миқдори моли харидашуда бошад, хоҳ ба тарзи дигар.

Ширкати вуҷӯҳ бо ҳар ду қисмаш ҷоиз аст. Зеро шарикии онҳо дар моли каси дигар аз қабили ширкати музораба ба ҳисоб меравад, ки бо суннат ва иҷмоъ собит шудааст. Шарикии онҳо дар моли каси дигар, ки мегиранд ё дар моле, ки бо ҷоҳу мақомашон ва боварии тоҷирон ба онҳо мехаранд, аз қабили ширкати абдон аст, ки бо суннат собит шудааст. Пас, ширкати вуҷуҳ бо суннат ва иҷмоъ собит аст.

Бояд донист, ки ин ҷо боварӣ на ҷоҳу мақом, балки боварии молӣ, яъне боварӣ ба росткорӣ мебошад. Зеро аз калимаи боварӣ, вақте ки он дар соҳаи тиҷорат, ширкат ва монанди ин истифода мешавад, боварӣ ба росткорӣ қасд карда мешавад, ки боварии молӣ аст. Аз ин рӯ, гоҳо шахс бо вуҷуди соҳибҷоҳу соҳибманзалат будан аз ҷиҳати росткорӣ нобовар (беэътимод) ба ҳисоб меравад. Пас, ӯро боварии молӣ нест ва дар соҳаи тиҷорату ширкат боваринок (боэътимод) ба ҳисоб намеравад. Масалан, гоҳо шахс вазир, ё ғанӣ, ё тоҷири калон мебошад, вале дар ӯ боварӣ ба росткорӣ ва боварии молӣ мавҷуд намешавад, инчунин чизеро ба амонат намегузоранд. Ӯ наметавонад аз бозор молеро бе додани пулаш бихарад. Гоҳо шахс фақир мебошад, вале тоҷирон бо сабаби росткориаш молро ба ӯ бовар мекунанд ва ӯ метавонад молеро бе додани пулаш бихарад. Бинобар ин, ширкати вуҷӯҳ на бар ҷоҳу мақом, балки бар боварӣ ба росткорӣ таъсис меёбад. Аммо дар баъзе ширкатҳо вазиреро ҳамчун узви ширкат дохил мекунанд ва барои ӯ ҳиссаи муайянро аз фоида муқаррар менамоянд, вале ин вазир моле намедиҳад ё коре намекунад, балки ӯро танҳо барои манзалаташ дар ҷомеа шарик мекунад, то муомилоти ширкат осон гардад. Ин аз қабили ширкати вуҷӯҳ нест. Таърифи ширкат дар Ислом ба ин мутобиқат намекунад. Ин навъи шарикӣ ҷоиз нест ва ин шахс шарик ба ҳисоб намеравад. Инчунин ҳисса гирифтани ӯ аз ширкат ҳалол нест.

Дар баъзе кишварҳо, монанди Саудия ва Қувайт, ба шахс, агар ӯ саудиягӣ ё қувайтӣ набошад, ба тиҷорат ё фаъолият рухсат намедиҳанд. Пас, дар Саудия саудиягиро ва дар Қувайт қувайтиро ҳамроҳ мекунанд ва барои ӯ ҳиссаеро аз фоида муқаррар менамоянд, вале ин саудиягӣ ё қувайтӣ моле намедиҳад ва ширкат ба тани ӯ баста намешавад, балки ӯро танҳо бо сабаби гирифтани рухсат ба номи ӯ шарик эътибор мекунанд ва дар муқобили ин ба ӯ ҳиссаеро аз фоида муқаррар мекунанд. Ин низ ширкати вуҷӯҳ ба ҳисоб намеравад. Ин ширкате нест, ки шаръан ҷоиз бошад. Ин саудиягӣ ё қувайтӣ шарик ба ҳисоб намеравад. Аз ин ширкат ҳисса гирифтани онҳо ҳалол нест. Зеро шартҳое, ки барои шарик ба ҳисоб рафтан шариат мавҷудияти онро дар шарик воҷиб гардондааст, яъне иштирок бо мол, ё тан, ё боварии тиҷоратӣ ба росткорӣ, то бо моле, ки тавассути ин боварӣ гирифтааст, фаъолият намояд, ба ӯ мутобиқат намекунад.

### Ширкати муфоваза

Ширкати муфоваза шарик шудани ду шарик дар ҷамии навъҳои ширкат аст, монанди ҷамъ кардани байни ширкати инон, абдон, музораба ва вуҷӯҳ. Ин навъҳои ширкат дар боло зикр гардид. Масалан, шахсе ба ду муҳандис, ки бо моли худ шариканд, барои сохтмони биноҳо бо мақсади байъ ва тиҷорат ба музораба мол медиҳад. Ин ду муҳандис ба гардиш додани моли бештар аз моле, ки дар даст доштанд, иттифоқ мекунанд, сипас колоро бинобар боварии тоҷирон нисбат ба онҳо бе пардохти фаврии пулаш (яъне ба насия) мегиранд. Пас, шарикии ду муҳандис якҷоя бо танашон ширкати абдон, бо эътибори касб, пардохти мол ва фаъолияти якҷоя ширкати инон, гирифтани мол аз каси дигар барои музораба ширкати музораба ва шарикии ҳар ду дар колое, ки бинобар боварии тоҷирон ба онҳо харидаанд, ширкати вуҷӯҳ аст. Ин ширкат ҳама навъҳои ширкатҳои исломиро ҷамъ овардааст ва дуруст аст. Зеро ҳар яки ширкатҳои мазкур дар алоҳидагӣ дуруст аст. Бинобар ин, дар якҷоягӣ низ дуруст аст. Фоида аз рӯи созиш тақсим мешавад: ҷоиз аст, ки вобаста ба миқдори молашон бошад

ва ҷоиз аст, ки новобаста ба нобаробар будани молашон баробар бошад ва ҷоиз аст, ки новобаста ба баробар будани молашон нобаробар бошад.

Ин навъи ширкати муфоваза ҷоиз аст. Зеро ба он насс омадааст. Вале баъзе фақеҳон гуфтаанд: "Навъи дигари ширкати муфоваза ин аст, ки ду мард шарик мешаванд ва дар мол, тасарруф ва қарз баробар мешаванд ва ҳар яки онҳо ба дӯсташ ваколати мутлақ медиҳад". Ин гуна ширкат мутлақо ҷоиз нест. Зеро насси шаръие наомадааст, ки ба он далел бошад. Ин фақеҳон ҳадисҳои зеринро далел меоранд:

"إِذَا تَفَاوَضْتُمْ فَأَحْسِنُوا الْـمُفَاوَضَةَ"

"*Агар шарик шавед, ба тарзи зебо шарикӣ кунед*",

"فَاوِضُوْا فَإِنَّهُ أَعْظَمُ لِلْبَرَكَةِ"

"*Ба якдигар шарикӣ кунед, зеро баракаи ин кор бузург аст*".

Ҳадисҳои мазкур, ҳарчанд далолаташон саҳеҳ тахмин шавад, ин гуна маъноро намедиҳад. Зеро ин ширкат бар моли номаълум ва кори номаълум таъсис ёфтааст. Танҳо ҳамин ба нодурустии ширкати мазкур кифоя аст. Илова бар ин, меросе вуҷуд дорад, ки баъд аз вафоти меросгузор ба онҳо мегузарад. Агар яке аз онҳо зиммӣ бошад, чӣ тавр ба ӯ дар мерос насиба мешавад? Сабаби дигар ин аст, ки ширкат маънои ваколатро дарбар мегирад ва ваколат ба ҷинси номаълум ҷоиз нест. Ин ҳама ба нодурустии навъи мазкури ширкати муфоваза далолат мекунад.

### Бекор кардани ширкат

Ширкат аз ақдҳои шаръан ҷоиз мебошад. Ширкат бо вафоти яке аз шарикон, ё бо девона шудани яке аз шарикон, ё бо манъ шудани яке аз шарикон аз тасарруфи мол бо сабаби исрофкорӣ, ё бо бекор кардани яке аз шарикон (агар ширкат аз ду кас таркиб ёфта бошад) бекор мегардад. Зеро ширкат ақди ҷоиз аст ва монанди ваколат ба ҳамин тарз бекор мешавад. Агар яке аз шарикон вафот

кунад ва ӯро вориси рошид (болиғу оқил) бошад, ин ворис метавонад ба ширкат ҳамроҳ шавад. Шарики дигар ба ворис дар тасарруф изн медиҳад. Ворис метавонад тақсимотро талаб кунад. Агар яке аз шарикон бекор кардани ақдро талаб кунад, шарики дигарро воҷиб аст, ки талаби ӯро иҷобат намояд. Агар шарикон зиёд бошанд ва яке аз онҳо бекор кардани ширкатро талаб намояд, вале шарикони боқимонда ба боқӣ мондани ширкат розӣ бошанд, ширкати мазкур бекор мешавад ва дар байни шарикони боқимонда аз нав таъсис меёбад. Дар бекор кардани ақд дар байни ширкати музораба ва ширкатҳои дигар фарқ вуҷуд дорад. Дар ширкати музораба коргар (музорабакунанда) фурӯшро ва соҳиби мол тақсимотро талаб кунад, талаби коргар қонеъ гардонда мешавад. Зеро ҳаққи коргар дар фоида аст. Фоида танҳо дар фурӯш намоён мегардад. Дар ширкатҳои дигар яке аз шарикон тақсимот ва дигаре фурӯшро талаб кунад, на талаби фурӯш, балки талаби тақсимот қонеъ гардонда мешавад.

# ШИРКАТҲОИ КАПИТАЛИСТӢ

Ширкат дар низоми капиталистӣ ақдест, ки аз рӯи он ду нафар ё беш аз он тавассути саҳмгузорӣ бо мол ё кор маҷбурияти шарикиро дар ягон лоиҳаи молиявӣ ба дӯш мегиранд, то фоида ё зиёнеро, ки аз ин лоиҳа ба вуҷуд меояд, дар байни худ тақсим намоянд. Ин ширкат ду навъ аст: ширкати шахсҳо ва ширкати молҳо.

Ширкати шахсҳо чунин аст, ки ба он унсури шахс дохил шуда, дар ширкат ва дар муқарраркунии саҳмҳо таъсир мерасонад. Масалан, ширкатҳои тазомун[18] ва ширкатҳои тиҷоратии маъмулӣ[19]. Ширкати молҳо бар хилофи ин аст, ки дар он унсури шахс на вуҷуд дорад, на эътибор ва на таъсир. Ин ширкат дар таъсису фаъолияти худ бар мавҷуд набудани унсури шахс ва танҳо бар мавҷуд будани унсури мол бунёд мегардад. Масалан, ширкатҳои саҳҳомӣ ва ширкатҳои тиҷоратии саҳҳомӣ.

**Ширкати тазомун**

Ширкати тазомун акди ду нафар ё бештар аз он аст, ки дар он таҳти унвони махсус ба тиҷорати якҷоя иттифоқ мекунанд ва ҳама узвҳои ширкат қарзҳои ширкатро бе ягон қайд бинобар тамоми молҳояшон бо кафилии якдигар ба ўҳда мегиранд. Бинобар ин, ягон шарик ҳуқуқи худро дар ширкат бе рухсати шарикони боқимонда ба каси дигар гузашт карда наметавонад. Ширкат бо сабаби вафот ёфтан ё девона шудан ё муфлис гаштан пароканда мешавад, ба шарте ки бар хилофи ин иттифоқ накарда бошанд.

Узвҳои ин ширкат дар иҷрои тамоми созишномаҳои ширкат, ки бо дигарон баста мешавад, кафили якдигаранд. Масъулияти узвҳо дар ин бора маҳдуд нест. Ҳар як шарик вазифадор аст, ки тамоми қарзҳои ширкатро натанҳо аз молҳои ширкат, балки аз моли худ низ бипардозад. Ӯ бояд қарзҳои ширкатро, агар моли ширкат нарасад ва тамом шавад, аз моли худ пардозад. Ин ширкат ба васеъшавии лоиҳа рухсат намедиҳад ва аз шахсони камшумор, ки ба якдигар бовар мекунанд ва ошно ҳастанд, таъсис меёбад. Эътибори асосӣ дар ин ширкат ба шахсияти шарик нигаронда мешавад, вале на аз ҷиҳати танҳо шахсият будани ӯ, балки аз ҷиҳати мақому таъсири ӯ дар ҷомеа.

Ин ширкат фосид аст, зеро шартҳое, ки дар он гузошта мешавад, ба шартҳои ширкат дар Ислом хилоф мебошад. Мувофиқи ҳукми шаръӣ, ба шарик ҷуз ҷоиз будани тасарруфаш шарти дигар гузошта намешавад ва ширкат, агар шарикон ба васеъкунии ширкат бо афзудани сармояашон ё бо афзудани шумораи шарикон иттифоқ кунанд, метавонад фаъолияташро вусъат бахшад. Пас, шарикон дар анҷоми кори дилхоҳ мутлақо соҳиби тасарруфанд. Илова бар ин, шарик дар ширкат ҷуз ҳиссаи худ ба чизи дигар масъул нест ва дар вақти дилхоҳ ба тарки ширкат ҳақ дорад, ки дар ин ба мувофиқати шарикон ҳоҷат нест. Инчунин ширкат, агар аз шарикони беш аз ду нафар ташкил ёфта бошад, бо вафот ёфтан ё девона шудани яке аз шарикон пароканда намешавад, балки шарикии яке аз онҳо барҳам хӯрда, шарикии дигарон боқӣ мемонад. Шартҳои шаръӣ ҳамин аст. Бинобар ин, шартҳои ширкати тазомун ба ин шартҳо хилоф ва зид аст, ки ин ширкатро фосид мекунад. Пас, иштирок дар ин ширкат шаръан ҷоиз нест.

## Ширкатҳои саҳҳомӣ

Ширкати саҳҳомӣ аз шариконе, ки бештарашон якдигарро намешиносанд, таркиб меёбад. Муассисони ширкати саҳҳомӣ касонест, ки ба ақди ибтидоии ширкат имзо мегузоранд. Зеро ақди ибтидоӣ ба касоне, ки ба он имзо мегузоранд,

маҷбуриятҳоеро бор мекунад, то барои амалигардонии ҳадафи муштарак фаъолият намоянд ва ин ҳадафи муштарак ширкат аст. Шахс барои ҳамроҳшавӣ ба ширкат бояд як ё бештар саҳмияи лоиҳаи ширкатро дар муқобили арзиши номӣ бихарад. Ин як навъи тасарруф бо хоҳиши яктарафа мебошад, яъне харидани саҳмия новобаста ба розигии шарикони дигар кифоя мекунад, ки шахс ба шарик табдил ёбад. Ҳамроҳшавӣ ба ширкат бо ду васила рух медиҳад. **Василаи якум** - саҳмияҳои ширкат ба муассисон хос мебошад ва муассисон саҳмияҳоро бе нишон додан ба аксарият дар байни худ тақсим мекунанд. Ин бо тартиб додани низомномаи ширкат, ки шартҳои асосии фаъолияти ширкатро дарбар мегирад, сипас бо имзо гузоштани муассисон ба он амалӣ мегардад. Ҳар кас, ки ба ин низомнома имзо мегузорад, муассис ва шарик ба ҳисоб меравад. Баробари имзо гузоштани ҳама ширкат таъсис меёбад. **Василаи дуюм** - дар ҷаҳон васеъ интишор ёфтааст. Дар он якчанд шахс ба ширкат асос гузошта, низомномаи ширкатро тартиб медиҳанд, сипас саҳмияҳоро бевосита ба аксарият пешниҳод мекунанд. Ҳамин тавр, ҳамроҳшавии оммавӣ оғоз меёбад. Вақте ки муддати ҳамроҳшавӣ ба охир мерасад, ҷамъомади таъсисии ширкат даъват мешавад. Ҷамъомади мазкур низомномаи ширкатро тасдиқ ва маҷлиси идораи ширкатро таъйин мекунад. Ҳар як саҳмдор новобаста ба миқдори саҳмияҳо, гарчи соҳиби як адад саҳмия аст, ҳақ дорад дар ҷамъомади таъсисӣ иштирок кунад. Ширкат бо фарорасии муддати қатъи ҳамроҳшавӣ кори худро оғоз мекунад.

Ҳар ду васила шаклан яксон аст, яъне мол додан ба ҳисоб меравад. Ширкат дар василаи якум танҳо бо интиҳои имзогузории муассисон ва дар василаи дуюм танҳо бо интиҳои муддати ҳамроҳшавӣ таъсис меёбад. Ақди ин ширкат танҳо ақди молҳост. Унсури шахс дар он мутлақо вуҷуд надорад. Пас, дар он на соҳиби молҳо, балки танҳо молҳо шарикӣ мекунад. Ин молҳо бе мавҷудияти шахс бо якдигар шарикӣ мекунад. Бинобар ин, ба ҳеҷ кас новобаста ба миқдори саҳмияҳояш ҳамчун шарик салоҳияти

идораи корҳои ширкатро намедиҳанд ва шарик ҳақ надорад, ки ҳамчун шарик дар ширкат кореро анҷом диҳад ё фаъолиятеро ба роҳ монад. Шахсеро, ки кору фаъолияти ширкатро идора менамояд, ба роҳ мемонад ва назорат мекунад, мудири ваколатдор меноманд ва ин ба маҷлиси идора марбут аст. Маҷлиси идора аз ҷамъомади умумӣ интихоб мегардад, ки дар он ҳар як шахс на ба миқдори шахсияташ, балки ба миқдори молаш соҳиби овоз мегардад. Зеро шарик на шахс, балки мол аст ва мол адади овозҳоро муайян мекунад. Пас, барои ҳар як саҳмия як овоз аст ва барои ҳар як шахс як овоз нест. Дар ширкати саҳҳомӣ шахси саҳмиядор ҳеҷ гуна эътибор надорад, балки тамоми эътибор танҳо ба сармоя нигаронида мешавад. Ширкати саҳҳомӣ доимист ва бо ҳаёти шахсҳо маҳдуд нест. Гоҳо шарике вафот мекунад, вале ширкат пароканда намешавад, гоҳо шарике девона мешавад, вале ӯ дар ширкат боқӣ мемонад. Сармояи ширкат ба ҳиссаҳои баробарарзиш тақсим мешавад ва ин ҳиссаҳоро саҳмияҳо меноманд. Саҳмдор (саҳмиядор) шарикест, ки сифату шахсияташ мавриди таҳқиқ қарор намегирад ва масъулияташ ба миқдори ҳиссааш дар сармоя маҳдуд аст. Бинобар ин, шарикон зиёнро ба миқдори саҳмияҳояшон дар ширкат ба ӯҳда мегиранд. Ҳиссаи ӯ қобили гардишу муомила аст, ки ӯ бе иҷозати шарикони дигар метавонад онро фурӯшад ё каси дигарро дар он шарики худ кунад. Саҳмияҳое, ки шахс соҳиби он мегардад, коғазҳои молиявист, ки сармояро таҷассум менамояд. Ин саҳмияҳо гоҳо номӣ (ба номи шахсе), гоҳо аз они ҳомилаш мебошад ва аз моликияти як кас ба моликияти каси дигар интиқол меёбад. Сармоядоре, ки ба саҳмияҳо номнавис мешавад, танҳо бо пардохтани арзиши номии ин саҳмияҳо ӯҳдадор мегардад. Пас, саҳмия на ҷузъе аз сармояи ширкат, балки ҷузъе аз ҳастии ширкат аст, ки ба ҷузъҳои дигар тақсим намешавад. Коғазҳои саҳмия дар мақоми ҳуҷҷати сабти ном дар ин ҳисса мебошад. Арзиши саҳмия ҳамавақт як хел нест ва вобаста ба фоидаву зиёни ширкат тағйир меёбад. Фоидаву зиён низ ҳар сол на як хел, балки мухталиф ва ботафовут аст. Бинобар ин, саҳмияҳо на сармояеро, ки ҳангоми таъсиси ширкат пардохта

шудааст, балки сармояи ширкатро ҳангоми фурӯш, яъне дар вақти муайян таҷассум мекунад. Пас, саҳмия мисли пули коғазист, ки нархаш ҳангоми суст шудани бозори саҳмияҳо поён ва ҳангоми тез шудани бозори саҳмияҳо боло меравад, инчунин арзиши саҳмияҳо ҳангоми зиён дидани ширкат паст ва ҳангоми фоида дидани ширкат баланд мешавад. Саҳмия баъд аз оғози фаъолияти ширкат аз сармоягӣ мебарояд ва ба коғази молиявӣ табдил меёбад, ки арзиши муайян дошта, вобаста ба бозор, фоида ё зиён дидани ширкат ва рағбат ё рӯгардонии мардум болову поён меравад. Пас, он колоест, ки ба пешниҳоду талабот тобеъ мебошад. Саҳмияҳо мисли интиқоли коғазҳои молиявӣ дар байни мардум аз як даст ба дасти дигар мегузарад. Саҳмия, агар аз они ҳомилаш бошад, дар дафтари ширкат қайд намешавад ва агар ба номи саҳмдор бошад, дар дафтари ширкат қайд мешавад.

Агар ҳангоми ҳисобу китоби солона дар ширкат арзиши активҳо (20) аз арзиши пассивҳо (21) зиёд гардад, пас, ширкат фоида дидааст. Он чӣ, ки зиёдатӣ аст, фоида ба ҳисоб меравад. Фоидаҳо дар ширкат ҳар сол баробари интиҳои соли молиявӣ тақсим мешавад. Агар арзиши активҳои ширкат бе ҳосил шудани фоида танҳо бо сабаби ҳолатҳои фавқулодда боло равад, барои тақсими моли зиёдатӣ монеае вуҷуд надорад. Агар акси ин ҳолат рух диҳад, яъне арзиши активҳои ширкат поён равад, вале ширкат фоида бинаду ҳангоми зам кардани ин фоида ба арзиши активҳо аз арзиши пассивҳо наафзояд, ба тақсими фоидаҳо ҳоҷат нест. Ҳангоми тақсими фоида ҳиссаеро барои захираи махсуси эҳтиётӣ ҷудо мекунанд ва боқимонда ба саҳмдорон тақсим мешавад. Ширкат шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, метавонад бо номи худ дар маҳкамаҳо даъвогар ва ҷавобгар бошад. Инчунин ширкат қароргоҳи махсус ва шаҳрвандии махсус дорад. Ҳеҷ кас аз саҳмдорони ширкат ва аъзои идора ҳамчун шарик ё шахс ҷогузини ширкат шуда наметавонад. Танҳо вакиле, ки аз номи ширкат сухан мегӯяд, ба ин кор ҳақ дорад. Пас, тасарруфкунанда на шахсе, ки

бевосита тасарруф мекунад, балки худи ширкат, яъне шахси ҳуқуқӣ мебошад.

Ширкати саҳҳомӣ ҳамин аст. Ин ширкат ширкати шаръан ботил ба ҳисоб меравад, инчунин муомилаест, ки ба он даст задани мусулмон ҷоиз нест. Баёни ҷиҳати ботилии ширкати мазкур ва ҳаром будани иштирок дар он чунин аст:

1. Таърифи ширкат дар Ислом чунин аст: Ширкат ақд дар байни ду нафар ё бештар аз он мебошад, ки бо мақсади фоида дидан ба анҷоми ягон кори молиявӣ иттифоқ мекунанд. Пас, ин ақд дар байни ду нафар ё бештар аз он мебошад. Бинобар ин, дар ақди мазкур мувофиқати якҷониба дуруст нест, балки мувофиқат бояд дуҷониба ё ҳамаҷониба бошад. Ақд бояд ба анҷоми кори молиявӣ бо мақсади фоида дидан нигаронда шавад. Нигаронда шудани ақд танҳо ба молдиҳӣ дуруст нест. Инчунин кифоя нест, ки ҳадаф танҳо иштирок бошад. Анҷоми кори молиявӣ асоси ақди ширкат ба ҳисоб меравад. Анҷоми кори молиявӣ аз тарафи ҳар ду ақдкунанда ё аз тарафи тани яке ва моли дигаре рух медиҳад. Агар иттифоқ кунанд, ки кори молиявӣ аз тарафи каси дигар ҷуз ақдкунандагон анҷом дода шавад, ақд ба вуҷуд намеояд. Зеро ин ақд ба ҳисоб намеравад ва ҳеҷ кас ӯҳдадор намешавад. Ақде, ки ақдкунанда бо он ӯҳдадор мегардад ва ба тасаррруфоти ӯ ҷорӣ мешавад, ба каси дигар баста намешавад. Пас, ҳатмист, ки анҷоми кори молиявӣ дар байни ақдкунандагон маҳдуд бошад: ё аз тарафи ҳар ду, ё аз тарафи тани яке ва моли дигаре. Аз тарафи яке аз ақдкунандагон рух додани анҷоми кори молиявӣ кори ҳатмист, то таъсис ва вуҷуди ширкат ба охир расад. Мавҷудияти тане, ки ақд бар ӯ ҷорӣ мешавад, дар ширкат ҳатмист. Ширкатро дар Ислом мавҷудияти тан шарт аст. Пас, тан дар таъсиси ширкат (дар басташавии ақди ширкат) унсури асосист. Агар дар ширкат тан мавҷуд бошад, ширкат таъсис меёбад ва агар дар ширкат тан мавҷуд набошад, ширкат таъсис намеёбад ва аз асос ба вуҷуд намеояд.

Капиталистҳо дар таърифи ширкати саҳҳомӣ мегӯянд: Ширкати саҳҳомӣ ақдест, ки ду нафар ё беш аз он тавассути саҳмгузорӣ бо мол маҷбурияти шарикиро дар ягон лоиҳаи молиявӣ ба дӯш мегиранд, то фоида ё зиёнеро, ки аз ҳамин лоиҳа пайдо мешавад, дар байни худ тақсим намоянд. Аз ин таъриф ва воқеи таъсиси ширкат бо ду василаи боло аён мегардад, ки ширкати мазкур аз рӯи аҳкоми шариати исломӣ ақд дар байни ду нафар ё беш аз он ба ҳисоб намеравад. Зеро ақд шаръан иҷоб ва қабул дар байни ду ҷониб, ду нафар ё беш аз он мебошад. Бо ибораи дигар, дар ақд бояд ду ҷониб мавҷуд бошад. Бояд аз ҷониби якум иҷоб содир шавад ва ӯ бо пешниҳод кардани ақд оғоз намояд. Масалан, гӯяд: "бо ту издивоҷ кардам", "ба ту фурӯхтам", "ба ту иҷора додам", "бо ту шарик шудам", "ба ту ҳадия кардам" ва ҳоказо. Инчунин бояд аз ҷониби дуюм қабул содир шавад. Масалан, гӯяд: "қабул кардам", "розӣ шудам" ва ҳоказо. Ақд, агар аз мавҷудияти ду ҷониб ё аз иҷобу қабул холӣ бошад, баста намешавад ва шаръан ақд номида намешавад. Дар ширкати саҳҳомӣ муассисон ба шартҳои шарикӣ иттифоқ мекунанд, вале ҳангоми иттифоқ кардан ба шартҳои ширкат билфеълу бевосита шарикӣ намекунанд, балки танҳо дар хусуси шартҳо гуфтугӯ ва иттифоқ мекунанд. Сипас санаде тартиб медиҳанд ва ин санад низомномаи ширкат ба ҳисоб меравад. Сипас ҳар кас, ки шарикӣ кардан мехоҳад, ба санад имзо мегузорад. Ин имзогузорӣ қабул шудани шахс ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лаҳза ӯ муассис ва шарик эътибор карда мешавад, яъне ӯ баробари интиҳои имзогузорӣ ё баробари интиҳои муддати ҳамроҳшавӣ ба шарик табдил меёбад. Тавре ки аён аст, дар ин ширкат ду ҷониб, ки бо якдигар ақд мебанданд ва иҷобу қабул вуҷуд надорад. Танҳо як ҷониб ба шартҳо мувофиқат мекунад ва бо ин мувофиқат ба шарик табдил меёбад. Пас, ширкати саҳҳомӣ на иттифоқ дар байни ду нафар, балки мувофиқати як шахс ба шартҳост. Бинобар ин, иқтисоддонони капиталистӣ ва қонуншиносони ғарбӣ дар ин бора мегӯянд, ки ӯҳдадорӣ дар ширкати саҳҳомӣ як навъи тасарруф бо хоҳиши яктарафа мебошад. Хоҳиши яктарафа ин аст, ки ҳар гуна шахс худсарона

кореро барои аксарият ё барои шахси дигар новобаста ба мувофиқату номувофиқати аксарият ё шахси дигар ба ӯҳда мегирад. Масалан, ҷоиза ваъда мекунад. Ширкати саҳҳомӣ, ба андешаи онҳо, саҳмдор, муассис ё ҳар гуна шахсеро, ки ба санади шартҳои кафолат имзо мегузорад, новобаста ба мувофиқати дигарон ӯҳдадор мекунад ва ин як навъи тасарруф бо хоҳиши яктарафа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ақди ширкати саҳҳомӣ, ки бо хоҳиши яктарафа баста мешавад, шаръан ақди ботил мебошад. Зеро ақди шаръӣ иртиботи иҷоби як ақдкунанда бо қабули ақдкунандаи дигар аст, ки асари он дар коре, ки ба он ақд мебанданд, зоҳир шавад. Ин дар ақди ширкати саҳҳомӣ ба вуҷуд намеояд. Дар ин ақд иттифоқ дар байни ду нафар ва беш аз он вуҷуд надорад ва танҳо бо қабули як шахс ба саҳмгузорӣ дар ягон лоиҳаи молиявӣ ӯҳдадор мегарданд. Новобаста ба теъдоди ӯҳдадорон ва шарикон ӯҳдадор шахси танҳо ба ҳисоб меравад. Гоҳо мегӯянд: "Шарикон ба шартҳои ширкат дар байни худ иттифоқ мекунанд. Пас, ин иттифоқ иҷобу қабул ба ҳисоб меравад. Навиштани санад кори шаклӣ барои қайди ақдест, ки ба он иттифоқ кардаанд. Пас, чаро ин ақд номида нашавад?"

Ҷавоб чунин аст: Шарикон дар байни худ ба шартҳои ширкат иттифоқ мекунанд, вале худро аз рӯи ин иттифоқ шарикони феълӣ намеҳисобанд ва ба иттифоқ риоя намекунанд. Ҳар яки онҳо метавонад аз он даст кашад, баъд аз иттифоқ ба шартҳо ва ҳатто баъд аз навиштани санад низ шарикӣ накунад. Аз рӯи истилоҳ ва иттифоқи онҳо, ҳар яки онҳо танҳо баъд аз имзогузорӣ ба санад ӯҳдадор мегардад, ки ба шартҳо мувофиқат кунад. Аз ин рӯ, ӯ бо имзо шудани санад ӯҳдадор мегардад. Аммо пеш аз имзогузорӣ ӯ ӯҳдадор ва вазифадор нест. Бинобар ин, иттифоқ ба шартҳо пеш аз имзокунии санад, ба ақидаи онҳо, ақд дониста намешавад. Ин иттифоқ шаръан низ ақд ба шумор намеравад, зеро иттифоқ ба шарикӣ ва шартҳои ширкат ақди ширкат ба ҳисоб намеравад. Аз рӯи иттифоқ, онҳо пеш аз имзогузорӣ ӯҳдадор нестанд, ҳол он ки ақд чизест, ки ақдкунандагон бо он ӯҳдадор

мегарданд. Бинобар ин, иттифоқи онҳо ба шарикӣ ва шартҳои ширкат иҷобу қабул ба ҳисоб намеравад. Пас, мувофиқи аҳкоми шариат ақд эътибор карда намешавад. Илова бар ин, кори мазкур дар назди худи онҳо низ ақд ба шумор намеравад.

Гоҳо мегӯянд: "Қабули шарик бо имзогузорӣ ба ақд иҷоби ӯ ба дигарон ва имзогузории дигарон баъд аз ӯ қабул ба ҳисоб меравад. Пас, чаро пешниҳод кардани санад иҷоб ва имзогузории санад қабул ба ҳисоб наравад?" Ҷавоб чунин аст: Имзогузории ҳар як шарик танҳо қабул ба ҳисоб меравад. Пешниҳод, яъне иҷоб аз шахси муайян содир намешавад, балки пешниҳодкунандае вуҷуд надорад: на муассисон пешниҳод мекунанд ва на имзогузори якум. Танҳо қабули ҳар як шарик вуҷуд дорад. Пас, имзогузор шартҳоро қабул мекунад ва онҳоро бо ихтиёри худ ба дӯш мегирад. Ҳол он ки ҳеҷ кас ба ӯ тасарруфро пешниҳод намекунад, яъне намегӯяд, ки "бо ту шарик шудам". Аммо тақдими санад барои имзогузорӣ пешниҳод кардани таклифи тасарруф ба ҳисоб намеравад. Аз ин рӯ, дар ширкати саҳҳомӣ ҳар як шарик танҳо қабул мекунад. Қабул бо қабул шаръан ақд эътибор карда намешавад. Бояд иҷобе бо лафзе, ки на ба қабул, балки ба иҷоб далолат мекунад, мавҷуд бошад. Сипас қабул бо лафзе, ки ба қабул далолат мекунад, сурат мегирад. Бинобар ин, ҳар як шахсе, ки ба санади ширкат имзо мегузорад, на пешниҳодкунанда, балки танҳо қабулкунанда ба ҳисоб меравад. Пас, дар ин ширкат қабул бе иҷоб сурат мегирад. Аз ин рӯ, ақд баста намешавад.

Капиталистҳо санад, яъне низомномаи ширкатро ақд меноманд ва мегӯянд, ки ба ақд имзо гузоштаанд. Аммо ин санад шаръан ақд ба ҳисоб намеравад. Зеро ақд иҷобу қабул дар байни ду ҷониб мебошад. Бинобар ин, ширкати саҳҳомӣ шаръан ақд эътибор карда намешавад.

Илова бар ин, дар ин ақд ба анҷоми ягон кори молиявӣ бо қасди фоида иттифоқ намекунанд. Танҳо дар ин ақд муассис ё ҳамроҳшаванда (номнависшаванда) ба пардохтани моле дар ягон

лоиҳаи молиявӣ мувофиқат мекунад. Пас, ақд аз унсури иттифоқ ба анҷоми ягон кор холӣ аст. Дар ин ақд танҳо ӯҳдадор шудани шахс ба тақдими мол вуҷуд дорад. Дар ин ӯҳдадорӣ кор ҳеҷ гуна эътибор надорад. Ҳол он ки мақсад аз ширкат натанҳо шарикӣ, балки анҷоми кори молиявӣ мебошад. Пас, ақд бо сабаби холӣ будан аз иттифоқ ба анҷоми кори молиявӣ ботил мегардад. Бинобар ин, ширкат танҳо бо мувофиқат ба пардохтани мол ва бе иттифоқ ба анҷоми кори молиявӣ ба вуҷуд намеояд. Ширкати мазкур аз ин ҷиҳат низ ботил аст.

Гоҳо мегӯянд: "Санади ширкат гоҳо навъи корро, монанди корхонаи шакар ё тиҷорат ва ё ғайра, дарбар мегирад. Пас, дар он ба анҷоми кори молиявӣ иттифоқ мекунанд". Ҷавоб чунин аст: Навъи кори зикршуда корест, ки онро ширкат анҷом медиҳад, вале шарикон ба анҷоми он иттифоқ намекунанд. Дар он танҳо иттифоқ ба шарикӣ ва шартҳои ширкат ҳосил мешавад. Аммо анҷоми кор ба шахси ҳуқуқӣ вогузошта мешавад, ки ширкат баъд аз таъсисёбӣ ба он табдил меёбад. Бинобар ин, дар байни шарикон иттифоқ ба анҷоми кори молиявӣ ба вуҷуд намеояд.

Илова бар ин, дар ширкати Ислом мавҷудияти тан, яъне шахси тасарруфкунанда шарт аст. Зеро мурод аз тан дар ширкат, байъ, иҷора ва ақдҳои дигар на ҷисм ё меҳнат, балки тасарруфкунанда мебошад. Пас, мавҷудияти тан унсури асосӣ дар баста шудани ақди ширкат аст. Бинобар ин, агар тан мавҷуд бошад, ақди ширкат баста мешавад, дар акси ҳол на ва ширкат аз асос ба вуҷуд намеояд. Дар ширкати саҳҳомӣ тан мутлақо вуҷуд надорад, балки унсури шахсро аз ширкат қасдан дур мекунанд ва ба он ҳеҷ гуна эътибор намедиҳанд. Зеро ақди ширкати саҳҳомӣ танҳо дар байни молҳост. Дар он унсури шахс вуҷуд надорад. На соҳибони мол, балки худи молҳо бо якдигар шарикӣ мекунад. Ин молҳо бе мавҷудияти тани шарик бо якдигар шарикӣ мекунад. Ширкат бо сабаби мавҷуд набудани тан ба вуҷуд намеояд. Пас, ин ширкат шаръан ботил аст, зеро тан молро тасарруф менамояд ва

тасарруфи мол танҳо ба тан такя мекунад. Агар тан мавҷуд набошад, тасарруф низ вуҷуд надорад.

Аммо мувофиқати бевоситаи ашхос ба саҳмгузорӣ бо мол, соҳибони мол будани ин ашхос, интихоб шудани маҷлиси идора аз тарафи онҳо ва анҷоми бевоситаи кори ширкат аз тарафи ин маҷлис ба мавҷудияти тан дар ин ширкат далолат намекунад. Зеро мувофиқати онҳо на дар хусуси шарикии ашхос, балки дар хусуси шарикии мол аст. Пас, на соҳиби мол, балки худи мол шарик аст. Интихобкунандагони маҷлиси идора будани онҳо маъноеро намедиҳад, ки ин маҷлисро ба ҷойи худ вакил таъйин кардаанд. Зеро ваколат низ аз они мол аст. Далел ин аст, ки саҳмдор ба андозаи миқдори мол соҳиби овоз мегардад. Масалан, касе, ки як саҳмия дорад, ба як овоз, яъне ба як ваколат ва касе, ки ҳазор саҳмия дорад, ба ҳазор овоз, яъне ба ҳазор ваколат соҳиб мегардад. Пас, ваколат на аз шахс, балки аз мол аст. Ин далолат мекунад, ки унсури тан дар ин ширкат вуҷуд надорад ва танҳо унсури мол вуҷуд дорад.

Тавре ки таърифи ширкати саҳҳомӣ далолат мекунад, дар ин ширкат шартҳое, ки дар Ислом барои бастани ақди ширкат лозим аст, ёфт намешавад. Дар ин ширкат иттифоқ дар байни ду нафар ё беш аз он ба вуҷуд намеояд, балки ӯҳдадорӣ танҳо бо хоҳиши як ҷониб ба вуҷуд меояд. Инчунин дар ин ширкат ба анҷоми кор иттифоқ намекунанд, балки шахс танҳо тақдими молро ба ӯҳда мегирад. Илова бар ин, дар ширкати мазкур тане вуҷуд надорад, ки ба васфи шахс бевосита тасарруф намояд, балки бе мавҷудияти ягон тан танҳо мол вуҷуд дорад. Ақди ширкати саҳҳомӣ аз ин ҷиҳат шаръан ботил аст. Пас, ширкати саҳҳомӣ ботил аст, зеро ин ҷо ширкат ба вуҷуд намеояд ва ба он таърифи ширкат дар Ислом мувофиқат намекунад.

2. Ширкат ақд ба тасарруфи мол мебошад ва зиёд кардани мол бо ин роҳ вусъат додани моликият (зиёд кардани мулк) аст. Вусъат додани моликият яке аз тасарруфҳои шаръист. Ҳама тасарруфҳои

шаръӣ тасарруфҳои қавлист, ки аз тарафи шахс содир мешавад, на аз тарафи мол. Пас, вусъат додани моликият бояд на аз тарафи мол, балки аз тарафи соҳиби тасарруф, яъне шахс содир шавад. Дар ширкати саҳҳомӣ мол бе тани шарик ва бе тасарруфкунандае, ки ҳаққи тасарруфро дорад, худ ба худ зиёд мешавад ва тасарруф аз они молҳо мебошад. Зеро ширкати саҳҳомӣ молҳоест, ки ҷамъ шуда, қувваи тасарруфро пайдо кардааст. Бинобар ин, ширкат шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба танҳоӣ ба тасарруфҳои шаръӣ, монанди харид, фурӯш, истеҳсол, шикоят ва ғайра, ҳақ дорад. Аммо шарикон ба ҳеҷ гуна тасарруф соҳиб нестанд, балки тасарруф ба шахсияти ширкат хос аст. Ҳол он ки дар ширкат дар Ислом тасарруф танҳо аз тарафи шарикон содир гашта, яке аз онҳо бо рухсати дигаре тасарруф мекунад, тасарруф аз молҳои шарикон дар маҷмӯъ, яъне дар воқеъ содир намешавад, балки тасарруф ба шахси шарик маҳдуд аст. Аз ин рӯ, тасарруфоте, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз тарафи ширкат содир мешавад, шаръан ботил аст. Зеро тасарруфот бояд аз шахси муайян содир гардад, яъне аз инсони мушаххас ва ин шахс аз соҳибони тасарруф бошад. Ин дар ширкати саҳҳомӣ вуҷуд надорад. Наметавон гуфт, ки коргарон дар ширкат бевосита корро анҷом медиҳанд ва ба саҳмдорони молдор киро шудаанд, мудиру маҷлиси идора бевосита идораву тасарруф мекунанд ва вакилони саҳмдорон ба ҳисоб меравaнд. Зеро бояд дар ширкат шахси шарик таъйин гардад ва ақди ширкат ба шахси ӯ баста шавад. Ба ӯ ҷоиз нест, ки барои анҷоми корҳои ширкат касеро ба ҷойи худ вакил кунад ё касеро ба ҷойи худ барои анҷоми корҳои ширкат киро намояд, балки таъйин шудааст, ки корҳои ширкатро худаш анҷом диҳад. Ба шарикон ҷоиз нест, ки барои анҷоми кор ба ҷойи худ муздуронро киро ё маҷлиси идораро ба ҷойи худ вакил кунанд. Илова бар ин, маҷлиси идора на аз саҳмдорон, балки аз молҳои онҳо вакил аст. Зеро овозҳое, ки онҳо дар интихобот ба даст меоранд, боиси иштироки онҳо дар идора мегардад. Овозҳо аз рӯи молҳои саҳмдорон дар ширкат ба даст меояд, на аз рӯи

шахсиятҳои шарикон. Илова бар ин, мудир ва маҷлиси идора бинобар се сабаби зерин дар ширкат соҳиби тасарруф нест:

Якум: Онҳо бо вакилии худ аз саҳмдорон, яъне аз шариконе, ки онҳоро интихоб мекунанд, тасарруф менамоянд. Ба шарик ҷоиз нест, ки ба ҷойи худ касеро вакил кунад, зеро ширкат ба худи ӯ баста шудааст. Чунончи, ба издивоҷкунанда низ вакил кардани касе ба ҷойи худ ҷоиз нест. Танҳо вакил кардани касе, ки ба ҷойи ӯ ақди издивоҷро мебандад, ҷоиз аст. Ҳамин тавр, ба касе, ки шарик шудан мехоҳад, вакил кардани касе ба ҷойи худ ҷоиз нест. Танҳо вакил кардани касе, ки ба ҷойи ӯ ақди ширкатро мебандад (на касе, ки ба ҷойи ӯ шарик мешавад), ҷоиз аст.

Дуюм: Саҳмдорон, яъне шарикон на аз худ, балки аз молашон вакил таъйин мекунанд. Зеро овозҳои интихобӣ дар вакил кардан ба ҳисоб гирифта мешавад ва ин овозҳоро на аз рӯи шахсҳо, балки аз рӯи молҳо ба ҳисоб мегиранд. Пас, вакил кардан на аз шахсияташон, балки аз молҳояшон содир мегардад.

Сеюм: Саҳмдорон на шарикони тан, балки танҳо шарикони моланд. Шарики мол дар ширкат мутлақо ба тасарруф соҳиб нест. Аз ин рӯ, дуруст нест, ки ӯ касеро, ки ба ҷойи ӯ дар ширкат тасарруф мекунад, ба ҷойи худ вакил кунад.

Бинобар ин, тасарруфи мудири ширкат ва маҷлиси идора тасарруфи шаръан ботил мебошад.

3. Доимӣ будани ширкати саҳҳомӣ ба шариат мухолиф аст. Ширкат аз ақдҳои шаръан ҷоиз мебошад. Ширкат, агар аз ду шарик ташкил ёфта бошад, дар ҳолати вафот ёфтан, девона шудан ва манъ шудан аз тасарруф, ки бо яке аз шарикон рух медиҳад ва дар ҳолати бекор кардани ширкат аз тарафи яке аз шарикон бекор мешавад. Агар ширкат аз шарикони зиёд ташкил ёфта бошад, шарикии касе, ки вафот кардааст, девона шудааст ё аз тасарруф манъ шудааст, бекор мегардад. Дар ҳолати вафот кардани яке аз шарикон, ки ӯро ворис аст, нигоҳ карда мешавад. Ворис, агар

ноболиғ бошад, ширкатро давом дода наметавонад ва агар болиғ бошад, ба ширкат ҳамроҳ шуда метавонад ва шарик метавонад ба ӯ барои тасарруф иҷозат диҳад ё тақсимотро талаб намояд. Агар шарик аз тасарруф манъ карда шавад, ширкат бекор мешавад. Зеро шарик бояд касе бошад, ки ба ӯ тасарруф ҷоиз аст. Ширкати саҳҳомӣ бо сабаби доимӣ будан ва давом ёфтан новобаста ба вафот ёфтан ё манъ шудан аз тасарруф, ки бо яке аз шарикон рух медиҳад, ба ширкати фосид табдил меёбад. Зеро ин ширкат шарти фосидкунандаро, ки ба вуҷуди ширкат ва моҳияти ақд тааллуқ дорад, дарбар мегирад. Хулоса, ширкати саҳҳомӣ аслан ширкат ба ҳисоб намеравад. Зеро касоне, ки онро таъсис медиҳанд, танҳо шарикони моланд. Шарики тан вуҷуд надорад. Ҳол он ки мавҷудияти шарики тан шарти асосист. Зеро ширкат танҳо бо шарики тан ширкат ба ҳисоб меравад ва бе шарики тан ширкат ба ҳисоб намеравад, ҳатто ширкат қатъан ба вуҷуд намеояд. Шарикӣ дар ширкатҳои саҳҳомӣ танҳо бо мавҷудияти шарикони мол ба амал меояд. Ширкат бе мавҷудияти шарики тан ва бе эътибор додан ба ин гуна шарик ба кор мепардозад ва корҳояшро бевосита анҷом медиҳад. Бинобар ин, ширкати саҳҳомӣ ширкати ботил аст, зеро ширкат шаръан ба вуҷуд намеояд. Илова бар ин, маҷлиси идора, ки дар ширкат бевосита тасарруф мекунад, вакилони саҳмдорон, яъне вакилони шарикони мол ба ҳисоб меравад. Ба шарик шаръан ҷоиз нест, ки ба ҷойи худ вакил таъйин намояд, то дар ширкат ҳамчун ноиби ӯ тасарруф кунад, хоҳ шарики мол бошад, хоҳ шарики тан. Зеро ақди ширкат ба худи ӯ баста шудааст. Пас, воҷиб аст, ки худи ӯ тасарруф кунад. Вакил ё киро кардани касе, ки ба ҷойи ӯ тасарруф ва кори ширкатро анҷом медиҳад, дуруст нест. Илова бар ин, шарики мол шаръан мутлақо ҳақ надорад, ки дар ширкат тасарруф намояд ё ҳамчун шарик кор кунад. Дар ширкат тасарруф ва кор танҳо ба шарики тан маҳдуд аст. Инчунин ширкати саҳҳомӣ ба шахси ҳуқуқӣ табдил ёфта, ҳаққи тасарруф ба он дода мешавад. Тасарруфот шаръан танҳо аз тарафи инсони мушаххас, ки ба тасарруф ҳақ дорад ва болиғу оқил ё ботамйизу оқил аст, содир мешавад. Ҳар гуна тасарруфе, ки ба

ҳамин тарз содир нашудааст, шаръан ботил аст. Ба шахси ҳуқуқӣ супоридани тасарруф ҷоиз нест, балки онро ба инсоне, ки ба тасарруф ҳақ дорад, супоридан лозим аст. Бинобар ин, ширкатҳои саҳҳомӣ ва тасарруфоти он ботил аст. Инчунин ҳамаи молҳое, ки бо воситаи ин ширкатҳо ба даст меояд, ботил аст, бо тасарруфоти ботил ба даст меояд ва соҳибӣ кардан ба он ҳалол нест.

## Саҳмияҳои ширкати саҳҳомӣ

Саҳмияҳои ширкат коғазҳои молиявӣ мебошад. Ин коғазҳои молиявӣ на сармояи ширкатро дар вақти таъсис, балки нархи ширкатро дар вақти баҳогузорӣ нишон медиҳад. Зеро саҳмия ҷузъи ҷудонашавандаи вуҷуди ширкат мебошад, на ҷузъи сармояи ширкат. Саҳмия ба манзалаи санади арзиши активҳои ширкат аст. Арзиши саҳмияҳо ҳамавақт яксон нест ва вобаста ба фоида ё зиён дидани ширкат тағйир меёбад, яъне ҳар сол як хел нест, балки ба тафовут ва дигаргунӣ маҳкум аст. Аз ин рӯ, саҳмия на сармояеро, ки ҳангоми таъсисёбии ширкат саҳмдорон онро пардохтаанд, балки сармояи ширкатро ҳангоми фурӯш, яъне дар вақти муайян нишон медиҳад. Нархи саҳмия мисли пули коғазӣ вобаста ба бозори саҳмияҳо боло ва поён меравад. Саҳмия баъд аз оғози фаъолияти ширкат сифати сармоягии худро гум карда, ба коғази молиявӣ, ки арзиши муайян дорад, табдил меёбад.

Ҳукми шаръӣ дар бораи коғазҳои молиявӣ чунин аст, ки назар карда мешавад. Агар санадҳо (коғазҳои арзишдори бозаргонӣ), монанди пули коғазӣ, ки дар баробари худ аз тилло ё нуқра ва ғайра муқобил дорад, маблағҳоеро аз моли ҳалол дарбар гирад, харидуфурӯши ин санадҳо ҳалол аст. Зеро моле, ки он дарбар мегирад, ҳалол аст. Агар санадҳо, монанди санадҳои қарз (векселҳои қарз), ки дар он мол бо рибо истифода мешавад, ё монанди саҳмияҳои бонкҳо ва ё ғайра, маблағҳоеро аз моли ҳаром дарбар гирад, харидуфурӯши ин санадҳо ҳаром аст. Зеро моле, ки он дарбар мегирад, ҳаром аст. Саҳмияҳои ширкатҳои саҳҳомӣ санадҳоест, ки маблағҳои омехтаро аз сармояи ҳалол ва фоидаи

ҳаром дарбар мегирад. Ақд ва муомила дар он ботил аст, моли аслиро аз фоида ҷудо намекунанд. Ҳар як санад арзиши ҳиссаеро аз активҳои ширкати ботил ташкил медиҳад. Ин активҳо бо муомилаи ботил, ки шариат аз он боздоштааст, ба даст меояд. Пас, он моли ҳаром ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, саҳмияҳои ширкати саҳҳомӣ маблағҳоеро аз моли ҳаром дарбар мегирад ва бо ин сабаб ин коғазҳои молиявӣ, яъне ин саҳмияҳо моли ҳаром ба ҳисоб рафта, харидуфурӯш ва ба муомила гузоштани он ҷоиз нест.

Акнун масъалае боқӣ монд, ки баъзе мусулмонон саҳмияҳои ширкатҳои саҳҳомиро харидаанд, дар таъсиси ин ширкатҳо иштирок кардаанд ва бо сабаби саҳмдорӣ дар ин ширкатҳо ба саҳмияҳо соҳиб шудаанд. Оё ин амалашон ба онҳо ҳаром аст? Ҳол он ки онҳо ҳангоми саҳмдор шудан ҳукми шаръиро надонистаанд ё шайхҳое, ки воқеи ширкатҳои саҳҳомиро дарк накардаанд, ба онҳо фатво додаанд. Оё ин саҳмияҳо ва молҳое, ки таҳти тасарруф ва дар дасташон аст, ҳарчанд бо муомилаи шаръан ботил касб кардаанд, ба онҳо ҳалол аст ё ин ҳама ҳаром асту ба он соҳибӣ карда наметавонанд? Оё ба онҳо ҷоиз аст, ки ин саҳмияҳоро ба мардум бифурӯшанд?

Ҷавоб чунин аст: Надонистани ҳукми шаръӣ узр нест, зеро ба ҳар як мусулмон омӯхтани ҳукмҳои шаръӣ, ки дар ҳаёти ӯ лозим аст, фарзи айн мебошад, то анҷоми кор аз рӯи ҳукми шаръӣ ба ӯ муяссар гардад. Бо вуҷуди ин, агар ҳукм аз ҷумлаи аҳкоме бошад, ки одатан чунин ҳукм ба чунин иҷрокунанда номаълум мебошад, дар ин амал ҷазо дода намешавад. Кори ӯ, ҳарчанд аз рӯи ҳукми шаръӣ ботил аст, саҳеҳ ба ҳисоб меравад.

**" أَنَّ الرَّسُولَ ﷺ سَمِعَ مُعَاوِيَةَ بْنَ الْحَكَمِ يُشَمِّتُ عَاطِسًا، وَهُوَ فِي الصَّلاَةِ، فَبَعْدَ أَنْ فَرَغُوا مِنَ الصَّلاَةِ عَلَّمَهُ الرَّسُولُ أَنَّ الْكَلاَمَ يُبْطِلُ الصَّلاَةَ، وَتَشْمِيتُ الْعَاطِسِ يُبْطِلُ الصَّلاَةَ، وَلَمْ يَأْمُرْهُ بِإِعَادَةِ الصَّلاَةِ"**

"***Пайғамбар (с) шуниданд, ки Муовия ибни Ҳакам дар аснои намоз ба шахси атсазада "ярҳамукаллоҳ" гуфт. Баъд аз фориғ***

***шудан аз намоз ба ӯ таълим доданд, ки гуфтор ва хостани саломатӣ ба шахси атсазада намозро ботил мекунад, вале нафармуданд, ки намозро аз нав хонад***".

Муслим ва Насоӣ низ айнан ҳамин маъноро аз тариқи Ато ибни Ясор ривоят кардаанд. Ин ҳукм, яъне ботил шудани намоз бо гуфтор аз ҷумлаи аҳкоме буд, ки одатан ба чунин шахс номаълум мебошад. Аз ин рӯ, Пайғамбар (с) дар ин кор ӯро маъзур донистанд ва намозашро дуруст ҳисобиданд. Шаръан ҳаром будани ширкатҳои саҳҳомӣ низ ба ҷумлаи аҳкоме дохил мешавад, ки чунин ҳукм ба аксари мусулмонон номаълум аст. Бинобар ин, дар ин кор надонистан узр шуда метавонад. Пас, кори касоне, ки дар ин ширкатҳо иштирок кардаанд, ҳарчанд ширкат ботил аст, саҳеҳ ба ҳисоб меравад. Чунончи, намози Муовия ибни Ҳакам, ҳарчанд ӯ дар намоз амали ботилкунандаи намозро содир намуд, дуруст ба ҳисоб рафт. Зеро Муовия намедонист, ки гуфтор намозро ботил мекунад. Дар ҳолати фатво додани шайхҳо низ ҳукми надонистан нисбат ба фатвопурсандагон ҷорӣ мегардад. Аммо фатводиҳанда маъзур нест, чунки ӯ пеш аз гуфтани ҳукм барои фаҳмидани воқеи ширкатҳои саҳҳомӣ саъю кӯшиш накардааст. Молики саҳмияҳо шудани ин саҳмдорон низ моликшавии дуруст аст. Ин молҳо, модом ки корашон аз рӯи ҳукми шаръӣ бо сабаби надонистани ботилкунанда будани он ва соҳиби узр будан на кори ботил, балки кори дуруст ба ҳисоб равад, ба онҳо ҳалол аст. Аммо фурӯхтани ин саҳмияҳо ба мусулмонон ҷоиз нест. Зеро ин саҳмияҳо коғазҳои молиявии шаръан ботил мебошад. Ҳалол будани моликшавӣ ба саҳмияҳо бо як сабаби тасодуфӣ, яъне узр будани надонистан мебошад. Аммо ин саҳмияҳо, вақте ки ҳукми шаръӣ дар ин хусус маълум мегардад ё аз ҷумлаи аҳкоме ба ҳисоб меравад, ки чунин ҳукм ба шахс номаълум нест, моли ҳаром аст, харидуфурӯши бевосита ва билвоситаи он ҷоиз нест.

Роҳи халосӣ аз ин саҳмияҳое, ки бо сабаби надонистани ҳукми шаръӣ молик шудаанд, чунин аст: ё ширкатро пароканда мекунанд, ё ба ширкати исломӣ табдил медиҳанд, ё саҳмияҳои

ширкатҳои саҳҳомиро тавассути ғайримусулмоне, ки онҳоро ҳалол медонад, мефурӯшанд ва пулашро мегиранд. Тавре ки аз Сувайд ибни Ғафала ривоят мешавад, Билол ба Умар ибни Хаттоб гуфт, ки ходимон хамр ва хукҳоро низ ба хироҷ мегиранд. Умар гуфт: "Аз онҳо нагиред, вале ба онҳо супориш диҳед, ки хамр ва хукҳоро бифурӯшанд ва шумо аз пулаш гиред". Инро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст. Ҳеҷ кас ин кори Умарро инкор накардааст. Ҳол он ки дар ҳолати мухолиф будан ба шариат онро инкор мекарданд. Аз ин рӯ, ин иҷмоъ аст. Хамр ва хукҳо моли аҳли зимма мебошад. Ҳар ду моли мусулмонон шуда наметавонад. Вақте ки аҳли зимма хостанд бадали ҷизяро аз ин чизҳо диҳанд, Умар ( фармуд, ки ин чизҳоро напазиранд, балки фурӯхтани ин чизҳоро ба аҳли зимма супориш диҳанд ва пулашро гиранд. Саҳмияҳо низ моли капиталистҳои ғарбӣ ба ҳисоб рафта, моли мусулмонон шуда наметавонад. Агар саҳмияҳо ба дасти мусулмонон афтад, ин молро гирифтан дуруст нест, балки фурӯхтани ин саҳмияҳоро ба капиталистҳо супориш диҳанд. Чунон ки Умар дар ҷизя ва хироҷ ба фурӯши хамру хукҳо аз тарафи зиммиҳо рухсат дод, ба мусулмонон ҷоиз аст, ки фурӯши ин саҳмияҳоро ба зиммиҳо супоранд.

**Ҷамъиятҳои таовунӣ (22)**

Ҷамъияти таовунӣ як навъи ширкатҳои капиталистӣ мебошад. Он, ҳарчанд ҷамъияти таовунӣ номида мешавад, ширкат ба ҳисоб меравад. Ҷамъияти таовунӣ шарикӣ дар байни маҷмӯаи ашхосест, ки бо якдигар ба кори муштарак бо тақозои фаъолияти хоси худ иттифоқ мекунанд.

Ҷамъияти таовунӣ дар шакли тиҷории маъмулӣ пайдо мешавад ва мақсад мекунад, ки ба узвҳои худ ёрӣ расонад ё баъзе манфиатҳои иқтисодии онҳоро таъмин намояд. Ҷамъияти таовунӣ ҳамчун ширкат ба шахси ҳуқуқӣ табдил меёбад ва бо ин сифат аз ҷамъиятҳои дигар фарқ мекунад. Зеро ҷамъиятҳои дигар аслан аз ғаразҳои иқтисодӣ холианд. Пас, ҷамъияти таовунӣ барои зиёд

кардани фоидаи узвҳояш фаъолият мекунад ва ба дигарон манфиате намерасонад. Ин тақозо мекунад, ки дар байни фаъолияти иқтисодӣ ва иқтисодиёти узвҳои он алоқаи мустаҳкам барқарор бошад.

Ҷамъияти таовунӣ аз якчанд узв ташкил меёбад. Теъдоди узвҳо гоҳо ҳафт нафар, гоҳо камтар ва гоҳо бештар аз он буда метавонад. Лекин танҳо аз ду нафар ташкил намеёбад. Ҷамъияти таовунӣ ду навъ аст: якум – ширкате, ки ҳиссаҳои таъсисӣ дорад ва ҳар гуна фард бо соҳибшавӣ ба ин ҳиссаҳо сифати шарикиро пайдо карда метавонад; дуюм – ширкате, ки ҳиссаҳои таъсисӣ надорад ва фард бо пардохтани бадали солонаи шарикӣ ба он ҳамроҳ шуда метавонад. Ҷамъияти умумӣ ин бадалро дар ҳар ҷамъомади солона муқаррар менамояд.

Дар ҷамъияти таовунӣ бояд панҷ шарти зерин ёфт шавад:

**Якум** – озодии иштирок дар ҷамъияти таовунӣ: Дари ҳамроҳшавӣ дар назди ҳар гуна шахс танҳо бо шартҳое, ки ба узвҳои пешина гузошта шудааст ва бо риояи низомномаҳои ҷамъияти таовунӣ ва қайду шартҳое, ки ба ӯ татбиқ мешавад, новобаста ба навъи қайдҳо: чи тобеи маҳаллӣ бошад, монанди аҳли деҳа, чи тобеи ҳунар бошад, монанди сартарошон, кушода аст;

**Дуюм** – баробарии узвҳои ҷамъияти таовунӣ дар ҳуқуқ: Ҳуқуқи овоздиҳӣ муҳимтарин ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҳар як шарик ба як овоз ҳақ дорад;

**Сеюм** – муқарраркунии фоидаи муайян ба ҳиссаҳо: Баъзе ҷамъиятҳои таовунӣ ба саҳмдорони доимӣ, вақте ки аз фоидаҳо имкони додан пайдо мешавад, фоидаи муайян медиҳад;

**Чорум** – баргардонидани фоизи фоидаи маблағгузорӣ: Фоидаи соф ба узвҳо аз рӯи амалиёте, ки бо ҷамъияти таовунӣ анҷом додаанд, аз чизҳои харидашуда ё истифодаи хизматҳову дастгоҳҳои муштарак, баргардонида мешавад;

**Панҷум** – зарурати ташкили сарвати ҷамъияти таовунӣ бо маблағгузории эҳтиётӣ.

Маҷлиси идора дар ширкат тасарруфу идора мекунад, инчунин корҳои ширкатро бевосита анҷом медиҳад. Маҷлиси идора аз тарафи ҷамъияти умумӣ, ки аз саҳмдорон таркиб меёбад, интихоб мегардад. Ҳар як саҳмдор новобаста ба миқдори саҳмияҳояш соҳиби як овоз мебошад. Ҳар кас: чи соҳиби сад саҳмия, чи соҳиби як саҳмия, дар интихоби маҷлиси идора соҳиби як овоз мебошад.

Ҷамъиятҳои таовунӣ якчанд навъ аст: ҷамъияти таовунии косибон, ҷамъияти таовунии истеъмолӣ, ҷамъияти таовунии кишоварзӣ ва ҷамъияти таовунии истеҳсолӣ. Ин ҳама ба ҷумлагӣ ё ҷамъияти таовунии истеъмолӣ, ё ҷамъияти таовунии истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Фоида дар ҷамъияти таовунии истеъмолӣ аз рӯи харидҳо ва дар ҷамъияти таовунии истеҳсолӣ аз рӯи истеҳсол тақсим мешавад.

Ҷамъиятҳои таовунӣ ҷамъиятҳои ботил аст, ки ба аҳкоми Ислом зиддият дорад. Эзоҳи ин ба таври зайл аст:

1. Ҷамъияти таовунӣ ширкат аст ва барои дуруст шудани он бояд шартҳое, ки шариат муқаррар намудааст, пурра ёфт шавад. Ширкат дар Ислом ақд дар байни ду нафар ё беш аз он аст, ки дар он бо мақсади фоида дидан ба анҷоми кори молиявӣ иттифоқ мекунанд. Аз ин рӯ, дар ширкат бояд тане мавҷуд бошад, то шарикон кореро анҷом дода тавонанд, яъне дар ширкат бояд тане мавҷуд бошад, ки ӯ низ ҳиссае дорад, то он шаръан ширкат номида шавад. Агар дар ширкат касе, ки соҳибиву тасарруф мекунад, инчунин кореро, ки ширкат барои он ба вуҷуд омадааст, анҷом медиҳад, мавҷуд набошад, ширкат ба вуҷуд намеояд. Агар инро ба ҷамъияти таовунӣ татбиқ кунем, аён мегардад, ки ин ҷо шаръан ширкат ба вуҷуд намеояд. Зеро он ширкатест, ки танҳо ба молҳо бунёд шудааст ва дар он тани шарик (шарики тан) вуҷуд надорад, балки танҳо шарикии молҳо рух медиҳад. Пас, дар ҷамъияти таовунӣ на иттифоқ ба анҷоми кор, балки иттифоқ ба гузоштани

моли муайян ҳосил мешавад, то идорае, ки анҷомдиҳандаи корро меҷӯяд, ба вуҷуд ояд. Дар ширкат танҳо молҳои саҳмдорон иштирок мекунад ва ширкат аз тан холӣ аст. Бинобар ин, ҷамъияти мазкур ширкати шаръӣ ба ҳисоб намеравад, зеро он аз шарикии тан холӣ аст. Ин ҷо ширкат аз асос ба вуҷуд намеояд. Зеро ширкат ақд ба тасарруфи мол мебошад. Тасарруф танҳо аз тарафи тан рух медиҳад. Ширкат, агар аз тан холӣ бошад, шаръан ширкат ба ҳисоб намеравад ва ширкати ботил мебошад.

2. Тақсими фоида на аз рӯи сармоя ё кор, балки аз рӯи харидҳо ё аз рӯи истеҳсол ҷоиз нест. Агар ширкат бар асоси мол ба вуҷуд ояд, фоида низ ба мол тобеъ мешавад. Агар ширкат бар асоси кор ба вуҷуд ояд, фоида низ ба кор тобеъ мешавад. Пас, фоида ба мол, ба кор ё ба ҳар ду тобеъ мешавад. Аммо шарт кардани тақсими фоида аз рӯи харидҳо ё аз рӯи истеҳсол ҷоиз нест, зеро ин шаръан ба ақд хилоф аст. Ҳар гуна шарте, ки ба тақозои ақд зид аст, аз манфиати ақд нест ё ба талаби ақд ҷавоб намедиҳад, шарти нодуруст аст. Тақсими фоида аз рӯи харидҳо ва аз рӯи истеҳсол ба тақозои ақд зид аст. Зеро ақд шаръан ба мол ё ба кор баста мешавад. Пас, фоида низ аз рӯи мол ё кор тақсим мешавад. Агар шарт кунанд, ки фоида аз рӯи харидҳо ва истеҳсол бошад, ин шарт нодуруст аст.

**Бима (23)**

Бимаи ҳаёти худ, бимаи коло, бимаи мол ё бимаи чизи дигар як навъи ақд мебошад. Ин ақд дар байни ширкати бима ва шахси бимагузор мебошад. Бимагузор дар ин ақд аз ширкати бима ӯҳдадориеро талаб мекунад, то ширкати бима ба ӯ дар ҳолати бима кардани коло ва мол айн ё арзиши он чиро, ки ӯ зарар дидааст ва дар ҳолати бима кардани ҳаёти худ ва монанди ин маблағи молиро ҷуброн намояд. Ин дар ҳолати рух додани ҳодисае, ки ҳар ду ҷониб дар давоми муддати муайян бар муқобили маблағи муайян муқаррар намудаанд ва ширкат инро пазируфтааст, рух медиҳад. Тибқи ин иҷобу қабул, ширкати бима ӯҳдадор мешавад, то ба бимагузор зимни шартҳои муайяне, ки ҳар

ду ҷониб ба он иттифоқ мекунанд, ҳангоми рух додани ягон ҳодиса айн ё арзиши он чиро, ки ӯ зарар дидааст, ё маблағи пулиро, ки ҳар ду ҷониб ба он иттифоқ мекунанд, ҷуброн намояд. Масалан, дар тӯли муддати муайян ба колояш талаф расад, ё ба мошинаш осеб расад, ё хонааш сӯзад, ё молаш дуздида шавад, ё худаш вафот кунад ва ғайра. Бимагузор бояд дар муқобили ин дар давоми муддати муайян маблағи муайянро пардозад. Аз ин аён мегардад, ки бима иттифоқ дар байни ширкати бима ва бимагузор ба навъи бима ва шартҳои он мебошад. Пас, он акд ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, мувофиқи акд, яъне иттифоқи мазкур дар байни онҳо ширкат зимни шартҳое, ки ба он иттифоқ мекунанд, пардохти ҷуброн ё маблағи муайянро ба ӯҳда мегирад. Агар бо бимагузор ҳодисае рух диҳад, ки ба бандҳои акд мувофиқ меояд, ширкат ба ҷуброн кардани айн ё арзиши чизи талафрасида аз рӯи нархи бозор ҳангоми рух додани ин ҳодиса ӯҳдадор мегардад. Ширкат ин ҷо ихтиёр дорад: метавонад ба бимагузор арзиши чизро пардозад ва метавонад айни чизро ҷуброн намояд ва ғайра. Баробари рух додани ҳодисае, ки дар акд зикр гардидааст, агар ширкат ба ҳақ доштани бимагузор қаноат ҳосил намояд ё маҳкама ба ин ҳукм кунад, ҷуброн ба ҳаққи бимагузор дар зиммаи ширкат табдил меёбад.

Ба ин кор номи бимаро истифода мебаранд. Бима гоҳо ба манфиати бимагузор ва гоҳо ба манфиати ғайри ӯст, монанди зану фарзандон ё ворисони дигар ва ё шахсу ҷамоате, ки бимагузор муайян мекунад. Истифодаи номи бимаи ҳаёти худ, бимаи коло, бимаи овоз ва ғайра танҳо барои зебо нишон додани ин муомила ба мардум мебошад. Аслан бима ҳаётро кафолат намедиҳад, танҳо ҳусули маблағи муайянро ба зану фарзандон ё ворисони дигар ё шахсу ҷамоате, ки бимагузор муайян мекунад, дар ҳолати вафот ёфтани бимагузор кафолат медиҳад. Бима коло, мошин, мол ё чизи дигарро кафолат намедиҳад, танҳо ҷуброни айн ё арзиши онро дар ҳолати зарар ё талаф расидан ба коло, мошин, мол ё ҳар чӣ, ки молики он аст, кафолат медиҳад. Пас, бима аслан кафолати ҳусули

маблағи пулӣ ё ҷуброн барои бимагузор ё ғайри ӯ дар ҳолати рух додани ҳодисае бо бимагузор, монанди гум шудани бимагузор ё талаф дидани молаш мебошад, на кафолати ҳаёт ё моли ӯ. Воқеи бима ҳамин аст. Аз тадқиқи бима аён мегардад, ки он аз ду ваҷҳ ботил аст:

**Якум:** Бима ақд аст, зеро он иттифоқ дар байни ду ҷониб ба ҳисоб рафта, иҷобу қабулро (пешниҳод ва пазиришро) дарбар мегирад: иҷоб аз тарафи бимагузор ва қабул аз тарафи ширкат. Ин ақд бояд шартҳои ақди шаръиро дарбар гирад, то шаръан дуруст ба ҳисоб равад. Агар ин шартҳоро дарбар гирад, дуруст аст, дар акси ҳол на. Ақд шаръан бояд ба айн ё манфиат баста шавад, дар акси ҳол ботил аст. Ақд дар ин ҳолат ба чизе, ки бо он шаръан ақд ба ҳисоб меравад, баста намешавад. Ақд шаръан ба айни боиваз, монанди байъ, салам, ширкат ва ғайра, ё ба айни беиваз, монанди тӯҳфа, ё ба манфиати боиваз, монанди иҷора ва ё ба манфиати беиваз, монанди орият, баста мешавад. Пас, ақд шаръан бояд ба чизе баста шавад. Аммо ақди бима ақде нест, ки ба айн ё манфиат баста шавад, танҳо ақдест, ки ба ӯҳдадорӣ ё кафолат баста мешавад. Ӯҳдадорӣ ё кафолат айн ба ҳисоб намеравад, зеро он мавриди истифода қарор намегирад, аз манфиаташ баҳра намебаранд ва манфиат ба ҳисоб намеравад. Зеро он бо худи ӯҳдадорӣ: чи бо иҷора ё чи бо орият мавриди истифода қарор намегирад. Аммо ҳосил шудани мол бинобар ин ӯҳдадорӣ манфиат ба ҳисоб намеравад, танҳо яке аз асарҳои яке аз муомилот мебошад. Аз ин рӯ, ақди бима ба айн ё ба манфиат баста намешавад. Пас, он ақди ботил аст, зеро ақд шартҳоеро, ки дар ақди шаръӣ бояд ёфт шавад ва ақд ба ҳисоб равад, пурра қонеъ намегардонад.

**Дуюм:** Ширкат зимни шартҳои махсус ба бимагузор ӯҳдадорӣ тақдим мекунад, ки ин аз қабили кафолат аст. Пас, он бояд ба шартҳое, ки шариат дар кафолат талаб мекунад, мутобиқат кунад, то кафолати шаръӣ бошад. Кафолат, агар ин шартҳоро дарбар гирад, дуруст ба ҳисоб меравад ва дар акси ҳол на. Аз руҷӯъ ба кафолати шаръӣ чизҳои зерин аён мегардад:

Кафолат зам кардани ӯҳдадории кафолатдиҳанда ба ӯҳдадории кафолатшаванда дар адои ҳақ мебошад. Пас, дар он бояд ӯҳдадорӣ ба ӯҳдадорӣ зам гардад, инчунин кафолатдиҳанда24, кафолатшаванда25 ва кафолатгиранда26 мавҷуд бошад. Кафолат адои беивази ҳақ аст. Барои дуруст шудани кафолат шарт аст, ки он дар ҳаққи воҷиб ё дар ҳаққи воҷибшаванда рух диҳад. Кафолат, агар дар ҳаққи воҷиб ё ҳаққи воҷибшаванда рух надиҳад, дуруст нест. Зеро кафолат зам кардани ӯҳдадорӣ ба ӯҳдадорӣ дар адои ҳақ мебошад. Пас, агар кафолатшаванда дар дӯш чизе надошта бошад, зам кардан низ ба вуҷуд намеояд. Ин дар ҳаққи воҷиб намоён аст. Вале дар ҳаққи воҷибшаванда, монанди қавли марде ба зане: "Бо фалонӣ издивоҷ кун ва ман ба маҳри ту кафил ҳастам", кафолатдиҳанда ӯҳдадории худро ба ӯҳдадории кафолатшаванда зам мекунад, он чӣ, ки ба кафолатшаванда лозим мегардад, ба кафолатдиҳанда низ лозим аст ва он чӣ, ки дар зиммаи кафолатшаванда собит мешавад, дар зиммаи кафолатдиҳанда низ собит мешавад. Агар ҳаққе мавҷуд набошад, ки ба нафаре воҷиб аст ё воҷиб мегардад, бо сабаби зам нашудани ӯҳдадорӣ ба ӯҳдадорӣ маънои кафолат ба вуҷуд намеояд ва кафолат ин ҷо дуруст нест. Аз ин рӯ, агар ба кафолатшаванда дар хусуси кафолатгиранда ҳаққе воҷиб набошад ё воҷиб нагардад, кафолат дуруст нест. Зеро шарт аст, ки кафолатшавандае мавҷуд бошад, то ба айн ҳангоми талафу нобуд шудан ё ба қарз кафил бошад, чи кафили билфеъл дар ҳолати мавҷудияти ҳаққи воҷиб ва собит ё кафили билқувва дар ҳолати мавҷудияти ҳаққи воҷибшаванда ва собитшаванда. Агар кафолатшаванда кафили билфеъл ва билқувва набошад, кафолат дуруст нест. Зеро он чӣ, ки ба кафолатшаванда воҷиб нест, ба кафолатдиҳанда низ воҷиб нест. Масалан, марде аз мардум либосҳоро қабул мекунад. Марде ба марди дигар мегӯяд: "Либосатро ба ӯ бисупор ва ман кафил ҳастам". Сипас, ба либосҳо талаф расид. Оё кафили қабулкунандаи либосҳо ба пули либосҳо кафолат медиҳад? Ҷавоб чунин аст: Агар ба либосҳо бо амали ӯ талаф нарасад ва аз тарафи ӯ бепарвогӣ содир нагардад, кафил ба чизе ӯҳдадор нест. Зеро аслан

кафолатшаванда ба чизе ӯҳдадор нест. Агар асил ӯҳдадор набошад, кафил ба тариқи авло ӯҳдадор нест. Аз ин рӯ, кафолатгирандаро бояд дар зиммаи дигарон (кафолатшаванда ва кафолатдиҳанда) ҳаққи воҷиб ё воҷибшаванда бошад, то кафолат дуруст гардад. Пас, субути ҳақ дар ин вақт ё дар оянда шарти сиҳҳати кафолат аст. Вале шарт нест, ки кафолатшаванда маълум бошад ва шарт нест, ки кафолатгиранда маълум бошад. Кафолат новобаста ба ин номаълумӣ дуруст аст. Масалан, нафаре ба дигаре мегӯяд: "Либосҳоятро ба ҷомашӯ бисупор". Хитобшаванда мегӯяд: "Метарсам, ки ба он талаф мерасад". Хитобкунанда мегӯяд: "Либосҳоятро ба ҷомашӯ бисупор ва агар ба он талаф расад, ман кафил ҳастам", вале ҷомашӯро муайян намекунад. Дар ин ҳолат кафолат дуруст аст. Агар ӯ либосҳоро ба ҷомашӯ супорад, сипас ба он талаф расад, ҳарчанд кафолатшаванда номаълум аст, кафолатдиҳанда кафолат медиҳад. Масалан, нафаре мегӯяд: "Фалонӣ ҷомашӯи моҳир аст. Ҳар кас ба ӯ либосашро супорад, дар ҳар гуна талаф ман кафили ҷомашӯ ҳастам". Дар ин ҳолат низ кафолат, ҳарчанд кафолатгиранда номаълум аст, дуруст ба ҳисоб меравад.

Дар далели кафолат равшан омадааст, ки кафолат зам кардани ӯҳдадорӣ ба ӯҳдадорӣ ва кафолати ҳаққи собит мебошад. Инчунин дар далел равшан аст, ки дар кафолат кафолатдиҳанда, кафолатшаванда ва кафолатгиранда вуҷуд дорад. Боз дар далел равшан омадааст, ки кафолат беиваз мебошад. Илова бар ин, дар далел кафолатшаванда ва кафолатгиранда маҷҳул аст. Далел ин аст, ки Абӯдовуд аз Ҷобир ривоят кардааст:

" كَانَ رَسُولُ اللهِ ﷺ لاَ يُصَلِّى عَلَى رَجُلٍ مَاتَ وَعَلَيْهِ دَيْنٌ، فَأُتِىَ بِمَيِّتٍ فَقَالَ: أَعَلَيْهِ دَيْنٌ؟ قَالُوا: نَعَمْ دِينَارَانِ. قَالَ: صَلُّوا عَلَى صَاحِبِكُمْ. فَقَالَ أَبُو قَتَادَةَ الأَنْصَارِىُّ: هُمَا عَلَىَّ يَا رَسُولَ اللهِ، قَالَ: فَصَلَّى عَلَيْهِ رَسُولُ اللهِ ﷺ ، فَلَمَّا فَتَحَ اللهُ عَلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ قَالَ: أَنَا أَوْلَى بِكُلِّ مُؤْمِنٍ مِنْ نَفْسِهِ. فَمَنْ تَرَكَ دَيْنًا فَعَلَىَّ قَضَاؤُهُ، وَمَنْ تَرَكَ مَالاً فَلِوَرَثَتِهِ"

"***Пайғамбар (с) ба марде, ки дар ҳоли қарздорӣ вафот кардааст, ҷаноза намехонданд. Рӯзе маййитеро оварданд. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Оё ӯ дар гардан қарз дорад?". Гуфтанд: "Оре, ду динор қарз дорад". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ба дӯстатон ҷаноза хонед". Он гоҳ Абӯқатодаи Ансорӣ гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ҳамон ду динор дар гардани ман аст". Сипас, Пайғамбар (с) ба ӯ ҷаноза хонданд. Вақте ки Аллоҳ ба Расул (с) фатҳу пирӯзӣ дод, гуфтанд: "Ман барои ҳар як мӯъмин аз худи ӯ авлотар ҳастам. Ҳар кас қарз гузорад, пардохтани он дар гардани ман ва ҳар кас мол гузорад, аз они ворисонаш мебошад***"".

Дар ин ҳадис равшан омадааст, ки Абӯқатода ӯҳдадории худро ба ӯҳдадории маййит дар адои ҳаққи молӣ, ки ба қарздор воҷиб буд, зам кард. Инчунин равшан аст, ки дар кафолат кафолатдиҳанда, кафолатшаванда ва кафолатгиранда вуҷуд дорад ва кафолате, ки кафолатдиҳанда ба кафолатшаванда ва кафолатгиранда додааст, адои беивази ҳақ мебошад. Боз равшан аст, ки кафолатшаванда, яъне маййит ва кафолатгиранда, яъне соҳиби қарз ҳангоми кафолат номаълум буд. Пас, ҳадис шартҳои сиҳҳат ва шартҳои инъиқоди кафолатро дарбар мегирад.

Воқеи кафолати шаръӣ ҳамин аст. Аз муқоисаи ин кафолат бо ӯҳдадории бима, ки қатъан кафолат ба ҳисоб меравад, аён мегардад, ки бима аз тамоми шартҳое, ки шариат барои сиҳҳат ва инъиқоди кафолат далел овардааст, холӣ мебошад. Дар бима зам кардани ӯҳдадорӣ ба ӯҳдадорӣ мутлақо рух намедиҳад. Пас, ширкати бима дар адои моли бимагузор ӯҳдадории худро ба ӯҳдадории касе зам намекунад. Ин ҷо кафолат вуҷуд надорад. Пас, бима ботил аст. Дар бима барои бимагузор дар назди нафаре ҳаққи молӣ нест, ки ширкати бима онро ба ӯҳда гирад. Зеро барои бимагузор ягон ҳаққи молӣ дар назди нафаре нест, ки ширкат ояд ва ба он кафолат диҳад. Пас, бима аз мавҷудияти ҳаққи молӣ холӣ аст. Ширкат ягон ҳаққи молиро ба ӯҳда намегирад, ки онро кафолати шаръӣ гуфтан дуруст бошад. Илова бар ин, пардохти

ҷуброн, арзиш ё моле, ки ширкат ба ӯҳда мегирад, ба кафолатгиранда дар назди ақди бима: чи дар ин вақт ва чи дар оянда, воҷиб набуд, ки онро ба дигарон супорад, то кафолати он дуруст шавад. Ширкати бима он чиро, ки дар ин вақт ва дар оянда воҷиб нест, кафолат медиҳад. Бинобар ин, кафолат нодуруст аст ва ҳамин тавр бима низ ботил ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, дар бима кафолатшаванда вуҷуд надорад, зеро ширкати бима аз нафаре, ки аз ӯ ҳақро талаб мекунанд, кафолат намедиҳад, ки онро кафил номанд. Пас, ақди бима аз унсури асосии кафолат, ки шаръан лозим аст, яъне аз мавҷудияти кафолатшаванда холист. Зеро дар кафолат бояд кафолатдиҳанда, кафолатшаванда ва кафолатгиранда мавҷуд бошад. Ақди бима бо сабаби мавҷуд набудани кафолатшаванда шаръан ботил аст. Илова бар ин, ширкати бима ҳангоми ӯҳдадор шудан ба ҷуброни айн ё пардохти арзиши он дар ҳолати зарар дидани он ё пардохти мол дар ҳолати рух додани ҳодиса ин пардохтро дар муқобили маблағи пулӣ ба ӯҳда мегирад. Бинобар ин, он ӯҳдадории боиваз мебошад. Ин дуруст нест, зеро шарти сиҳҳати кафолат беиваз будан аст. Бима бо сабаби мавҷудияти иваз кафолати ботил аст.

Аз ин аён мегардад, ки ӯҳдадории бима аз шартҳои кафолате, ки шариат ба он далел овардааст, холӣ аст, инчунин шартҳои инъиқоди кафолат ва сиҳҳати кафолатро пурра қонеъ намекунад. Бинобар ин, санади ӯҳдадорӣ, ки ширкат онро тақдим мекунад ва бо он ҷуброн, арзиш ё молро кафолат медиҳад, аз асос ботил аст. Пас, бима ба ҷумлагӣ шаръан ботил мебошад.

Аз ин рӯ, бима ба ҷумлагӣ (яъне тамоми навъҳои бима): чи бимаи ҳаёти худ, чи бимаи коло, чи бимаи мол ва чи бимаи чизи дигар, шаръан ҳаром аст. Шаръан ботил будани ақди бима сабаби ҳаром будани он мебошад. Ӯҳдадорие, ки ширкати бима бо тақозои ақд тақдим мекунад, ӯҳдадории шаръан ботил ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, мол гирифтан аз рӯи ин ақд ва ӯҳдадорӣ ҳаром аст. Ин хӯрдани мол бо роҳи ботил ба ҳисоб рафта, ба моли ғайримашрӯъ (яъне ҳаром) дохил мешавад.

# *РОҲҲОИ МАМНӮИ АФЗОИШ ДОДАНИ МОЛИКШАВӢ*

Шариати исломӣ афзоиш додани моликшавиро бо ҳадҳое, ки таҷовуз ба он ҷоиз нест, муқайяд сохт. Бинобар ин, фардро аз афзоиш додани мол бо роҳҳои муайян боздошт. Баъзеи ин роҳҳо чунин аст:

**Қимор**

Шариат қиморро қатъиян манъ кард ва молеро, ки бо сабаби ин роҳ ба даст меояд, моликият эътибор накард. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِنَّمَا الْخَمْرُ وَالْمَيْسِرُ وَالأَنصَابُ وَالأَزْلاَمُ رِجْسٌ مِّنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ فَاجْتَنِبُوهُ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ إِنَّمَا يُرِيدُ الشَّيْطَانُ أَن يُوقِعَ بَيْنَكُمُ الْعَدَاوَةَ وَالْبَغْضَاء فِي الْخَمْرِ وَالْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَن ذِكْرِ اللّهِ وَعَنِ الصَّلاَةِ فَهَلْ أَنتُم مُّنتَهُونَ**

"***Эй касоне, ки имон овардаед, шароб, қимор, бутҳо ва гаравбандӣ бо тирҳо палидӣ ва кори шайтон аст, аз он иҷтиноб кунед, то растагор шавед! Шайтон мехоҳад бо шаробу қимор миёни шумо кинаву душманӣ афканад ва шуморо аз ёди Аллоҳ ва намоз боздорад, оё бас мекунед?***" [5:90-91].

Дар ин оят Аллоҳ ҳаром будани хамр ва қиморро бо чанд роҳ таъкид кард: ҷумларо бо калимаи (إِنَّمَا) оғоз намуд; ҳар дуро бо парастиши бутҳо дар як саф гузошт; ҳар дуро (27) (رِجْسٌ) номид, чунон ки Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَاجْتَنِبُوا الرِّجْسَ مِنَ الْأَوْثَانِ

"***Пас, аз бутҳои палид иҷтиноб варзед***" [22:30];

ҳар дуро аз амали шайтон шуморид, ҳол он ки аз шайтон танҳо кори бад содир мешавад; ба худдорӣ аз ин корҳо фармуд; ин худдориро растагорӣ эътибор кард, модом ки худдорӣ растагорӣ бошад, содир кардани ин корҳо зиёнкорӣ ва ҳалокат аст; оқибати бад, ки аз ҳар ду кор сар мезанад, монанди душманӣ ва бадбинии хамрнӯшону қиморбозон нисбат ба якдигар, инчунин боздорӣ аз зикри Аллоҳ ва риояи вақтҳои намоз. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَهَلْ أَنتُم مُّنتَهُونَ

"***Оё бас мекунед?***" [5:91].

Қавли мазкури Аллоҳ Таоло мукаммалтарин шакли наҳй мебошад. Гӯё гуфта мешавад: "***Оё акнун, ки ба шумо ин қадар намудҳои наҳй ва манъ кардан тиловат шуд, худдорӣ мекунед?***" Чиптаҳои лоторея низ новобаста ба навъ ва сабаби интишор (мақсади интишор) як навъи қимор аст. Гаравбандӣ дар мусобиқаи асп низ ба қимор дохил мешавад. Пули қимор ҳаром аст. Соҳибшавӣ ба ин пул ҷоиз нест.

**Рибо (28)**

Шариат рибоexternal новобаста ба миқдор: чи кам ва чи беш қатъиян манъ кард. Пули рибо низ қатъиян ҳаром аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба он соҳиб шавад. Рибо ба соҳибонаш, агар онҳо маълум бошанд, бозгардонда мешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الَّذِينَ يَأْكُلُونَ الرِّبَا لاَ يَقُومُونَ إِلاَّ كَمَا يَقُومُ الَّذِي يَتَخَبَّطُهُ الشَّيْطَانُ مِنَ الْمَسِّ ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُواْ إِنَّمَا الْبَيْعُ مِثْلُ الرِّبَا وَأَحَلَّ اللّهُ الْبَيْعَ وَحَرَّمَ الرِّبَا فَمَن جَاءهُ مَوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّهِ فَانتَهَىَ فَلَهُ مَا سَلَفَ وَأَمْرُهُ إِلَى اللّهِ وَمَنْ عَادَ فَأُوْلَـئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ

"***Онон, ки рибо мехӯранд, дар қиёмат чун касоне аз қабр бармехезанд, ки ба афсуни шайтон девона шуда бошанд. Ва ин***

***ба кайфари он аст, ки гуфтанд: "Рибо низ чун муомала аст". Дар ҳоле ки Аллоҳ муомаларо ҳалол ва рибоper ҳаром кардааст. Ҳар кас, ки мавъизаи Аллоҳ ба ӯ расид ва аз рибохӯрӣ бозистод, Аллоҳ аз гуноҳони пешини ӯ даргузарад ва кораш ба Аллоҳ вогузор шавад. Ва онон, ки бад-он кор бозгарданд, аҳли ҷаҳаннаманд ва ҷовидона дар он хоҳанд буд!***" [2:275],

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اتَّقُواْ اللّهَ وَذَرُواْ مَا بَقِيَ مِنَ الرِّبَا إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ فَإِن لَّمْ تَفْعَلُواْ فَأْذَنُواْ بِحَرْبٍ مِّنَ اللّهِ وَرَسُولِهِ وَإِن تُبْتُمْ فَلَكُمْ رُؤُوسُ أَمْوَالِكُمْ لاَ تَظْلِمُونَ وَلاَ تُظْلَمُونَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ битарсед ва агар имон овардаед, аз рибо ҳар чӣ боқӣ мондааст, раҳо кунед. Ва ҳар гоҳ чунин накунед, пас ҷанг бо Аллоҳу Расули Ӯро эълом кунед. Ва агар тавба кунед, асли сармоя аз они шумост. Дар ин ҳол на ситам кардаед ва на тан ба ситам додаед!***" [2:278-279].

Васфи воқеи рибо чунин аст: Фоидае, ки рибохӯр онро мегирад, истисмори меҳнати мардум ба ҳисоб меравад ва мукофотест, ки бе сарфи меҳнат ба даст меояд. Зеро фоидаи моле, ки бар он рибо гирифта мешавад, кафолат дорад ва ба зиён рӯбарӯ намешавад. Ин ба қоидаи (اَلْغَرَمُ بِالْغَنَمِ) – "***зарар бо фоида аст***" мухолиф аст. Бинобар ин, истифодаи мол бо ширкат, музораба ва мусоқот, ки шартҳояшон пурра ёфт мешавад, ҷоиз аст. Зеро дар ин гуна истифода ҷамоат баҳра мебардорад ва меҳнати мардум истисмор намешавад. Баръакс ин гуна истифода василаест, ки ба ҷамоат барои истифодаи меҳнати худ имкон медиҳад ва ба фоида чӣ тавр рӯбарӯ шавад, ба зиён низ ҳамон тавр рӯбарӯ мешавад. Ин бар хилофи рибо аст. Ҳаром будани рибо бо насс собит шудааст ва ин насс бо иллате наомадааст. Илова бар ин, суннат молҳои рибоpo баён кардааст. Бо вуҷуди ин, гоҳо пеш аз ҳам ба зеҳн меояд: "Соҳиби мол молашро нигоҳ медорад. Гоҳо ӯ саховат нишон намедиҳад, ки ба мӯҳтоҷ барои равои ҳоҷаташ қарз диҳад. Ин ҳоҷат соҳибашро ба ноилоҷӣ гирифтор мекунад. Барои равои ин ҳоҷат василае зарур аст. Илова бар ин, эҳтиёҷот имрӯз сершумору

гуногун аст ва рибо ба асоси тиҷорат, кишоварзӣ ва саноат табдил ёфтааст. Бинобар ин, барои муомила бо рибо бонкҳо ба вуҷуд омадааст ва барои қонеъгардонии эҳтиёҷот ҷуз ин бонкҳо василаи дигар нест, чунончи ҷуз рибохӯрон василаи дигар вуҷуд надорад".

Ҷавоб чунин аст: Мо на дар хусуси ҷомеае дар вазъи имрӯза, балки дар хусуси ҷомеае, ки дар он Ислом бо пуррагӣ, аз ҷумла ҷиҳати иқтисодии он низ татбиқ мешавад, сухан меронем. Ҷомеа дар вазъи имрӯза дар асоси низоми капиталистӣ умр ба сар мебарад. Бинобар ин, мавҷудияти бонкҳо дар он яке аз заруратҳои ҳаёт менамояд. Бешак, сармоядоре, ки бидуни назорати давлат ва қайди қонун худро дар мулкаш ва дар истисмори мардум бо роҳи фиреб, иҳтикор, қимор, рибо ва ғайра озод мепиндорад, рибо ва бонкҳоро яке аз заруратҳои ҳаёт медонад.

Бинобар ин, низоми иқтисодии имрӯзаро аз бехубун барканда, ба ҷойи он низоми иқтисодии исломиро ба тарзи инқилобӣ ва фарогир ҷорӣ намудан лозим аст. Агар низоми имрӯза несту нобуд ва низоми исломӣ татбиқ гардад, ба мардум аён мегардад, ки дар ҷомеае, ки Исломро татбиқ мекунад, ба рибо зарурат пайдо намешавад. Зеро инсон барои зиндагӣ ё барои кишоварзӣ ба гирифтани қарз ниёз пайдо мекунад. Ислом эҳтиёҷи якумро бо кафолати зиндагии ҳар як фарди раият ва эҳтиёҷи дуюмро бо додани қарзи берибо ба мӯҳтоҷ қонеъ гардонд. Ибни Ҳиббон ва Ибни Моҷа аз Ибни Масъуд ривоят кардаанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَا مِنْ مُسْلِمٍ يُقْرِضُ مُسْلِمًا قَرْضًا مَرَّتَيْنِ إِلاَّ كَانَ كَصَدَقَتِهَا مَرَّةً"

"***Ҳар мусулмоне, ки ба мусулмони дигар ду бор қарз медиҳад, гӯё як бор садақа додааст***".

Қарз додан ба мӯҳтоҷ мандуб аст. Қарз гирифтан низ мандуб аст, ҳаргиз макрӯҳ нест. Зеро Пайғамбар (с) низ қарз мегирифтанд. Модом ки қарз гирифтан мавҷуд ва ҳам барои қарздиҳанда, ҳам барои қарзгиранда мандуб бошад, ба мардум аён мегардад, ки

рибо яке аз ашаддитарин зарарҳо ба ҳаёти иқтисодӣ мебошад, балки аён мегардад, ки зарурат дур кардани рибо ва эҷоди монеаи пурзӯрро дар байни рибо ва ҷомеа бо ташреъ ва иршод мувофиқи низоми Ислом тақозо мекунад.

Агар рибо аз байн равад, ба бонкҳои имрӯза ҳоҷат намемонад ва танҳо байтулмол баъд аз таҳқиқи имконияти истифодаи мол қарзи бефоиз медиҳад. Умар ибни Хаттоб (р) ба деҳқонони Ироқ аз байтулмол мол дод, то аз заминҳояшон истифода баранд. Ҳукми шаръӣ ин аст, ки ба деҳқонон ба миқдоре, ки истифодаи заминҳояшон ба онҳо то ҷамъоварии ҳосил имконпазир гардад, аз байтулмол маблағ бояд дод. Имом Абӯюсуф ривоят кардааст: "Ба оҷиз моли кифоякунанда (барои таъмини ӯ) аз байтулмол қарз дода мешавад, то дар он кор кунад", яъне дар замин. Байтулмол, чунон ки ба деҳқонон барои кишоварзӣ қарз медиҳад, ба касоне, мисли деҳқонон, ки бо корҳои фардӣ машғул мешаванд ва барои таъмин кардани худ ба ин корҳо мӯҳтоҷанд, қарз медиҳад. Умар (р) ба деҳқонон барои таъмини онҳо қарз дод, зеро онҳо барои таъмини худ дар зиндагӣ мӯҳтоҷ буданд. Бинобар ин, ба деҳқонони ғанӣ барои зиёд кардани истеҳсолашон аз байтулмол ҳеҷ чиз дода намешавад. Касони дигар ҷуз деҳқонон дар хусуси чизҳое, ки барои таъмин кардани худ дар зиндагӣ ба он мӯҳтоҷанд, ба деҳқонон қиёс карда мешавад.

"أَعْطَى الرَّسُولُ رَجُلاً حَبْلاً وَفَأْسًا لِيَحْتَطِبَ مِنْ أَجْلِ أَنْ يَأْكُلَ"

"***Пайғамбар (с) ба марде ресмону табар доданд, то ҳезумфурӯшӣ кунад ва рӯз гузаронад***".

Тарки рибо ба мавҷудияти ҷомеаи исломӣ, мавҷудияти Давлати Исломӣ ё мавҷудияти қарздиҳандаи мол вобаста нест, балки рибо ҳаром ва тарки он воҷиб аст: хоҳ Давлати Исломӣ мавҷуд бошад, хоҳ на, хоҳ ҷомеаи исломӣ мавҷуд бошад, хоҳ на, хоҳ қарздиҳандаи мол мавҷуд бошад, хоҳ на.

**Ғабни фоҳиш (29)**

(اَلْغَبْنُ) дар луғат фиреб аст. Мегӯянд: (غَبَنَهُ غَبْنًا فِي الْبَيْعِ وَالشِّرَاءِ) – "***ӯро дар харидуфурӯш фиреб дод ва ба ӯ ғолиб омад***" ва (غَبَنَ فُلَانًا) – "***нарх ё чизи дигарро кам кард***". Бинобар ин, фиребдиҳанда "***ғобин***" ва фиребхӯрда "***мағбун***" аст. Ғабн фурӯхтани чиз бо нархи баландтар ё пасттар аз арзиши он (яъне аз нархи ҳақиқии он) аст. Ғабни фоҳиш шаръан ҳаром аст. Зеро дар ҳадиси саҳеҳ талаби тарки ғабн бо талаби ҷозим собит шудааст. Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят кардааст: Марде ба Набӣ (с) гуфт, ки дар байъ фиреб медиҳад. Пайғамбар (с) гуфтанд:

"إِذَا بَايَعْتَ فَقُلْ لاَ خِلاَبَةَ"

"***Вақте ки мефурӯшӣ, бигӯ, ки фиреб нест***".

Аҳмад аз Анас ривоят кардааст:

" أَنَّ رَجُلًا عَلَى عَهْدِ رَسُولِ اللهِ ﷺ كَانَ يَبْتَاعُ، وَكَانَ فِي عُقْدَتِهِ، يَعْنِي عَقْلِهِ ضَعْفٌ، فَأَتَى أَهْلُهُ النَّبِيَّ ﷺ ، فَقَالُوا: يَا نَبِيَّ اللهِ، أَحْجَرَ عَلَى فُلَانٍ فَإِنَّهُ يَبْتَاعُ، وَفِي عُقْدَتِهِ ضَعْفٌ، فَدَعَاهُ نَبِيُّ اللهِ ﷺ فَنَهَاهُ عَنِ الْبَيْعِ، فَقَالَ: يَا نَبِيَّ اللهِ، إِنِّي لَا أَصْبِرُ عَنِ الْبَيْعِ، فَقَالَ ﷺ إِنْ كُنْتَ غَيْرَ تَارِكٍ لِلْبَيْعِ فَقُلْ هَا وَهَا وَلاَ خِلاَبَةَ"

"***Марде, гарчи ақлан заиф буд, савдо мекард. Аҳли ӯ ба назди Пайғамбар (с) омад ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, фалониро боздоред, зеро ӯ, гарчи ақлан заиф аст, савдо мекунад. Пайғамбар (с) ӯро ба наздашон хонданд ва аз савдо боздоштанд. Ӯ гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ман бе савдо сабр карда наметавонам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Агар савдоро тарк карда натавонӣ, бигӯ: "Биёеду бигиред, вале фиреб нест***"".

Баззор аз Анас ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) аз фурӯши шутурҳое, ки бо сабаби надӯшидан дар пистонаш шир ҷамъ шудааст, боздоштаанд. (خِلَابَةٌ) бо касри "***хо***" фиреб аст. Дар ин ҳадис тарки фиреб талаб карда шудааст. Пас, фиреб ҳаром аст. Бинобар ин, ғабн ҳаром аст. Вале ғабни ҳаром ғабни фоҳиш аст. Зеро иллати ҳаром будани ғабн фиреб дар нарх аст. Ғабн, агар

кӯчак (30) бошад, фиреб номида намешавад. Зеро инро маҳорати гуфтугӯ дар хусуси нарх мегӯянд. Ғабн, агар фоҳиш (калон) бошад, фиреб ба ҳисоб меравад. Вақте ки ғабн собит мешавад, фиребхӯрда ихтиёр дорад: хоҳад байъро бекор мекунад ва хоҳад розӣ мешавад. Бо иборαи дигар, вақте ки фиреб дар байъ ошкор мегардад, ба фиребхӯрда, агар фурӯшанда бошад, ҷоиз аст, ки пулро баргардонад ва колоро бигирад ва агар харидор бошад, ҷоиз аст, ки колоро баргардонад ва пулро бигирад. Фиребхӯрда наметавонад сарбаҳоро бигирад, яъне фарқи нархи ҳақиқӣ ва нархи фурӯши колоро бигирад. Зеро Пайғамбар (с) ба фиребхӯрда танҳо ихтиёри бекор кардан ё розӣ шуданро додаанд ва ҷуз ин ба чизи дигар ихтиёр надодаанд. Дорақутнӣ аз Муҳаммад ибни Яҳё ибни Ҳиббон ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِذَا بِعْتَ فَقُلْ لاَ خِلاَبَةَ، ثُمَّ أَنْتَ فِي كُلِّ سِلْعَةٍ تَبْتَاعُهَا بِالْخِيَارِ ثَلاَثَ لَيَالٍ، فَإِنْ رَضِيتَ فَأَمْسِكْ، وَإِنْ سَخِطْتَ فَارْدُدْهَا عَلَى صَاحِبِهَا"

"***Агар бифурӯшӣ, бигӯ, ки фиреб нест. Сипас дар ҳар моле, ки онро мехарӣ, се шаб ихтиёр дорӣ. Агар розӣ бошӣ, дар даст нигоҳ дор, дар акси ҳол ба соҳибаш баргардон***".

Ин далолат мекунад, ки ихтиёр доштани фиребхӯрда собит аст. Вале ин ихтиёр бо ду шарт собит мегардад: якум – бехабарӣ ҳангоми ақд ва дуюм – зиёдӣ ё камии фоҳиш (калон) ҳангоми ақд, ки мардум бо мисли он якдигарро фиреб намедиҳанд. Ғабни фоҳиш чизест, ки тоҷирон ғабни фоҳиш будани онро эътироф мекунанд. Ин бо сеяк ё чоряк муқаррар карда намешавад, балки ба эътирофи тоҷирони кишвар ҳангоми иҷрои ақд ҳавола карда мешавад. Зеро ин вобаста ба колоҳо ва бозорҳо фарқ мекунад.

**Тадлис дар байъ (31)**

Асл дар ақди байъ риоя аст. Пас, вақте ки ақд бо иҷобу қабул дар байни фурӯшандаву харидор ба охир мерасад ва маҷлиси байъ пароканда мешавад, ақди байъ лозим мегардад ва иҷрои он ба ҷонибҳо воҷиб аст. Вале ақди муомила бояд ба ваҷҳе, ки низоъро

дар байни мардум пешгирӣ мекунад, баста шавад. Шариат ба мардум тадлисро дар байъ ҳаром гардонид ва хоҳ аз тарафи фурӯшанда содир шавад, хоҳ аз тарафи харидор, чи дар коло ва чи дар пул гуноҳ донист. Ин ҳама ҳаром аст. Зеро тадлис гоҳо аз тарафи фурӯшанда ва гоҳо аз тарафи харидор содир мешавад. Маънои тадлиси фурӯшанда дар коло ин аст, ки ӯ айби колоро, ҳарчанд худ медонад, аз харидор пинҳон мекунад, ё айби колоро ба тавре, ки ба харидор колоро беайб нишон медиҳад, мепӯшад ё колоро бо чизе, ки ҳамаи онро зебо нишон медиҳад, мепечонад. Маънои тадлиси харидор дар пул ин аст, ки пули сохта месозад (пули сохтаро истифода мебарад) ё сохта будани пулро, ҳарчанд худ медонад, пинҳон мекунад. Нарх бо сабаби тадлис вобаста ба коло гуногун мебошад. Гоҳо харидор бо сабаби тадлис ба коло ҳавасманд мегардад. Ин тадлис бо тамоми навъҳояш ҳаром аст. Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" لاَ تُصَرُّوا الْإِبِلَ وَالْغَنَمَ، فَمَنْ اِبْتَاعَهَا بَعْدُ، فَإِنَّهُ بِخَيْرِ النَّظَرَيْنِ، بَعْدَ أَنْ يَحْتَلِبَهَا، إِنْ شَاءَ أَمْسَكَ، وَإِنْ شَاءَ رَدَّهَا وَصَاعَ تَمْرٍ"

"***Пистони шутур ва гӯсфандро набандед. Ҳар кас баъд аз ин кор онро бихарад, дар ду кор ихтиёр дорад: хоҳад дар даст нигоҳ медорад ва хоҳад якҷоя бо як соъ хурмо мегардонад***".

Ибни Моҷа аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ اِبْتَاعَ مُصَرَّاةً فَهُوَ بِالْخِيَارِ ثَلاَثَةَ أَيَّامٍ، فَإِنْ رَدَّهَا، رَدَّ مَعَهَا صَاعًا مِنْ تَمْرٍ، لاَ سَمْرَاءَ"

"***Ҳар кас шутуреро харад, ки пистонаш баста шудааст, се рӯз ихтиёр дорад. Агар шутурро баргардонад, якҷоя бо як соъ хурмои қаҳвагун бармегардонад***".

Мурод аз ин баргардондани пули ширест, ки харидор онро дӯшидааст. Баззор аз Анас (р) ва ӯ аз Пайғамбар (с) ривоят кардааст:

"أَنَّهُ نَهَى عَنْ بَيْعِ الْـمُحَفَّلاَتِ"

"***Пайғамбар (с) аз фурӯши шутурҳое, ки бо сабаби надӯшидан дар пистонаш шир ҷамъ шудааст, боздоштанд***".

Ин ҳадисҳо аз бастани пистони шутуру гӯсфанд, аз фурӯши шутурҳое, ки бо сабаби надӯшидан дар пистонаш шир ҷамъ шудааст, сареҳан бозмедорад. Анҷом додани ин кор барои пистонкалон ва сершир нишон додани ҳайвонон фиреб ва ҳаром аст. Ҳар гуна амале, ки айбро рӯпӯш ё пинҳон мекунад, тадлис ба ҳисоб меравад ва анҷом додани ин кор чи дар коло ва чи дар пул ҳаром аст. Зеро ин ғабн (фиреб) ба ҳисоб меравад. Ба мусулмон ҷоиз нест, ки дар коло ё пул фиреб кунад. Баръакс ба мусулмон воҷиб аст, ки айби колоро баён кунад ва сохта будани пулро (нохолис будани тангаро) равшан созад. Мусулмон дар коло фиреб намекунад, то колоро бо нархи қиматтар фурӯшад, инчунин дар пул фиреб намекунад, то пулро барои коло қабул кунанд. Зеро Пайғамбар (с) бо наҳйи ҷозим аз ин кор боздоштаанд. Ибни Моҷа аз Уқба ибни Омир ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"الْـمُسْلِمُ أَخُو الْـمُسْلِمِ، وَلاَ يَحِلُّ لِمُسْلِمٍ بَاعَ مِنْ أَخِيهِ بَيْعًا فِيهِ عَيْبٌ إِلاَّ بَيَّنَهُ لَهُ"

"***Мусулмон бародари мусулмон аст. Ба мусулмон ҳалол нест, ки ба бародараш моли боайбро фурӯшад, магар ба ӯ инро баён кунад***".

Бухорӣ аз Ҳаким ибни Ҳизом ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" اَلْبَيِّعَانِ بِالْخِيَارِ مَا لَمْ يَتَفَرَّقَا، فَإِنْ صَدَقَا وَبَيَّنَا بُورِكَ لَهُمَـا فِي بَيْعِهِمَـا، وَإِنْ كَتَمَـا وَكَذَبَا مُحِقَتْ بَرَكَةُ بَيْعِهِمَـا"

"***Фурӯшанда ва харидор, модом ки аз ҳам ҷудо нашаванд, ихтиёр доранд. Агар рост гӯянд ва ошкор кунанд, дар байъашон барои ҳар ду барака хоҳад шуд. Агар пинҳон кунанд ва дурӯғ гӯянд, баракаи байъашон аз байн меравад***".

Боз Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ مِنَّا مَنْ غَشَّ"

"***Касе, ки фиреб медиҳад, аз мо нест***".

Ин ҳадисро Ибни Моҷа ва Абӯдовуд аз тариқи Абӯҳурайра ривоят кардаанд. Ҳар кас бо тадлису фиреб чизеро ба даст дарорад, молики он намешавад. Зеро ин на аз воситаҳои моликшавӣ, балки аз воситаҳои мамнӯъ аст. Ин моли ҳаром ва моли ғайримашрӯъ аст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَدْخُلُ الْجَنَّةَ لَحْمٌ نَبَتَ مِنْ سُحْتٍ، النَّارُ أَولَى بِهِ"

"***Гӯште, ки аз ҳаром рӯидааст, ба ҷаннат дохил намешавад, дӯзах ба он муносибтар аст***".

Ин ҳадисро Аҳмад аз тариқи Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст. Агар тадлис: чи дар коло ва чи дар пул рух диҳад, фиребхӯрда ихтиёр дорад: ё ақдро бекор мекунад, ё ба ақд розӣ мешавад, ҷуз ин ихтиёре надорад. Харидор, агар хоҳад колои боайб ё сохтаро дар даст нигоҳ дорад, наметавонад сарбаҳоро бигирад, яъне наметавонад фарқи нархи колои беайб ва нархи колои боайбро бигирад. Зеро Пайғамбар (с) ба ӯ рухсат надодаанд, ки сарбаҳоро гирад, танҳо ба ду кор ихтиёр доданд:

"إِنْ شَاء أَمْسَكَ، وَ إِنْ شَاء رَدَّهَا"

"***Хоҳад дар даст нигоҳ медорад ва хоҳад бармегардонад***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст.

Шарт нест, ки барои собит шудани ихтиёр фурӯшанда тадлис ё айбро донад, балки ихтиёр барои фиребхӯрда танҳо бо рух додани тадлис хоҳ фурӯшанда донад, хоҳ на собит мегардад. Зеро ҳадисҳо умумӣ аст ва воқеи байъ ба тарзе, ки наҳй шудааст, ҳосил шуд. Ин бар хилофи ғабн аст. Дар ғабн донистани ғабн шарт аст. Зеро ӯ, агар надонад, ғобин ба ҳисоб намеравад, ки фиребхӯрда соҳиби

ҳақ шавад. Масалан, нархи бозор поён равад, вале фурӯшанда аз ин бехабар монад ва фурӯшад, сипас аён гардад, ки қиматтар аз арзишаш фурӯхтааст. Ин ғабн ба ҳисоб намеравад. Харидор дар ин ҳолат ихтиёр надорад. Зеро фурӯшанда поён рафтани нархро намедонист, ғобин гуфтани ӯ дуруст нест.

**Иҳтикор (32)**

Иҳтикор мутлақ мамнӯъ ва шаръан ҳаром аст. Зеро дар ҳадис наҳйи ҷозим сареҳ омадааст. Дар "Саҳеҳи Муслим" Муслим аз Саид ибни Мусайяб ва ӯ аз Муаммар ибни Абдуллоҳи Адавӣ ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَحْتَكِرُ إِلاَّ خَاطِئٌ"

"***Танҳо хатокор иҳтикор мекунад***".

Асрам аз Абӯумома ривоят кардааст:

"نَهَى رَسُولُ اللهِ ﷺ أَنْ يُحْتَكَرَ الطَّعَامُ"

"***Расулуллоҳ (с) аз иҳтикор кардани хӯрок боздоштанд***".

Муслим бо иснодаш аз Саид ибни Мусайяб ва ӯ аз Муаммар ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنِ احْتَكَرَ فَهُوَ خَاطِئٌ"

"***Ҳар кас, ки иҳтикор кунад, хатокор аст***".

Наҳйе, ки дар ҳадис омадааст, талаби таркро ифода мекунад ва иҳтикоркунандаро бо васфи хатокор мазаммат кардааст. Хатокор гунаҳкор ва осӣ аст. Ин қарина далолат мекунад, ки талаби тарк ҷазмро ифода мекунад. Аз ин рӯ, ҳадисҳо ба ҳаром будани иҳтикор далолат мекунад. Иҳтикоркунанда касест, ки колоҳоро ҷамъ мекунад ва қимат шудани онро интизор мешавад, то онро бо нархи қимат фурӯшад. Ин ба аҳли кишвар дар харидани колоҳои мазкур тангӣ меорад. Иҳтикоркунанда будани касе, ки колоҳоро ҷамъ мекунад ва қимат шудани онро интизор мешавад, чунин аст,

ки маънои калимаи (حَكَرَ) дар луғат (اِسْتَبَدَّ) – "***худбинӣ кард***" мебошад ва (اِسْتِبْدَادٌ) – "***худкомагӣ***" бо ҳабси коло барои фурӯхтани он ба пули зиёд низ аз ин ҷумла аст. (اِحْتَكَرَ الشَّيْءَ) дар луғат ҷамъ ва ҳабс кардани чиз, интизор шудани қиматшавии он ва фурӯхтани он ба пули зиёд аст. Аммо шарти мутобиқи иҳтикор чунин аст, ки он ба ҳадде расад, то ба аҳли кишвар дар харидани колои иҳтикоршаванда тангӣ орад. Бинобар ин, воқеи иҳтикор танҳо дар ҳамин ҳолат ҳосил мешавад. Агар ба мардум дар харидани коло тангӣ нарасад, ҷамъ кардани мол ва истибдоди мол барои фурӯхтани он ба пули зиёд рух намедиҳад. Аз ин рӯ, харидани коло шарти иҳтикор нест, балки танҳо ҷамъ кардани коло ва интизор шудани қиматшавӣ барои фурӯхтани он ба пули зиёд иҳтикор ба ҳисоб меравад: хоҳ бо харидан ҷамъ орад, хоҳ аз ҳосили заминҳои васеи худ, ки ин навъи маҳсулотро танҳо ӯ дорад ё киштукори он нодир аст, хоҳ аз корхонаи худ, ки ин саноатро танҳо ӯ дорад ё он саноати нодир аст, чунон ки ин ҳолат дар иҳтикори капиталистӣ рух медиҳад. Капиталистҳо саноати чизеро бо барҳам додани тамоми корхонаҳо ҷуз саноати худ иҳтикор мекунанд, сипас дар бозор низ ба иҳтикор даст мезананд. Ин ҳама иҳтикор аст. Зеро он ба мантуқи калимаи (اِحْتَكَرَ) ва (يَحْتَكِرُ) аз ҷиҳати луғат рост меояд. Бинобар ин, (اَلْحُكْرَةُ) ва (اَلاِحْتِكَارُ) манъи коло ё колоҳо аз фурӯш, интизор шудани қиматшавии он ва фурӯхтани он ба пули зиёд мебошад.

Иҳтикори тамоми ашё бидуни фарқ дар байни хӯроки одамон, хӯроки ҳайвонон ва ғайра, бидуни фарқ дар байни таом ва ғайра, бидуни фарқ дар байни заруриёт ва камолиёти мардум ҳаром аст. Зеро маънои (اِحْتَكَرَ) дар луғат ҷамъ кардани чиз аст ва хос гардондани он ҷуз маънои луғавиаш дуруст нест. Зеро зоҳири ҳадисҳое, ки дар бораи иҳтикор омадаанд, ба ҳаром будани иҳтикор дар ҳама чиз далолат мекунад. Инчунин ҳадисҳо бе ягон қайд мутлақ ва бе ягон хоскунанда умумӣ омадааст ва мутлақу умумӣ боқӣ мемонад. Аммо он чӣ, ки дар ҳадисҳои иҳтикор дар

баъзе ривоятҳо омадааст ва иҳтикорро ба таом вобаста кардааст, монанди ҳадиси:

"نَهَى رَسُولُ اللهِ ﷺ أَنْ يُحْتَكَرَ الطَّعَامُ"

"***Расулуллоҳ (с) аз иҳтикор кардани таом боздоштанд***"

ва ривоятҳои дигар, чунин аст, ки зикр шудани таом дар ҳадис иҳтикорро ба таом хос намегардонад. Ин ҷо наметавон гуфт, ки наҳй аз иҳтикор дар баъзе ривоятҳо мутлақ омадааст ва дар баъзе ривоятҳо бо таом муқайяд шудааст, бинобар ин, мутлақ ба қайд нисбат дода мешавад (марбут дониста мешавад). Зеро калимаи "таом" дар ривоятҳое, ки онро зикр кардааст, ривоятҳои мутлақро муқайяд карда наметавонад. Он танҳо аз қабили иқтибосоварӣ бо яке аз фардҳост, ки ба он мутлақ истифода бурда мешавад. Зеро нафйи ҳукм аз чизҳои дигар ҷуз таом барои мафҳуми унвон аст ва ба он амал карда намешавад. Аз ин рӯ, он наметавонад муқайяд кунад ё хос гардонад. Бо ибораи дигар, зикр шудани таом дар баъзе ривоятҳои ҳадисҳои иҳтикор иқтибосоварӣ ба яке аз навъҳои иҳтикор монанди мисоловарӣ ба он мебошад ва қайди иҳтикор ё васфи дорои мафҳум нест, ки ба он амал карда шавад. Он танҳо исми ҷомиди мусаммои муайян, яъне на наът (сифат), балки унвон аст ва ба мафҳуми он амал карда намешавад. Он чӣ, ки метавонад қайд ё хоскунанда бошад, бояд мафҳуме дошта бошад, ки ба он амал карда мешавад. Ин гуна мафҳум дар ҳолати мазкур вуҷуд надорад. Ин далолат мекунад, ки ривоятҳое, ки аз иҳтикор бозмедорад, ҳатто ривоятҳое, ки таомро зикр кардааст, ҳадисҳои мутлақу умумӣ мебошад ва наҳйи мутлақро аз иҳтикори ҳар чиз дарбар мегирад. Воқеи иҳтикоркунанда ин аст, ки ӯ бо иҳтикор кардани колои худ дар бозор ҳукмрон гашта, мардумро ба нархи дилхоҳи худ маҷбур месозад. Мардум ин колоро, бо сабаби он ки каси дигар ин гуна коло надорад, аз ночорӣ бо нархи қимат мехарад. Пас, иҳтикоркунанда дар ҳақиқат мехоҳад ба мусулмонон нархро қимат кунад. Ин кор ҳаром аст. Маъқал ибни Ясор ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" مَنْ دَخَلَ فِي شَيْءٍ مِنْ أَسْعَارِ الْـمُسْلِمِينَ، لِيُغْلِيَهُ عَلَيْهِمْ، كَانَ حَقًّا عَلَى اللهِ أَنْ يُقْعِدَهُ بِعُظْمٍ مِنْ النَّارِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кас барои қимат кардан ба нархи мусулмонон ягон чизро дохил кунад, рӯзи қиёмат ба оташи бузург шинондани ӯ ба ҳаққи Аллоҳ табдил меёбад***".

**Нархгузорӣ (33)**

Аллоҳ Таоло ба ҳар як шахс ихтиёр додааст, то колои худро бо нархе, ки ба он розӣ аст, фурӯшад. Ибни Моҷа аз Абӯсаид ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّمَـا الْبَيْعُ عَنْ تَرَاضٍ"

"***Байъ бо ризои тарафайн аст***".

Рух додани нархгузорӣ барои мардум аз тарафи давлат аз эҳтимол дур нест. Пас, Аллоҳ ба давлат нархгузориро барои колоҳо ва маҷбур сохтани мардумро ба харидуфурӯш аз рӯи он ҳаром гардонид. Бинобар ин, дар хусуси нархгузорӣ наҳй омад.

Нархгузорӣ чунин аст, ки султон, ноибони ӯ ё ҳар гуна валиюламри мусулмонон34 ба аҳли бозор амр мекунад, ки колоҳоро танҳо бо нархи муайян фурӯшанд ва онҳоро аз зиёд кардани нарх бозмедорад, то нархҳо боло наравад ё онҳоро аз кам кардани нарх бозмедорад, то дигарон ҳаннотӣ (ҷаллобӣ) накунанд. Бо ибораи дигар, аҳли бозорро аз зиёд ё кам кардани нархе, ки барои манфиати мардум муқаррар шудааст, манъ мекунанд. Хулоса, давлат ба нархҳо дахолат намуда, барои колоҳо ё баъзеи он нархҳои муайян мегузорад ва ҳамаро аз фурӯши колоҳо бо нархи бештар ё камтар аз нархе, ки худ муқаррар кардааст, манъ мекунад. Зеро давлат манфиати мардумро дар ин кор мебинад. Ислом нархгузориро мутлақо ҳаром гардонид. Аҳмад аз Анас ривоят кардааст:

" غَلَا السِّعْرُ عَلَى عَهْدِ رَسُولِ اللَّهِ ﷺ فَقَالُوا: يَا رَسُولَ اللهِ لَوْ سَعَّرْتَ. فَقَالَ: إِنَّ اللهَ هُوَ الْخَالِقُ، الْقَابِضُ، الْبَاسِطُ، الرَّازِقُ، الْـمُسَعِّرُ، وَإِنِّي لَأَرْجُو أَنْ أَلْقَى اللَّهَ، وَلَا يَطْلُبُنِي أَحَدٌ بِمَظْلَمَةٍ ظَلَمْتُهَا إِيَّاهُ فِي دَمٍ، وَلَا مَالٍ"

"***Дар замони Пайғамбар (с) нарх боло рафт. Мардум гуфтанд: "Ё Расулаллоҳ, кош нарх мегузоштед". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Аллоҳ аст, ки меофарад, кам медиҳад, фаровон медиҳад, ризқ медиҳад ва нарх мегузорад. Умед мекунам, то ба Аллоҳ дар ҳоле вохӯрам, ки нафаре дар бораи молу ҷон аз болои ман арз накунад, ки ҳамин кас ба ман зулм кардааст***"".

Абӯдовуд аз Абӯҳурайра ривоят кардааст:

" إِنَّ رَجُلاً جَاءَ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ، سَعِّرْ. فَقَالَ: بَلِ ادْعُوا. ثُمَّ جَاءَهُ رَجُلٌ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ، سَعِّرْ. فَقَالَ: بَلِ اللهُ يَخْفِضُ وَيَرْفَعُ"

"***Марде омад ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, нарх гузоред". Пайғамбар (с) гуфтанд: "На, шумо дуо кунед". Сипас марди дигар омад ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, нарх гузоред". Пайғамбар (с) гуфтанд: "На, Аллоҳ аст, ки нархро пасту боло мекунад***"".

Ин ҳадисҳо далолат мекунад, ки нархгузорӣ ҳаром ва зулмест, ки барои бартараф кардани он ба ҳоким шикоят мекунанд. Агар ҳоким ин корро содир кунад, дар назди Аллоҳ гунаҳкор мешавад, зеро ин кори ҳаром аст. Ҳар як шахс аз раият метавонад аз болои ин ҳоким, ки нархгузорӣ мекунад: хоҳ волӣ бошад, хоҳ халифа ба маҳкамаи мазолим арз кунад, то маҳкама аз болои ӯ ҳукм барорад ва ин зулмро бартараф созад.

Ҳаром будани нархгузорӣ барои тамоми колоҳо умумӣ аст. Дар ин хусус дар байни хӯрок ва ғайра фарқ вуҷуд надорад. Зеро ҳадисҳое, ки аз нархгузорӣ бозмедорад, мутлақ ва умумӣ аст. Омиле нест, ки онро ба хӯрок ё чизи дигар хос гардонад. Аз ин рӯ, ҳаром будани нархгузорӣ умумист, ки нархгузории ҳар гуна чизро дарбар мегирад.

Воқеи таъйини нархи бозор чунин аст, ки он яке аз ашаддитарин зарарҳо барои уммат дар ҳама ҳолатҳо: чи дар ҳолати ҷанг, чи дар ҳолати осоиштагӣ ба ҳисоб меравад. Зеро он боиси пайдо шудани бозори махфӣ мегардад, ки мардум дар ин бозор пинҳонӣ аз давлат ва дар дурӣ аз назорати давлат савдо мекунанд. Имрӯз онро бозори сиёҳ меноманд. Дар натиҷа нархҳо боло рафта, колоҳоро танҳо сарватмандон ба даст медороранд ва фақирон дар канор мемонанд. Инчунин нархгузорӣ ба истеъмол ва сипас ба истеҳсол таъсир мерасонад ва эҳтимол сабаби бӯҳрони иқтисодӣ гардад. Илова бар ин, мардум хоҷаи моли худ ҳастанд. Зеро маънои молики молҳо будани онҳо ҳукмронӣ ба молҳо мебошад. Нархгузорӣ онҳоро аз тасарруф бозмедорад ва ин танҳо бо насси шаръӣ ҷоиз аст. Дар ин хусус нассе наомадааст. Пас, боздоштани мардум аз тасарруф бо нархгузорӣ ба колоҳои онҳо ва манъ кардани мардум аз афзудан ё костани ин нарх ҷоиз нест. Аммо ҳолатҳое, монанди боло рафтани нархҳо дар вақти ҷанг, ҳангоми бӯҳрони сиёсӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани колоҳо дар бозор бо сабаби иҳтикор ё камёбии колоҳо рух медиҳад. Мавҷуд набудани колоҳо, агар аз иҳтикор сар занад, ин корро Аллоҳ ҳаром гардонидааст ва агар аз камёбии ин колоҳо сар занад, халифа аз риояи манфиатҳои мардум маъмур аст. Пас, ба халифа воҷиб аст, ки барои ҷалб кардани ин колоҳо аз маконҳои гуногун саъю талош варзад, то он дар бозор зиёд гардад. Ҳамин тавр, пеши болоравии нархҳо гирифта мешавад. "Дар соли гуруснагӣ, ки соли Рамода номида шуд, аз камёбии хӯрок дар Ҳиҷоз гуруснагӣ ба вуҷуд омад ва нархҳо боло рафт. Умар ибни Хаттоб (р) ба хӯрок нархгузорӣ накард, балки одам фиристода, аз Миср ва кишварҳои Шом ба Ҳиҷоз хӯрок овард. Ҳамин тавр, нархҳо бидуни ниёз ба нархгузорӣ поён рафт".

# *ҲАҚҚИ ТАСАРРУФ ДАР ИНФОҚ ҲАМЧУН ХЕШОВАНДӢ ВА НАФАҚА*

Инфоқ аз ҳаққи тасарруф ба ҳисоб меравад. Инфоқи мол сарфи беивази мол аст. Сарфи боиваз инфоқ номида намешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَنفِقُواْ فِي سَبِيلِ

"***Дар роҳи Аллоҳ инфоқ кунед***" [2:195],

وَمِمَّا رَزَقْنَاهُمْ يُنفِقُونَ

"***Ва аз он чӣ, ки рӯзияшон додаем, инфоқ мекунанд***" [2:3],

لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِ

"***Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад***" [65:7].

Ислом дар асоси тариқати худ ҷорӣ шуда (яъне тамоми ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта), роҳҳои инфоқ ва қоидаҳои онро муқаррар намуд ва тасарруфро мутлақ ба соҳиби мол вонагузошт, ки молро ба тарзи дилхоҳ инфоқ намояд, балки барояш муқаррар намуд, ки дар вақти зиндагӣ ва пас аз вафоташ чӣ тавр молашро тасарруф кунад. Тасарруфи фард дар моли худ, ки моликияташро беиваз ба каси дигар интиқол медиҳад, ё бо ато кардани он ба мардум, ё бо инфоқ кардани он ба худаш ва ба касе, ки нафақааш ба ӯ воҷиб аст, амалӣ мегардад. Ин инфоқ ё дар ҳолати зинда будани ӯ, монанди тӯҳфа, ҳадия, садақа ва нафақа, ё баъд аз вафот кардани ӯ, монанди васият, ба амал меояд. Ислом ба ин тасарруф дахолат намуда, фардро аз тӯҳфа ё ҳадия кардани мол ба душман дар ҳолати ҷанг, ки ба душман бар зидди мусулмонон қувва мебахшад,

боздошт. Инчунин Ислом фардро аз тӯҳфа, ҳадия ва садақа кардани мол боздошт, магар дар ҳолате, ки барои ӯ ва аҳли оилааш дорои нигоҳ дошта шавад. Агар он чиро, ки баъд аз он барои ӯ ё аҳли оилааш дорои нигоҳ дошта намешавад, ато кунад, ҳамаи он бекор аст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"خَيْرُ الصَّدَقَةِ مَا كَانَ عَنْ ظَهْرِ غِنًى، وَابْدَأْ بِمَنْ تَعُولُ"

"***Беҳтарин садақа баъд аз бениёзӣ аст ва аз касоне, ки дар зери сарпарастии туянд, оғоз намо***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст. Доримӣ аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст:

" بَيْنَمَا نَحْنُ عِنْدَ رَسُولِ اللهِ ﷺ ، إِذْ جَاءَهُ رَجُلٌ بِمِثْلِ الْبَيْضَةِ مِنْ ذَهَبٍ، أَصَابَهَا فِي بَعْضِ الْمَغَازِي (قَالَ أَحْمَدُ: فِي بَعْضِ الْمَعَادِنِ وَهُوَ الصَّوَابُ) فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللهِ، خُذْهَا مِنِّي صَدَقَةً، فَوَاللهِ مَالِي مَالٌ غَيْرُهَا، فَأَعْرَضَ عَنْهُ، ثُمَّ جَاءَهُ عَنْ رُكْنِهِ الْأَيْسَرِ فَقَالَ مِثْلَ ذَلِكَ، ثُمَّ جَاءَهُ مِنْ بَيْنِ يَدَيْهِ فَقَالَ مِثْلَ ذَلِكَ، ثُمَّ قَالَ: هَاتِهَا، مُغْضَبًا، فَحَذَفَهُ بِهَا حَذْفَةً لَوْ أَصَابَهُ لَأَوْجَعَهُ، أَوْ عَقَرَهُ، ثُمَّ قَالَ: يَعْمِدُ أَحَدُكُمْ إِلَى مَالِهِ، لَا يَمْلِكُ غَيْرَهُ، فَيَتَصَدَّقُ بِهِ، ثُمَّ يَقْعُدُ يَتَكَفَّفُ النَّاسَ. إِنَّمَا الصَّدَقَةُ عَنْ ظَهْرِ غِنًى. خُذِ الَّذِي لَكَ، لَا حَاجَةَ لَنَا بِهِ، فَأَخَذَ الرَّجُلُ مَالَهُ"

"***Дар ҳузури Пайғамбар (с) будем. Марде бо тиллое мисли тухм омад, ки онро дар ғазоте ба даст дароварда будааст. (Аҳмад мегӯяд, ки аз коне гирифта будааст. Ҳамин дуруст аст). Ӯ гуфт: "Ё Расулаллоҳ, ҳаминро аз ман ба ҳайси садақа гиред. Қасам ба Аллоҳ, ки ҷуз ин моли дигар надорам". Пайғамбар (с) аз ӯ рӯ гардонданд. Ин мард аз ҷониби чапи Пайғамбар (с) омад ва боз суханашро такрор кард. Сипас аз рӯбарӯи Пайғамбар (с) омад ва боз суханашро такрор кард. Пайғамбар (с) бо ғазаб "бидеҳ" гуфтанду онро чунон партофтанд, ки агар ба ӯ мерасид, дард ё ҷароҳат мерасонд. Сипас гуфтанд: "Нафаре аз шумо молашро, ҳарчанд худаш ба мол ниёз дорад ва ҷуз он моли дигар надорад, садақа мекунад. Сипас аз***

***мардум қути лоямут металабад. Садақа баъд аз бениёзӣ аст. Онро бигир, мо ба он ниёз надорем". Мард молашро гирифт***".

Дороие, ки инсон барои худ ва аҳли оилааш нигоҳ медорад, нигоҳдории он чӣ, ки ба эҳтиёҷоти зарурӣ, монанди хӯрок, пӯшок ва маскан, инчунин ба эҳтиёҷоти камолӣ, ки мисли он аз рӯи зиндагии оддӣ лозим дониста мешавад, кифоя мекунад, яъне он чӣ, ки дар байни мардум маъруф аст. Ин аз рӯи эҳтиёҷоти одатии ӯ бо риояи сатҳи зиндагиаш, ки ӯ ва аҳли оилааш, инчунин мардуми мисли ӯ дар он зиндагӣ мекунанд, муқаррар карда мешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

"***Ва дигаронро бар хеш тарҷеҳ медиҳанд, ҳарчанд худ ниёзманд бошанд***" [59:9].

Ояти мазкур, чунон ки баъзеҳо гумон мекунанд, ба маънои "ҳарчанд фақир бошанд" нест, балки ба маънои "ҳарчанд ҷуз эҳтиёҷи асосӣ эҳтиёҷи дигар низ доранд" мебошад. Далел ин аст, ки Пайғамбар (с) ба касоне, ки фақир буданд, доданд ва танҳо аз касоне, ки ба мол ниёз надоштанд, манъ карданд. (خَصَاصَةٌ) ин ҷо ба маънои шикоф аст ва аслан шикофҳои хона, яъне роғҳои хонаро мефаҳмонад. Оят ба ҷумлагӣ чунин аст:

وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّا أُوتُوا وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

"***Ва аз он чӣ муҳоҷиронро дода мешавад, дар дил эҳсоси ҳасад намекунанд ва дигаронро бар хеш тарҷеҳ медиҳанд, ҳарчанд худ ниёзманд бошанд***" [Ҳашр, 9],

яъне ансориён дар хусуси чизҳое, ки ба муҳоҷирон дода шуд, аз нафсҳояшон пайравӣ накарданд ва ҳарчанд барои инфоқ дар корҳояшон ба мол эҳтиёҷ доштанд (на барои бартараф кардани фақру камбағалии худ), накӯшиданд, то чизеро, ки ба он мӯҳтоҷ буданд, ба даст даноранд. Мурод аз наҳйи садақа дар қавли Расул (с):

"إِنَّمَا الصَّدَقَةُ عَنْ ظَهْرِ غِنًى"

"***Садақа баъд аз бениёзӣ аст***",

"يَعْمِدُ أَحَدُكُمْ إِلَى مَالِهِ، لاَ يَمْلِكُ غَيْرَهُ، فَيَتَصَدَّقُ بِهِ، ثُمَّ يَقْعُدُ يَتَكَفَّفُ النَّاسَ"

"***Нафаре аз шумо молашро, ҳарчанд худаш ба мол ниёз доранд ва ҷуз он моли дигар надоранд, садақа мекунад, сипас аз мардум қути лоямут металабад***",

дар як ривояти Доримӣ омадааст, ин аст: Ба фақире, ки эҳтиёҷоти асосиашро қонеъ нагардондааст, садақа кардани он чӣ, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти асосиаш ба ӯ зарурист, ҷоиз нест, зеро садақа баъд аз бениёзӣ аст, яъне баъд аз бениёз гаштан аз мардум дар қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ. Аммо ба касе, ки мол дорад ва он аз эҳтиёҷоти асосиаш зиёдатӣ мекунад ва баъд аз қонеъ гардондани ин эҳтиёҷоти асосиаш барои адои манфиатҳое, ки аз эҳтиёҷоти асосӣ зиёдатӣ мекунад, яъне барои адои эҳтиёҷоти камолӣ ба ин мол эҳтиёҷро мебинад, афзал донистани фақирон аз худ, яъне бартар донистани фақирон аз худ мандуб аст, ҳарчанд барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти камолиаш ба ин мол ниёз дорад.

Инчунин Ислом фардеро, ки дар дами марг қарор дорад, аз тӯҳфа, ҳадия ё васият кардан боздошт. Агар тӯҳфа, ҳадия ё васият кунад ва худаш дар дами марг бошад, танҳо дар сеяки молаш иҷро карда мешавад. Дорақутнӣ аз Абӯдардо ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" إِنَّ اللهَ تَصَدَّقَ عَلَيْكُمْ بِثُلُثِ أَمْوَالِكُمْ عِنْدَ وَفَاتِكُمْ، زِيَادَةً فِي حَسَنَاتِكُمْ، لِيَجْعَلَهَا لَكُمْ زِيَادَةً فِي أَعْمَالِكُمْ"

"***Аллоҳ ҳангоми дар дами марг будан сеяки молатонро ба худатон инъом намуд, то некиҳои шуморо зиёд гардонад ва онро ба амалҳоятон зам кунад***".

Имрон ибни Ҳусайн ривоят кардааст:

" أَنَّ رَجُلاً مِنَ الْأَنْصَارِ أَعْتَقَ سِتَّةَ أَعْبُدٍ لَهُ فِي مَرَضِهِ، لاَ مَالَ لَهُ غَيْرُهُمْ، فَاسْتَدْعَاهُمْ رَسُولُ اللهِ ﷺ ، فَجَزَّأَهُمْ ثَلاَثَةَ أَجْزَاءٍ، وَأَقْرَعَ بَيْنَهُمْ، فَأَعْتَقَ اِثْنَيْنِ وَأَرَقَّ أَرْبَعَةً"

"***Ансорие дар ҳолати беморӣ шаш ғуломашро озод намуд. Ӯ ҷуз ин моли дигар надошт. Пайғамбар (с) онҳоро ба наздашон хонда, ба се тақсим намуданд ва қуръа партофтанд. Ду нафарро озод намуда, чор нафарро дар ҳоли ғуломӣ гузоштанд***".

Модом ки тасарруфи инсон дар хусуси ғулом, ҳарчанд шариат ба ин кор такон додааст, иҷро карда нашавад, тасарруфоти дигар ба тариқи авло иҷро карда намешавад.

Гуфтаҳои боло дар бораи тасарруфи фард дар ато кардани мол ба мардум аст. Аммо тасарруфи фард дар инфоқ ба худ ва касе, ки нафақааш ба ӯ воҷиб аст, чунин аст, ки Ислом ба ин нафақа дахолат намуда, роҳи дурусти онро нишон дод ва фардро аз корҳои зерин боздошт:

а) Фардро аз исроф дар инфоқ боздошт ва исрофро камхирадӣ эътибор кард, ки манъ кардани камхирад ва исрофкор аз тасарруфи молҳояш бо боздоштани ӯ аз тасарруф ва васии ӯ таъйин кардани каси дигар воҷиб аст. Ин васӣ тасарруфи молҳои ин фардро барои манфиати ӯ ба даст мегирад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تُؤْتُواْ السُّفَهَاء أَمْوَالَكُمُ الَّتِي جَعَلَ اللّهُ لَكُمْ قِيَاماً وَارْزُقُوهُمْ فِيهَا وَاكْسُوهُمْ

"***Амволатонро, ки Аллоҳ қивоми зиндагии шумо сохтааст, ба дасти сафеҳон мадиҳед, вале аз он ҳазинаву либосашон диҳед ва бо онон сухан ба некӣ гӯед***" [4:5].

Пас, Аллоҳи Азза ва Ҷалла аз мол додан ба камхирадон боздошт ва танҳо ба додани хӯроку пӯшок ба онҳо рухсат дод. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِن كَانَ الَّذِي عَلَيْهِ الْحَقُّ سَفِيهًا أَوْ ضَعِيفًا أَوْ لاَ يَسْتَطِيعُ أَن يُمِلَّ هُوَ فَلْيُمْلِلْ وَلِيُّهُ بِالْعَدْلِ

"***Агар қарздор сафеҳ ё сағир бувад ё худ имло кардан наметавонист, валии ӯ аз рӯи адолат имло кунад***" [2:282].

Пас, ин оят валигиро бар камхирад воҷиб мегардонад. Муғира ибни Шуъба ривоят кардааст:

"نَهَى عَنْ إِضَاعَةِ الْـمَـالِ"

"***Пайғамбар (с) аз зоеъ кардани мол боздоштанд***".

Ин ҳадисро Доримӣ ва шайхайн ривоят кардаанд.

Калимаҳои (اَلْإِسْرَافُ) ва (اَلتَّبْذِيرُ) маънои луғавӣ ва маънои шаръӣ дорад. Вале маънои луғавӣ бар мардум ғолиб омад ва аз маънои шаръӣ дур шуданд. Бинобар ин, ҳар ду калимаро аз он чӣ, ки шариат аз ин калимаҳо ирода мекунад, ба тарзи дигар тафсир мекунанд (яъне бар хилофи муроди шариат тафсир мекунанд). Аммо маънои луғавии калимаҳо чунин аст, ки маънои (اَلسَّرْفُ) ва (اَلْإِسْرَافُ) таҷовуз аз ҳадду эътидол ва зидди сарфакорӣ аст. (اَلتَّبْذِيرُ) чунин аст, ки мегӯянд: (بَذَّرَ الْـمَـالَ تَبْذِيرًا) – "молро исрофкорона сарф кард, пош ва барбод дод". Ин маънои луғавии калимаҳост. Аммо маънои шаръии калимаҳо чунин аст, ки (اَلْإِسْرَافُ) ва (اَلتَّبْذِيرُ) сарф кардани мол дар он чизест, ки Аллоҳ аз он боздоштааст. Ҳар гуна сарфе, ки Аллоҳ Таоло онро мубоҳ ё амр кардааст, чи кам ва чи беш исроф ё табзир ба ҳисоб намеравад. Ҳар гуна сарфе, ки Аллоҳ аз он боздоштааст, чи кам ва чи беш исроф ва табзир ба ҳисоб меравад. Аз Зуҳрӣ ривоят аст, ки ӯ дар тафсири ояти Аллоҳ Таоло:

وَلاَ تَجْعَلْ يَدَكَ مَغْلُولَةً إِلَى عُنُقِكَ وَلاَ تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ

"***На дасти худ аз рӯи хасисӣ ба гардан бубанд ва на ба саховат якбора бикушой***" [17:29] гуфтааст: "***Аз ҳақ манъ накун ва дар ботил сарф накун***". Калимаи (اَلْإِسْرَافُ) дар якчанд ояти Қуръони карим омадааст:

وَالَّذِينَ إِذَا أَنفَقُوا لَمْ يُسْرِفُوا وَلَمْ يَقْتُرُوا وَكَانَ بَيْنَ ذَٰلِكَ قَوَامًا

"***Ва онон, ки чун инфоқ мекунанд, исроф намекунанд ва бухл наметварзанд, балки миёни ин ду роҳи эътидолро мегиранд***" [25:67].

Исроф ин ҷо ба маънои сарфи мол дар маъсият (кори гуноҳ) аст. Аммо дар қураб (корҳои савоб) исроф вуҷуд надорад. Маънои оят чунин аст: Моли худро ба корҳои гуноҳ сарф накунед ва аз корҳои мубоҳ бухл наварзед, балки ба корҳои бештар аз мубоҳот, яъне ба тоатҳо сарф намоед. Пас, сарфи мол ҷуз мубоҳот мазаммат шудааст, инчунин бухл аз мубоҳот мазаммат шудааст. Сарфи мол дар мубоҳот ва тоатҳо мадҳ шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تُسْرِفُواْ إِنَّهُ لاَ يُحِبُّ الْمُسْرِفِينَ

"***Ва исроф макунед, ки Аллоҳ исрофкоронро дӯст надорад!***" [6:141].

Ин мазаммати исроф аз тарафи Аллоҳ ба сарфи мол дар корҳои гуноҳ тааллуқ дорад ва калимаи (اَلْـمُسْرِفِيْنَ) ба маънои рӯгардонандагон аз зикри Аллоҳ омадааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَلَمَّا كَشَفْنَا عَنْهُ ضُرَّهُ مَرَّ كَأَن لَّمْ يَدْعُنَا إِلَى ضُرٍّ مَّسَّهُ كَذَلِكَ زُيِّنَ لِلْمُسْرِفِينَ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ

"***Ва чун он газандро аз ӯ дур созем, чунон мегузарад, ки гӯӣ Моро барои дафъи он газанде, ки ба ӯ расида буд, ҳаргиз нахондааст. Аъмоли исрофкорон инчунин дар назарашон ороста шудааст***" [10:12],

яъне шайтон бо васвасаи худ кори исрофкорон: рӯгардонӣ аз зикр ва пайравӣ аз шаҳватҳоро зебо нишон дод. Ин ҷо рӯгардонандагон аз зикри Аллоҳ исрофкорон номида шуд. Калимаи (اَلْـمُسْرِفِيْنَ) ба маънои касоне, ки бадиҳояшон бар некиҳояшон ғолиб омадааст, низ ворид шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

"***Бешак он чӣ шумо маро ба он даъват мекунед, ёрои онаш нест, ки дар дунёву охират касеро ба сӯи худ хонад, ҳол он ки бозгашти мо ба сӯи Аллоҳ яктост ва исрофкорон дар ҷаҳаннам бошанд***" [23:43].

Қатода гуфтааст: "Мурод аз исрофкорон мушрикон аст". Муҷоҳид гуфтааст: "Исрофкорон касонест, ки ба ноҳақ хун мерезанд". Боз мегӯянд: "Исрофкорон касонест, ки бадиҳояшон бар некиҳояшон ғолиб омадааст". Калимаи (اَلْـمُسْرِفِيْنَ) ба маънои фасодкорон низ ворид шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَاتَّقُوا اللَّهَ وَأَطِيعُونِ وَلَا تُطِيعُوا أَمْرَ الْمُسْرِفِينَ الَّذِينَ يُفْسِدُونَ فِي الْأَرْضِ وَلَا يُصْلِحُونَ

"***Пас, аз Аллоҳ битарсед ва аз ман итоат кунед! Ва фармони ин исрофкоронро мапазиред, инон, ки дар замин фасод мекунанд ва ислоҳ намекунанд***" [26:150-152].

Дар ҳамаи ин оятҳо мурод аз (اَلْإِسْرَافُ) мутлақо маънои луғавӣ нест, балки мурод маъноҳои шаръист. Вақте ки ин калима бо калимаи "инфоқ" якҷоя зикр мегардад, аз он сарфи мол дар корҳои гуноҳ ирода карда мешавад. Бинобар ин, тафсир кардани он ба маънои луғавӣ ҷоиз нест. Зеро Аллоҳ бо ин калима маънои шаръии муайянро ирода кардааст. Маънои шаръии табзир низ сарфи мол дар корҳои ҳаром мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تُبَذِّرْ تَبْذِيرً إِنَّ الْمُبَذِّرِينَ كَانُواْ إِخْوَانَ الشَّيَاطِينِ وَكَانَ الشَّيْطَانُ

"***Ва ҳеҷ исрофкорӣ макун. Исрофкорон ба шаётин бародаранд***" [17:26-27],

яъне ҳамтоёни шайтонҳо дар бадӣ. Ин ғояти мазаммат ба ҳисоб меравад, зеро бадтар аз шайтон вуҷуд надорад. Табзир ин ҷо барбод додани мол ба кори ношоиста мебошад. Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфтааст: "***Табзир сарфи мол дар кори ноҳақ аст***". Муҷоҳид гуфтааст: "***Агар як мудд дар ботил сарф шавад,***

***табзир ба ҳисоб меравад***". Ибни Аббос дар бораи табзиркунанда гуфтааст: "***Табзиркунанда касест, ки ба кори ноҳақ сарф мекунад***". Қатода гуфтааст: "***Табзир сарфи мол дар маъсияти Аллоҳ, кори ноҳақ ва гуноҳ (фасод) аст***". Ин суханҳоро Табарӣ дар тафсири худ овардааст. Ин ҳама далолат мекунад, ки мурод аз исроф ва табзир сарфи мол дар чизест, ки Аллоҳ онро ҳаром гардондааст. Пас, сарфи мол дар ҳар гуна чизе, ки шариат онро ҳаром гардондааст, сарфи мол ба ғайри ҳақ ба ҳисоб меравад ва манъ кардани анҷомдиҳандаи ин кор аз тасарруф воҷиб аст. Садақа, тӯҳфа, байъ ва никоҳи касе, ки аз тасарруф боздошта мешавад, намегузарад. Адо кардани ҳар чӣ, ки ӯ қарз мегирад, ба ӯ лозим намешавад ва барои ин қарз нисбат ба ӯ ҳукм бароварда намешавад. Ҳар коре, ки пеш аз манъ кардани қозӣ, яъне пеш аз боздошта шудан аз тасарруф анҷом додааст, мегузарад. Аммо наҳй дар қавли зерини Аллоҳ Таоло:

وَلاَ تَجْعَلْ يَدَكَ مَغْلُولَةً إِلَى عُنُقِكَ وَلاَ تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ فَتَقْعُدَ مَلُومًا مَّحْسُورًا

"***На дасти худ аз рӯи хасисӣ ба гардан бубанд ва на ба саховат якбора бикушой, ки дар ҳар ду ҳол маломатзадаву ҳасратхӯрда бинишинӣ***" [17:29]

на ба дасткушодӣ, балки ба дасткушодии мутлақ мансуб аст. Пас, Аллоҳ аз дасткушодӣ (саховат), яъне сарфи моли зиёд дар ҳалол бознадоштааст. Вале аз дасткушодии мутлақ наҳй кардааст. Маъруф аст, ки саховат сарфи моли зиёд мебошад, зеро он дасткушодӣ аст. Бинобар ин, мавҷуд набудани наҳй аз дасткушодӣ далели он аст, ки дасткушодӣ сарфи мол дар ҳалол мебошад. Ҳамин тавр, равона шудани наҳй ба дасткушодии мутлақ далели он аст, ки наҳй ба он чӣ, ки аз дасткушодии мубоҳ меафзояд, мансуб аст. Бинобар ин, наҳй ба сарфи мол дар ҳаром мансуб мегардад.

Ин аз ҷиҳати далел аст. Аммо аз ҷиҳати воқеи сарфи мол чунин аст, ки муқаррар кардани сарфи кам ё зиёд аз тарафи сарфкунанда нисбат ба сатҳи зиндагии кишвари ӯ гуногун мебошад (фарқ

мекунад). Ин ҷо кишварҳое ҳаст, ки фард дар он эҳтиёҷоти асосиашро пурра қонеъ намегардонад ва сарфи мол ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти камолӣ аз тарафи фард сарфи зиёд ба ҳисоб меравад, чунон ки ин ҳолат дар аксар кишварҳои исломӣ ба назар мерасад. Ин ҷо кишварҳое ҳаст, ки фард дар он эҳтиёҷоти асосиашро пурра қонеъ мегардонад, инчунин эҳтиёҷоти камолиашро, монанди яхдон, мошини ҷомашӯӣ, мошини сабукрав ва ғайра, ки бо пешрафти маданият нисбат ба ӯ ба эҳтиёҷоти зарурӣ табдил ёфтааст, қонеъ мегардонад. Сарфи мол ба ин эҳтиёҷоти камолӣ аз тарафи фард дар ин кишварҳо сарфи зиёд ба ҳисоб намеравад. Агар маънои луғавии исроф ва табзир ба эътибор гирифта шавад, ин далолат мекунад, ки ҳукми шаръӣ чунин бошад: Ҳар гуна сарфи мол ба он чӣ, ки аз қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ меафзояд, ҳаром аст. Пас, харидани яхдон, мошини ҷомашӯӣ ва мошини сабукрав, ҳаром аст. Зеро ин аз эҳтиёҷоти асосӣ меафзояд (зиёдатӣ аст). Ё ҳукми шаръӣ чунин мешавад: Сарфи мол ба ин эҳтиёҷот дар баъзе кишварҳо ё барои баъзе мардум ҳаром ва дар баъзе кишварҳо ё барои баъзе мардум ҳалол мебошад. Ҳамин тавр, ҳукми шаръӣ дар хусуси як чиз бе ягон иллат гуногун мешавад (фарқ мекунад), ки ин ҷоиз нест. Зеро ҳукми шаръӣ дар як масъала ягона мебошад ва тағйир намеёбад. Илова бар ин, Аллоҳ ба истеъмол ва истифодаи ашёҳо мутлақ рухсат дод ва бо сарфи кам ё зиёд муқайяд накард. Пас, чӣ тавр метавон сарфи зиёдро ҳаром эътибор кард? Агар Аллоҳ сарфи зиёдро дар ашёи ҳалол ҳаром гардонад ва худи ин ашёро ҳалол гардонад, ин далолат мекунад, ки Аллоҳ ин чизро дар як вақт ҳам ҳалол ва ҳам ҳаром гардондааст. Масалан, Аллоҳ истифодаи ҳавопаймои хусусиро ҳалол мегардонад ва харидани ин ҳавопайморо, вақте ки он барои шахс сарфи зиёд эътибор карда мешавад, ҳаром мегардонад. Ин гуна зиддият ҷоиз нест. Бинобар ин, тафсир кардани исроф ва табзир бо маънои луғавӣ ҷоиз нест, балки тафсир кардани ҳар ду калима бо маънои шаръӣ, ки дар матнҳои оятҳо ва дар суханҳои баъзе саҳобагон ва баъзе олимони мӯътабарқавл омадааст, воҷиб мегардад.

б) Ислом фардро аз тараф (35) боздошт ва тарафро гуноҳ эътибор кард, инчунин мутрафин (36)-ро бо азоб тарсонид. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَصْحَابُ الشِّمَالِ مَا أَصْحَابُ الشِّمَالِ فِي سَمُومٍ وَحَمِيم وَظِلٍّ مِّن يَحْمُومٍ لَّا بَارِدٍ وَلَا كَرِيمٍ إِنَّهُمْ كَانُوا قَبْلَ ذَلِكَ مُتْرَفِينَ

"***Аммо асҳоби шақоват, асҳоби шақоват чӣ ҳол доранд? Дар боди самум ва оби ҷӯшонанд, дар сояе аз дуди сиёҳ, на сарду на хуш. Инон пеш аз ин мутрафин (дар нозу неъмат) буданд***" [56:41-45],

яъне носипосону ҳавобаландоне буданд, ки кори дилхоҳро анҷом медоданд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

حَتَّى إِذَا أَخَذْنَا مُتْرَفِيهِم بِالْعَذَابِ إِذَا هُمْ يَجْأَرُونَ

"***То он гоҳ ки нозпарвардагонашонро ба азоб гирифтор кунем ва нола сар диҳанд***" [23:64].

(مُتْرَفِيهِمْ) ин ҷо саркашон, носипосон ва ҳавобаландони онҳо мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَا أَرْسَلْنَا فِي قَرْيَةٍ مِّن نَّذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُم بِهِ كَافِرُونَ وَقَالُوا نَحْنُ أَكْثَرُ أَمْوَالًا وَأَوْلَادًا وَمَا نَحْنُ بِمُعَذَّبِينَ

"***Мо кадом бимдиҳандае ба деҳае фиристодем, тавонгарони бо айшу ишраташ гуфтанд: "Мо ба он чӣ шуморо ба он фиристодаанд, имон намеоварем". Ва гуфтанд: "Молҳову авлоди мо аз ҳама бештар аст ва касе моро азоб накунад***"" [34:34-35],

яъне мутакаббирон бо сабаби зиёдии амволу авлод ба мӯъминон гуфтанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاتَّبَعَ الَّذِينَ ظَلَمُواْ مَا أُتْرِفُواْ فِيهِ

"***Золимон аз пайи осудагиву лаззатҳои дунявӣ рафтанд***" [11:116].

Мурод ин ҷо аз қавли Аллоҳ Таоло: (**مَآ أُتْرَفُوا فِيهِ**) ғарқ шудан ба шаҳватҳо, яъне пайравӣ аз шаҳватҳо мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**وَإِذَا أَرَدْنَا أَن نُّهْلِكَ قَرْيَةً أَمَرْنَا مُتْرَفِيهَا فَفَسَقُواْ فِيهَا**

"***Чун бихоҳем қарияеро ҳалок кунем, мутрафини онро бияфзоем, то дар он ҷо табаҳкорӣ кунанд***" [17:16].

Мурод ин ҷо аз (**مُتْرَفِيْهَا**) саркашонест, ки дар неъмат зиндагӣ мекунанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**وَأَتْرَفْنَاهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا**

"***Ва дар ин дунёяшон айшу неъмат дода будем***" [23:33],

яъне онҳоро бо бедодгарӣ ва носипосиашон хушҳол сохтем, яъне ба носипосон табдил додем.

(**اَلتَّرَفُ**) дар луғат носипосӣ (масту мағрур шудан аз молу сарвати зиёд) ва бузургманишӣ (фахрфурӯшӣ) аз зиндагии фаровон мебошад. Мегӯянд: (**تَرَفَهُ وأَتْرَفَهُ الْـمَـالَ**), яъне мол ӯро масту мағрур сохт, мол ӯро вайрон кард. (**أَتْرَفَ الرَّجُلُ**) исрор кардани мард дар бедодгарӣ мебошад. (**اِسْتَتْرَفَ**) бедодгарӣ ва бузургманишӣ аст. Бинобар ин, аён мегардад, ки "тараф", ки онро Қуръон мазаммат ва Аллоҳ ҳаром кардааст, инчунин гуноҳ донистааст, "тараф"-ест, ки маънояш дар луғат омадааст ва ин маъно носипосӣ аз зиндагии фаровон ва бузургманишӣ аз зиндагии фаровон аст, на худи зиндагии фаровон. Бинобар ин, тафсир кардани "тараф" ба маънои лаззат бурдан аз мол ва баҳраманд шудан аз ризқи Аллоҳ хатост, зеро ин баҳраманд шудан ва лаззат бурдан бо ризқи Аллоҳ аз ҷониби шариат мазаммат карда намешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللّهِ الَّتِيَ أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالْطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ

"***Бигӯ: "Чӣ касе либосҳоеро, ки Аллоҳ барои бандагонаш падид оварда ва хӯрданиҳои хуштаъмро ҳаром кардааст?***"" [7:32].

Тирмизӣ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ اللهَ يُحِبُّ أَنْ يَرَى أَثَرَ نِعْمَتِهِ عَلَى عَبْدِهِ"

"***Аллоҳ дӯст медорад, ки нишонаи неъматашро дар бандааш бубинад***",

яъне дӯст медорад, ки банда аз неъмати Аллоҳ лаззат барад, аз хушиҳое, ки Парвардигори олам ба ӯ додааст, баҳра гирад. Вале Аллоҳ бад мебинад, ки банда аз зиндагии фаровон масту мағрур гардад, бузургманишӣ кунад ва ба бедодгарӣ даст занад. Бо ибораи дигар, зиндагии фаровонро, вақте ки натиҷаи он носипосӣ, бедодгарӣ, бузургманишӣ ва саркашӣ бошад, бад мебинад. Азбаски зиндагии фаровон бо мол дар баъзе мардум боиси пайдо шудани такаббур, бузургманишӣ (фахрфурӯшӣ) ва мастӣ мегардад, яъне дар ин мардум тараф ба вуҷуд меояд, Ислом ин тарафро манъ ва ҳаром кард. Бо ибораи дигар, фасодро, вақте ки он аз зиёдии амволу авлод ба вуҷуд меояд ва шахсро ба носипос, бедодгар ва бузургманиш табдил медиҳад, манъ кард ва дар шакли шадидтарин ҳаром гардонид. Вақте ки тарафро ҳаром мегӯянд, ин далолат намекунад, ки зиндагии фаровон ҳаром аст, балки далолат мекунад, ки носипосӣ, ки аз зиндагии фаровон бо мол пайдо мешавад, ҳаром аст, чунон ки маънои "тараф" дар луғат ҳамин аст ва чунон ки ин маънои "тараф" аз оятҳои Қуръон фаҳмида мешавад.

в) Ислом ба фард тақтирро (хасисиро) нисбат ба худ ва маҳрум сохтани худро аз матои машрӯъ манъ кардааст ва лаззат бурданро аз хушиҳое, ки ба ӯ ризқ дода мешавад ва гирифтани зинати муносибро ҳалол гардондааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تَجْعَلْ يَدَكَ مَغْلُولَةً إِلَى عُنُقِكَ وَلاَ تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ فَتَقْعُدَ مَلُومًا مَّحْسُورًا

"*На дасти худ аз рӯи хасисӣ ба гардан бубанд ва на ба саховат якбора бикушой, ки дар ҳар ду ҳол маломатзадаву ҳасратхӯрда бинишинӣ*" [17:29],

وَالَّذِينَ إِذَا أَنفَقُوا لَمْ يُسْرِفُوا وَلَمْ يَقْتُرُوا وَكَانَ بَيْنَ ذَلِكَ قَوَامًا

"*Ва онон, ки чун ҳазина мекунанд, исроф намекунанд ва бухл меварзанд, балки миёни ин ду роҳи эътидолро мегиранд*" [25:67],

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللّهِ الَّتِيَ أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالْطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ

"*Бигӯ: "Чӣ касе либосҳоеро, ки Аллоҳ барои бандагонаш падид оварда ва хӯрданиҳои хуштаъмро ҳаром кардааст?*"" [7:32].

Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"إِنَّ اللهَ يُحِبُّ أَنْ يَرَى أَثَرَ نِعْمَتِهِ عَلَى عَبْدِهِ"

"*Аллоҳ дӯст медорад, ки нишонаи неъматашро дар бандааш бубинад*".

Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст. Пайғамбар (с) боз гуфтаанд:

"إِذَا آتَاكَ اللهُ مَالًا، فَلْيُرَ أَثَرُ نِعْمَةِ اللهِ وَكَرَامَتِهِ"

"*Агар Аллоҳ ба ту мол диҳад, бигзор, нишонаи неъмату кароматии Аллоҳро дар ту бубинанд*".

Инро Ҳоким аз Волид Абулаҳвас ривоят кардааст. Фард, вақте ки мол дорад, вале онро аз худ бахилӣ мекунад, дар назди Аллоҳ Таоло гунаҳкор мешавад. Агар аз касоне, ки нафақаашон ба ӯ воҷиб аст, бухл варзад, илова бар гунаҳкор шудан дар назди Аллоҳ давлат бояд ӯро маҷбур созад, то ба оилаи худ, ки нафақаашон ба ӯ воҷиб аст, сарф намояд, то фаровонии ин сарф таъмин гардад ва барои онҳо сатҳи хуши зиндагӣ имконпазир бошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِ

"***Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад***" [65:7],

أَسْكِنُوهُنَّ مِنْ حَيْثُ سَكَنتُم مِّن وُجْدِكُمْ وَلَا تُضَارُّوهُنَّ لِتُضَيِّقُوا عَلَيْهِنَّ وَإِن كُنَّ أُولَاتِ حَمْلٍ فَأَنفِقُوا عَلَيْهِنَّ

"***Ҳар ҷо, ки худ сукунат гузинед, онҳоро низ ба қадри тавонии худ маскан диҳед. Ва то бар онҳо танг гиред, маёзоредашон***" [65:6].

Вақте ки фард нисбат ба касоне, ки нафақаашон ба ӯ воҷиб аст, бухл меварзад, ин касон (ҳақдорони нафақа) метавонанд аз мол ба миқдоре, ки ба онҳо кифоя мекунад, аз рӯи урф (дар шакли маъруф) бигиранд. Бухорӣ ва Аҳмад аз Оиша (р) ривоят кардаанд, ки Ҳинд бинти Утба гуфтааст:

" يَا رَسُولَ اللهِ إِنَّ أَبَا سُفْيَانَ رَجُلٌ شَحِيحٌ، وَلَيْسَ يُعْطِينِى مَا يَكْفِينِى وَوَلَدِى إِلاَّ مَا أَخَذْتُ مِنْهُ وَهُوَ لاَ يَعْلَمُ، فَقَالَ: خُذِى مَا يَكْفِيكَ وَوَلَدَكَ بِالْـمَعْرُوفِ"

"***Ё Расулаллоҳ, Абӯсуфён одами хасис аст, молеро, ки барои ману фарзандам кифоя мекунад, намедиҳад, магар ба тарзи пинҳонӣ аз молаш гирам***".

Пайғамбар (с) гуфтанд: "***Молеро, ки ба ту ва фарзандат кифоя мекунад, аз рӯи урф бигир***".

Дар ин ҳадис Пайғамбар (с) ба Ҳинд ҳуқуқ доданд, ки агар шавҳараш надиҳад, аз молаш ба тарзи пинҳонӣ бигирад. Зеро ин ба шавҳараш фарз мебошад. Қозӣ бояд ин нафақаро ба зан таъйин намояд. Чунон ки адои нафақа ба касе, ки нафақадиҳӣ ба ӯ воҷиб аст, ба нафақагир низ сарфи нафақа ба ҷиҳати таъйиншуда воҷиб мебошад. Масалан, агар барои фарзандон нафақа таъйин гардад ва фармуда шавад, ки нафақа ба модар, модаркалон ё каси дигар, ки фарзандонро тарбия мекунад, пардохта шавад, ба нафақагир (модар, модаркалон ва ғайра) сарф кардани нафақа ба фарзандон

воҷиб аст. Агар ба фарзандон сарф накунад, қозӣ ӯро ба сарфи он маҷбур месозад.

**Фақр (37)**

(اَلْفَقْرُ) дар луғат ниёз аст. (فَقَرَ) ва (اِفْتَقَرَ)-ро зидди (38(اِسْتَغْنَى) мегӯянд ва маънои (اِفْتَقَرَ إِلَيْهِ) "ниёзманд шуд" мебошад. Ниёзмандро (فَقِيرٌ) мегӯянд ва ҷамъи он (فُقَرَاءُ) аст. (أَفْقَرَهُ) зидди (39(أَغْنَاهُ) мебошад. (اَلْفَقْرُ) масдар ва зидди (40(اَلْغِنَى) аст. Фақр ин аст, ки инсон ниёз дорад ва он чиро, ки ба ӯ кифоя кунад, надорад. Фақир дар шариат мӯҳтоҷи бечораҳол аст, ки наметалбад. Муҷоҳид гуфтааст: "Фақир касест, ки наметалбад". Ҷобир ибни Зайд низ гуфтааст: "Фақир касест, ки наметалбад". Икрима гуфтааст: "Фақир заиф мебошад". Аллоҳ Таоло мегӯяд:

رَبِّ إِنِّي لِمَا أَنزَلْتَ إِلَيَّ مِنْ خَيْرٍ فَقِيرٌ

"***Эй Парвардигори ман, ман ба он неъмате, ки бароям мефиристӣ, ниёзмандам***" [28:24],

яъне ба ҳар некие, ки барои ман нозил мекунӣ, чи кам ва чи беш фақирам, яъне мӯҳтоҷам. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَطْعِمُوا الْبَائِسَ الْفَقِيرَ

"***Бенавоёни фақирро низ итъом кунед***" [22:28],

яъне ба бенавое, ки ба ӯ тангдастӣ, яъне мӯҳтоҷӣ расидааст ва фақире, ки нодорӣ ӯро заиф сохтааст, таом диҳед. Ҳама ояту асарҳо далолат мекунад, ки фақр ниёз аст. Он чӣ, ки ба тафсилоти он ҳоҷат ҳаст, маънои ниёзу эҳтиёҷ мебошад.

Дар низоми иқтисодии капиталистӣ фақрро на мусаммои собиту тағйирнопазири чизи муайян, балки як чизи нисбӣ медонанд. Мегӯянд, ки фақр оҷизӣ аз қонеъгардонии эҳтиёҷоти худ бо коло ва хизматрасониҳо мебошад. Эҳтиёҷот баробари пешрафти маданият меафзояд ва навбанав мешавад. Бинобар ин, қонеъ

гардондани эҳтиёҷот аз рӯи ашхос ва умматҳо гуногун мешавад. Дар умматҳои ақибмонда эҳтиёҷоти фардҳо маҳдуд аст. Аз ин рӯ, метавон онро бо коло ва хизматрасониҳои зарурӣ қонеъ гардонид. Вале дар умматҳои мутараққӣ, мутамаддин ва аз ҷиҳати моддӣ пешқадам эҳтиёҷот зиёд аст. Пас, қонеъ гардонидани он коло ва хизматрасониҳои бештарро талаб мекунад. Аз ин рӯ, фақрро дар ин умматҳо чунон таъбир мекунанд, ки аз таъбири фақр дар кишварҳои ақибмонда фарқ мекунад. Масалан, қонеъ нагардондани яке аз эҳтиёҷоти камолӣ дар Аврупо ва Амрико фақр ба ҳисоб меравад, вале қонеъ нагардондани эҳтиёҷоти камолӣ дар баробари қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ дар Миср ё Ироқ фақр ба ҳисоб намеравад. Ин нигоҳи низоми иқтисодии капиталистӣ хатост. Зеро ин гуна нигоҳ маънои ашёро аз ҳақиқат ба нисбият табдил медиҳад, ки ин кор хатост. Зеро чиз воқеи ҳақиқии худро дорад ва бо ин воқеъ дониста мешавад. Он чизи нисбӣ нест, ки воқеъ надошта бошад. Илова бар ин, қонунгузорие, ки барои инсон гузошта шудааст, модом ки барои инсон на бо васфи фард, балки бо васфи инсон омадааст, бо гуногун шудани афрод низомро гуногун намекунад. Агар давлат дар Испания ба фардҳо ҳукм кунад ва Яман ба фардҳо ҳукм кунад, фарқ кардани назари он нисбат ба фақр дар як кишвар аз кишвари дигар нодуруст аст. Зеро ҳамаи онҳо инсонанд, ки муолиҷа барои мушкилоти ҳамин инсон омадааст.

Ислом фақрро нисбат ба инсон дар ҳар гуна кишвар ва дар ҳар гуна насл бо таъбири ягона таъбир мекунад. Пас, фақр дар назари Ислом пурра қонеъ нашудани эҳтиёҷоти асосӣ мебошад. Шариат эҳтиёҷоти асосиро бо се чиз: хӯрок, пӯшок ва маскан муайян кард. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَعلَى الْمَوْلُودِ لَهُ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ لاَ تُكَلَّفُ نَفْسٌ إِلاَّ وُسْعَهَا لاَ تُضَآرَّ وَالِدَةٌ بِوَلَدِهَا وَلاَ مَوْلُودٌ لَّهُ بِوَلَدِهِ وَعَلَى الْوَارِثِ مِثْلُ ذَلِكَ

"***Хӯроку либоси онон (модарон) ба ваҷҳе накӯ бар ӯҳдаи соҳиби фарзанд аст ва ҳеҷ кас беш аз қудраташ мукаллаф***

***намешавад. Набояд ҳеҷ модаре ба хотири фарзандаш зиёне бубинад ва ҳеҷ падаре ба хотири фарзандаш. Ва ворис низ чунин бар ӯҳда дорад***" [2:233],

أَسْكِنُوهُنَّ مِنْ حَيْثُ سَكَنتُم مِّن وُجْدِكُمْ

"***Ҳар ҷо, ки худ сукунат гузинед, онҳоро низ ба қадри тавонии худ маскан диҳед***" [65:6].

Ибни Моҷа аз Абулаҳвас ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"أَلاَ وَحَقُّهُنَّ عَلَيْكُمْ أَنْ تُحْسِنُوا إِلَيْهِنَّ فِي كِسْوَتِهِنَّ وَطَعَامِهِنَّ"

"***Огоҳ бошед, ки ҳаққи онҳо дар дӯши шумо таъминкунӣ бо хӯроку пӯшоки хуб мебошад***".

Пас, эҳтиёҷоти асосӣ, ки қонеъ нашудани он фақр ба ҳисоб меравад, хӯрок, пӯшок ва маскан мебошад. Эҳтиёҷоти дигар эҳтиёҷоти камолӣ ба ҳисоб меравад. Касе, ки дар баробари қонеъ гардондани эҳтиёҷоти асосиаш эҳтиёҷоти камолиашро қонеъ намегардонад, фақир нест. Зеро фақр ба маънои исломӣ норасоии он чизест, ки эҳтиёҷоти асосиро қонеъ мегардонад ва ин боиси ақибмондагиву ҳалокати уммат мегардад. Ислом фақрро ваъдаи шайтон номид. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الشَّيْطَانُ يَعِدُكُمُ الْفَقْرَ

"***Шайтон шуморо аз бенавоӣ метарсонад***" [2:268].

Ислом фақрро заъфу нотавонӣ эътибор кард ва ба илтифот (муносибати хайрхоҳона) нисбат ба фақирон фармуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِن تُبْدُواْ الصَّدَقَاتِ فَنِعِمَّا هِيَ وَإِن تُخْفُوهَا وَتُؤْتُوهَا الْفُقَرَاء فَهُوَ خَيْرٌ لُّكُمْ

"***Агар ошкоро садақа диҳед, коре накӯст ва агар дар ниҳон ба бенавоён садақа диҳед, накӯтар аст***" [2:271],

وَأَطْعِمُوا الْبَائِسَ الْفَقِيرَ

"***Бенавоёни фақирро низ итъом кунед***" [22:28].

Ислом қонеъгардонӣ ва таъмини эҳтиёҷоти асосии касеро, ки ба ин кор қодир нест, фарз гардонид. Агар фард худро таъмин карда тавонад, хуб аст. Агар бо сабаби мавҷуд набудани моли кофӣ дар дасташ ё мавҷуд набудани имконияти ҳусули моли кофӣ худро таъмин карда натавонад, шариат кӯмак расонданро ба каси дигар гузошт, то он чиро, ки эҳтиёҷоти асосиро қонеъ мегардонад, барои ӯ таъмин намояд. Шариат дар ин ашё батафсил баён кардааст, ки чӣ гуна ба фард кӯмак расонида мешавад. Пас, кӯмакрасониро ба наздикони меросхӯр воҷиб гардонид. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَعلَى الْمَوْلُودِ لَهُ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ لاَ تُكَلَّفُ نَفْسٌ إِلاَّ وُسْعَهَا لاَ تُضَآرَّ وَالِدَةٌ بِوَلَدِهَا وَلاَ مَوْلُودٌ لَّهُ بِوَلَدِهِ وَعَلَى الْوَارِثِ مِثْلُ ذَلِكَ

"***Хӯроку либоси онон (модарон) ба ваҷҳе накӯ бар ӯҳдаи соҳиби фарзанд аст ва ҳеҷ кас беш аз қудраташ мукаллаф намешавад. Набояд ҳеҷ модаре ба хотири фарзандаш зиёне бубинад ва ҳеҷ падаре ба хотири фарзандаш. Ва ворис низ чунин бар ӯҳда дорад***" [2:233],

яъне ворис низ дар таъмини хӯроку пӯшок мисли падар аст. Мурод аз ворис вориси билфеъл нест, балки касест, ки ба мерос ҳақ дорад. Агар фардро наздиконе набошад, ки Аллоҳ нафақаи ӯро ба онҳо воҷиб гардондааст, нафақаи ӯ ба байтулмол, яъне ба боби закот мегузарад. Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ تَرَكَ مَالاً فَلِوَرَثَتِهِ، وَمَنْ تَرَكَ كَلاًّ فَإِلَيْنَا"

"***Ҳар кас мол гузорад, ба ворисони ӯст, ҳар кас нотавонро гузорад, дар дӯши мост***".

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Мурод аз (اَلْكَلُّ) нотавонест, ки на фарзанд дорад ва на падар. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاء وَالْمَسَاكِينِ

"***Садақот барои фақирон ва мискинон аст***" [9:60].

Агар қисми закоти байтулмол ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти фақирону мискинон кифоя накунад, ба давлат воҷиб аст, ки аз бобҳои дигари байтулмол ба онҳо сарф намояд. Агар дар байтулмол мол мавҷуд набошад, ба давлат воҷиб аст, ки ба молҳои сарватмандон андоз бандад ва молро пайдо кунад, то аз он ба фақирону мискинон сарф намояд. Зеро нафақа ба наздикон фарз аст, агар онҳо мавҷуд набошанд, ба воридоти закот, агар он мавҷуд набошад, ба байтулмол ва агар дар он мавҷуд набошад, ба тамоми мусулмонон фарз мегардад. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"أَيُّمَا أَهْلُ عُرْصَةٍ، أَصْبَحَ فِيهِمُ امْرُؤٌ جَائِعٌ، فَقَدْ بَرِئَتْ مِنْهُمْ ذِمَّةُ اللهِ تَبَارَكَ وَتَعَالَى"

"***Аз маҳаллае, ки марде дар он шабро дар ҳоли гурусна мегузаронад, зиммаи Аллоҳ Таборака ва Таоло бардошта мешавад***".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Пайғамбар (с) аз Парвардигор Азза ва Ҷалла ривоят кардаанд:

"مَا آمَنَ بِي مَنْ بَاتَ شَبْعَانَ، وَجَارُهُ جَائِعٌ إِلَى جَنْبِهِ وُهُوَ يَعْلَمُ بِهِ"

"***Касе, ки дар ҳоли сер шабро гузаронаду ҳамсояаш дар паҳлӯи ӯ гурусна бошад ва ӯ инро донад, ба Ман имон наовардааст***".

Ин ҳадисро Баззор аз Анас ривоят кардааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَفِي أَمْوَالِهِمْ حَقٌّ لِّلسَّائِلِ وَالْمَحْرُومِ

"***Ва дар амволашон барои соилу маҳрум ҳаққе буд***" [51:19].

Пайғамбар (с) низ ансориёнро ба таъмин кардани муҳоҷирони фақир фармуданд. Ин далолат мекунад, ки кори мазкур ба тамоми мусулмонон фарз аст, то фақиронро таъмин намоянд. Он чӣ, ки ба тамоми мусулмонон фарз аст, ба халифа фарз аст. Зеро нигоҳубини корҳои уммат ба халифа воҷиб аст, то барои адои ин

фарз аз мусулмонон мол пайдо кунад. Он гоҳ фарз аз дӯши мусулмонон ба дӯши байтулмол мегузарад ва байтулмол бо таъмин кардани фақирону мискинон ин фарзро адо мекунад.

Ин дар бораи фақир ва мискине аст, ки барояш нафақа воҷиб мебошад. Зеро фақир ва мискин аввало ба пайдо кардани нафақа маҷбур карда мешавад. Агар аз ӯҳдаи ин кор набарояд, хешованди ӯ, ки ворис ба ҳисоб меравад, яъне дар дараҷаи қаробате мебошад, ки Қуръон онро барои воҷибияти нафақа зикр кардааст, ба сарфи мол ба ӯ маҷбур карда мешавад. Агар хешовандаш низ аз ӯҳдаи ин набарояд ё ӯро хеше набошад, ба боби закоти байтулмол, сипас ба байтулмол, сипас ба тамоми мусулмонон мегузарад, то моли кофӣ барои фақирону мискинон пайдо шавад.

Аммо нисбат ба хешовандоне, ки нафақаи фақир ва мискин ба ӯ воҷиб мегардад, чунин аст, ки нафақа танҳо ба сарватманд воҷиб мегардад, яъне ба касе, ки аз дигарон бениёз аст. Шахс, агар аз ҷумлаи касоне бошад, ки аз онҳо садақа талаб карда мешавад, сарватманд ба ҳисоб меравад. Агар аз ҷумлаи касоне бошад, ки аз садақадиҳӣ наҳй шудааст, сарватманд ба ҳисоб намеравад. Бухорӣ аз Саид ибни Мусайяб ва ӯ аз Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"خَيْرُ الصَّدَقَةِ مَا كَانَ عَنْ ظَهْرِ غِنًى"

"***Беҳтарин садақа баъд аз бениёзӣ аст***".

(**41**(اَلْغِنَى)он чизест, ки инсон бо он аз моле, ки ба қонеъ гардондани эҳтиёҷоташ кифоя мекунад, бениёз мегардад. Фақеҳон мегӯянд: "(اَلْغِنَى) ҳолатест, ки мард ва оилаи ӯ мисли амсолони худ бо хӯрок, пӯшок, маскан ва маркаб таъмин мешавад". Ин чизест, ки дар луғат ба он исми (غِنًى) барои бениёзии фард аз мардум истифода шудааст. Дар луғат гуфта мешавад: ( أَغْنَى غِنَاءً الرَّجُلَ) – "***мардро қонеъ ва таъмин кард***". Аз ин рӯ, нафақаи

фақиру мискин танҳо ба касе, ки аз дигарон бениёз аст, яъне ба доро воҷиб мегардад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِ وَمَن قُدِرَ عَلَيْهِ رِزْقُهُ فَلْيُنفِقْ مِمَّا آتَاهُ اللَّهُ

"***Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад ва касе, ки тангдаст бошад, аз ҳар чӣ Аллоҳ ба ӯ додааст, нафақа диҳад***" [65:7].

Муслим аз Ҷобир ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" ابْدَأْ بِنَفْسِكَ فَتَصَدَّقْ عَلَيْهَا، فَإِنْ فَضَلَ شَيْءٌ فَلِأَهْلِكَ، فَإِنْ فَضَلَ عَنْ أَهْلِكَ شَيْءٌ فَلِذِي قَرَابَتِكَ، فَإِنْ فَضَلَ عَنْ ذِي قَرَابَتِكَ شَيْءٌ فَهٰكَذَا وَهٰكَذَا، يَقُولُ فَبَيْنَ يَدَيْكَ، وَعَنْ يَمِينِكَ، وَعَنْ شِمَـالِكَ"

"***Аз худ оғоз намо ва ба худ садақа кун. Агар чизе зиёдатӣ кунад, ба оилаи худ, агар чизе аз оилаат зиёдатӣ кунад, ба хешовандони худ, агар чизе аз хешовандонат зиёдати кунад, ба ҳамин тариқ ба касе, ки дар назди туянд, ба касе, ки дар ҷониби ростат аст, ба касе, ки дар ҷониби чапат аст, садақа кун***".

Сарфи инсон ба худ таъмин кардани худ аст, то эҳтиёҷоташ, ки қонеъгардониро талаб мекунад, таъмин гардад. Ин эҳтиёҷот танҳо аз эҳтиёҷоти асосӣ иборат нест. Зеро шариат ба ӯ нафақаи занашро аз рӯи урф (дар шакли маъруф) воҷиб гардонд ва баён кард, ки нафақа аз рӯи ҳолати ин зан ва амсолонаш бошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَعلَى الْمَوْلُودِ لَهُ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ

"***Хӯроку либоси онон (модарон) ба ваҷҳе накӯ***" [2:233].

Бинобар ин, сарфи инсон ба худ низ аз рӯи урф мебошад, на аз рӯи кифоят. Пайғамбар (с) ба Ҳинд – зани Абӯсуфён гуфтанд:

"خُذِى مَا يَكْفِيكِ وَوَلَدَكِ بِالْـمَعْرُوفِ"

"***Он чиро, ки ба ту ва фарзандат кифоя мекунад, аз рӯи урф бигир***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ва Аҳмад ривоят кардаанд. Пайғамбар (с) танҳо (مَا يَكْفِيْكِ) – "***он чиро, ки ба ту кифоя мекунад***" нагуфтанд, балки калимаи (بِالْـمَعْرُوفِ) – "***аз рӯи урф***"-ро илова карданд. Ин далолат мекунад, ки мурод он чӣ аст, ки аз рӯи мақбули хосу омм дар бораи ҳолати модару фарзанд ва амсолонашон ба ҳар ду кифоя мекунад. Пас, бениёзии инсон, ки мавҷуд будани он барои воҷиб шудани нафақа дар дӯши ӯ лозим аст, натанҳо бо он чӣ, ки ба эҳтиёҷоти асосиаш кифоя мекунад, балки бо он чӣ, ки ба эҳтиёҷоти асосӣ ва ба эҳтиёҷоти дигараш, ки дар байни мардум аз эҳтиёҷоти ӯ дониста мешавад, кифоя мекунад, муқаррар карда мешавад. Ин бо миқдоре муқаррар карда намешавад, балки ба шахс ва сатҳи зиндагии ӯ гузошта мешавад. Баъзе фақеҳон эҳтиёҷотеро, ки моли беш аз он бениёзӣ ба ҳисоб меравад, бо панҷ чиз муқаррар кардаанд: хӯрок, пӯшок, маскан, издивоҷ ва маркаб барои адои эҳтиёҷоти дур. Вале ба ин насси сареҳ наомадааст, балки аз рӯи урф гирифта мешавад. Аз ин рӯ, бениёзӣ бо он чӣ, ки аз қонеъгардонии эҳтиёҷоти фард аз рӯи урф зиёдатӣ аст, муқаррар мегардад. Агар ин гуна моли зиёдатӣ дошта бошад, нафақаи фақиру мискин ба ӯ воҷиб мегардад, дар акси ҳол на. Хулоса, фақире, ки нафақаи ӯ воҷиб аст, касест, ки эҳтиёҷоти асосиаш қонеъ намегардад, яъне касе, ки ба хӯрок, пӯшок ва маскан эҳтиёҷ дорад. Аммо ғанӣ (сарватманд), ки нафақа ба ӯ воҷиб мегардад ва таклифҳои молӣ, ки ба тамоми мусулмонон воҷиб аст, ба ӯ низ воҷиб мегардад, молики он чӣ аст, ки аз қонеъгардонии эҳтиёҷоташ аз рӯи урф зиёдатӣ мекунад, натанҳо аз қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ. Ин аз рӯи ҳолати ӯ ва мардуми амсоли ӯ муқаррар карда мешавад.

# МОЛИКИЯТИ УМУМӢ

Моликияти умумӣ изни Шореъ ба ҷамоат дар истифодаи муштарак аз айн мебошад. Айнҳое, ки моликияти умумӣ дар он муқаррар шудааст, айнҳоест, ки Шореъ онро барои ҷамоат муштарак донистa, ба танҳоӣ соҳибӣ кардани фардро ба он манъ кардааст. Ин гуна айнҳо се навъ аст:

1. Он чӣ, ки аз заруратҳои ҷамоат ба ҳисоб меравад. Агар ин чизҳо дар ягон шаҳр ё ҷамоат кофӣ набошад, мардум дар ҷустуҷӯи он ба ҳар тараф пароканда мешаванд;

2. Маъданҳои тамомнашаванда;

3. Ашёҳое, ки табиати сохташон азхуд ва соҳибӣ кардани фардро манъ мекунад.

Он чӣ, ки аз заруратҳои ҷамоат ба ҳисоб меравад, ҳар як чизест, ки аз заруратҳои умумии мардум ба ҳисоб меравад. Пайғамбар (с) онҳоро на аз ҷиҳати шумора, балки аз ҷиҳати сифат дар ҳадис баён кардаанд. Ибни Аббос ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلْـمُسْلِمُونَ شُرَكَاءُ فِي ثَلاَثٍ فِي الْـمَـاءِ وَالْكَلَإِ وَالنَّارِ"

"***Мусулмонон дар се чиз: об, чарогоҳ ва оташ, шариканд***".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Анас, ки ин ҳадисро аз Ибни Аббос ривоят кардааст, афзудааст:

"وَثَمَنُهُ حَرَامٌ"

"***ва пулаш ҳаром аст***".

Ибни Моҷа аз Абўҳурайра ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"ثَلاَثٌ لاَ يُمْنَعْنَ: اَلْـمَـاءُ وَالْكَلأُ وَالنَّارُ"

"***Се чиз манъ карда намешавад: об, чарогоҳ ва оташ***".

Ин ҳадисҳо далел аст, ки мардум дар об, чарогоҳ ва оташ шариканд, ба танҳоӣ молик шудани фард ба он манъ аст. Бояд мулоҳиза кард, ки ҳадис се калимаро зикр кардааст, ин калимаҳо исмҳои ҷомид аст ва ҳамчун иллати ҳадис наомадааст. Пас, ҳадис иллатро дарбар нагирифтааст ва мефаҳмонад, ки се чизи мазкур моликияти умумӣ мебошад. Инчунин ҳадис ин чизҳоро аз рўи ниёз ба он васф накардааст. Вале ба шахси дақиқназар аён мегардад, ки Пайғамбар (с) дар Тоиф ва Хайбар ба фардҳо рухсат додаанд, ки ба об молик шаванд ва фардҳо барои обёрии кишт ва боғҳои худ феълан ба об соҳибӣ кардаанд. Агар шарикӣ дар об на аз рўи сифати ниёз ба он, балки танҳо аз рўи об будан мебуд, Пайғамбар (с) ба фардҳо рухсат намедоданд, ки ба об молик шаванд. Пас, аз қавли Расул (с):

"اَلْـمُسْلِمُونَ شُرَكَاءُ فِي ثَلاَثٍ فِي الْـمَـاءِ"

"***Мусулмонон дар се чиз, аз ҷумла дар об шариканд***"

ва аз рухсати эшон ба молик шудани фардҳо ба об иллати шарикӣ дар об, чарогоҳ ва оташ истинбот мешавад, ки иллат аз заруратҳои ҷамоат будан аст, ки ҷамоат аз он бениёз шуда наметавонад. Пас, ҳадис се чизро зикр кардааст, вале онҳо бо сабаби заруратҳои ҷамоат будан маълул аст. Бинобар ин, ин иллат ҳамавақт (дар мавҷуд будану мавҷуд набудан) бо маълул якҷоя мебошад. Пас, ҳар чӣ, ки аз заруратҳои ҷамоат буданаш аниқ гардад (яъне аз заруратҳои ҷамоат ба ҳисоб равад), хоҳ об бошад, хоҳ чарогоҳ, хоҳ

оташ бошад, хоҳ чизи дигар, яъне хоҳ дар ҳадис зикр шудааст, хоҳ на, моликияти умумӣ мебошад. Агар заруратҳои ҷамоат буданаш аз байн равад, ҳарчанд мисли об дар ҳадис зикр гардад, моликияти умумӣ ба ҳисоб намеравад, балки ба айне табдил меёбад, ки моликияти фардӣ (моликияти хусусӣ) шуда метавонад. Заруратҳои ҷамоат ҳар чизест, ки агар барои ҷамоат новобаста ба навъи ҷамоат: хоҳ маҷмӯи хонаҳои саҳрой бошад, хоҳ деҳа, хоҳ шаҳр ва хоҳ давлат кофӣ набошад, мардум дар ҷустуҷӯи он ба ҳар тараф пароканда мешаванд. Манбаъҳои об, ҷангалҳои ҳезумчинӣ, чарогоҳҳои чорво ва ғайра аз ҳамин ҷумла мебошад.

Аммо конҳо ду қисм аст: **қисми якум** – конҳое, ки миқдорашон маҳдуд аст, то андозае ки нисбат ба фард миқдори калон ба ҳисоб намеравад; **қисми дуюм** – конҳое, ки миқдорашон маҳдуд нест. Конҳое, ки миқдорашон маҳдуд аст, аз моликияти фардӣ ба ҳисоб меравад ва моликияти хусусӣ шуда метавонад. Нисбат ба ин конҳо монанди рикоз муомила мекунанд ва дар он хумс вуҷуд дорад. Амр ибни Шуайб аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят кардааст, ки чун аз Пайғамбар (с) дар хусуси бозёфт пурсиданд, он кас дар ҷавоб гуфтанд:

" مَا كَانَ مِنْهَا فِى طَرِيقِ الْـمِيثَاءِ (أَىْ الطَّرِيقِ الْـمَسْلُوكَةِ) أَوْ الْقَرْيَةِ الْجَامِعَةِ، فَعَرِّفْهَا سَنَةً، فَإِنْ جَاءَ طَالِبُهَا، فَادْفَعْهَا إِلَيْهِ وَإِنْ لَمْ يَأْتِ فَهِىَ لَكَ، وَمَا كَانَ فِى الْخَرَابِ، يَعْنِى فَفِيهَا وَفِى الرِّكَازِ الْـخُمُسُ"

"***Онро, агар бозёфти роҳи нарм (яъни роҳи кӯбида) ё деҳаи серодам бошад, дар тӯли як сол эълон кун. Агар талабгораш биёяд, ба ӯ бисупор, дар акси ҳол аз они туст. Агар бозёфти хароба бошад, дар он ва дар рикоз хумс вуҷуд дорад***". Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст.

Аммо конҳое, ки миқдорашон ғайримаҳдуд ва тамомнашаванда аст, моликияти умумӣ ба ҳисоб рафта, моликияти хусусӣ шуда наметавонад. Тавре ки Тирмизӣ аз Абяз ибни Ҳаммол ривоят кардааст:

**أَنَّهُ وَفَدَ إِلَى رَسُولِ اللهِ ﷺ ، فَاسْتَقْطَعَهُ الْمِلْحَ فَقَطَعَ لَهُ، فَلَمَّا أَنْ وَلَّى، قَالَ رَجُلٌ مِنَ " الْمَجْلِسِ: أَتَدْرِى مَا قَطَعْتَ لَهُ؟ إِنَّمَا قَطَعْتَ لَهُ الْمَاءَ الْعِدَّ، قَالَ: فَانْتَزَعَهُ مِنْهُ"**

"***Ӯ ба назди Пайғамбар (с) омада, аз эшон ҷудо карда додани намакро (яъне кӯҳи намакро) пурсид. Пайғамбар (с) ба ӯ ҷудо карда доданд. Баъд аз он ки ӯ баргашт, марде аз нишастагон гуфт: "Оё медонӣ, ки чиро ҷудо карда додӣ? Ту оби равонро ҷудо карда додӣ". Он гоҳ Пайғамбар (с) аз ӯ бозпас гирифтанд***".

Оби равон оби тамомнашаванда аст. Аз ин рӯ, намак барои тамомнашаванда будан ба оби равон монанд карда шуд. Кӯҳи намакро ба Абяз ҷудо карда додани Пайғамбар (с) нишон медиҳад, ки ҷудо карда додани кони намак ҷоиз аст. Аммо чун донистанд, ки он кони доимӣ ва тамомнашаванда аст, аз қарори ҷудо карда додан баргашта, онро бозпас гирифтанд ва бо сабаби моликияти ҷамоат будан моликияти хусусӣ будани онро манъ карданд. Ин ҷо мурод на худи намак, балки кон аст. Зеро чун донистанд, ки он тамомнашаванда аст, аз он манъ карданд. Ҳол он ки намак будани онро медонистанд ва дар аввали кор онро ҷудо карда доданд. Пас, бо сабаби кони тамомнашаванда будан мамнӯъ гардид. Абӯубайда мегӯяд: "Сабаби ба Абяз ибни Ҳаммол Маърабӣ намаки Маърабро ҷудо карда додану сипас бозпас гирифтани Пайғамбар (с) чунин буд: Он дар назди заминҳои нокорам буд, ки Пайғамбар (с) ба Абяз барои эҳё ва обод кардан ҷудо карда доданд. Вақте ки ба Набӣ (с) аён гашт, ки он оби равон мебошад (яъне чизест, ки мисли оби чашмаҳо ва чоҳҳо тамом намешавад), аз ӯ бозпас гирифтанд. Зеро суннати Пайғамбар (с) дар бораи чарогоҳ, оташ ва об ин буд, ки мардум дар ҳамаи ин шариканд. Пас, написандиданд, ки он танҳо барои марде бошад ва ӯ бидуни мардум ба он соҳибӣ кунад". Азбаски намак аз конҳо ба ҳисоб меравад, Расул (с) онро баъд аз ҷудо карда додан ба Абяз бозпас гирифтанд. Ин иллати моликияти хусусӣ набудан мебошад ва он на намаки тамомнашаванда будан, балки кони тамомнашаванда будан мебошад. Аз ин ҳадис аён мегардад, ки иллат манъи ҷудо карда

додани кони намаки тамомнашаванда аст. Аз ривояти Амр ибни Қайс аён мегардад, ки намак ин ҷо кон мебошад, гӯё (مَعْدَنُ الْمِلْحِ) – "***кони намак***" гуфтааст. Аз таҳқиқи суханони фақеҳон аён мегардад, ки онҳо намакро аз кон эътибор кардаанд. Пас, ҳадис на ба худи намак, балки ба кон тааллуқ дорад.

Тавре ки Абӯдовуд ривоят кардааст, Расул (с) ба Билол ибни Ҳориси Музанӣ конҳои қабиларо ҷудо карда додаанд. Абӯубайд дар "Амвол" аз Абӯикрима ривоят кардааст:

**"أَقْطَعَ رَسُولُ اللهِ ﷺ بِلاَلاً أَرْضَ كَذَا، مِنْ مَكَانٍ كَذَا إِلَى كَذَا، وَمَا كَانَ فِيهَا مِنْ جَبَلٍ أَوْ مَعْدِنٍ"**

"***Расулуллоҳ (с) ба Билол фалон заминро аз фалон ҷо то фалон ҷо якҷоя бо кӯҳу конҳояш ҷудо карда доданд***".

Ин ду ҳадис ба ҳадиси Абяз зид нест, балки ба кони маҳдуд, ки Пайғамбар (с) ба Билол ҷудо карда доданд, марбут мебошад. Пас, ҷудо карда додани он ҷоиз аст, чунон ки Расул (с) дар аввали кор кони намакро ба Абяз ҷудо карда доданд. Инро мутлақо ба ҷудо карда додани кон марбут кардан дуруст нест. Зеро ин ба кори Расул (с), ки конро аввал ҷудо карда доданд, вале сипас баъд аз донистани равону тамомнашаванда будани он бозпас гирифтанд, зид меояд. Пас, конҳое, ки Расул (с) ҷудо карда доданд, ба конҳои маҳдуд ва тамомшаванда марбут буд.

Ин ҳукм, яъне моликияти умумӣ будани кони тамомнашаванда тамоми маъданҳоро дарбар мегирад: хоҳ конҳои зоҳирӣ бошад, монанди намак, сурма, ёқут ва ғайра, ки бе машаққат ба даст меояд ва мардум онро ба даст меоранд, истифода мебаранд, хоҳ конҳои ботинӣ, монанди тилло, нуқра, оҳан, мис, сурб ва ғайра, ки танҳо бо машаққат ба даст меояд, хоҳ сахт бошад, монанди булур (кристалл), хоҳ моеъ, монанди нафт – ҳама конҳоест, ки ба ҳадис дохил мешавад.

Аммо ашёе, ки табиати сохташон азхуд ва соҳибӣ кардани фардро манъ мекунад, айнҳоест, ки ба манфиатҳои омма шомил мешавад. Ин ашё, ҳарчанд бо сабаби зарурати ҷамоат будан ба қисми якум шомил аст, аз рӯи табиаташон моликияти фард шуда наметавонад ва бо ин ҷиҳат аз қисми якум фарқ мекунад. Зеро қисми якум моликияти фард шуда метавонад. Масалан, айни об метавонад моликияти фард бошад, вале чун ҷамоат аз он бениёз шуда наметавонад, молик шудан мамнӯъ аст. Бар хилофи ин моликияти фард будани роҳ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ҳарчанд далели ин қисм ба иллати шаръӣ, ки зарурати ҷамоат будан аст, мувофиқ меояд, ҳақиқати воқеаш моликияти умумӣ будани онро нишон медиҳад. Роҳҳо, дарёҳо, баҳрҳо, кӯлҳо, канал, халиҷҳо, гулӯгоҳҳо ва ғайра ба ин қисм дохил мешавад. Масҷидҳо, мактабҳои давлатӣ, беморхонаҳо, майдонҳои бозӣ, сарпаноҳҳо ва ғайра низ аз ҳамин ҷумла аст.

Молҳое ҳаст, ки на ба моликияти умумӣ, балки ба моликияти хусусӣ дохил мешавад. Зеро он айнҳоест, ки моликияти хусусӣ шуданро мепазирад, монанди замин ва ашёи манқула. Вале дар он оммаи мусулмонон ҳақ доранд. Аз ин рӯ, моликияти хусусӣ шуда наметавонад ва ба моликияти умумӣ дохил намешавад. Пас, моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Моликияти давлатӣ он чизест, ки дар он оммаи мусулмонон ҳақ доранд ва тадбири он дар дасти халифа аст. Халифа метавонад қисмеро аз он тибқи раъйи худ ба баъзе касон диҳад. Маънои тадбири халифа ин аст, ки тасарруфи ин моликият дар зери ҳукмронии ӯст ва он моликияти ҷудогона ба ҳисоб меравад. Зеро маънои моликият ҳукмронии фард бар молҳояш мебошад. Бинобар ин, ҳар моле, ки масрафи он ба раъй ва иҷтиҳоди халифа гузошта шудааст, моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Шореъ баъзе молҳоро, монанди файъ, хироҷ, ҷизя ва ғайра, моликияти давлатӣ таъйин кардааст, ки халифа онҳоро мувофиқи раъй ва иҷтиҳоди худ сарф мекунад. Зеро шариат ҷиҳати сарфи ин молҳоро муқаррар накардааст. Аммо молҳое, ки шариат ҷиҳати сарфашро муқаррар карда, ба раъй ва иҷтиҳоди халифа нагузоштааст, на моликияти давлатӣ, балки моликияти ҷиҳатест, ки шариат онро муқаррар кардааст. Бинобар ин, закот на моликияти давлатӣ, балки моликияти ҳашт синф, ки шариат онҳоро муқаррар кардааст, ба ҳисоб меравад. Байтулмол танҳо маҳаллест, ки закот дар он ҷо нигаҳ дошта мешавад, то ба ҷиҳатҳои худ сарф гардад.

Ҳарчанд ҳам моликияти умумӣ ва ҳам моликияти давлатиро давлат тадбир мекунад, дар байни ин навъҳои моликият фарқ вуҷуд дорад. Агар мол ба моликияти умумӣ дохил шавад, ба давлат ҷоиз нест, ки асли онро ба касе диҳад, ҳарчанд мувофиқи тадбире, ки ба ҳама мардум имкони истифода аз онро медиҳад, аз он гирифтани мардум мубоҳ аст. Аммо моликияти давлатӣ бар хилофи ин аст, ки давлат метавонад тамоми моликияти давлатиро ба фардҳои муайян диҳад ва ба дигарон надиҳад. Инчунин агар давлат пиндорад, ки парастории корҳои мардум аз ҷиҳати дигар надоданро тақозо мекунад, метавонад моликияти давлатиро аз фардҳо манъ кунад. Пас, мутлақо ҷоиз нест, ки об, намак, чарогоҳ ва кӯчаҳои шаҳрро ба фардҳо диҳад, ҳарчанд истифода аз онҳо барои ҳама ҷоиз аст. Зеро нафъи он бе истисно ба ҳама мерасад. Аммо хироҷро метавонад барои муолиҷаи корҳои кишоварзӣ танҳо ба деҳқонон (кишоварзон, зироаткорон) диҳад, инчунин ҷоиз аст, ки танҳо ба хариди силоҳ сарф намояд ва ба ҳеҷ кас ҳеҷ чиз надиҳад. Давлат онро ба тарзе тасарруф мекунад, ки манфиати раиятро дар он медонад.

## *ТАЪМИМ НА АЗ МОЛИКИЯТИ УМУМИСТ ВА НА АЗ МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТӢ*

Таъмим (милликунонӣ), ки аз ислоҳоти (дарзбеҳбандиҳои) низоми капиталистӣ ба ҳисоб меравад, ба моликияти давлатӣ табдил додани моликияти хусусӣ бо тақозои манфиати омма мебошад. Давлат ба таъмим маҷбур нест, балки ихтиёр дорад: хоҳад молро миллӣ мекунад ва хоҳад дар ҳоли худ мегузорад. Ин бар хилофи моликияти умумӣ ва моликияти давлатӣ аст. Дар ин бора қатъи назар аз фикри давлат мувофиқи аҳкоми устувори Ислом оид ба табиату васфи мол кор бурда мешавад. Ба воқеи мол назар афканда мешавад: агар дар мол оммаи мусулмонон ҳақдор бошанд, моликияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, ба он молик шудани давлат воҷиб мегардад; агар дар мол оммаи мусулмонон ҳақдор набошанд, моликияти хусусӣ ба ҳисоб рафта, ба он молик шудани давлат дуруст нест; агар мол аз заруратҳои ҷамоат ё конҳо бошад ё аз рӯи табиаташ моликияти хусусӣ шуда натавонад, моликияти умумӣ ба ҳисоб рафта, давлат онро ба моликияти хусусӣ табдил дода наметавонад; агар мол аз навъи моликияти умумӣ набошад, моликияти хусусӣ ба ҳисоб рафта, давлат бе ихтиёри соҳибаш ҳаргиз наметавонад онро миллӣ кунад ё ба он молик шавад. Вале соҳиби мол метавонад бо розигии худ онро ба давлат фурӯшад, чунон ки ба ҳар гуна фард мефурӯшад ва давлат метавонад онро харад, чунон ки фардҳои дигар мехаранд. Аз ин рӯ, давлат бо ҳуҷҷати манфиати омма, ҳатто бо додани пулаш ҳам, маҷбуран ба моли фардҳо молик шуда наметавонад. Зеро молҳои фардҳо ҳаром ва маҳфуз аст. Ҳеҷ кас, ҳатто давлат низ ҳақ надорад, ки ба он таҷовуз кунад. Таҷовуз ба ин мол бедодгарӣ ба ҳисоб рафта,

соҳиби мол метавонад аз ҳоким, агар таҷовуз аз тарафи ӯ рух диҳад, ба маҳкамаи мазолим шикоят кунад, то бедодгарии ӯро бартараф созад. Зеро халифа ҳақ надорад, ки аз дасти касе чизеро гирад, магар бо ҳаққи собиту маъруф. Инчунин давлат наметавонад бо баҳонаи манфиат молеро, ки ба моликияти умумӣ ё моликияти давлатӣ дохил мешавад, ба дасти фарде бидиҳад. Зеро шариат дар баёни моликияти умумӣ, моликияти хусусӣ ва моликияти давлатӣ манфиати ин молҳоро муқаррар кардааст.

Ҳамин тавр, аён мегардад, ки таъмим на аз моликияти умумӣ, на аз моликияти давлатӣ ва на аз аҳкоми шаръӣ, балки аз ислоҳоти низоми капиталистӣ мебошад.

# МАМНӮЪГОҲ АЗ МАНФИАТҲОИ УМУМИСТ

Тамоми мардум ҳақ доранд, ки аз манфиатҳои умум тибқи ваҷҳе, ки бо сабаби он сохта шудааст, истифода баранд ва ҷоиз нест, ки ҷуз тибқи ваҷҳе, ки бо сабаби он сохта шудааст, истифода баранд. Пас, аз роҳ барои истироҳат, ё барои иҷрои муомилоти харидуфурӯш ва ғайра, ки роҳ барои он бунёд нашудааст, истифода бурдан ҷоиз нест, зеро роҳ барои рафтуомад сохта шудааст, магар истифодаи сабук, ки ба рафтуомад таъсир намекунад. Ин истифода бояд ба андозае бошад, ки ба раҳгузарон зарар ва тангӣ эҷод накунад. Инчунин истифода аз дарёҳо ҷуз мақсаде, ки бо сабаби он мавҷуд аст, ҷоиз нест. Дарёе, ки барои обёрӣ аст, монанди дарёи хурд, барои рафтуомади киштиҳо истифода бурда намешавад. Дарё, ки барои ҳар ду мақсад аст, монанди Нил, Даҷла ва Фурот, барои ҳар ду мақсад истифода бурда мешавад.

Инчунин ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки чизеро аз манфиатҳои умум, монанди чарогоҳҳо, масҷидҳо ва баҳрҳо, ба мамнӯъгоҳи худ табдил диҳад. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ حِمَى إِلاَّ لِلهِ وَلِرَسُولِهِ"

"***Мамнӯъгоҳ танҳо барои Аллоҳ ва Расулаш аст***".

Ин ҳадисро Абӯдовуд аз тариқи Саъб ибни Ҷусома ривоят кардааст. Аслан мамнӯъгоҳ дар арабҳо чунин буд: Чун сардоре аз онҳо ба маҳалли серҳосил манзил мегирифт, сагеро дар ягон баландӣ мебаст ва масоҳатеро, ки овози саг мерасид, аз ҳама тараф ҳимоя мекард. Дар ин макон ҷуз ӯ каси дигар чорвоашро

намечаронд, вале ҷуз ин макон ӯ низ бо дигарон чорвоашро мечаронд. Мамнӯъгоҳ макони ҳимояшуда (маҳфуз) ва мухолифи рухсатшуда (мубоҳ) мебошад. Вақте ки Ислом омад, мардумро аз мамнӯъгоҳ кардани ҳар гуна чизи умумӣ ба танҳоӣ бидуни дигарон манъ кард. Маънои ҳадис чунин аст: Ҷуз Аллоҳу Расулаш ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ягон чизи умумии мусулмононро мамнӯъгоҳ кунад. Танҳо Аллоҳу Расулаш ҳақ доранд, ки чизи дилхоҳро ба мамнӯъгоҳ табдил диҳанд. Дарвоқеъ Пайғамбар (с) баъзе маконҳоро ба мамнӯъгоҳ табдил додаанд. Ибни Умар ривоят кардааст:

"أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ حَمَى النَّقِيعَ لِخَيْلِ الْـمُسْلِمِينَ"

"***Пайғамбар (с) Нақеъро барои аспҳои мусулмонон мамнӯъгоҳ карданд***".

Ин ҳадисро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст. Бо ибораи дигар, Пайғамбар (с) маконеро бо номи Нақеъ мамнӯъгоҳ кардаанд. Он маҳалле буд, ки об ҷамъ мешуд ва алафи зиёд дошт. Он аз Мадина дар масофаи бист фарсах воқеъ буд. Пас, мардумро аз эҳёи ин заминҳои нокорам манъ карданд, то дар он ҷо чарогоҳ зиёд шуда, чорвои махсус бичарад ва чорвои дигар манъ карда шавад. Мурод ин ҷо мамнӯъгоҳ кардани макони мазкур барои аспҳоест, ки дар роҳи Аллоҳ ғазот мекунад. Баъд аз Пайғамбар (с) баъзе хулафо низ баъзе маконҳоро мамнӯъгоҳ кардаанд. Умар ва Усмон баъзе молҳои умумиро мамнӯъгоҳ кардаанд. Гарчи ин кор дар байни саҳобагон машҳур буд, ҳеҷ кас онро инкор накардааст. Пас, ин иҷмоъ мебошад. Омир ибни Убайдуллоҳ ибни Зубайр аз падараш ривоят кардааст: "Аъробие ба назди Умар омад ва гуфт: "Ё амиралмӯъминин, мо дар давраи ҷоҳилият барои диёри худ ҷангу ҷидол кардаем ва дар давраи Ислом дар ҳамин замин мусулмон шудаем. Дар кадом асос онро ба мамнӯъгоҳ табдил медиҳӣ?" Умар сарашро хам кард ва мӯйлабашро тоб дода, чуқур нафас кашид (вақте ки ӯро масъалае ба ташвиш меовард, мӯйлабашро тоб дода, чуқур нафас мекашид). Аъробӣ, чун ин

ҳолатро дид, суханашро такрор кард. Он гоҳ Умар гуфт: "Мол аз они Аллоҳ аст, бандагон низ бандагони Аллоҳ. Қасам ба Аллоҳ, ки агар масъулияти корҳое намебуд, ки онро дар роҳи Аллоҳ ба дӯш гирифтаам, ягон ваҷаб заминро ба мамнӯъгоҳ табдил намедодам"". Инро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст.

Мамнӯъгоҳе, ки ҳадис аз он манъ кардааст, ду чизро дарбар мегирад: якум – заминҳои нокорам, ки ҳар кас аз мардум метавонад эҳё кунад ва бигирад; дуюм – чизҳое, ки Пайғамбар (с) мардумро дар он шарик донистаанд, монанди об, чарогоҳ ва оташ. Масалан, азхуд кардани ягон ҷӯй ва обёрӣ кардани кишти худ, сипас манъ кардани каси дигар аз он, то кишташро обёрӣ накунад. Аҳмад аз Иёс ибни Абд ривоят кардааст:

"لاَ تَبِيعُوا فَضْلَ الْـمَـاءِ، فَإِنَّ النَّبِىَّ ( نَهَى عَنْ بَيْعِ الْـمَـاءِ"

"***Оби зиёдатиро нафурӯшед, зеро Набӣ (с) аз фурӯхтани об боздоштаанд***".

Тавре ки Ҳишом аз Ҳасан ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَنْ مَنَعَ فَضْلَ الْـمَـاءِ لِيَمْنَعَ بِهِ فَضْلَ الْكَلَإِ مَنَعَهُ اللهُ فَضْلَهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ"

"***Ҳар кас бо мақсади маҳрум кардани касе аз хошоки зиёдатӣ оби зиёдатиро манъ кунад, рӯзи қиёмат Аллоҳ ӯро аз фазли худ маҳрум месозад***".

Ин ҳадисро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст. Пас, тавре ки аён мегардад, ба давлат ҷоиз аст барои ҳар гуна манфиате, ки аз манфиатҳои мусулмонон медонад, баъзе аз замини нокорам ва баъзе аз моликияти умумиро ба мамнӯъгоҳ табдил диҳад, ба шарте ки ҳеҷ кас аз ин зарар набинад.

# КОРХОНАҲО

Корхона аз ҷиҳати корхона будан аз молҳои хусусӣ ба ҳисоб меравад. Пас, корхона аз айнҳоест, ки моликияти хусусӣ буданро мепазирад. Собит шудааст, ки дар замони Расул (с) мардум соҳиби корхонаҳо буданд, монанди саноати пояфзор, саноати либос, саноати шамшер ва ғайра. Расул (с) инро эътироф карданд ва ба сохтани минбар фармоиш доданд. Ин далолат мекунад, ки моликияти хусусӣ будани корхонаҳо ҷоиз аст. Илова бар ин, ҳукми корхона ба ҳукми маводи истеҳсолшаванда марбут аст. Зеро соҳиби корхонаи хамрсозӣ будан ба мусулмон ҳаром аст. Дар матни ҳадис омадааст, ки Аллоҳ Таоло фишуранда ва ба фишурдан фармояндаро лаънат кардааст. Пас, наҳй аз фишурдани хамр на наҳй аз фишурдан, балки наҳй аз фишурдани хамр мебошад. Фишурдан ҳаром нест, вале фишурдани хамр ҳаром аст. Ҳаром будани корхонаи хамрсозӣ аз ҳаром будани маводи истеҳсолшаванда бармеояд. Бинобар ин, аён мегардад, ки корхона ҳукми маводи истеҳсолшавандаро мегирад. Пас, дар хусуси корхонаҳо назар карда мешавад: агар маводи истеҳсолкунандаи корхона ба моликияти умумӣ дохил нашавад, ин гуна корхона моликияти хусусӣ ба ҳисоб меравад, монанди корхонаи қандалотӣ, корхонаи бофандагӣ, корхонаи дуредгарӣ ва ғайра; агар корхона истеҳсолкунандаи маводи моликияти умумӣ бошад, монанди корхонаи конҳо, ки конҳои тамомнашавандаро истихроҷ мекунад, ин гуна корхона аз рӯи маводи истихроҷшаванда: тилло, нуқра, оҳан, мис ё нафт, моликияти умумӣ ба ҳисоб меравад.

Чунон ки ҳукми корхонаи хамрсозӣ дар ҳаром будан ба ҳукми хамр тобеъ аст. Истихроҷи ин конҳо ба давлат ҳамчун ноиби мусулмонон ва барои манфиати мусулмонон воҷиб аст. Ба ин эътибор, моликияти давлатӣ будани ин гуна корхона низ ҷоиз мебошад. Аммо корхонаҳои оҳанбурӣ ва оҳанкӯбӣ, корхонаҳои мошинсозӣ ва ғайра, ки маводи истеҳсолкунандаи онҳо ба моликияти хусусӣ дохил мешавад, моликияти фардҳо шуда метавонад. Зеро маводи истеҳсолкунандаи он ба моликияти умумӣ дохил намешавад. Бинобар ин, ҳар гуна корхонае, ки маводи истеҳсолкунандаи он ба моликияти умумӣ дохил намешавад, метавонад моликияти умумӣ ё моликияти давлатӣ бошад. Инчунин ин гуна корхонаҳо метавонад моликияти хусусӣ бошад, ки давлат аз фардҳо ба иҷора мегирад. Ҳар гуна корхонае, ки маводи истеҳсолкунандаи он ба моликияти хусусӣ дохил мешавад, метавонад моликияти фардҳо бошад, зеро он аз навъи моликияти хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Байтулмол ҷиҳатест, ки ба ҳар гуна дахл ё харҷи моле, ки мусулмонон ба он ҳақ доранд, вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар моле, ки мусулмонон ба он ҳақ доранд, вале соҳиби он, ҳарчанд аз як ҷиҳат маълум бошад, муқаррар нашудааст, аз ҳаққи байтулмол аст. Вақте ки соҳиби мол вафот мекунад, баробари вафот карданаш хоҳ ба сандуқи байтулмол ворид кунанд, хоҳ на ба ҳаққи байтулмол изофа мешавад. Зеро байтулмол на макон, балки ҷиҳат аст. Ҳар ҳаққе, ки сарфи он ба манфиати мусулмонон воҷиб аст, ҳаққи байтулмол мебошад. Агар мол ба ҷиҳати худ сарф шавад, хоҳ аз сандуқи байтулмол харҷ гардад, хоҳ на ба харҷи байтулмол изофа мешавад. Зеро моле, ки ба ихтиёри волиёну омилони мусулмонон гузаштааст ё аз дасти онҳо харҷ шудааст, дар ҳукми дахлу харҷи байтулмол мебошад.

**Даромадҳои байтулмол**

Даромадҳои доимии байтулмол: файъ, ғаниматҳо, анфол, хироҷ, ҷизя, тамоми навъҳои даромадҳои моликияти умумӣ ва даромадҳои моликияти давлатӣ, ушрҳо, хумси рикоз, конҳо ва молҳои закот мебошад. Молҳои закотро ба хазинаи хоси байтулмол мегузоранд ва танҳо ба ҳашт синф, ки дар Қуръон зикр гардидааст, сарф мекунанд. Ҷуз ҳамин ҳашт синф сарф кардани закот хоҳ ба корҳои давлат бошад, хоҳ ба корҳои уммат ҷоиз нест. Вале ба имом ҷоиз аст, ки онро бо раъй ва иҷтиҳоди худ ба каси дилхоҳ аз ҳашт синфи мазкур сарф намояд. Пас, ӯ метавонад танҳо ба синфе ё бештар аз он диҳад, инчунин метавонад ба ҳамаи онҳо диҳад. Даромадҳои моликияти умумиро низ ба макони хоси

байтулмол гузошта, бо даромадҳои дигар дарнамеомезанд. Зеро он моликияти тамоми мусулмонон мебошад. Халифа онро мувофиқи он чӣ, ки бо раъй ва иҷтиҳоди худ аз манфиати мусулмонон медонад, зимни аҳкоми шариат (бо риояи аҳкоми шариат) сарф менамояд.

Молҳои дигарро, ки аз ҳаққи байтулмол ба ҳисоб меравад, дар байтулмол якҷоя мегузоранд ва ҳам ба корҳои давлату уммат, ҳам ба ҳашт синфи мазкур ва ҳам ба ҷойи дигар, ки давлат лозим медонад, сарф мекунанд. Агар ин молҳо ба эҳтиёҷоти шаҳрвандон кифоя кунад, хуб аст, дар акси ҳол давлат барои адои вазифае, ки дар хусуси парастории корҳо дар дӯш дорад, ба мусулмонон андоз мебандад. Андоз аз рӯи он чӣ, ки шариат ба мусулмонон муқаррар намудааст, баста мешавад. Агар барои адои фарзе, ки дар дӯши мусулмонон аст, ба давлат пул лозим бошад, ҳақ дорад ба мусулмонон андоз бандад. Аммо дар корҳое, ки ба мусулмонон воҷиб нест, монанди адои қарзи майит давлат ба андоз бастан ҳақ надорад. Агар дар байтулмол пул мавҷуд бошад, қарзи майитро адо мекунад, дар акси ҳол ин маҷбурият аз дӯши давлат соқит мегардад. Дар ҳолатҳои зерин давлат ба бастани андоз ҳақ дорад:

***1. Барои пардохтани нафақаи фақирон, мискинон ва мусофироне, ки ба байтулмол воҷиб аст, инчунин барои адои фарзи ҷиҳод;***

***2. Барои пардохтани сарфу харҷе, ки ҳамчун бадал ба байтулмол воҷиб аст, монанди музди кормандон, таъминоти сарбозон ва ғайра;***

***3. Барои пардохтани сарфу харҷе, ки ба байтулмол на ҳамчун бадал, балки аз рӯи манфиат ва истифодаи умум воҷиб аст, монанди роҳсозӣ, оббарорӣ, сохтани масҷидҳо, мадрасаҳо, беморхонаҳо ва ғайра, ки бавуҷудоварии он аз чизҳои зарурӣ маҳсуб меёбад ва бо сабаби набудани онҳо ба уммат зарар мерасад;***

***4. Барои пардохтани сарфу харҷе, ки ба дӯши байтулмол ба тарзи зарурат гузошта шудааст, монанди бартарафсозии офатҳое, ки ба сари мусулмонон ногаҳон меоянд, масалан, гуруснагӣ, тӯфон, заминҷунбӣ ва ҳуҷуми душман;***

***5. Барои адои қарзҳое, ки бо мақсади адои вазифаи воҷиби тамоми мусулмонон гирифта шудаанд: хоҳ бо сабаби чаҳор ҳолати боло бошад, хоҳ бо сабаби паёмади он ва хоҳ бо сабаби ягон ҳолате, ки шариат ба мусулмонон воҷиб гардондааст.***

Маблағҳое, ки ошироннов (ушрҷамъкунандагон) аз аҳли ҳарб ва аҳли аҳд ҷамъ меоранд, маблағҳое, ки аз моликияти умумӣ ва моликияти давлатӣ ҳосил мешавад, маблағҳое, ки аз касони беворис мерос мондааст, даромадҳои байтулмол ба ҳисоб рафта, барои манфиатҳои шаҳрвандон сарф мешавад. Агар маблағҳои байтулмол аз ҷиҳатҳое, ки бояд сарф шавад, зиёдатӣ кунад, нигоҳ карда мешавад. Агар аз файъ омада бошад, ба тарзи ҳадия ба мардум тақсим карда мешавад. Агар аз ҷизяву хироҷ омада бошад, барои ҳодисае, ки эҳтимоли дар оянда рух додан дорад, пасандоз мешавад. Лекин аз касоне, ки дар дӯш маҷбурияти ҷизяву хироҷро доранд, соқит намешавад. Зеро аз рӯи ҳукми шаръӣ ҷизя аз рӯи тавоноӣ ва хироҷ аз рӯи бардошти замин баста мешавад. Агар аз закот омада бошад, то ёфт шудани яке аз ҳашт синфе, ки бояд закот сарф шавад, дар байтулмол нигоҳ дошта мешавад. Агар аз маҷбурияти пардохте бошад, ки бояд ба дӯши мусулмонон гузошта шавад, мусулмонон аз ин маҷбурият озод карда мешаванд.

**Сарфу харҷи байтулмол**

Сарфу харҷи байтулмол дар асоси шаш қоида амалӣ мегардад:

1. Дар сарфи молҳои закот ба ҳақдорон мавҷудияти мол эътибор дорад. Агар дар байтулмол моли закот, ки бояд ба ҷиҳати худ сарф шавад, мавҷуд бошад, сарфи он ба ҳақдорон воҷиб аст. Бояд қайд кард, ки байтулмол макони нигоҳдошти молҳои закот ба ҳисоб

меравад, ҳақдорон касонест, ки барояшон аз закот сарф мешавад ва ҷиҳати сарфи моли закот ҳашт синфест, ки дар Қуръон зикр шудааст. Мавҷуд набудани мол зарурати сарфро ба касоне, ки барояшон аз закот сарф мешавад, соқит мекунад. Бо ибораи дигар, агар дар байтулмол моли закот мавҷуд набошад, ба ҳеҷ яки ҳашт синф чизе аз маблағҳои махсуси закот сарф намешавад ва то вақти ҷамъоварии закот қарз низ гирифта намешавад.

2. Дар сарфи мол ба ҷиҳатҳое, ки бо ваҷҳи парасторӣ ва бо ваҷҳи адои фарзи ҷиҳод дар дӯши байтулмол аст, монанди сарфи мол ба фақирон, мискинон ва мусофирон, инчунин сарфи мол ба ҷиҳод, мавҷудияти мол эътибор надорад. Зеро ин ҷиҳатҳо новобаста ба мавҷудияти мол: хоҳ дар байтулмол мавҷуд бошад, хоҳ на, аз ҳаққҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Агар мол мавҷуд бошад, сарфи фаврии он воҷиб аст. Агар мол мавҷуд набошад ва бо сабаби таъхири сарф хавфи фасод (бадӣ ва тобоҳӣ) мавҷуд бошад, давлат барои сарфи фаврӣ қарз мегирад, сипас ин молро аз мусулмонон ҷамъ оварда, қарзро мепардозад. Агар хавфи фасод мавҷуд набошад, қоидаи (فَنَظِرَةٌ إِلَى مَيْسَرَةٍ) – "***мӯҳлате бояд то тавонгар гардад***" татбиқ мешавад ва сарфро ба таъхир меафкананд, то мол ҷамъ ояд, сипас ба ҳақдорон диҳанд.

3. Дар сарфи мол ба ҷиҳатҳое, ки бо ваҷҳи бадал дар дӯши байтулмол аст, яъне ба ашхосе, ки хидматеро адо мекунанд ва ба бадали ин хидмат мол мегиранд, монанди музди сарбозон, кормандон, қозиён, муаллимон ва ғайра, мавҷудияти мол эътибор надорад. Ин новобаста ба мавҷудияти мол, яъне хоҳ дар байтулмол мавҷуд бошад, хоҳ на аз ҳаққҳои лозимӣ ба ҳисоб меравад. Агар мол мавҷуд бошад, сарфи фаврӣ воҷиб аст. Агар мавҷуд набошад, ба давлат воҷиб аст, ки молро бо гирифтани миқдори лозимӣ аз мусулмонон пайдо кунад. Агар бо сабаби таъхири сарф хавфи фасод мавҷуд бошад, давлат фавран қарз мегирад, то ба ин ҷиҳат сарф намояд. Сипас, вақте ки ин молро аз мусулмонон ҷамъ меорад, қарзро мепардозад. Агар хавфи фасод

мавҷуд набошад, қоидаи (فَنَظِرَةٌ إِلَى مَيْسَرَةٍ) – "***мӯҳлате бояд то тавонгар гардад***" татбиқ мегардад. Бинобар ин, то ҷамъоварии мол ба таъхир меафкананд ва сипас ба ҳақдорон медиҳанд.

4. Дар сарфи мол ба ҷиҳатҳое, ки бо ваҷҳи манфиат ва фоида бе бадал дар дӯши байтулмол аст, яъне сарфи мол ба чизҳое, монанди роҳсозӣ, оббарорӣ, сохтани масҷидҳо, мадрасаҳо, шифохонаҳо ва ғайра, ки дар муқобилаш мол ҳосил намешавад ва агар мавҷуд набошад, ба уммат зарар мерасад, мавҷудияти мол эътибор надорад. Ин аз корҳое ба ҳисоб меравад, ки ба вуҷуд овардани он зарур аст ва агар мавҷуд набошад, ба уммат зарар мерасад. Бинобар ин, сарфи мол ба ин ҷиҳатҳо новобаста ба мавҷудияти мол аз ҳаққҳои лозимӣ ба ҳисоб меравад. Агар дар байтулмол мол мавҷуд бошад, сарфи мол ба ин чизҳо воҷиб аст. Агар дар байтулмол мавҷуд набошад, воҷибияти он ба уммат мегузарад. Пас, барои сарфи мол ба харҷҳои лозимӣ аз уммат молро ба миқдори кофӣ ҷамъ меоранд ва сипас сарфи мол ба он аз тарафи байтулмол содир мешавад. Зеро сарфи мол ба он чӣ, ки бо ваҷҳи манфиат бе бадал дар дӯши байтулмол аст ва тарки сарфи мол зарарро ба вуҷуд меорад, мавҷудияти мол эътибор надорад. Пас, агар дар байтулмол мол мавҷуд бошад, сарфи ин мол воҷиб аст ва фарзияти он аз мусулмонон соқит мегардад. Агар мавҷуд набошад, фарзияти он то ҳосил шудани миқдори кофӣ дар байтулмол ба дӯши мусулмонон мегузарад. Сипас, баробари ҳосил шудани моли кофӣ воҷибияти он боз ба байтулмол бармегардад.

5. Дар сарфи мол ба ҷиҳатҳое, ки бо ваҷҳи манфиат ва фоида бе бадал дар дӯши байтулмол аст, вале агар мавҷуд набошад, ба уммат зарар намерасад, монанди сохтани роҳи нав новобаста ба мавҷуд будани роҳи дигар ё сохтани шифохонаи нав новобаста ба мавҷуд будани шифохонаи дигар, ки метавон бо он иктифо кард ё таъмири роҳе, ки мардум ҷуз он дигар роҳи дур доранд ва ғайра, мавҷудияти мол эътибор дорад. Агар дар байтулмол мол мавҷуд бошад, сарфи он ба ин ҷиҳатҳо воҷиб аст. Агар дар байтулмол мол мавҷуд набошад, воҷибияти он аз байтулмол соқит мегардад,

инчунин пардохти мол бо сабаби он ба мусулмонон воҷиб намегардад. Зеро он аз асос (аз ҷиҳати асос) ба мусулмонон воҷиб нест.

6. Дар сарфи мол ба ҷиҳатҳое, ки бо ваҷҳи зарурат дар дӯши байтулмол аст, монанди ҳодисае, ки ногаҳон ба сари мусулмонон меояд: хушксолӣ, тӯфон, заминҷунбӣ ва ҳуҷуми душман мавҷудияти мол эътибор надорад. Ин новобаста ба мавҷудияти мол аз ҳаққҳои лозимӣ ба ҳисоб меравад. Агар мол мавҷуд бошад, сарфи фаврии он воҷиб аст. Агар мавҷуд набошад, фарзияти он ба мусулмонон мегузарад. Пас, воҷиб мегардад, ки молро фавран аз мусулмонон ҷамъ оранд ва дар байтулмол гузоранд, то ба ин ҷиҳат сарф шавад. Агар бо сабаби таъхири сарф то интиҳои ҷамъоварӣ хавфи зарар мавҷуд бошад, ба давлат воҷиб аст, ки моли лозимиро қарз гирифта, ба байтулмол гузорад ва фавран ба ин ҷиҳат сарф намояд. Сипас ин қарзро бо ҷамъоварии мол аз мусулмонон мепардозад.

**Буҷети давлат**

Давлатҳои демократӣ буҷети умумии давлатро ҳар сол муқаррар мекунад. Воқеи буҷети давлати демократӣ чунин аст, ки буҷет дар шакли қонун содир мешавад ва онро "қонун дар бораи буҷети соли фалон" меноманд. Ин қонун аз тарафи парламент тасдиқ гашта, баъд аз муҳокимаи худи қонун, муҳокимаи якбаяки бахшҳои буҷет ва муҳокимаи маблағҳое, ки ҳар як бахш онро дарбар мегирад, ҳамчун қонун ҷорӣ мегардад. Ҳар як бахш кулли тақсимнопазир ба ҳисоб меравад, ки на ба ҳар як ҷузъи он, балки ба он ҳамчун кулл овоз медиҳанд ва ҳарчанд зимни муҳокима ҳар як ҷузъ ва ҳар як маблағи шомили онро муҳокима менамоянд, онро ба ҷумлагӣ қабул ё рад мекунанд. Қонуни буҷет аз якчанд модда таркиб меёбад: моддаҳо барои баёни маблағҳое, ки барои сарфу харҷи давлат зимни соли молиявӣ, ки буҷет барои он таҳия мегардад, ҷудо мешавад, моддаҳо барои баёни маблағҳое, ки даромадҳои давлатро зимни соли молиявӣ, ки буҷет барои он

таҳия мегардад, арзёбӣ мекунад, моддаҳо барои ҷудо кардани сарфу харҷи баъзе муассисаҳо, моддаҳо барои арзёбӣ кардани даромади баъзе муассисаҳо ва моддаҳо барои додани баъзе салоҳиятҳо ба вазири молия. Дар ҳар як модда, вақте ки модда бобҳои буҷетро дарбар мегирад, ба ҷадвале, ки ин бобҳоро дарбар мегирад, ишора карда мешавад. Сипас, дар ҳар як бахш маблағҳои умумӣ барои тамоми ҷузъҳои ин бахш нишон дода мешавад. Дар ин асос буҷет бо баъзе ихтилофоти фаръӣ дар баъзе солҳо аз рӯи воқеи мухталиф ё бо баъзе ихтилофоти фаръӣ дар байни давлатҳо аз рӯи воқеи мухталиф ҳар сол таҳия мегардад.

Аммо дар Давлати Ислом буҷети солона барои давлат муқаррар карда намешавад, ки барои баровардани қонун ҳар сол заҳмат талаб кунад. Буҷетро ба Маҷлиси уммат низ пешниҳод намекунанд ва дар ин бора раъйи он гирифта намешавад. Зеро буҷет дар низоми демократӣ қонун дар бораи бобҳо, бахшҳо ва маблағҳоест, ки онро дарбар мегирад. Ин қонун барои як сол аст. Дар ин низом қонуни мазкурро парламент мебарорад. Бинобар ин, пешниҳод шудани қонун ба парламент зарур аст. Дар Давлати Ислом ба ин корҳо ҳоҷат нест. Зеро даромадҳои байтулмол аз рӯи аҳкоми шаръӣ, ки дар ин хусус омадааст, ҳосил мешавад ва тасарруф низ мувофиқи аҳкоми шаръӣ, ки дар ин хусус омадааст, сурат мегирад. Ҳамаи ин аҳкоми шаръӣ доимист. Пас, ба раъй дар бораи бобҳои даромадҳо ва дар бораи бобҳои сарфу харҷ мутлақо ҳоҷат нест. Ин ҳама бобҳои доимист, ки аҳкоми шаръӣ онро доимӣ муқаррар кардааст. Аммо ҷиҳати бахшҳои буҷет ва маблағҳое, ки ҳар як бахш дарбар мегирад ва ҷиҳатҳое, ки маблағҳои ҳар як бахш ба он хос мегардад, ба раъй ва иҷтиҳоди халифа ҳавола аст. Зеро ин аз парастории корҳоест, ки шариат онро ба халифа гузоштааст. Халифа дар ин хусус бо раъйи худ қарор мебарорад ва иҷрои фармони ӯ воҷиб аст.

Аз ин рӯ, дар Ислом ба таҳияи буҷети солонаи давлат дар бораи бобҳо, бахшҳо, ҷузъҳои ин бахшҳо, маблағҳое, ки ин ҷузъҳо ва бахшҳо ба он мӯҳтоҷ аст, ҳоҷат нест, ҳол он ки дар низоми

демократӣ ба ин ҳама ҳоҷат ҳаст. Бинобар ин, дар Давлати Ислом буҷети солона тартиб дода намешавад. Буҷети Давлати Ислом доимӣ аст, ки шариат бобҳои онро дар хусуси даромадҳо ва сарфу харҷ муқаррар кардааст. Инчунин шариат дар муқаррар кардани бахшҳову ҷузъҳои он ва маблағҳое, ки ба он лозим аст, корро бе назардошти муддати муайян ба халифа ҳавола кардааст, то бо тақозои манфиат қарор кунад.

**Закот**

Моли закот аз навъи молҳоест, ки ба байтулмол гузошта мешавад. Вале он аз ҷиҳати ҷамъоварӣ, аз ҷиҳати миқдоре, ки ҷамъоварӣ мешавад ва аз ҷиҳати сарф аз дигар навъҳои молҳо фарқ мекунад. Аз ҷиҳати ҷамъоварӣ чунин аст, ки он танҳо аз молҳои мусулмонон ҷамъоварӣ мешавад ва аз дигарон ҷамъоварӣ намешавад. Он на андози умумӣ, балки яке аз ибодатҳост ва яке аз аркони Ислом ба ҳисоб меравад. Пардохтани закот, ҳарчанд он мол аст, арзиши рӯҳиро ба вуҷуд меорад, монанди намоз, рӯза ва ҳаҷ. Адои закот ба мусулмон фарзи айн аст. Ҷамъоварии закот монанди молҳои дигар, ки аз уммат ҷамъоварӣ мешавад, аз рӯи эҳтиёҷоти давлат ва манфиати ҷамоат нест, балки закот навъи хоси мол аст, ки ба байтулмол пардохтани он воҷиб аст, хоҳ эҳтиёҷ мавҷуд бошад, хоҳ на. Закот аз мусулмон, вақте ки ба моли ӯ воҷиб мегардад, соқит намешавад. Закот ба мусулмоне, ки соҳиби нисоби зиёда аз қарзҳо ва эҳтиёҷоташ аст, воҷиб мегардад. Закот ба ғайримусулмон воҷиб нест. Закот ба сабӣ ва маҷнун низ воҷиб аст. Тирмизӣ аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят кардааст, ки Набӣ (с) гуфтаанд:

"أَلَا مَنْ وَلِيَ يَتِيمًا لَهُ مَالٌ، فَلْيَتَّجِرْ فِيهِ، وَلَا يَتْرُكْهُ حَتَّى تَأْكُلَهُ الصَّدَقَةُ"

"***Огоҳ бошед, ки ҳар кас ба ятими молдор валигӣ кунад, бо ин мол тиҷорат кунад ва роҳ надиҳад, ки онро закот бихӯрад***", яъне нагузорад, ки тамоми молаш бо пардохтани закот тамом шавад. Зеро закот ба моле, ки шахс ба он соҳиб гаштааст, воҷиб мегардад. Пас, закот ибодати молӣ аст, на ибодати ҷасадӣ.

Аммо аз ҷиҳати миқдоре, ки ҷамъоварӣ мешавад, чунин аст, ки он миқдори муайян аст ва каму зиёд намешавад. Ин миқдор дар тилло, нуқра ва молҳои тиҷоратӣ чиляк аст. Закот аз миқдори муайяни мол гирифта мешавад. Ин миқдор нисоб ва он чиро, ки беш аз он аст, ташкил медиҳад. Миқдори нисоб аз нуқра дусад дирҳам ва аз тилло бист мисқол аст. Мисқоли тилло ба динори шаръӣ баробар аст. Вазнаш бист қиротро ташкил медиҳад, ки ба 4.25 грамм баробар аст. Аз ин рӯ, нисоби тилло 85 грамм тиллоро ташкил медиҳад. Дирҳами нуқра ба 2.975 грамм баробар аст. Бинобар ин, нисоби нуқра 595 грамм нуқраро ташкил медиҳад. Агар миқдор аз нисоб кам бошад, аз он чизе гирифта намешавад. Аммо ғалла, монанди гандум ва ғайра, инчунин чорво, монанди шутур, гов ва гӯсфанд, чунин аст, ки фақеҳон дар ин бора миқдори нисоб ва он чиро, ки аз ғаллаву чорво гирифта мешавад, муфассал баён кардаанд.

Ҷиҳатҳо ва ваҷҳҳое, ки закот ба он сарф мешавад, бо ҳадди маъруф маҳдуд аст. Закот танҳо ба ҳашт синфе, ки Аллоҳ дар Қуръони карим дар сураи "Тавба" зикр намудааст, сарф мешавад:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاء وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِي سَبِيلِ اللّهِ وَابْنِ السَّبِيلِ

"***Садақот барои фақирон, мискинон, омилони закот, муаллафатулқулуб, ғуломон, қарздорон, роҳи Аллоҳ ва мусофирон аст***" [9:60].

(اَلْفُقَرَاءُ) касонест, ки мол доранд, вале сарфу харҷашон аз моле, ки доранд, зиёд аст. (اَلْـمَسَاكِيْنَ) касонест, ки мол ва даромад надоранд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

أَوْ مِسْكِينًا ذَا مَتْرَبَةٍ

"***Ё ба мискине хокнишин***" [90:16].

(اَلْعَامِلُونَ عَلَيْهَا) касонест, ки бо ҷамъоварӣ ва тақсими закот сарукор мегиранд. (اَلْـمُؤَلَّفَةُ قُلُوبِهِمْ) касонест, ки давлат додани закотро ба онҳо барои субуташон дар Ислом манфиатовар медонад. Дар масъалаи (اَلرِّقَابُ) чунин аст, ки ба ғуломон барои озод шуданашон аз закот дода мешавад ва ин синф имрӯз вуҷуд надорад. (اَلْغَارِمُونَ) қарздоронест, ки аз пардохти қарзашон оҷизанд. (فِي سَبِيلِ اللهِ) ба маънои ҷиҳод аст. Вақте ки ибораи (فِي سَبِيلِ اللهِ) дар Қуръон бо калимаи (اَلْإِنْفَاقُ) якҷоя меояд, танҳо ба маънои ҷиҳод меояд. (اِبْنُ السَّبِيلِ) мусофири мунқатеъ (42) аст. Сарф кардани закот ҷуз ин ҳашт синф ҷоиз нест. Инчунин сарф кардани закот дар корҳои иқтисодии давлат низ ҷоиз нест. Агар синфе аз ҳашт синфи мазкур мавҷуд набошад, закотро ба боби дигар сарф накунанд ва дар байтулмол нигоҳ медоранд, то ҳангоми пайдо шудани ҳоҷат ба сарфи он ба ҳашт ҷиҳати худ сарф намоянд. Закот ба имом ё ноиби ӯ пардохта мешавад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

خُذْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ

"***Аз дороиҳояшон садақа биситон, то ононро поку муназзаҳ созӣ***" [9:103].

Абӯбакр низ аз мардум закот доданро талаб кардааст ва саҳобагон ба ин мувофиқат кардаанд. Абӯбакр аз мардум напурсидааст, ки ба фақирон додаанд ё на. Вақте ки (баъзеи мардум) аз пардохти закот сар печиданд, Абӯбакр бар зиддашон ҷангид. Имом касест, ки закотро ба ҳақдорон медиҳад. Ҳатто волиён золим бошанд ҳам, закот ба онҳо пардохта мешавад. Суҳайл ибни Абӯсолеҳ ривоят кардааст: "Ба назди Саъд ибни Абӯваққос омадам ва гуфтам: Ман мол дорам, мехоҳам закоташро барорам, ҳолати ин қавмро худат медонӣ, маро ба чӣ мефармоӣ? Ӯ гуфт: "Ба онҳо бипардоз". Вақте ки ба назди Ибни Умар рафтам, ӯ низ мисли ҳаминро гуфт. Вақте ки ба назди Абӯҳурайра рафтам, ӯ низ мисли ҳаминро гуфт. Вақте ки ба назди Абӯсаид рафтам, ӯ низ мисли ҳаминро гуфт". Инро

соҳиби "Муғнӣ" овардааст. Закот ба кофир хоҳ зиммӣ бошад, хоҳ на мутлақо дода намешавад. Зеро Пайғамбар (с) ба Муоз ибни Ҷабал, вақте ки ӯро ба Яман фиристоданд, гуфтанд:

" فَأَعْلِمْهُمْ أَنَّ اللهَ اِفْتَرَضَ عَلَيْهِمْ صَدَقَةً فِي أَمْوَالِهِمْ، تُؤْخَذُ مِنْ أَغْنِيَائِهِمْ، وَتُرَدُّ عَلَى فُقَرَائِهِمْ"

"***Ба онҳо маълум кун, ки Аллоҳ дар молашон садақаро фарз гардондааст ва онро аз сарватмандон гирифта, ба камбизоатон медиҳанд***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст. Пайғамбар (с), чунон ки воҷибияти закотро ба сарватмандон хос гардонданд, сарфи закотро низ ба камбизоатон хос гардонданд. Вале ба кофир додани садақаи ихтиёрӣ мутлақ ҷоиз аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا

"***Таомро, дар ҳоле ки худ дӯсташ доранд, ба мискину ятим ва асир мехӯронанд***" [76:8]. Дар он вақт танҳо кофир асир мешуд.

**Ҷизя**

Ҷизя ҳаққест, ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло онро ба мусулмонон ато кардааст ва аз кофироне, ки ба ҳукми Ислом мутеъ шудаанд, гирифта мешавад. Ҷизя моли умумӣ ба ҳисоб рафта, ба тамоми манфиатҳои раият сарф мешавад. Ҷизя на пеш аз фарорасии соли нав, балки баробари фарорасии соли нав лозим мегардад. Ҷизя бо насси Қуръони карим собит шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

حَتَّى يُعْطُواْ الْجِزْيَةَ عَن يَدٍ وَهُمْ صَاغِرُونَ

"***То он гоҳ ки ба дасти худ дар айни мазаллат ҷизя бидиҳанд***" [9:29].

Абӯубайд дар "Амвол" аз Ҳасан ибни Муҳаммад ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) ба маҷусиёни Ҳаҷар бо даъвати Ислом чунин мактуб навиштанд:

" فَمَنْ أَسْلَمَ قُبِلَ مِنْهُ، وَمَنْ لاَ ضُرِبَتْ عَلَيْهِ الْجِزْيَةُ. فِي أَنْ لاَ تُؤْكَلَ لَهُ ذَبِيْحَةٌ، وَلاَ تُنْكَحَ لَهُ اِمْرَأَةٌ"

"***Ҳар кас мусулмон шавад, аз ӯ пазируфта мешавад. Ба касоне, ки мусулмон намешаванд, ҷизя зада шуда, забҳашон хӯрда намешавад ва бо зане аз онҳо издивоҷ карда намешавад***".

Ҷизя аз кофирон гирифта мешавад, модом ки дар куфр боқӣ монанд. Агар мусулмон шаванд, ҷизя аз онҳо соқит мегардад. Ҷизя на ба мол, балки ба одам (сарикасӣ) баста мешавад. Пас, аз ҳар як кофир гирифта мешавад, на аз моли ӯ. (اَلْجِزْيَةُ) аз (اَلْجَزَاءُ) иштиқоқ шудааст. Пас, он ҳамчун ҷазои куфрашон гирифта мешавад. Бинобар ин, танҳо бо мусулмон шуданашон соқит мегардад. Агар дар ҷанг иштирок кунанд, ҷизя аз онҳо соқит намегардад, зеро он ҷазои ҳимояашон нест. Ҷизя танҳо аз касе, ки ба пардохтани он қодир аст, гирифта мешавад. Зеро қавли Аллоҳ Таоло: (عَنْ يَدٍ) ба маънои тавоно мебошад. Ҷизя аз оҷиз гирифта намешавад ва танҳо аз мардон гирифта мешавад. Пас, ба зан, сабӣ ва маҷнун воҷиб нест. Агар зане ояд, то бо пардохти ҷизя дар муқобили иқомати худ дар дорулислом зиндагӣ намояд, ӯро дар дорулислом мепазиранд ва барои иқомат рухсат медиҳанд, вале аз ӯ ҷизя намегиранд. Барои ҷизя миқдори махсусро муқаррар намекунанд, балки ин ба раъй ва иҷтиҳоди имом гузошта шудааст, ба шарте ки аз тоқати ҷизядиҳанда беш набошад. Ибни Абӯнаҷеҳ ривоят кардааст: "Ба Муҷоҳид гуфтам: Чаро ҷизяи шомиҳо чаҳор динор ва ҷизяи яманиҳо як динор аст? Ӯ гуфт: "Ин аз рӯи тавонгарӣ аст"". Инро Бухорӣ ривоят кардааст. Агар каси тавоно баъд аз ҷизя бастан камбизоат гардад, пардохтани он дар дӯши ӯ қарз мешавад ва нисбат ба ӯ мисли муомила нисбат ба қарздори камбизоат муомила мекунанд, яъне тавоно шудани ӯро интизор мешаванд.

**Хироҷ**

Хироҷ ҳаққест, ки Аллоҳ онро ба мусулмонон ато кардааст ва аз кофирон гирифта мешавад. Хироҷ ба риқбаи замине, ки аз

кофирон бо ҷанг ё сулҳ ғанимат гирифта мешавад, баста мешавад, агар сулҳ ба он бошад, ки замин аз они кофирон аст ва дар муқобили хироҷ ба онҳо муқаррар шавад. (اَلْخِرَاجُ) дар луғати араб ба маънои киро ва даромад меояд. Ҳар замине, ки баъд аз эълони ҷанг бо қувва аз кофирон гирифта шудааст, замини хироҷӣ ба ҳисоб меравад. Агар баъд аз фатҳ мусулмон шаванд, заминашон ҳамчун замини хироҷӣ боқӣ мемонад. Абӯубайд дар "Амвол" аз Зуҳрӣ ривоят кардааст: "Пайғамбар (с) аз маҷусиёни Баҳрайн ҷизяро пазируфтанд". Зуҳрӣ гуфтааст: "Ҳар кас аз онҳо мусулмон шавад, мусулмонии ӯро пазируфтанд ва мусулмониаш молу ҷонашро нигоҳ дошт, магар заминро. Пас, замин файъи мусулмонон аст, зеро ӯ бори аввал дар ҳоли фатҳнопазир будан (пеш аз фатҳ) мусулмон нашуд", яъне дар ҳоли дастнораси мусулмонон будан. Хироҷе, ки ба замин баста мешавад, бо бардошти замин муқаррар мешавад. Умар ҳангоми бастани хироҷ он чиро, ки замин бардошта метавонад ва ба молику деҳқон ситаму зарар намешавад, ба инобат гирифт. Бинобар ин, ба баъзе навоҳӣ ба ҳар як ҷариб43 як қафиз (44) ва як дирҳам, баъзеи дигар ба миқдори дигар хироҷ баст, инчунин дар навоҳии Шом ба таври дигар кор бурд. Аз ин аён мегардад, ки ӯ дар ҳар як замин он чиро, ки замин бардошта метавонад, ба инобат гирифтааст. Хироҷ, агар бо бардошти замин муқаррар гардад, аз рӯи ваҷҳе, ки он баста шудааст, гирифта мешавад. Хироҷ, агар ба масоҳати замин солона баста шавад, дар охири соли қамарӣ гирифта мешавад. Зеро ин солшумории шаръан мӯътабар аст. Хироҷ, агар ба масоҳати кишт баста шавад, дар охири соли шамсӣ гирифта мешавад. Зеро ин солшуморӣ аз рӯи боридани борон ва рӯидани кишт мебошад. Хироҷ, агар ба тақсимкунии маҳсулот баста шавад, яъне бо миқдори муайяни он чӣ, ки одатан истеҳсол мешавад, муқаррар гардад, баъд аз ҷамъ овардани ҳосил гирифта мешавад. Имом метавонад хироҷро бо риояи манфиати корҳо дар асоси се ҷиҳати мазкур муқаррар кунад: ё бо масоҳати замин, ё бо масоҳати кишт, ё бо миқдори ҳосил. Агар дар замин беҳбудӣ ба вуҷуд ояд ва дар натиҷа ҳосил афзояд ё ба замин омилҳои коҳишдиҳандаи ҳосил

расад, назар карда мешавад. Агар ин афзоиш бо сабаби кори деҳқон ба вуҷуд ояд, монанди кандани чоҳ ё ҷӯй, ба хироҷ чизе зиёд карда намешавад. Агар коҳиш бо сабаби кори деҳқон ба вуҷуд ояд, монанди тарки нигоҳубини ҷӯй ё чоҳ, аз хироҷ чизе кам карда намешавад ва деҳқонро ба таъмир кардани он чӣ, ки хароб кардааст, мефармоянд. Агар афзоиш ё коҳиш бо сабаби кори давлат ба вуҷуд ояд, монанди кандани чоҳ ё таъмири чоҳҳо ва ҷӯйҳо, давлат метавонад дар ҳолати афзоиши ҳосил хироҷро зиёд кунад ва дар ҳолати коҳиши ҳосил хироҷро кам кунад. Агар афзоиш ва коҳиш бо сабаби омилҳои табиӣ, монанди решакан шудани дарахтҳо бо сабаби тӯфон, вайрон шудани ҷӯйҳо бо сабаби обхезӣ, ба замин он чӣ, ки бардошта метавонад, гузошта мешавад, то ба соҳибаш зулм нашавад. Хироҷ на дар шакли доимӣ, балки барои муддати маълум муқаррар карда мешавад. Ин муқарраркунӣ ҳангоми интиҳои муддат ва ҳангоми муқарраркунии муддати нав бо он чӣ, ки замин бардошта метавонад, тағйир меёбад.

**Андозҳо**

Даромадҳое, ки шариат барои байтулмол муқаррар намудааст, ба идораи корҳои раият45 ва риояи манфиатҳояшон кифоя мекунад. Ба андозбандӣ: чи бевосита ва чи бовосита ҳеҷ гуна ҳоҷат нест. Бо вуҷуди ин, шариат чораҳои эҳтиётӣ андешида, эҳтиёҷоти умматро ба ду тақсим намуд: эҳтиёҷоте, ки ба байтулмол, яъне ба даромадҳои доимии байтулмол фарз аст ва эҳтиёҷоте, ки ба ҳамаи мусулмонон фарз аст. Ҳамин тавр, ба давлат ҳуқуқ дод, ки барои қонеъ гардондани ин эҳтиёҷот аз мусулмонон мол ҷамъ орад. Аз ин рӯ, андозҳо он чизест, ки Аллоҳ онро ба мусулмонон барои амалӣ сохтани манфиатҳояшон фарз гардондааст ва имомро ба онҳо сарвар таъйин кардааст, ки ин молро ҷамъ меорад ва ба ҷиҳати дилхоҳаш сарф менамояд. Андоз, моли фарзшуда ва ғайра номидани он чӣ, ки ҷамъ оварда мешавад, дуруст аст. Ҷуз даромадҳое, ки Аллоҳ онро фарз гардондааст ва шариат ба он далел овардааст, монанди ҷизя ва хироҷ, инчунин ҷуз он чӣ, ки

Аллоҳ ба мусулмонон барои сарфу харҷ ба тамоми эҳтиёҷоти фарзшуда фарз гардондааст, монанди сохтани роҳҳо ва мадрасаҳо, андоз гирифта намешавад. Масалан, барои маҳкамаҳо, идораҳо ва шӯъбаҳо андоз гирифта намешавад. Андози гумрукӣ (боҷи гумрукӣ) аз қабили андози гирифташаванда нест. Он муомила бо давлатҳо мисли муомилаашон бо мост. Он андозе нест, ки барои таъмини басандагии байтулмол баста шавад. Шариат андози гумрукиро макс номида, гирифтани онро аз мусулмонон ва зиммиҳо манъ кардааст. Гирифтани андозе ҷуз он чӣ, ки шариат фарз гардондааст, мутлақо ҷоиз нест. Зеро гирифтани чизе аз моли мусулмон ҷоиз нест, магар бо ҳаққи шаръӣ, ки далелҳои шаръии тафсилӣ ба он далолат мекунад. Ҷуз он чӣ, ки дар боло гузашт, ҳеҷ гуна далел наомадааст, то ба ҷоиз будани гирифтани андоз аз мусулмоне далолат кунад. Аз ғайримусулмонон низ андоз гирифта намешавад, зеро қонеъ гардондани эҳтиёҷоте, ки шариат фарз гардондааст, танҳо ба мусулмонон фарз аст. Бинобар ин, андоз танҳо аз мусулмонон гирифта мешавад. Аз ғайримусулмонон ҷуз ҷизя андози дигар гирифта намешавад. Хироҷ барои замини хироҷӣ аз мусулмон ва ғайримусулмон гирифта мешавад. Аммо кайфияти гирифтани андоз аз мусулмонон чунин аст, ки андоз аз он чӣ, ки аз сарфу харҷашон зиёдатӣ мекунад ва аз он чӣ, ки шаръан баъд аз бениёзӣ ба ҳисоб меравад, гирифта мешавад.

Он чӣ, ки баъд аз бениёзӣ эътибор карда мешавад, он чӣ аст, ки аз қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосӣ ва эҳтиёҷоти камолӣ аз рӯи урф зиёдатӣ мекунад. Зеро сарфи фард ба худаш таъмин шудани ӯст, то тамоми эҳтиёҷоташ, ки аз рӯи урф қонеъ гардонданро талаб мекунад, аз рӯи зиндагии ӯ, ки бо он дар байни мардум зиндагӣ мекунад, қонеъ гардад. Ин на барои тамоми мардум бо миқдори умумии муайян, балки ба ҳар як шахс аз рӯи сатҳи зиндагиаш муқаррар карда мешавад. Агар аз касоне бошад, ки амсолонаш ба мошин ва ходим ниёз доранд, бо он чӣ, ки аз ин ду чиз зиёдатӣ мекунад, муқаррар карда мешавад. Агар ба зан ниёз дошта бошад,

бо он чӣ, ки аз издивоҷаш зиёдатӣ мекунад, муқаррар карда мешавад ва ҳоказо. Агар молаш аз ин эҳтиёҷот зиёдатӣ кунад, аз ӯ андоз гирифта мешавад ва дар акси ҳол андоз гирифта намешавад. Зеро ӯ бениёз ба шумор намеравад ва ба ӯ андоз воҷиб намегардад.

Дар андозбандӣ манъ кардани афзоиши сарват ва аз байн бурдани бениёзӣ (сарватмандӣ) ба инобат гирифта намешавад, зеро Ислом бениёзиро манъ намекунад. Ҳеҷ гуна эътибори иқтисодии ҷамъоварии андозҳо ба инобат гирифта намешавад, балки андози мол дар асоси нокифоягии моле, ки дар байтулмол мавҷуд аст, барои таъмини тамоми эҳтиёҷоте, ки аз он талаб карда мешавад, гирифта мешавад. Пас, ба миқдори эҳтиёҷоти давлат ба сарфу харҷ гирифта мешавад ва дар ин кор танҳо эҳтиёҷоти раият ва тавоноии мусулмонон ба пардохти он ба инобат гирифта мешавад. Андоз мутлақо бо нисбати афзоянда ё коҳишёбанда муқаррар карда намешавад, балки новобаста ба маблағи мол, ки аз мусулмонон гирифта мешавад, бо нисбати ягона ба мусулмонон муқаррар карда мешавад. Дар муқарраркунии нисбат адл дар байни мусулмонон ба инобат гирифта мешавад, зеро танҳо баъд аз бениёзӣ гирифта мешавад ва натанҳо дар асоси даромад, балки аз тамоми моле, ки аз эҳтиёҷ зиёдатӣ аст, гирифта мешавад. Дар ин бора дар байни сармоя, фоида ва даромад фарқ вуҷуд надорад ва аз тамоми мол гирифта мешавад. Дастгоҳҳои истеҳсолот, ки ба фаъолияти саноат ва кишоварзӣ лозим аст, замин ва моликияти ғайриманқула аз сармоя ба ҳисоб намеравад.

Ислом моликияти хусусиро мубоҳ гардонид (ба моликияти фардӣ рухсат дод), вале кайфияти моликшавиро маҳдуд сохт. Фардро ба тасарруфи молаш изн дод, вале кайфияти тасарруфро маҳдуд сохт. Тафовути қувваи ақлонӣ ва ҷисмонии фардҳои банӣ-инсонро ба инобат гирифта, дар хусуси кӯмакрасонӣ ба оҷиз ва таъмин кардани мӯҳтоҷ аз ин тафовут чораҳои эҳтиётӣ андешид ва дар молҳои сарватмандон ҳаққеро барои фақирону мискинон муқаррар намуд. Он чиро, ки ҷамоат аз он бениёз шуда наметавонад, ба моликияти умумии тамоми мусулмонон табдил дод. Пас, ба ҳеҷ кас ҷоиз нест, ки ба он соҳибӣ кунад, ба мамнӯъгоҳи худ табдил диҳад ва ғайра. Инчунин давлатро дар хусуси таъмини раият бо сарват: чи бо молҳо ва чи бо хизматрасониҳо, масъул кард ва ба давлат рухсат дод, ки он низ моликияти хоса дошта бошад.

Бо ин ҳама, барои ҳар як фарди раият зиндагиро кафолат дод, барои ҷамоат пояндагиро ҳамчун ҷомеаи тифоқ кафолат дод, манфиатҳои ин фардҳо ва сарварии корҳои ин ҷамоатро кафолат дод ва ҳастии давлатро дар хусуси қудрати кофӣ барои адои масъулиятҳои иқтисодиаш ҳифз намуд. Вале ин ҳама дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки ҷомеа дар вазъе қарор гирад, то дар он таъмини фардбафардии тамоми афроди раият бо сарват ба вуҷуд ояд ва афроди раият ба ҷумлагӣ тамоми аҳкоми шариатро татбиқ намоянд. Агар ҷомеа ба тафовути калони миёни фардҳо дар таъмини эҳтиёҷот бунёд гардад, монанди ҳолати имрӯзаи олами исломӣ, эҷоди мувозина дар байни афрод лозим аст, ки дар

амалиёти нави тақсимот дар таъмини эҳтиёҷот наздикӣ ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тавр, агар бо сабаби фаҳмиши заиф ё нуқсони тасодуфӣ дар зеҳни мардум дар бораи татбиқи аҳкоми шаръӣ каҷравӣ рух диҳад ё давлат дар татбиқи низом ба бепарвоӣ роҳ диҳад, мардум аз низом дур ва ҷомеа аз вазъи мӯътадил берун мешавад. Пас, ин боиси худхоҳӣ, худбинӣ ва тасарруфи нодуруст дар моликияти фардӣ мегардад ва тақсимоти нодурусти сарват дар байни мардум ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, нигоҳ доштани мувозина дар байни афроди ҷомеа ё эҷоди ин мувозина зарур аст.

Дар ҳар ду ҳолат тақсимоти нодурусти сарват дар байни мардум бо сабаби ду кор ба вуҷуд меояд: ё бо сабаби гардиши сарват танҳо дар байни тӯдаи сарватмандон, ё бо сабаби манъи сарват аз мардум ва манъи воситаи гардиш дар байни мардум бо боздоштани он аз ҷомеа. Ислом ду ҷиҳати мазкурро муолиҷа намуда, аҳкоми шаръиеро гузошт, ки гардиши сарватро дар байни тамоми мардум кафолат медиҳад ва тақсимоти сарватро ҳангоми ворид гаштани халал дар мувозинаи ҷомеа аз нав барқарор месозад. Ҳамин тавр, аҳкоми шаръиеро гузошт, ки аз канзи тиллову нуқра бо эътибори воситаи гардиш буданаш манъ мекунад ва ба гузоштани тиллову нуқра ба мавзеи гардиш дар ҷомеа дар байни мардум маҷбур месозад. Ҳамин тавр, ҷомеаи вайрону гумроҳ ва ҷомеаи каҷрав ё моили каҷравиро муолиҷа мекунад ва барои таъмини фардбафардии сарват барои тамоми афроди раият амал мекунад, то эҳтиёҷоти асосии ҳар як фарди раият дар шакли том қонеъ гардад ва дар назди ӯ роҳ кушода шавад, то дар болои қонеъгардонии эҳтиёҷоти ғайриасосӣ ба қадри тавонаш кор кунад.

### Мувозинаи иқтисодӣ дар ҷомеа

Ислом гардиши молро дар байни тамоми афроди раият воҷиб гардонид ва маҳдуд шудани гардишро дар байни гурӯҳе аз мардум манъ кард. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

كَيْ لَا يَكُونَ دُولَةً بَيْنَ الْأَغْنِيَاءِ مِنكُمْ

"***То миёни тавонгаронатон даст ба даст нашавад***" [59:7].

Агар ҷомеа дар ҳолати тафовути калон дар байни афрод аз ҷиҳати таъмини эҳтиёҷот қарор гирад ва аз нав бунёд кардани ин ҷомеа хоста шавад ё бо сабаби беэътиборӣ ба аҳкоми Ислом ва саҳлангорӣ дар татбиқи он дар ҷомеа ин гуна тафовут ба вуҷуд ояд, давлатро мебояд бо ато кардани молҳояш ба касоне, ки аз қонеъ гардондани эҳтиёҷашон оҷизанд, эҷоди мувозинаро дар ҷомеа муолиҷа намояд, то ин гуна касон таъмин шаванд ва бо ин таъминшавӣ мувозинаи таъмини эҳтиёҷот ба вуҷуд ояд. Давлатро мебояд аз молҳои манқула ва ғайриманқула ато кунад. Зеро мақсад аз атои мол на қонеъгардонии муваққатии эҳтиёҷ, балки таъмини воситаҳои қонеъгардонии эҳтиёҷ бо таъмини моликияти сарватест, ки ин эҳтиёҷотро қонеъ мегардонад. Агар давлат мол надошта бошад ё молҳояш барои пайдо кардани мувозина кифоя накунад, соҳиб шудани давлат ба молҳои мардум ва бастани андоз бо сабаби ин мувозина дуруст нест. Зеро ин аз корҳое нест, ки ба тамоми мусулмонон фарз бошад. Ҳамин тавр, ҳар гоҳ, ки давлат халалдор шудани мувозинаи иқтисодии ҷомеаро мебинад, ин халалро бо ато кардани молҳои давлат ба касоне, ки аз қонеъгардонии эҳтиёҷашон оҷизанд, муолиҷа мекунад. Пайғамбар (с), вақте ки тафовути моликияти молҳоро дар байни муҳоҷирон ва ансориён мушоҳида намуданд, молҳои файъро, ки аз Банӣ-Назир ғанимат гирифтанд, барои эҷоди мувозинаи иқтисодӣ ба муҳоҷирон хос гардонданд. Ривоят шудааст: "Вақте ки Пайғамбар (с) Банӣ-Назирро бо роҳи сулҳ фатҳ намуда, яҳудиёнро аз он ҷо берун ронданд, мусулмонон аз эшон тақсим кардани ғаниматро пурсиданд. Он гоҳ оят нозил шуд:

وَمَا أَفَاءَ اللَّهُ عَلَى رَسُولِهِ مِنْهُمْ فَمَا أَوْجَفْتُمْ عَلَيْهِ

"***Он чӣ, ки Аллоҳ аз дороияшон ба пайғамбари худ ғанимат дод, он набуд, ки шумо бо асп ё шутуре бар он тохта будед***" [59:6].

Аллоҳ молҳои Банӣ-Назирро ба Пайғамбар (с) хос гардонд, то ба таври дилхоҳ сарф намоянд. Пайғамбар (с) ғаниматро ба муҳоҷирон тақсим карда, ҷуз ду ансорӣ: Абӯдуҷона Саммок ибни Харша ва Саҳл ибни Ҳаниф, ки ҳолашон аз ҷиҳати фақр мисли ҳоли муҳоҷирон буд, ба ансориёни дигар надоданд". Ибни Аббос ривоят кардааст: "Пайғамбар (с) ба ансориён гуфтанд: "Агар бихоҳед, аз ҳавлиҳо ва молҳоятон ба муҳоҷирон тақсим мешавад ва дар ин ғанимат ба онҳо шарик мешавед. Агар бихоҳед, ҳавлиҳо ва молҳоятон дар дастатон мемонад ва аз ин ғанимат чизе ба шумо тақсим намешавад". Ансориён гуфтанд: "Ба бародаронамон аз ҳавлиҳо ва молҳоямон тақсим мекунем ва онҳоро дар ғанимат аз худ бартар мегузорем". Он гоҳ Аллоҳ Таоло ояти зеринро нозил кард:

وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

"***Дигаронро бар хеш тарҷеҳ медиҳанд, ҳарчанд худ ниёзманд бошанд***" [59:9]".

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

كَيْ لَا يَكُونَ دُولَةً بَيْنَ الْأَغْنِيَاء مِنكُمْ

"***То миёни тавонгаронатон даст ба даст нашавад***" [59:7],

яъне то ки танҳо дар байни сарватмандон гардиш нахӯрад. (اَلدُّوْلَةُ) дар луғат номи чизест, ки қавм онро гардиш медиҳанд, инчунин номи молест, ки гардиш мехӯрад, яъне файъ, ки бояд ба фақирон дода шавад, то ба зиндагиашон кифоя кунад, набояд ба дасти сарватмандон афтад ва дар байнашон гардиш хӯрад.

Он чӣ, ки бо файъи Банӣ-Назир рух дод, чунин буд, ки он аз молҳои давлат ба ҳисоб мерафт ва ба фақирон хос ва ба сарватмандон ҳаром гардонда шуд, то дар байнашон мувозинаи таъмини эҳтиёҷот ба вуҷуд ояд. Ин кор дар молҳои байтулмол рух медиҳад, вале шарт аст, ки ин молҳо аз молҳое бошад, ки аз мусулмонон ҷамъоварӣ нашудааст, балки аз молҳои ғанимат

бошад. Агар ин молҳо аз молҳое бошад, ки аз мусулмонон ҷамъоварӣ шудааст, барои пайдо кардани мувозина сарф намешавад. Ҳамавақт ҳамин тавр рафтор карда мешавад. Зеро ибрат бо умумӣ будани лафз аст, на бо хос будани сабаб. Бинобар ин, халифа бояд барои эҷоди мувозинаи иқтисодӣ аз молҳои давлат, ки дар байтулмол мавҷуд аст, танҳо ба фақирони раият ато намояд, то бо ин гуна атокунӣ мувозинаи иқтисодӣ ба вуҷуд ояд. Вале ин на аз сарфу харҷи доимии байтулмол, балки муоличаи ҳолати муайян бо молҳои муайян ба ҳисоб меравад.

**Манъи канзи тиллову нуқра**

Тақсимоти нодурусти сарват дар байни афрод, ки дар давлатҳои гуногуни ҷаҳон ба назар мерасад, аз ҳақиқатҳои баҳснопазир аст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти имрӯза кушоду равшан ифодаи худро меёбад ва далел овардан ба он тавони калонро талаб намекунад. Тафовути калон дар қонеъгардонии эҳтиёҷот, ки башар аз он ранҷ мекашад, ба изҳори алоҳидаи ин тафовут ва зиштии он мӯҳтоҷ нест. Капитализм ба муолиҷа кардани ин тафовут кӯшиш кард, вале ноком гашт. Иқтисоддонони капиталист, вақте ки дар бораи назарияи тақсимоти даромад баҳс мекунанд, тақсимоти нодурусти даромади шахсиро ба пуррагӣ нодида гирифта, бе ягон муолиҷа ва бе ягон эзоҳ танҳо бо шарҳи маълумоти оморӣ иктифо мекунанд. Сотсиалистҳо барои муолиҷаи тақсимоти нодуруст ҷуз маҳдуд сохтани моликият бо миқдор василае наёфтанд. Коммунистҳо манъи моликиятро ҳамчун муолиҷа пазируфтанд. Аммо Ислом кайфияти моликият ва кайфияти тасарруфро маҳдуд сохт, инчунин ба оҷизон моле ато кард, ки барояшон наздикшавиро бо афроди дигари ҷомеа кафолат медиҳад, то дар таъмини эҳтиёҷот дар байни мардум наздикшавӣ ба вуҷуд ояд. Ҳамин тавр, тақсимоти зиштро (тақсимоти нодурустро) муолиҷа намуд ва тақсимоти зеборо кафолат дод. Бо вуҷуди наздикшавӣ дар қонеъгардонии эҳтиёҷот дар байни афрод гоҳо дар дасти баъзе афрод сарвати калон ҷамъ мешавад. Ислом наздикиро аз ҷиҳати мулкдорӣ дар байни мардум фарз нагардонид, балки

бениёзии ҳар як фардро аз дигарон дар эҳтиёҷоте, ки урф нисбат ба ӯ муқаррар мекунад, фарз гардонд.

"خَيْرُ الصَّدَقَةِ مَا كَانَ عَنْ ظَهْرِ غِنًى"

"***Беҳтарин садақа баъд аз беҳоҷатӣ аст***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. Ин сарвати калон ба соҳибонаш имкони захиракуниро фароҳам меорад ва дар касб кардани даромади калон мусоидат менамояд. Пас, табиист, ки сарвати калони мавҷуда ба моли калон табдил меёбад, зеро мол молро ҷалб мекунад (пул пулро меёбад). Агар меҳнат дар касб кардани сарват таъсир расонад ва барои истифодаи молҳо имконият фароҳам орад, аз ин ба иқтисод хатаре нест, баръакс сарвати иқтисодии ҷамоат меафзояд ва сарвати фард низ меафзояд. Вале бар асари канзи пулҳо аз тарафи баъзе афрод, ки соҳиби сарвати калон ҳастанд, хатар ба вуҷуд меояд. Пас, бар асари канзи пулҳо сатҳи даромад поён меравад, бекорӣ интишор меёбад ва мардум ба ҳолати фақр мерасанд. Аз ин рӯ, муолиҷа кардани канзи пулҳо зарур аст. Пулҳо воситаи табодул дар байни мол бо мол, дар байни мол бо меҳнат ва дар байни меҳнат бо меҳнат ба ҳисоб меравад. Пас, пулҳо миқёси ин табодул аст. Агар пул аз бозор равад ва дасти мардум ба он нарасад, ин табодул аз байн меравад ва чархи иқтисод бозмеистад. Зеро пешравии кор ба бисёр будани ин восита дар дасти мардум вобаста аст.

Зеро манбаи даромади шахс ё ҳайат танҳо шахси дигар ё ҳайати дигар аст. Масалан, андозҳое, ки давлат ҷамъ меорад, даромади давлат, вале сарфу харҷи мардум ба ҳисоб меравад. Сарфу харҷе, ки давлат ба коргарон, лоиҳаҳо, таъминоти сарбозон ва ғайра сарф мекунад, барои ин ашхос даромад ва барои давлат сарфу харҷ ба ҳисоб меравад. Сарфу харҷе, ки коргарон, сарбозон ва ғайра сарф мекунанд, барои касоне, ки аз онҳо коло мехаранд, монанди соҳиби манзил, гӯштфурӯш, кабудифурӯш, тоҷир ва ғайра, даромад ба ҳисоб меравад ва ҳоказо. Пас, даромадҳо ва сарфу харҷи мардум дар ҷомеа умумӣ (иҷмолӣ) мебошад, ки дар шакли

доиравӣ пайваста гардиш мехӯрад. Агар шахсе пулро канз кунад, пулро аз бозор мегирад. Ин дар шакли табиӣ боиси коҳиш ёфтани сарфу харҷи ин шахс ва ин дар шакли ҳатмӣ боиси коҳиш ёфтани даромади дигарон мегардад, ки аз ато ва табодули ин пули канзшуда ҳосил мешуд. Бар асари ин, истеҳсоли мардум коҳиш меёбад, зеро талабот ба коло коҳиш меёбад. Ин бекорӣ ва поёнравии иқтисодро ба бор меорад. Бинобар ин, канзи пул бо сабаби коҳиш ёфтани даромади мардум дар шакли ҳатмӣ бекорӣ ва поёнравии иқтисодро ба вуҷуд меорад.

Бояд донист, ки ин зарар на аз захира кардани пул (пасандоз кардани пул), балки аз канз кардани пул сар мезанад. Чархи фаъолиятро на захиракунӣ, балки канзкунӣ бозмедорад. Фарқ дар байни канз ва пасандоз чунин аст, ки канз ҷамъоварии болоиҳами пул бе ягон эҳтиёҷ ва манъ кардани пул аз бозор мебошад, вале пасандоз хазина кардани пул барои ягон эҳтиёҷ мебошад, монанди ҷамъ кардани пул барои сохтани хона, барои издивоҷ, барои харидани корхона, кушодани тиҷорат ва ғайра. Ин навъи ҷамъоварии пул ба бозор ва ба чархи фаъолият таъсир намерасонад. Зеро ин на манъ кардани мол, балки ҷамъ кардани мол барои сарф мебошад. Пас, ин мол ҳангоми гузошта шудан ба мавзеи сарф ба гардиш медарояд. Аз ин рӯ, аз пасандоз хатаре нест, балки аз канзи пул хатар ба вуҷуд меояд.

Ислом ба захира кардани тиллову нуқра (пасандоз кардани тиллову нуқра) рухсат дод, зеро он ҷамъ кардани пул барои ягон эҳтиёҷ ба ҳисоб меравад. Масалан, ба мукотаб46 рухсат дод, ки кор кунад ва пулро болоиҳам ҷамъ кунад, то ба хоҷааш маблағи лозимиро барои озод шудан пардозад. Ба мард рухсат дод, ки пулро болоиҳам ҷамъ кунад, то маҳри занеро барои издивоҷ бо ӯ ҷамъ орад. Ба мард рухсат дод, ки барои адои фарзи ҳаҷ пулро болоиҳам ҷамъ кунад. Дар ин пули ҷамъшуда аз тиллову нуқра ҷуз закоташ ҳангоми расидани миқдораш ба нисоб ва сипарӣ шудани як сол чизе муқаррар накард.

Тилло ва нуқра: хоҳ зарбшуда бошад, монанди дирҳамҳо ва динорҳо, хоҳ на, монанди сабикаҳо, вақте ки оят дар борaи манъи канзи ин ду нозил шуд, воситаи табодул, миқёси меҳнати кор ва манфиати мол буд. Бинобар ин, наҳй ба тиллову нуқра ҳамчун воситаи табодул мансуб аст.

Аммо Ислом канзи тиллову нуқраро бо оятҳои сареҳи Қуръон ҳаром гардондааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالَّذِينَ يَكْنِزُونَ الذَّهَبَ وَالْفِضَّةَ وَلاَ يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ اللّهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ

"**Касонеро, ки зару сим меандӯзанд ва дар роҳи Аллоҳ инфоқаш намекунанд, ба азобе дардовар башорат деҳ**" [9:34].

Ин ваид бо азоби аламовар барои касоне, ки тиллову нуқраро канз мекунанд, далели равшан аст, ки Шореъ тарки канзро дар шакли ҷозим талаб кардааст. Бинобар ин, канзи тиллову нуқра ҳаром мебошад.

Далел ба он, ки оят канзи тиллову нуқра дар шакли қотеъ ҳаром кардааст, чунин аст:

**Якум:** Оят умумӣ аст. Пас, оят мантуқан ва мафҳуман ба манъи канзи мол аз тиллову нуқра дар шакли қатъӣ далел аст. Таҳаввули маъно ба тарзи "**канз баъд аз баровардани закот мубоҳ аст**" тарки ҳукмест, ки оят ба он дар шакли қатъӣ далолат мекунад. Ин гуна таҳаввул танҳо бо далеле, ки аз оят ҷудогона аст ва маънои оятро тағйир медиҳад ё оятро насх мекунад, имконпазир аст. Ҳеҷ гуна далели саҳеҳ наомадааст, ки маънои оятро тағйир диҳад. Ин ҷо эҳтимоли далеле низ вуҷуд надорад, ки маънои оятро тағйир диҳад, зеро далолати оят қатъист. Пас, танҳо далеле, ки оятро насх мекунад, боқӣ мемонад. Вале далеле низ вуҷуд надорад, ки оятро насх кунад. Ояти

خُذْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ صَدَقَةً تُطَهِّرُهُمْ

"***Аз дороиҳояшон садақа биситон, то ононро поку муназзаҳ созӣ***" [9:103]

соли дуюми ҳиҷрӣ, вақте ки закот фарз гардид, нозил шуд ва ояти канз соли нӯҳуми ҳиҷрӣ нозил шуд. Дар нузул муқаддам муаххарро насх намекунад. Аммо ҳадисҳо дар хусуси канз набудани моле, ки закоташро медиҳанд, саҳеҳ нестанд. Ҳадиси Уммусалама, ки баъзе фақеҳон ҳуҷҷат меоранд, аз тариқи Итоб ривоят шудааст ва маҷҳул аст. Ҳадиси Уммусалама, ҳарчанд ҳадиси саҳеҳ ва ҳатто ҳадиси мутавотир мебуд, ҳукми оятро насх карда наметавонист. Зеро ҳадисҳои набавӣ, ҳарчанд мутавотир бошад, Қуръони каримро насх карда наметавонад. Зеро Қуръон субутан ва лафзан қатъист. Мо бо лафз ва маънои Қуръон ибодат мекунем. Аммо ҳадиси мутавотир бар хилофи ин субутан ва маънан (на лафзан) қатъист ва мо бо лафзи он ибодат намекунем. Бинобар ин, Қуръон бо ҳадисҳо, ҳарчанд мутавотир бошад, насх намешавад. Пас, чӣ тавр ҳадиси оҳод, монанди ҳадиси Уммусалама, ки дар он гуфтор ҳаст, ояти дорои субути қатъӣ ва далолати қатъиро насх карда тавонад?

**Дуюм:** Табарӣ дар тафсири худ аз Абӯумомаи Боҳилӣ ривоят кардааст:

**" تُوُفِّيَ رَجُلٌ مِنْ أَهْلِ الصُّفَّةِ، فَوُجِدَ فِي مِئْزَرِهِ دِينَارٌ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ: "كَيَّةٌ". ثُمَّ تُوُفِّيَ آخَرُ، فَوُجِدَ فِي مِئْزَرِهِ دِينَارَانِ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ: "كَيَّتَانِ""**

"***Марде аз аҳли суффа вафот кард ва аз изораш як динор ёфтанд. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Як бор сӯзондан". Сипас марди дигар вафот кард ва аз изораш ду динор ёфтанд. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ду бор сӯзондан***"".

Ин ҳадисро Аҳмад низ аз Алӣ ибни Абӯтолиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кардааст. Зеро ҳар ду мард, ҳарчанд ба ҳисоби садақа зиндагӣ мекарданд, соҳиби тилло шудаанд. Як ё ду динор ба нисоб намерасад, ки аз он закот бароварда шавад. Сухани Расул (с) дар бораи онҳо: "як бор сӯзондан" ва "ду бор сӯзондан" далел аст, ки тиллоҳоро, ҳарчанд дар он закот воҷиб нест, барои онҳо

канз эътибор кардаанд. Эшон ба он чӣ, ки дар ояти канз омадааст, ишора кардаанд:

يَوْمَ يُحْمَى عَلَيْهَا فِي نَارِ جَهَنَّمَ فَتُكْوَى بِهَا جِبَاهُهُمْ وَجُنوبُهُمْ وَظُهُورُهُمْ

"***Рӯзе, ки дар оташ ҷаҳаннам гудохта шавад ва пешониву паҳлӯ ва пушташонро бо он доғ кунанд***" [9:35].

**Сеюм:** Насси оят ваидро ба ду масъала нигарондааст: якум – канзи мол ва дуюм – тарки инфоқ дар роҳи Аллоҳ, яъне касонеро, ки тиллову нуқраро канз мекунанд ва касонеро, ки тиллову нуқраро дар роҳи Аллоҳ инфоқ намекунанд, бо азоб башорат деҳ. Аз ин рӯ, касе, ки канз намекунад, вале дар роҳи Аллоҳ низ инфоқ намекунад, ба ваид шомил аст ва касе, ки канз мекунад, вале дар роҳи Аллоҳ инфоқ мекунад, ба ваид шомил аст. Қуртубӣ мегӯяд: "Касе, ки канз намекунад, вале инфоқро дар роҳи Аллоҳ манъ мекунад, аз ин ҷумла мебошад". Мурод аз қавли Аллоҳ Таоло: (فِي سَبِيلِ اللهِ) дар оят "**ҷиҳод**" аст, зеро он бо инфоқ якҷоя омадааст. Агар (فِي سَبِيلِ اللهِ) бо инфоқ якҷоя ояд, маънои ҷиҳодро медиҳад. (فِي سَبِيلِ اللهِ) дар Қуръон танҳо ба ҳамин маъно омадааст. (فِي سَبِيلِ اللهِ) дар Қуръон якҷоя бо инфоқ танҳо ба маънои ҷиҳод омадааст.

**Чорум:** Бухорӣ аз Зайд ибни Ваҳб ривоят кардааст: "***Дар Рабза аз назди Абӯзар гузаштам ва гуфтам: Чӣ туро ба ин замин овард? Ӯ гуфт: "Мо дар Шом будем. Ман ояти***

"***Касонеро, ки зару сим меандӯзанд ва дар роҳи Аллоҳ инфоқаш намекунанд, ба азобе дардовар башорат деҳ"-ро хондам. Муовия гуфт: "Ин дар бораи мо нест, балки дар бораи аҳли китоб аст". Ман гуфтам: Ин ҳам дар бораи мо ва ҳам дар бораи онҳост"". Инро Ибни Ҷарир аз Убайдуллоҳ ибни Қосим, ӯ аз Ҳусайн, ӯ аз Зайд ибни Ваҳб, ӯ аз Абӯзар ривоят кардааст: "Баъд аз гуфтаҳои боло боз афзуд: "Дар ин бора дар байни ману ӯ овоз баланд шуд. Ӯ ба Усмон мактуб навишт ва аз ман шикоят кард. Усмон ба ман мактуб навишт, то ба наздаш***

***равам. Сипас ба назди Усмон рафтам. Вақте ки ба Мадина қадам гузоштам, мардум бар ман савор шуданд, гӯё пеш маро надида бошанд. Ман аз ин ба Усмон шикоят кардам. Ӯ ба ман гуфт: "Канорагирӣ кун". Ман гуфтам: Қасам ба Аллоҳ, ки аз гуфтаҳои худ даст намекашам"". Мухолифати Абӯзар бо Муовия на дар хусуси маънои оят, балки дар хусуси он буд, ки оят дар бораи кӣ нозил шудааст.*** Агар дар ин вақт ҳадисе дар бораи канз набудани моле, ки закоташ дода мешавад, мебуд, албатта Муовия онро ҳуҷҷат оварда, Абӯзарро хомӯш месохт. Аз ин рӯ, собит шудааст, ки тамоми ҳадисҳое, ки баъд аз ҳодисаи Абӯзар гузошта шудаанд, ҳадисҳои ғайрисаҳеҳ мебошад.

**Панҷум:** Канз дар луғат ҷамъоварии болоиҳами мол ва нигоҳ доштани мол аст. Моли канзшуда ба маънои моли ҷамъшуда мебошад. Канзи ҳар гуна чиз чи дар таги замин ва чи дар болои замин ҷамъоварии болоиҳами ин чиз мебошад. Калимаҳои Қуръон танҳо бо маънои луғавиашон тафсир мешавад. Танҳо дар ҳолате, ки барои он аз тарафи шариат маънои шаръӣ меояд, бо маънои шаръӣ тафсир мешавад. Дар бораи маънои шаръӣ доштани калимаи канз ягон ҳуҷҷати саҳеҳ наомадааст. Аз ин рӯ, тафсир намудани он танҳо бо маънои луғавиаш воҷиб аст. Ҷамъоварии болоиҳами мол бе ягон эҳтиёҷ, ки барои он ҷамъоварӣ шавад, канзи мазамматшуда ба ҳисоб меравад, ки Аллоҳ анҷомдиҳандаи онро бо азоби аламовар ваид додааст.

# *РИБО ВА САРФ (47)*

Рибо гирифтани мол бар ивази мол аз ҷинси ягона ба тарзи нобаробар мебошад. Сарф гирифтани тиллову нуқра бар ивази тиллову нуқра аз ҷинси ягона ба таври баробар ё аз ҷинси мухталиф ба тарзи баробар ё ба тарзи нобаробар мебошад. Сарф танҳо дар байъ рух медиҳад, аммо рибо дар байъ, қарз ва салам рух медиҳад. Байъ мубодилаи мол ба мол бо табдил додани моле ба моликияти касе ва табдил додани моле ба моликияти худ аст ва ин ҷоиз мебошад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَأَحَلَّ اللّٰهُ الْبَيْعَ

"**Аллоҳ байъро ҳалол кардааст**" [2:275].

Инчунин Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلْبَيِّعَانِ بِالْخِيَارِ مَا لَمْ يَتَفَرَّقَا"

"***Байъкунандагон, модом ки аз ҳам ҷудо нашаванд, ихтиёр доранд***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Ҳаким ибни Ҳизом ривоят кардааст. Салам супоридани колои ҳозир бар ивази колои мавсуф аст, ки то муддате ба дӯш гузошта мешавад. Ин салам ва салаф номида мешавад. Он як навъи байъ аст ва бо он чӣ, ки байъ баста мешавад, баста мешавад, вале лафзи салам истифода мешавад. Ин ҷоиз аст. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ إِذَا تَدَايَنتُم بِدَيْنٍ إِلَى أَجَلٍ مُّسَمًّى فَاكْتُبُوهُ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, чун ба муддати муайян ба якдигар қарзе диҳед, онро бинависед***" [2:282].

Ибни Аббос гуфтааст: "***Гувоҳӣ медиҳам, ки Аллоҳи Азза ва Ҷалла салаферо, ки ба муддати мусаммо (муддати муайян) кафолат дорад, ҳалол кардааст ва рухсат додааст***" ва ояти зеринро тиловат кард:

إِذَا تَدَايَنتُم بِدَيْنٍ إِلَى أَجَلٍ مُّسَمًّى

"***Чун ба муддати муайян ба якдигар қарзе диҳед***" [2:282]".

Шайхайн аз Ибни Аббос ривоят кардаанд: "***Вақте ки Пайғамбар (с) ба Мадина омаданд, мардум бо хурмо ба муддати ду-се сол салаф мекарданд. Пайғамбар (с) гуфтанд:***

"مَنْ أَسْلَفَ فِي شَيْءٍ فَفِى كَيْلٍ مَعْلُومٍ وَوَزْنٍ مَعْلُومٍ إِلَى أَجَلٍ مَعْلُومٍ"

"***Ҳар кӣ бо чизе салаф кунад, бо кайли муайян ва бо вазни муайян ба муддати муайян салаф кунад***".

Қарз як навъи салаф аст. Қарз додани моле ба касе барои бозпас гирифтани он аз ӯст ва ин ҷоиз мебошад. Муслим аз Абӯрофеъ ривоят кардааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ اسْتَسْلَفَ مِنْ رَجُلٍ بَكْرًا، فَقَدِمَتْ عَلَيْهِ إِبِلٌ مِنْ إِبِلِ الصَّدَقَةِ، فَأَمَرَ أَبَا رَافِعٍ أَنْ يَقْضِيَ الرَّجُلَ بَكْرَهُ، فَرَجَعَ إِلَيْهِ أَبُو رَافِعٍ فَقَالَ: لَمْ أَجِدْ فِيهَا إِلاّ خِيَارًا رُبَاعِيًا، فَقَالَ: أَعْطِهِ إِيَّاهُ إِنَّ خِيَارَ النَّاسِ أَحْسَنُهُمْ قَضَاءً"

"***Пайғамбар (с) аз марде бакр48ро салаф карданд. Сипас ба эшон шутурҳои садақа омад. Набӣ (с) ба Абӯрофеъ фармуданд, ки ба он мард бакрашро пардозад. Абӯрофеъ дубора омад ва гуфт: "Дар байни шутурҳо танҳо беҳтарин шутурҳои чорсоларо дидам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ҳамонро бидеҳ, зеро беҳтарини мардум касест, ки қарзашро дар шакли зебо адо мекунад***"".

Ибни Ҳиббон аз Ибни Масъуд ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"مَا مِنْ مُسْلِمٍ يُقْرِضُ مُسْلِمًا قَرْضًا مَرَّتَيْنِ إِلاَّ كَانَ كَصَدَقَةٍ مَرَّةً"

"***Агар мусулмоне ба мусулмони дигар ду бор қарз диҳад, гӯё як бор садақа додааст***". Пайғамбар (с) низ қарз мегирифтанд.

**Рибо**

Рибо дар байъ ва салам танҳо дар шаш чиз рух медиҳад: хурмо, гандум, ҷав, намак, тилло ва нуқра. Қарз дар ҳама чиз рух медиҳад. Қарз додани чизе, барои он ки ба ту камтар, зиёдтар ё навъи дигари онро баргардонанд, ҳалол нест. Вале бозпас гирифтани мисли чизе, ки қарз дода мешавад, аз навъи он ва ба миқдори он ҷоиз аст. Фарқ дар байни байъу салам ва қарз ин аст, ки байъу салам метавонад дар навъе бо навъи дигар ва метавонад дар навъе бо ин навъ рух диҳад, вале қарз бояд танҳо дар навъе бо ин навъ бошад. Далели ҷой доштани рибо танҳо дар ин шаш навъ иҷмои саҳобагон аст, ки бар ин баста шудааст, инчунин қавли зерини Расул (с):

" اَلذَّهَبُ بِالذَّهَبِ وَالْفِضَّةُ بِالْفِضَّةِ وَالْبُرُّ بِالْبُرِّ وَالشَّعِيرُ بِالشَّعِيرِ، وَالتَّمْرُ بِالتَّمْرِ وَالْمِلْحُ بِالْمِلْحِ، مِثْلاً بِمِثْلٍ سَوَائًا بِسَوَاءٍ، يَدًا بِيَدٍ فَإِذَا اخْتَلَفَتْ هَذِهِ الْأَصْنَافُ فَبِيعُوا كَيْفَ شِئْتُمْ إِذَا كَانَ يَدًا بِيَد"

"***Тилло ба тилло, нуқра ба нуқра, гандум ба гандум, ҷав ба ҷав, хурмо ба хурмо ва намак ба намак мисл ба мисл, баробар ва даст ба даст аст. Пас, агар ин синфҳо гуногун бошад, бо шарти даст ба даст будан ба тарзи дилхоҳ бифурӯшед***".

Ин ҳадисро Муслим аз Убода ибни Сомит ривоят кардааст. Пас, иҷмоъ ва ҳадис ба ашёи муайян ишора мекунад, ки дар ин ашё рибо рух медиҳад ва собит нест, ки ҷуз ин ашё рибо мавҷуд бошад. Ҷуз шаш навъи мазкур далеле дар хусуси ҳаром будани навъи дигар наомадааст. Бинобар ин, рибо дар чизҳои дигар рух

намедиҳад. Ҳар чӣ, ки аз ҷинси шаш навъи мазкур аст ва ҳар чӣ, ки васфи шаш навъи мазкур ба он мутобиқ меояд, ба рибо дохил мешавад, вале чизҳои дигар ба он дохил намешавад. Аммо иллат нишон додан ба ҳаром будани ашёи мазкур чунин аст, ки ин дар насс наомадааст. Бинобар ин, дар ин бора иллат нишон дода намешавад. Зеро иллат на ақлӣ, балки шаръӣ мебошад. Модом ки иллат аз насс фаҳмида нашавад, чизи дигар эътибор надорад. Аммо қиёси иллат чунин аст, ки ин ҷо қиёси иллат наомадааст, зеро дар қиёси иллат васфи мафҳум будани чизе, ки иллат эътибор карда мешавад, шарт аст, то қиёси иллат дуруст бошад. Агар васфи мафҳум набошад, чи исми ҷомид бошад ва чи васфи ғайримафҳум, иллат будани он ва ба иллати дигар қиёс кардани он низ нодуруст аст. Пайғамбар (с) дар ҳадисе, ки Ибни Моҷа аз тариқи Абӯбакр ривоят кардааст, гуфтаанд:

"لاَ يَقْضِى الْقَاضِى بَيْنَ اِثْنَيْنِ وَهُوَ غَضْبَانُ"

"***Қозӣ, дар ҳоле ки дарғазаб аст, миёни ду нафар ҳукм набарорад***".

Пайғамбар (с) ин ҷо ғазабро иллати манъи ҳукмбарорӣ эътибор карданд. Зеро ғазаб васфи мафҳуми манъ аст. Аз ин рӯ, он иллат аст. Иллат будани он аз маъное, ки аз он манъ фаҳмида шудааст, истинбот мешавад. Ин маъно ошуфта шудани ақл аст. Бинобар ин, ҳар чӣ, ки ба ин маъно дохил мешавад, ба ғазаб қиёс карда мешавад, ки ин ғазабро ба иллат табдил медиҳад ва иллат ошуфта шудани ақл аст. Масалан, гуруснагии сахт. Пас, ин ҷо қиёс кардани чизи дигар ба ғазаб дуруст аст, зеро лафзи (اَلْغَضَبُ) васфи мафҳуми манъи ҳукмбарорӣ аст. Бар хилофи ин, дар қавли Аллоҳ Таоло:

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمُ الْمَيْتَةُ

"***Мурдор ба шумо ҳаром шуд***" [5:3]

лафзи (اَلْـمَيْتَةُ) васфи мафҳуми ҳаром будан нест. Пас, ба он қиёс карда намешавад ва ҳаром будан ба мурдор маҳдуд мегардад.

Ҳамин тавр, агар насс дар хусуси ҳаром будани рибо дар гандум ворид шавад, ба он қиёс карда намешавад. Зеро (اَلْقَمْحُ) исми ҷомид аст ва васфи мафҳум нест. Наметавон гуфт, ки ҳаром будани рибо дар гандум барои хӯрок будани он аст, зеро он васфи мафҳум нест. Бинобар ин, ҳеҷ гуна иллат дар хусуси ҳаром будани он эътибор надорад ва чизи дигар ба он қиёс карда намешавад. Аммо қавли Набӣ (с):

"اَلطَّعَامُ بِالطَّعَامِ مِثْلاً بِمِثْلٍ"

"***Таом ба таом мисл ба мисл аст***", ки Муслим аз Муаммар ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст, ҳадиси:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ قَسَمَ بَيْنَهُمْ طَعَامًا مُخْتَلِفًا، بَعْضٌ أَفْضَلُ مِنْ بَعْضٍ قَالَ: فَذَهَبْنَا نَتَزَايَدُ بَيْنَنَا، فَمَنَعَنَا رَسُولُ اللهِ ﷺ أَنْ نَتَبَايَعَهُ، إِلاَّ كَيْلاً بِكَيْلٍ لاَ زِيَادَةَ فِيهِ"

"***Пайғамбар (с) таомҳои гуногунро ба онҳо тақсим карданд, ки баъзе бо баъзеи дигар нобаробар буд. Мо дар байни худ нархҳоро боло бардоштем. Расулуллоҳ (с) моро аз фурӯши таом ба якдигар боздоштанд, магар кайл ба кайл бе ягон зиёдкунӣ***", ки Аҳмад аз Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст, инчунин қавли Расул (с):

" لَا تُبَاعُ الصُّبْرَةُ مِنْ الطَّعَامِ بِالصُّبْرَةِ مِنْ الطَّعَامِ، وَلَا الصُّبْرَةُ مِنْ الطَّعَامِ بِالْكَيْلِ الْـمُسَمَّى مِنْ الطَّعَامِ"

"***Хирвори таом ба хирвори таом фурӯхта намешавад ва хирвори таом бо кайли мусаммои таом низ фурӯхта намешавад***", ки Насоӣ аз тариқи Ҷобир ривоят кардааст, далолат намекунад, ки таом иллати ҳаром будан мебошад, балки далолат мекунад, ки рибо дар таом рух медиҳад. Пас, рибо тамоми ҷинси таомро дарбар мегирад ва ин омм аст. Ҳадиси Расул (с), ки Убода ибни Сомит ривоят кардааст, синфҳои рибодори таомро ба гандум, ҷав, хурмо ва намак маҳдуд месозад. Аз ин рӯ, лафзи омм: "таом", ки дар нусуси боло омад, аз боби омм ба ҳисоб меравад, ки

мурод аз он хос мебошад, яъне чаҳор синфи мазкури таом. Ин мисли қавли зерини Аллоҳ Таоло аст:

الَّذِينَ قَالَ لَهُمُ النَّاسُ إِنَّ النَّاسَ قَدْ جَمَعُواْ لَكُمْ فَاخْشَوْهُمْ

"**Касоне, ки мардум ба онҳо гуфтанд, ки мардум барои ҷанг бо шумо гирд омадаанд, аз онҳо битарсед**" [3:173].

Лафзи "**мардум**" ин ҷо омм аст, ки мурод аз он хос мебошад, зеро касоне, ки ба онҳо гуфтанд, на умуми мардум (ҳамаи мардум), балки баъзеи мардум аст. Ҳамин тавр, лафзи "**таом**" омм аст, ки мурод аз он хос мебошад, яъне на умуми таом, балки баъзеи таом. Далел ин аст, ки таомҳои зиёд ҳаст, ки рибо дар он ҳаром нест ва ҳамаи он аз таом ба ҳисоб меравад. Масалан, боинҷон, каду, сабзӣ, ҳалво, қаламфур, сирпиёз ва челон низ хӯрок ба ҳисоб меравад, вале ин ҳама бо иҷмоъ ба рибо дохил намешавад. Ҳол он ки ба ҳамаи ин лафзи таом мувофиқ меояд, зеро ин ҳама таом ба ҳисоб меравад. Инчунин Расул (с) гуфтаанд:

"لاَ صَلاَةَ بِحَضْرَةِ الطَّعَامِ"

"***Ҳангоми ҳозир шудани таом намоз хонда намешавад***".

Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Оиша ривоят кардааст. Яъне ҳар гуна таоме, ки барои хӯрдан омода мешавад. Агар дар ҳама таом рибо рух медод, ҳамаи ин ба рибо дохил мешуд. Аз ин рӯ, лафзи омм: "**таом**", ки дар ҳадисҳои боло омадааст, аз боби омм ба ҳисоб меравад, ки мурод аз он хос мебошад, яъне синфҳои рибодори таом, ки Расул (с) онҳоро дар қавли худ зикр кардаанд:

"اَلْبُرُّ بِالْبُرِّ وَالشَّعِيرُ بِالشَّعِيرِ، وَالتَّمْرُ بِالتَّمْرِ وَالْمِلْحُ بِالْمِلْحِ"

"***Гандум ба гандум, ҷав ба ҷав, хурмо ба хурмо ва намак ба намак***".

Ҳамин тавр, наметавон гуфт, ки рибо дар тиллову нуқра ҳаром аст, зеро он бо вазн чен мешавад, пас, ҷинси ченшаванда бо вазн будани тиллову нуқра иллати ҳаром будани рибо дар тиллову

нуқра мебошад. Инчунин наметавон гуфт, ки рибо дар гандум, ҷав, хурмо ва намак ҳаром аст, зеро он бо кайл (паймона) чен мешавад, пас, ҷинси ченшаванда бо кайл будани он иллати ҳаром будани рибо дар он мебошад. Зеро вазн ва кайл дар ҳадис ҳамчун васф омадааст, на ҳамчун иллат. Насоӣ аз Убода ибни Сомит ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" اَلذَّهَبُ بِالذَّهَبِ تِبْرُهُ وَعَيْنُهُ وَزْنًا بِوَزْنٍ، وَالْفِضَّةُ بِالْفِضَّةِ تِبْرُهُ وَعَيْنُهُ وَزْنًا بِوَزْنٍ، وَالْمِلْحُ بِالْمِلْحِ وَالتَّمْرُ بِالتَّمْرِ وَالْبُرُّ بِالْبُرِّ وَالشَّعِيرُ بِالشَّعِيرِ، سَوَاءً بِسَوَاءٍ، مِثْلاً بِمِثْلٍ، فَمَنْ زَادَ أَوْ ازْدَادَ فَقَدْ أَرْبَى"

"***Тилло ба тилло ҳам рудааш ва ҳам айнаш вазн ба вазн аст. Нуқра ба нуқра ҳам рудааш ва ҳам айнаш вазн ба вазн аст. Намак ба намак, хурмо ба хурмо, гандум ба гандум ва ҷав ба ҷав баробар ва мисл ба мисл аст. Ҳар кӣ ба таври зиёдатӣ бигирад ё бидиҳад, рибо кардааст***".

Ҳадис ҳолатеро, ки ҳаром будан ба он бунёд мегардад, баён менамояд ва он вазни нобаробар дар тиллову нуқра ва кайли нобаробар (паймонаи нобаробар) дар гандум, ҷав, намак ва хурмо мебошад. Ин на иллат, балки баёни он чӣ аст, ки дар он табодул рух медиҳад (баёни ҳолату ҷараёни табодул). Бинобар ин, рибо на дар ҳар чӣ, ки бо кайл ё бо вазн чен мешавад, балки танҳо дар шаш ашёи мазкур рух медиҳад (ҷой дошта метавонад): дар тиллову нуқра бо вазн ва дар ғайри ин бо кайл. Бо ибораи дигар, рибо дар байъ ва салам танҳо дар шаш ашё: хурмо, гандум, ҷав, намак, тилло ва нуқра, рух медиҳад.

Қарз дар шаш синфи мазкур, дар ғайри ин ва дар ҳар гуна мол ҷоиз ва баровардани он аз мулк ҳалол аст. Рибо дар қарз танҳо дар ҳолате, ки қарз нафъе меорад, дохил мешавад. Ҳорис ибни Абӯусома аз Алӣ (р) ривоят кардааст:

"أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ نَهَى عَنْ قَرْضٍ جَرَّ مَنْفَعَةً"

"Пайғамбар (с) аз қарзе, ки манфиат меорад, боздоштаанд". Дар ривояти дигар омадааст:

"كُلُّ قَرْضٍ جَرَّ مَنْفَعَةً فَهُوَ رِبًا"

"***Ҳар қарзе, ки манфиат меорад, рибо аст***".

Он чӣ, ки аз қабили адои зебо бе зиёдкунӣ ба ҳисоб меравад, аз ин мустасност. Абӯдовуд аз Абӯрофеъ ривоят кардааст:

" اسْتَسْلَفَ رَسُولُ اللهِ ﷺ بِكْرًا فَجَاءَتْهُ إِبِلٌ الصَّدَقَةِ فَأَمَرَنِي أَنْ أَقْضِي الرَّجُلَ بِكْرَهُ فَقُلْتُ لَمْ أَجِدْ فِي الْإِبِلِ إِلَّا جَمَلًا خِيَارًا رُبَاعِيًّا فَقَالَ: أَعْطِهُ إِيَّاهُ فَإِنَّ خِيَارَ النَّاسِ أَحْسَنُهُمْ قَضَاءً"

"***Расулуллоҳ (с) бакрро салаф карданд. Сипас ба эшон шутурҳои садақа омад. Ба ман фармуданд, ки бакри он мардро бипардозам. Ман гуфтам: Дар байни шутурҳо танҳо беҳтарин шутурҳои чорсоларо дидам. Расул (с) гуфтанд: "Ҳамонро ба ӯ бидеҳ. Беҳтарини мардум касест, ки қарзашро дар шакли зебо адо мекунад***"".

**Сарф**

Аз пайгирии тамоми муомилоти молӣ дар бозорҳои ҷаҳон, ки дар асоси ақдҳои байъ ҷорӣ мешавад, аён мегардад, ки амалиётҳои харид ва фурӯш дар шаш навъ рух медиҳад: **якум** – хариди пул ба ҳамин навъи пул, монанди мубодилаи пулҳои коғазии нави динори ироқӣ ба пулҳои коғазии кӯҳнаи динори ироқӣ; **дуюм** – мубодилаи пул ба пули дигар, монанди мубодилаи долларҳо ба ҷунайҳҳои мисрӣ; **сеюм** – хариди мол ба пули муайян ва хариди ин пул ба пули дигар, монанди хариди тайёраҳо ба долларҳо ва мубодилаи долларҳо ба динори ироқӣ дар як додугирифт; **чорум** – фурӯши моле ба фунт-стерлинг ва мубодилаи долларҳо ба фунт-стерлинг; **панҷум** – фурӯши санадҳои муайян (коғазҳои арзишдори муайян) ба пули муайян; шашум – фурӯши саҳмияҳои ширкати муайян ба пули муайян. Ақдҳои байъ дар муомилоти молӣ дар шаш муомилоти мазкур ҷараён мегирад. Харидуфурӯши санадҳо ва саҳмияҳо шаръан мутлақо ҷоиз нест. Зеро санадҳо

фоидаи муқаррар дорад, пас рибо дар он дохил мешавад, балки худи он муомилаи рибо ба ҳисоб меравад. Саҳмияҳо ҳиссаи ширкати ботил аст, ки он шаръан ҷоиз нест. Пас, харидуфурӯши ин саҳмияҳо ботил аст. Бинобар ин, муомила бо саҳмияҳои тамоми ширкатҳои саҳҳомӣ ҷоиз нест: чи бо саҳмияи ширкате, ки амалаш ҳалол аст, монанди ширкатҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ, чи бо саҳмияи ширкате, ки амалаш ҳаром аст, монанди саҳмияҳои бонкҳо. Хариди мол ба пуле ва мубодилаи ин пул ба пули дигар, фурӯши пул ба пуле ва мубодилаи ин пул ба пули дигар ҳамаи ин ду амалиёт аст: харидуфурӯш ва амалиёти сарф. Дар ин ҳама аҳкоми байъ ва сарф, инчунин аҳкоми ҷудошавии додугирифт ҷорӣ мешавад. Фурӯши пул ба ҳамин навъи пул ё фурӯши пул ба пули дигар амалиёти сарф аст ва ин ҷоиз мебошад. Зеро сарф мубодилаи тиллову нуқра ба тиллову нуқра мебошад: агар аз ҷинси ягона бошад, дар шакли баробар ё агар аз ҷинси гуногун бошад, дар шакли баробар ва дар шакли нобаробар. Сарф, чунон ки дар тиллову нуқра рух медиҳад, дар пул низ рух медиҳад. Зеро ба он васфи тиллову нуқра бо эътибори пул мувофиқ меояд. Ин ҷо пул ба тиллову нуқра қиёс намешавад, балки як навъи тиллову нуқра эътибор мешавад. Зеро пул ҳамчун пул ба тиллову нуқра такя мекунад. Пас, агар тиллоро ба нуқра айн ба айн харанд ва гӯянд: "Ин динори тиллоро ба дирҳамҳои нуқра ба ту фурӯхтам" ва ба ҳарду ишора кунад ва ҳарду ҳозир бошад ё тиллоро ба нуқра ба ғайри айнаш харанд ва ақд ба чизи мавсуф бо ишора накардан воқеъ шавад ва гӯянд: "Динори мисриро ба даҳ дирҳами ҳиҷозӣ ба ту фурӯхтам" – ин ҳама ҷоиз аст. Зеро пулҳо бо таъйин шудан дар ақдҳо таъйин мешавад. Пас, мулк дар айнҳояш собит мегардад. Бинобар ин, фурӯши тилло ба нуқра: чи фурӯши динорҳо ба дирҳамҳо, чи фурӯши динорҳо ба зеварҳои нуқра ва чи фурӯши динорҳо ба рудаи нуқра, ҷоиз аст. Инчунин фурӯши нуқра ба тилло: чи зеварҳои тилло, чи сабикаҳои тилло ва чи рудаи тилло, ҷоиз аст. Вале ин ҳама бояд дар шакли даст ба даст, айн ба айн, вазн ба вазн: нобаробар ва баробар, яклукт ба яклухт ва вазн ба яклухт бошад. Ин ҳангоми рух додани сарф дар байни пулҳои

мухталиф аст. Вале ҳангоми рух додани сарф дар пули якҷинса танҳо дар шакли баробар дуруст аст ва дар шакли нобаробар дуруст нест. Бинобар ин, тилло ба тилло: чи дар шакли динорҳо, чи дар шакли зеварҳо, чи дар шакли сабикаҳо, чи дар шакли руда, вазн ба вазн, айн ба айн ва даст ба даст фурӯхта мешавад ва дар ин нобаробарӣ ҳалол нест. Ҳамин тавр, нуқра ба нуқра: чи дар шакли дирҳамҳо, чи дар шакли зеварҳо, чи дар шакли руда, вазн ба вазн, айн ба айн ва даст ба даст фурӯхта мешавад ва дар ин нобаробарӣ ҷоиз нест. Аз ин рӯ, сарф дар як пул ҷоиз аст ва дар ин шарт аст, ки мисл ба мисл, даст ба даст ва айн ба айн бошад. Инчунин сарф дар ду пул ҷоиз аст ва баробарӣ ё нобаробарӣ шарт нест, балки шарт аст, ки даст ба даст ва айн ба айн бошад. Далели ҷоизии сарф қавли зерини Расул (с) мебошад:

**"بِيعُوا الذَّهَبَ بِالْفِضَّةِ، كَيْفَ شِئْتُمْ، يَدًا بِيَدٍ"**

"***Тиллоро ба нуқра ба таври дилхоҳ даст ба даст фурӯшед***".

Ин ҳадисро Тирмизӣ аз Убода ибни Сомит ривоят кардааст. Убода ибни Сомит боз ривоят кардааст:

**" سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ ﷺ يَنْهَى عَنْ بَيْعِ الذَّهَبِ بِالذَّهَبِ، وَالْفِضَّةِ بِالْفِضَّةِ، وَالْبُرِّ بِالْبُرِّ، وَالشَّعِيرِ بِالشَّعِيرِ، وَالتَّمْرِ بِالتَّمْرِ، وَالْمِلْحِ بِالْمِلْحِ، إِلاَّ سَوَاءً بِسَوَاءٍ، عَيْنًا بِعَيْنٍ، فَمَنْ زَادَ أَوْ ازْدَادَ فَقَدْ أَرْبَى"**

"***Шунидам, ки Расулуллоҳ (с) аз фурӯши тилло ба тилло, нуқра ба нуқра, гандум ба гандум, ҷав ба ҷав, хурмо ба хурмо, намак ба намак боздоштанд, магар дар шакли баробар ва айн ба айн. Ҳар кӣ дар шакли зиёдатӣ бигирад ё бидиҳад, рибо кардааст***". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Муслим боз аз Абӯбакра ривоят кардааст:

**" أَمَرَنَا، أَى رَسُولُ اللهِ ﷺ ، أَنْ نَشْتَرِىَ الْفِضَّةَ بِالذَّهَبِ، كَيْفَ شِئْنَا، وَنَشْتَرِىَ الذَّهَبَ بِالْفِضَّةِ، كَيْفَ شِئْنَا، قَالَ: فَسَأَلَهُ رَجُلٌ فَقَالَ: يَدًا بِيَدٍ، فَقَالَ: هَكَذَا سَمِعْتُ"**

"***Расулуллоҳ (с) моро фармуданд, ки нуқраро ба тилло ва тиллоро ба нуқра ба тарзи дилхоҳ бихарем. Марде аз ровӣ пурсид: "Даст ба даст?" Ровӣ гуфт: "Ҳамин тавр шунидаам***". Молик ибни Авси Ҳадасон ривоят кардааст: "Пурсидам, ки кӣ дирҳамҳоро мубодила мекунад. Талҳа ибни Убайдуллоҳ, ки дар назди Умар ибни Хаттоб менишаст, гуфт: "Тиллоатро ба мо нишон деҳ ва ба назди мо биёр, вақте ки ходимамон меояд, нуқраатро медиҳем". Он гоҳ Умар гуфт: "На, қасам ба Аллоҳ, ки нуқраатро ҳатман (ҳозир) бидеҳ ё тиллоашро ҳатман баргардон. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" اَلْوَرِقُ بِالذَّهَبِ رِبًا. إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ، وَالْبُرُّ بِالْبُرِّ رِبًا إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ، وَالشَّعِيرُ بِالشَّعِيرِ رِبًا إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ، وَالتَّمْرُ بِالتَّمْرِ رِبًا إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ"

"***Нуқра ба тилло рибо аст, магар дар шакли даст ба даст. Гандум ба гандум рибо аст, магар дар шакли даст ба даст. Ҷав ба ҷав рибо аст, магар дар шакли даст ба даст. Хурмо ба хурмо рибо аст, магар дар шакли даст ба даст***"".

Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст. Бинобар ин, фурӯши тилло ба нуқра ҷоиз нест, магар дар шакли даст ба даст. Агар байъкунандагон қабл аз гирифтани пул ба даст аз якдигар ҷудо шаванд, сарф ботил аст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلذَّهَبُ بِالْوَرِقِ رِبًا إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ"

"***Тилло ба нуқра рибо аст, магар дар шакли даст ба даст***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ва Абӯдовуд аз Умар ривоят кардаанд. Бухорӣ аз тариқи Сулаймон ибни Абӯмуслим ривоят кардааст: "Аз Абӯминҳол дар бораи сарфи даст ба даст пурсидам. Ӯ гуфт: "Ман ва шарикам чизеро дар шакли даст ба даст ва дар шакли насия харидем. Он гоҳ Барро ибни Озиб ба наздамон омад ва гуфт: "Ман ва шарикам Зайд ибни Арқам низ ҳамин гуна корро анҷом додем ва аз Пайғамбар (с) дар ин бора пурсидем. Эшон гуфтанд:

"مَا كَانَ يَدًا بِيَدٍ فَخُذُوهُ وَمَا كَانَ نَسِيئَةً فَذَرُوهُ"

"***Он чиро, ки даст ба даст буд, бигиред ва он чиро, ки насия буд, вогузоред***"".

Ин ҳадис далолат мекунад, ки сарф бояд даст ба даст бошад.

Шарт аст, ки сарфкунандагон дар маҷлис пулро ба даст гиранд. Ҳар гоҳ сарфкунандагон қабл аз гирифтани пул ба даст дар маҷлис пароканда шаванд, пас дар байни онҳо байъе рух натододааст, зеро сарф байъи ду нафар бо якдигар ва ба даст гирифтан дар маҷлис шарти сиҳҳати он аст. Бухорӣ аз Молик ибни Авс ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلذَّهَبُ بِالْوَرِقِ رِبًا إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ"

"***Тилло ба нуқра рибо аст, магар дар шакли даст ба даст***". Пайғамбар (с) боз гуфтаанд:

"بِيعُوا الذَّهَبَ بِالْفِضَّةِ كَيْفَ شِئْتُمْ يَدًا بِيَدٍ"

"***Тиллоро ба нуқра дар шакли даст ба даст ба тарзи дилхоҳ фурӯшед***".

Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст. Пайғамбар (с) аз фурӯши тилло ба нуқра дар шакли қарз ва аз фурӯши тиллову нуқраи ғоиб (насия) ба тиллову нуқраи ҳозир (нақд) боздоштанд. Бинобар ин, бояд дар маҷлис ба даст гирифт. Агар қабл аз гирифтани пул ба даст аз якдигар ҷудо шаванд, сарф бо сабаби фавти шарташ ботил аст. Агар баъзеи пулро ба даст гиранд ва сипас аз якдигар ҷудо шаванд, он чӣ, ки ба даст нагирифтанд ва ивазе, ки муқобили он аст, ботил ба ҳисоб меравад ва он чӣ, ки ба даст гирифтанд ва ивазе, ки муқобили он аст, дуруст аст, зеро тақсим кардани дастфушурӣ ҷоиз аст. Масалан, марде бо каси дигар як динорро ба даҳ дирҳам мубодила кунад, вале ӯ танҳо панҷ дирҳам дошта бошад, ҷоиз нест, ки қабл аз гирифтани ҳамаи даҳ дирҳам ба даст аз якдигар ҷудо шаванд. Агар панҷ дирҳамро ба даст гиранд ва аз

якдигар ҷудо шаванд, сарф дар нисфи динор ботил аст ва дар он чӣ, ки муқобили панҷ дирҳами нақд аст, дуруст аст, зеро тақсим кардани дастфушурӣ дар байъ ҷоиз аст.

## Муомилоти сарф

Муомилоти сарфро, ҳарчанд сершумор ва сернавъ аст, метавон ба ду навъ маҳдуд сохт: фурӯши пул ба пул, ки ҳар ду аз як ҷинс аст ва фурӯши пул ба пул, ки ҳар ду аз ду ҷинси мухталиф аст. Ин дар шакли ҳозир ба ҳозир ё дар шакли қарз ба қарз рух медиҳад, вале дар байни ҳозир ва қарзи ғайриҳозир мутлақо рух намедиҳад. Агар амалиёти сарф ба охир расад ва яке аз сарфкунандагон баргаштро хоҳад, ҳар гоҳ, ки ақд ва ба даст гирифтан ба охир расад, баргашт дуруст нест, магар дар ҳолати ғабни фоҳиш ё айб, ки дар ин ҳолат баргашт ҷоиз аст. Масалан, яке аз байъкунандагон дар он чӣ, ки харидааст, айберо ёбад, яъне нохолисии онро пай барад, монанди пай бурдани мис дар нуқра ё сиёҳ будани нуқра, ӯро ҷоиз аст, ки баргардонад ё бипазирад, агар аз рӯи вақти сарф бошад, яъне бо нархе, ки аз рӯи он сарф рух додааст. Бо иборои дигар, баргардондан дар ҳолате ҷоиз аст, ки арзиши пули харидашуда аз арзиши он дар вақти сарф кам набошад. Агар пулро бипазирад, байъ ҷоиз аст ва агар пулро баргардонад, байъ бекор мегардад. Агар тиллоеро, ки иёраш 24 аст (49), ба тиллое, ки иёраш 24 аст, харанд ва яке аз сарфкунандагон 18 будани иёри тиллоеро, ки гирифтааст, пай барад, ин сохтакорӣ ба ҳисоб меравад ва ӯ дар байни баргардондан ё пазируфтан аз рӯи сарфи ҳамонрӯза ихтиёр дорад. Агар тиллоро ба тиллое, ки бо айбаш қабул кардааст, бо гирифтани пули иловагӣ барои айбаш мубодила кардан хоҳад, ин кор ҷоиз нест. Зеро дар яке аз ивазшавандагон зиёдатӣ ба вуҷуд меояд ва баробарӣ, ки дар як ҷинс шарт аст, гум мешавад. Агар дар гардани марде қарзи бомӯҳлат бошад ва ба қарздиҳанда гӯяд, ки баъзеи қарзро даргузарад ва он гоҳ боқимондаро зудтар мепардозад, ин кор ҷоиз нест. Зеро ин фурӯши нақд ба насия дар шакли нобаробар мебошад. Пас, ӯ қарзашро ба миқдори камтар дар шакли нақд

фурӯхтааст ва нобаробарӣ ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин, кори мазкур рибо аст. Ҳамин тавр, агар қарздиҳанда зиёд кунад ва гӯяд, ки ба қарзгиранда даҳ дирҳам медиҳад ва сад дирҳамеро, ки дар гардани қарзгиранда аст, дар шакли нақд пардозад (зудтар пардозад), ин кор ҷоиз нест. Зеро нобаробарӣ ба вуҷуд меояд ва он рибо аст. Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

" اَلذَّهَبُ بِالذَّهَبِ، وَالْفِضَّةُ بِالْفِضَّةِ، وَالْبُرُّ بِالْبُرِّ، وَالشَّعِيرُ بِالشَّعِيرِ، وَالتَّمْرُ بِالتَّمْرِ، وَالْمِلْحُ بِالْمِلْحِ، مِثْلاً بِمِثْلٍ، يَدًا بِيَدٍ، فَمَنْ زَادَ أَوْ اسْتَزَادَ فَقَدْ أَرْبَى، الْآخِذُ وَالْـمُعْطِي فِيهِ سَوَاءٌ"

"***Тилло ба тилло, нуқра ба нуқра, гандум ба гандум, ҷав ба ҷав, хурмо ба хурмо ва намак ба намак мисл ба мисл ва даст ба даст аст. Ҳар кӣ зиёд кунад ё ба зиёдкунӣ ҳаракат кунад, рибо кардааст, ки дар ин гиранда ва диҳанда баробар аст***".

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.

Агар марде ба марди дигар тилло қарздор бошад ва ҳамон марди дигар ба ин мард нуқраеро қарз дода бошад, сипас қарзи худро бо якдигар мубодила кунанд, ки қарзи тиллоро бо қарзи нуқра адо кунанд, ин гуна сарф ҷоиз аст. Зеро қарзи нақд (қарзи ҳозир) монанди айни нақд (айни ҳозир) аст. Агар марде молеро бо тилло харад ва фурӯшанда ба ҷойи ин тилло нуқра гирад, ҷоиз аст. Зеро пардохтани як пул бо пули дигар ҷоиз аст ва сарфи айну қарз ба ҳисоб меравад. Абӯдовуд ва Асрам дар "Сунан" аз Ибни Умар ривоят кардаанд: "Дар Бақеъ шутур мефурӯхтам. Ба динор фурӯхта, дирҳам мегирифтам, ба дирҳам фурӯхта, динор мегирифтам. Ба ҷойи яке дигареро мегирифтам ва ба ҷойи яке дигареро медодам. Сипас, ба назди Пайғамбар (с) омадам. Эшон дар хонаи Ҳафса буданд. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, каме таваққуф кунед, аз шумо бипурсам. Ман дар Бақеъ шутур мефурӯшам, ба динор фурӯхта, дирҳам мегирам ва ба дирҳам фурӯхта, динор мегирам. Ба ҷойи яке дигареро мегирам ва ба ҷойи яке дигареро медиҳам. Пайғамбар (с) гуфтанд:

"لَا بَأْسَ أَنْ تَأْخُذَهَا بِسِعْرِ يَوْمِهَا مَا لَمْ تَفْتَرِقَا وَبَيْنَكُمَا شَيْءٌ"

"*Зараре нест, ки бо нархи ҳамонрӯза бигирӣ, модом ки аз якдигар ҷудо нашавед ва дар байни шумо чизе набошад*"".

Агар марде аз марди дигар динори саҳеҳ (холис)-ро ба ду динори нохолис (сохта) харад, ин кор ҷоиз нест. Агар динори саҳеҳ (холис)-ро ба дирҳамҳои нуқра фурӯшад, сипас динорҳои нохолисро ба ин дирҳамҳо бихарад, хоҳ онро аз худи фурӯшанда харад, хоҳ аз каси дигар, ин кор ҷоиз аст. Абӯсаид ривоят кардааст:

" جَاءَ بِلاَلٌ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ بِتَمْرٍ بَرْنِيٍّ، فَقَالَ لَهُ رَسُولُ اللهِ ﷺ مِنْ أَيْنَ هَذَا؟ فَقَالَ بِلاَلٌ: تَمْرٌ كَانَ عِنْدَنَا رَدِيءٌ، فَبِعْتُ مِنْهُ صَاعَيْنِ بِصَاعٍ، لِمَطْعَمِ النَّبِيِّ ﷺ ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ عِنْدَ ذَلِكَ: أَوَّهْ عَيْنُ الرِّبَا لاَ تَفْعَلْ وَلَكِنْ إِذَا أَرَدْتَ أَنْ تَشْتَرِيَ التَّمْرَ، فَبِعْهُ بِبَيْعٍ آخَرَ، ثُمَّ اشْتَرِ بِهِ"

"*Билол (р) ба назди Набӣ (с) бо хурмои баранӣ омад. Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд: "Ин аз куҷост?" Билол гуфт: "Хурмои мо чандон хуб набуд. Бинобар ин, ду соъи онро ба як соъ фурӯхтам, то Набӣ (с) аз он бихӯрад". Он гоҳ Пайғамбар (с) гуфтанд: "Оҳ, ин рибои маҳз аст. Ин корро накун. Агар аз хурмо харидан хоҳӣ, хурморо дар байъи дигар бифурӯш, сипас ба пулаш хурмо бихар*"". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Абӯсаид ва Абӯҳурайра ривоят кардааст:

" أَنَّ رَسُولَ اللهِ ﷺ اسْتَعْمَلَ رَجُلاً عَلَى خَيْبَرَ، فَجَاءَهُ بِتَمْرٍ جَنِيبٍ، فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ أَكُلُّ تَمْرِ خَيْبَرَ هَكَذَا؟ قَالَ لاَ وَاللهِ يَا رَسُولَ اللهِ، إِنَّا لَنَأْخُذُ الصَّاعَ مِنْ هَذَا بِالصَّاعَيْنِ. وَالصَّاعَيْنِ بِالثَّلاَثَةِ. فَقَالَ رَسُولُ اللهِ ﷺ لاَ تَفْعَلْ، بِعِ الْجَمْعَ بِالدَّرَاهِمِ، ثُمَّ ابْتَعْ بِالدَّرَاهِمِ جَنِيبًا"

"*Пайғамбар (с) мардеро ба Хайбар омил таъйин карданд. Ӯ хурмои аҷоиб овард. Пайғамбар (с) пурсиданд: "Оё ҳамаи хурмоҳои Хайбар ҳамин хел аст?" Ӯ гуфт: "Ё Расулаллоҳ, қасам ба Аллоҳ, ки мо як соъи ин гуна хурморо ба ду соъ ва ду соъро ба се соъ мегирем". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Ин корро накун.*

***Ҳамаи онро ба дирҳам бифурӯш, сипас ба ҳамон дирҳамҳо хурмои аҷоибро бихар***"".

Ин ҳадис муттафақун алайҳ аст. Пайғамбар (с) ӯро нафармуданд, ки ба каси дигар ҷуз касе, ки аз ӯ харидааст, бифурӯшад. Агар фурӯхтан ба касе, ки аз ӯ харидааст, ҳаром мебуд, ба ӯ баён ва маълум мекарданд. Зеро ӯ ҷинсеро ба ҷинси дигар бе ягон шарт ва созиш фурӯхтааст, ки ин ҷоиз аст, чунон ки ба каси дигар фурӯхтани он низ ҷоиз аст. Фурӯхтани тилло ба нуқра, сипас харидани нуқра низ ҳамин тавр аст. Агар ба ин забон як кунанд, ин кор ҷоиз нест ва ҳила ба ҳисоб меравад. Ҳар гуна ҳила дар ҳар гуна кори дин ҳаром аст ва ҷоиз нест. Ҳила ақди мубоҳ нишон додани он чӣ аст, ки аз он кори ҳаром хоста мешавад, то фиребдиҳӣ, расидан ба коре, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, соқит кардани он чӣ, ки воҷиб аст, пардохтани ҳаққе ва ғайра имконпазир гардад. Зеро (اَلْوَسِيلَةُ إِلَى الْحَرَامِ مُحَرَّمَةٌ) – "***василае, ки боиси ҳаром мегардад, ҳаром аст***". Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيَسْتَحِلَّنَّ طَائِفَةٌ مِنْ أُمَّتِي الْخَمْرَ بِاسْمٍ يُسَمُّونَهَا إِيَّاهُ"

"***Тоифае аз умматам бо ниҳодани номи дигар хамрро ҳалол мегардонанд***". Ин ҳадисро Аҳмад аз Убода ибни Сомит ривоят кардааст. Аҳмад боз аз Абӯмолики Ашҷаӣ ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لَيَشْرَبَنَّ نَاسٌ مِنْ أُمَّتِي الْخَمْرَ يُسَمُّونَهَا بِغَيْرِ اسْمِهَا"

"***Мардуме аз умматам бо ниҳодани номи дигар хамр менӯшанд***".

Хуллас, сарф аз муомилоте ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи аҳкоми махсуси шариат дар Ислом ҷоиз аст. Сарф дар муомилоти дохилӣ ва дар муомилоти хориҷӣ ҷорӣ мешавад. Бинобар ин, пули кишварро мубодила мекунанд: тиллоро ба нуқра ва нуқраро ба тилло. Инчунин пули аҷнабиро бо пули кишвар мубодила мекунанд: чи дар дохили кишвар ва чи дар хориҷи кишвар, чи дар

муомилоти молии нақд ба нақд ва чи дар муомилоти тиҷоратӣ, ки дар он сарф дар шакли нақд ба нақд ҷорӣ мешавад. Барои баён кардани сарф дар муомилоти хориҷӣ дар байни пулҳои мухталиф бояд дар хусуси пулҳо баҳс намуд.

# *ПУЛҲО*

Пулҳо миқёси манфиати коло ва меҳнат мебошад. Бинобар ин, дар таърифи пулҳо гуфтаанд: Пулҳо чизест, ки ҳамаи колоҳо ва меҳнатҳоро бо он чен мекунанд. Масалан, нархи чиз ё музди шахс муайян кардани арзиши ин чиз ва меҳнати ин шахс аз тарафи ҷомеа мебошад. Санадҳо (коғазҳои арзишдор), саҳмияҳо ва ғайра пул ба ҳисоб намеравад.

Муайян кардани нархи чизҳо ва меҳнатҳо дар тамоми кишварҳо воҳидҳо номида мешавад. Ҳамин тавр, ин воҳидҳо миқёсест, ки манфиати чиз ва меҳнатро бо он чен мекунанд. Инчунин ин воҳидҳо воситаи мубодила ба ҳисоб меравад. Ин воҳидҳо пулҳо мебошад.

Ислом, вақте ки аҳкоми байъ ва иҷораро баён кард, дар мубодилаи колоҳо, меҳнатҳо ва манфиатҳо ягон чизи муайянро, ки мубодила бар асоси он сурат мегирад, фарз накард, балки инсонро вогузошт, то бо ҳар гуна чиз мубодила намояд, модом ки дар ин мубодила розигии тарафайн мавҷуд бошад. Масалан, издивоҷ бо зане бар ивази таълим додани Қуръон ба ӯ ҷоиз аст, харидани коло бар ивази кори якрӯза дар дасти соҳиби коло ҷоиз аст ва як рӯз кор кардан дар дасти шахсе бар ивази миқдори муайяни хурмо ҷоиз аст. Ҳамин тавр, банӣ-инсонро вогузошт, то бо чизи дилхоҳ мубодила намояд, вале мубодилаи коло бо воҳиди муайяни пул сурат мегирад. Ислом ба ин воҳиди пул фармон дод ва онро ба мусулмонон дар ҷинси муайяни пул: тилло ва нуқра муқаррар намуд. Пас, Ислом ҷомеаро вонагузошт, то миқёси манфиати чизҳо ё меҳнатҳоро бо воҳидҳои собит ё тағйирёбанда

муқаррар ва ин воҳидҳоро ба таври дилхоҳ тасарруф намояд. Ислом ин воҳидҳои пулро, ки ҷомеа бо он арзишҳои чизҳо ва меҳнатҳоро ифода мекунад, ба тарзи собит бо воҳидҳои муайяни пул муқаррар сохт. Ин муқаррарот аз чанд масъала фаҳмида мешавад:

**Якум:** Ислом, вақте ки аз канзи мол боздошт, ин наҳйро ба тиллову нуқра хос гардонд. Ҳол он ки мол ҳар гуна чизест, ки ба он соҳиб мешаванд. Пас, гандум мол аст, хурмо мол аст ва пул мол аст. Аммо канз танҳо дар пул рух медиҳад, на дар колоҳо ва меҳнатҳо. Мурод аз ояти наҳйи канз пул аст, зеро пул воситаи табодули омма аст ва дар канзи пул асари наҳй намоён мегардад. Аммо ҷамъ кардани чизҳо ҷуз пул на канз, балки иҳтикор (монополия) номида мешавад. Бинобар ин, ояте, ки аз канзи тиллову нуқра боздошт, танҳо аз канзи пул наҳй кард. Оят пулеро, ки аз канзи он боздошт, муқаррар сохт ва он тиллову нуқра мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالَّذِينَ يَكْنِزُونَ الذَّهَبَ وَالْفِضَّةَ وَلاَ يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ اللّهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ

"***Касонеро, ки зару сим меандӯзанд ва дар роҳи Аллоҳ инфоқаш намекунанд, ба азобе дардовар башорат деҳ***" [9:34].

Пас, наҳй ба воситаи табодули пул мансуб аст. Аз ин рӯ, канзи тиллову нуқра: хоҳ зарбшуда бошад, хоҳ на ҳаром аст.

**Дуюм:** Ислом тиллову нуқраро бо аҳкоми собиту тағйирнопазир вобаста кард. Масалан, дияро, вақте ки фарз гардонд, бо миқдори муайяни тилло муқаррар сохт; вақте ки буриданро дар ҳолати дуздӣ воҷиб гардонд, миқдореро, ки барои дуздидани он даст бурида мешавад, бо тилло муқаррар сохт. Пайғамбар (с) дар мактубе, ки ба аҳли Яман ирсол намуданд, гуфтанд:

"وَأَنَّ فِي النَّفْسِ الدِّيَةَ مَائِةً مِنَ الْإِبِلِ ... وَعَلَى أَهْلِ الذَهَبِ أَلْفَ دِينَارٍ"

"***Дияи ҷон сад шутур... ва барои тиллодорон ҳазор динор аст***". Ин ҳадисро Насоӣ аз Амр ибни Ҳазм ривоят кардааст. Пайғамбар (с) боз гуфтаанд:

"تُقْطَعُ الْيَدُ فِي رُبْعِ دِينَارٍ فَصَاعِدًا"

"***Даст дар чоряк динор ва беш аз он бурида мешавад***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Оиша (р) ривоят кардааст. Ин гуна муайян кардани аҳком бо динор, дирҳам ва мисқол динорро бо вазни муайяни тилло ва дирҳамро бо вазни муайяни нуқра ба воҳиди пуле, ки бо он арзиши чизҳо ва меҳнатҳо чен карда мешавад, табдил медиҳад. Ин воҳиди пул ҳам пул ва ҳам асоси пул ба ҳисоб меравад. Ислом аҳкоми шаръиро, вақте ки ин аҳком ба пул мутааллиқ аст, нассан бо тилло ва нуқра вобаста кард. Ин далел аст, ки пул танҳо тилло ва нуқра мебошад.

**Сеюм:** Пайғамбар (с) тиллову нуқраро пул эътибор карданд ва ҳар дуро миқёси пулие донистанд, ки миқёси колоҳо ва меҳнатҳо ба он бармегардад. Тамоми муомилот дар асоси тиллову нуқра сурат гирифт. Пайғамбар (с) миқёси ин пулро бо уқия, дирҳам, дониқ, қирот (карат), мисқол ва динор таъйин карданд. Ин ҳама дар замони Пайғамбар (с) маъруфу машҳур буд, мардум бо ин миқёсҳо муомиларо ба роҳ монданд. Собит аст, ки Пайғамбар (с) ба ин миқёсҳо иқрор шуданд (сукут варзиданд). Тавре ки дар ҳадисҳои саҳеҳ собит шудааст, тамоми байъҳо ва никоҳҳо бо тиллову нуқра бо васфи пул рух медод. Пайғамбар (с) мизони тиллову нуқраро бо мизони муайян муқаррар намуданд ва он мизони аҳли Макка мебошад. Абӯдовуд ва Насоӣ аз Ибни Умар ривоят кардаанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"اَلْوَزْنُ وَزْنُ أَهْلِ مَكَّةَ"

"***Вазн вазни аҳли Макка мебошад***".

Аз омӯзиши мизонҳои пул дар Ислом аён мегардад, ки як уқияи шаръӣ ба чил дирҳам, як дирҳам ба шаш дониқ, як динор ба бист

қирот ва ҳар даҳ дирҳам ба ҳафт мисқол баробар буд. Мизонҳои Мадина низ бар ин асос бунёд ёфтааст.

**Чорум:** Аллоҳ Субҳонаҳу, вақте ки закоти пулро воҷиб гардонд, онро дар тиллову нуқра воҷиб гардонд ва нисоби онро низ бо тиллову нуқра муқаррар кард. Пас, эътибор шудани закоти пул бо тиллову нуқра нишон медиҳад, ки пул тиллову нуқра мебошад.

**Панҷум:** Аҳкоми сарф, ки дар хусуси муомилоти пул омадааст, танҳо бо тиллову нуқра омадааст. Тамоми муомилоти молӣ, ки дар Ислом ворид шудааст, нассан дар асоси тиллову нуқра омадааст. Сарф фурӯши пул ба пул мебошад: ё фурӯши пул ба худи ҳамин пул, ё фурӯши пул ба пули дигар. Бо ибораи дигар, сарф мубодилаи пул ба пул мебошад. Пас, шариат сарфро, ки муомилаи пулии маҳз аст ва танҳо ба пул тааллуқ дорад, бо тиллову нуқра муайян кард. Ин далели равшани он аст, ки пул бояд танҳо тиллову нуқра бошад. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"بِيعُوا الذَّهَبَ بِالْفِضَّةِ كَيْفَ شِئْتُمْ يَدًا بِيَدٍ"

"***Тиллоро ба нуқра ба таври дилхоҳ даст ба даст фурӯшед***".

Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст. Пайғамбар (с) боз гуфтаанд:

"اَلذَّهَبُ بِالْوَرِقِ رِبًا إِلاَّ هَاءَ وَهَاءَ"

"***Тилло ба нуқра рибо аст, магар даст ба даст***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

Бинобар ин, пул аз чизҳоест, ки Ислом бо ҳукми он омадааст, на аз чизҳое, ки ба раъй ва машварат дохил шавад ва на аз чизҳое, ки ҳаёти иқтисодӣ ё ҳаёти молиявӣ онро тақозо кунад. Пул аз ҷиҳати воҳиди пул будан ва аз ҷиҳати ҷинси худ бо ҳукми шаръӣ собит аст. Шахсе, ки ба панҷ масъалаи боло назар меафканад, мебинад, ки пул дар Ислом аҳкоми шаръӣ дорад (яъне аҳкоми шаръие ҳаст, ки ба пул мутааллиқ ва вобаста аст). Ҳаром будани канзи пул, воҷибияти закот дар пул, мавҷудияти аҳкоми сарф барои пул,

иқрори (сукути) Расул (с) ба муомила бо пул, вобаста будани дия ва буридани дасти дузд ба пул – ин ҳама нишон медиҳад, ки раъй дар хусуси пул ба насси шариат вобаста аст. Шариат бо аҳкоме, ки танҳо ба пул таъаллуқ дорад ва танҳо ба пул вобаста аст, далел овард, ки пул тилло ва нуқра мебошад. Ин далели равшан аст, ки пул бояд тиллову нуқра бошад ё асоси пул тиллову нуқра бошад. Навъи пулеро, ки аҳкоми шаръӣ муайян намудааст, риоя бояд кард. Пас, воҷиб аст, ки пул дар Ислом тиллову нуқра бошад.

Вале пул таъйин шудани танҳо тиллову нуқра далолат намекунад, ки табодул бо чизи дигар ҷоиз набошад. Мавзӯи пул ин ҷо на мавзӯи табодул, балки мавзӯи қабули пул мебошад. Ҳарчанд табодул дар байни мардум бо ҳар гуна чиз ҷоиз аст, бояд тиллову нуқра ҳамчун миқёси пул барои табодул ва ғайра қабул шавад. Зеро пул дар Ислом тиллову нуқра аст.

Пайғамбар (с) ҷинси тиллову нуқраро пул таъйин карданд, хоҳ зарбшуда бошад, хоҳ на. Эшон пули муайянро бо сифати муайяни яксон сикка назаданд (зарб накарданд), балки воҳидҳои тиллову нуқра аз маҷмӯи сиккаҳои Форсу Рум: чи хурд ва чи калон, порчаҳои нуқраи зарбнашуда, бенақш ва яманӣ иборат буд ва ҳамаи ин мавриди муомила қарор гирифт. Эътибор на ба адад ё нақш, балки ба вазн нигаронда шуд. Гоҳо тиллое ба миқдору ҳаҷми тухм дар муомила буд. Муайянкунӣ бо таъйини тиллову нуқра ва таъйини вазни ҳар ду сурат гирифт. Ҳаққҳои Аллоҳ, монанди закот, ҳаққҳои бандагон, монанди қарз ва нархи колои фурӯшӣ ба дирҳаму динор, яъне тиллову нуқра бо миқдору вазни муайян вобаста буд. Ин ҳолат дар замони Пайғамбар (с), дар замони чаҳор халифаи рошид ва дар аввали замони Банӣ-Умайя идома ёфт. Вақте ки Абдулмалик ибни Марвон ба сари ҳокимият омад, қарор кард, ки тамоми тиллову нуқраҳои нақшдору бенақшро, ки дар муомила буд, ба сикка ва нақши Ислом иваз намуда, ба вазни ягонаву яксон ва таъйинӣ, ки аз мизон беҳоҷат аст, табдил диҳад. Бинобар ин, тиллову нуқраҳои хурду калонро ҷамъ оварда, ба вазни Макка сикка зад. Ҳамин тавр, Абдулмалик аз

нуқра дирҳамҳо ва аз тилло динорҳо сикка зад. Ин кор соли 75-уми ҳиҷрӣ рух дод. Аз ҳамин давраи таърих динору дирҳамҳои исломии зарбшуда ба вуҷуд омад, яъне аз ҳамин давраи таърих Давлати Ислом пулеро пайдо кард, ки бо сифати ягона ва яксон аз пулҳои дигар фарқ дошт. Аз ин рӯ, низоми пул дар Ислом аз ҷиҳати асос тиллову нуқра бо вазн аст. Вале ҳаҷм, зарб, шакл ва навъи нақш – ин ҳама аз услубҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, калимаҳои тилло ва нуқра, ҳар куҷое дар лафзҳо ва муқаррароти шаръӣ омада бошад, ба ду масъала истифода шудааст: ба пуле, ки мавриди муомила қарор дорад ва ҳарчанд пули мисӣ, биринҷӣ ё коғазӣ аст, аз тиллову нуқра муқобил дорад; ба маъдани тиллову нуқра. Пулҳои тилло ва нуқра, инчунин пулҳои коғазӣ, мисӣ ва ғайра, ки иваз кардани онҳо ба тилло ё нуқра имконпазир аст, пул эътибор карда мешавад.

**Низоми тилло (50)**

Давлат, агар дар муомилоти дохилӣ ва хориҷӣ пули тиллоро истифода барад ё агар дар дохил пули коғазиро, ки қобили иваз ба тилло аст, барои истифода дар дохил ва пардохт ба хориҷ ё танҳо барои пардохт ба хориҷ истифода барад ва ин иваз ба нархе собит бошад, яъне воҳиди коғазӣ (воҳиди пули коғазӣ) қобили иваз ба миқдори муайяни тилло ва баръакс бо нархи маҳдуд бошад, амалкунандаи низоми тилло ба ҳисоб меравад. Табиист, ки дар ин гуна ҳолат арзиши пул дар кишвар бо арзиши тилло иртиботи қавӣ дорад. Агар арзиши тилло нисбат ба колоҳои дигар боло равад, арзиши пул низ нисбат ба колоҳои дигар боло меравад. Агар арзиши тилло нисбат ба колоҳои дигар поён равад, арзиши пул низ поён меравад.

Пул дар асоси тилло сифати хосае дорад, ки воҳиди пул ба тилло бо баробарии муайян марбут мебошад, яъне он қонунан аз вазни муайяни тилло таркиб меёбад. Воридоту содироти тилло озодона ҷараён мегирад, зеро мардум метавонанд озодона пул, сабикаҳои

заррин (порчаҳои тилло) ё зари кониро (тиллои зарбнашударо) соҳиб шаванд ё содир намоянд.

Модом ки тилло дар байни давлатҳои гуногун озодона гардиш мехӯрад, ҳар як шахс дар харидани пули хориҷӣ ва фиристодани тилло ихтиёр дорад. Хуллас, василаи камхарҷро ихтиёр мекунад. Агар харҷи ирсол ба нархи тилло зам шуда, нархи пулҳои хориҷӣ дар бозор боло равад, фиристодани пули хориҷӣ (арзи хориҷӣ) афзал аст. Агар нархи сарф аз ин рақам гузарад, гирифтани тилло аз гардиш ва фиристодани он афзал аст.

**Афзалиятҳои низоми тилло**

Агар афзалиятҳои низоми тилло бо низоми коғаз ва низомҳои дигар қиёс карда шавад, аён мегардад, ки низоми пули ҷаҳонӣ будани низоми тилло ногузир аст. Ин афзалиятҳо роҳ намедиҳад, ки низомҳои дигар низоми пул бошад. Тамоми ҷаҳон аз рӯзе, ки пул ба ҳукми урф даромад, то ҷанги якуми ҷаҳон ба низоми тилло ва низоми нуқра амал намудааст. Ҷуз ин низоми дигар вуҷуд надошт. Мустамликадорон, вақте ки бо услубҳои мустамликадории иқтисодӣ ва мустамликадории молиявӣ ба гумроҳсозӣ даст заданд, пулро ҳамчун василаи мустамликакунӣ ихтиёр намуда, ба низомҳои дигар интиқол доданд. Инчунин амонатҳои бонкӣ (супурдаҳои бонкӣ) ва пулҳои коғазии маҷбуриро, ки ба тилло ё нуқра такя намекунад, аз миқдори пулҳо эътибор карданд, чунон ки тиллову нуқраро аз миқдори пулҳо донистанд. Аз ин рӯ, баён намудани афзалиятҳои низоми тилло лозим гашт. Муҳимтарин афзалиятҳои мазкур чунин аст:

1. Асоси тилло (такякунӣ ба тилло) гардиш, воридот ва содироти озодонаи тиллоро зарурӣ мегардонад. Ин кор дар навбати худ пояндагии барқарории молиявӣ ва иқтисодии пулро воҷиб мегардонад. Дар ин ҳолат амалиётҳои сарф аз пардохтҳои хориҷӣ, ки барои нархи колоҳо ва музди коргарон лозим аст, ба миён меояд.

2. Низоми тилло суботи нархи сарф дар байни давлатҳо мебошад ва пешрафти тиҷорати байналхалқӣ аз суботи нархи сарф ба вуҷуд меояд. Зеро тоҷирон аз васеъшавии тиҷорати хориҷӣ намеҳаросанд. Азбаски нархи сарф собиту барқарор аст, аз васеъшавии тиҷораташон хавфе намебаранд.

3. Дар низоми тилло бонкҳои марказӣ ё ҳукуматҳо чопи пули коғазиро вусъат бахшида наметавонанд. Зеро пули коғазӣ қобили иваз ба тилло бо нархи маҳдуд мебошад. Идораҳои дахлдор метарсанд, ки агар чопи пулро вусъат диҳанд, талабот ба тилло меафзояд ва аз қонеъ кардани ин талабот оҷиз мемонанд. Аз ин рӯ, таносуби маъқулро дар байни пули коғазии чопшаванда ва захираи тиллои худ нигоҳ медоранд.

4. Ҳар пуле, ки дар ҷаҳон мавриди истифода қарор мегирад, бо миқдори муайяни тилло муқаррар карда мешавад. Дар ин ҳолат интиқоли колоҳо, молҳо ва шахсҳо аз як кишвар ба кишвари дигар осон мегардад. Ҳамин тавр, мушкилоти норасогии арз ва пул аз байн меравад.

5. Ҳар як давлат сарвати тиллои худро нигоҳ медорад. Пас, қочоқи тилло аз як кишвар ба кишвари дигар рух намедиҳад. Давлат барои нигоҳ доштани сарвати худ ба назорат мӯҳтоҷ намешавад. Зеро сарват аз ин давлат танҳо бо сабаби машрӯъ (бо роҳи қонунӣ): ҳамчун пули колоҳо ё ҳамчун музди коргарон интиқол меёбад.

Баъзе афзалиятҳои низоми тилло ҳамин аст. Ин ҳама ҳатмӣ мегардонад, ки тамоми ҷаҳон бояд ба низоми тилло амал намояд. Бинобар ин, тааҷҷубовар нест, ки тамоми ҷаҳон то ҷанги якуми ҷаҳон ба ин низом амал кардааст. Вақте ки ҷанги якуми ҷаҳон оғоз ёфт, низоми ҳукмрони пулӣ дар ҷаҳон ба пойдевори тилло барпо буд. Пулҳо дар муомила аз тангаҳои тилло ё пулҳои коғазӣ, ки бо арзиши худ ба тилло иваз мешуд, иборат буд. Якҷоя бо низоми тилло низоми нуқра низ вуҷуд дошт. Татбиқи ин низом дар алоқаҳои иқтисодӣ асари хубе дошт. Вале ҳангоми эълони ҷанги

якуми ҷаҳон дар соли 1914 давлатҳои муҳориб ба андешидани тадбирҳое, ки низоми тиллоро ба ларза овард, қасд намуданд. Баъзе қобилияти иваз шудани пулҳои худро ба тилло бекор кард, баъзе ба содироти тилло қайдҳои шадид гузошт ва баъзе ба воридоти тилло сад гузошт. Соли 1971 Америко эълон кард, ки фаъолияти низоми тиллоро қатъ ва иртиботи тиллову долларро бекор кардааст. Алоқаи тилло бо пул аз ин вақт аз байн рафт ва тилло танҳо яке аз колоҳо эътибор карда шуд. Америко аз ин иқдом мехост долларро ба асоси пули ҷаҳон табдил диҳад, то дар бозори молиявии байналхалқӣ ҳукмронӣ ва сарварӣ намояд. Ҳамин тавр, фаъолияти низоми тилло дар ҷаҳон қатъ гардид. Дар натиҷа низоми пулӣ вайрон ва нархҳои сарф беқарор гашт. Аз ин ҷо мушкилот сар зад ва дар интиқоли пулҳо, колоҳо ва шахсҳо душвориҳо ба миён омад.

**Мушкилоти низоми тилло**

Дар низоми тилло, вақте ки он умумиҷаҳонӣ буд, ҳеҷ гуна муаммо вуҷуд надошт. Вақте ки давлатҳои бузург ба зарба задан ба душманони худ бо воситаи пул кӯшиданд, вақте киякҷоя бо низоми тилло низоми пули коғазии маҷбурӣ низ татбиқ шуд, вақте ки давлатҳои мустамликадори Ғарб Хазинаи байналхалқии асъорро таъсис доданд ва вақте ки Америко долларро ба асоси низоми пул табдил дод, муаммоҳо сар зад. Аз ин рӯ, давлате, ки низоми тиллоро татбиқ мекунад, ба муаммоҳо рӯбарӯ мешавад. Ин давлат бояд аз муаммоҳои мазкур огоҳ бошад, то онҳоро ҳал ва бартараф намояд. Муаммоҳо чунин аст:

1. Ҷамъ шудани тилло дар давлатҳое, ки қувваи истеҳсол ва иқтидори рақобаташон дар тиҷорати хориҷӣ афзун аст ё аз ҷиҳати коршиносон, олимон ва мутахассисон ба дараҷаи баланд расидааст. Тилло ба ин давлатҳо ҳамчун пули колоҳо ва ҳамчун музди коргарон: коршиносон, олимон ва мутахассисон, ҷорӣ мешавад. Дар натиҷа миқдори калони тиллое, ки дар ҷаҳон мавҷуд аст, дар ин кишварҳо ҷамъ мешавад. Пас, тақсимоти тилло дар

байни давлатҳо вайрон шуда, давлатҳои дигар аз рафтани миқдори тиллои худ ба хориҷ метарсад ва хориҷ шудани тиллоро манъ мекунад. Оқибат тиҷорати хориҷии ин давлатҳо аз ҳаракат мемонад.

2. Тилло ба баъзе давлатҳо, бо сабаби он ки ҷараёни суратҳисоби мувозина (мувозинаи тиҷоратӣ) ба фоидаи онҳост, ворид мешавад. Вале ин давлатҳо тиллои воридшавандаро бо сабаби таъсири он ба бозори дохилӣ ва аз байн бурдани пояи нархҳои бозор манъ мекунанд. Ба ин мақсад миқдореро аз санадҳо (коғазҳои арзишдор) ба бозор мегузоранд, ки барои хориҷ шудани маблағи пулӣ ба миқдори тиллои воридшаванда кифоя мекунад. Пас, тилло дар ин давлатҳо мемонад ва аз ин давлатҳо хориҷ намешавад, ба давлате, ки тиллоро содир намудааст, барнамегардад. Дар натиҷа ин давлатҳо аз низоми тилло зарар мебинад.

3. Интишори низоми тилло ба сармоягузории байнидавлатӣ дар соҳаҳои мухталифи истеҳсолот ва бартарафсозии душвориҳо аз роҳи тиҷорати байнидавлатӣ вобаста аст. Вале дар давлатҳо ҷараёнҳои қавӣ, монанди ҳимояи саноат ва кишоварзӣ, падид омада, монеаҳои гумрукӣ гузошта шуд. Дар натиҷа дохил шудани колоҳо ба ин давлатҳо барои хориҷ шудани тилло аз ин давлат душвор гашт. Бинобар ин, давлате, ки ба низоми тилло амал мекунад, зарар мебинад. Зеро ин давлат, азбаски колоашро бо нархи оддӣ ба давлатҳои дигар дохил карда наметавонад, маҷбур мешавад, ки барои бартараф сохтани монеаҳои гумрукӣ нархи колоҳояшро паст кунад ё ба ин давлатҳо коло надарорад. Ин ба давлат зарар меорад.

Муҳимтарин муаммоҳое, ки ҳангоми истифода шудани низоми тилло аз тарафи як ё якчанд давлат ба миён меояд, ҳамин аст. Роҳи бартараф сохтани муаммоҳо чунин аст: бояд сиёсати тиҷоратӣ бар сиёсати худтаъминкунӣ бунёд гардад, музди муздурон на бо нархи колои истеҳсолшаванда, на аз рӯи сатҳи

зиндагӣ, балки бо манфиати меҳнаташон муқаррар шавад ва санадҳои молиявӣ (коғазҳои арзишдори молиявӣ) ва саҳмияҳо барои афроди давлат мол эътибор карда нашавад, давлат дар истеҳсоли сарваташ ба содирот камтар такя кунад ва кӯшиш ба харҷ диҳад, ки истеҳсоли сарватро дар дохил ба роҳ монад, то ба колое, ки аз хориҷ меояд ва ба коргароне, ки ба хориҷ мераванд, ҳоҷат намонад. Ҳамин тавр, ба давлатҳои мазкур монеаҳои гумрукӣ таъсир намерасонад. Давлат, вақте ки ин сиёсатро пеш мегирад, дар асоси низоми тилло амал мекунад, аз тамоми афзалиятҳои ин низом баҳра мебарад, муаммоҳоро бартараф месозад ва аз ин низом ҳеҷ гуна зарар намебинад, баръакс аз фоидаи он бархӯрдор мегардад. Бинобар ин, давлатро ҳатмист, ки танҳо аз низоми тилло ва нуқра пайравӣ намояд.

**Низоми нуқра**

Мурод аз низоми нуқра ё асоси нуқра ин аст, ки нуқра асоси воҳиди пулиро ташкил дода, маъдани он аз зарби озодона ва қувваи шифобахши номаҳдуд бархӯрдор мегардад. Ин низом аз қадим маъруф буд, дар Давлати Ислом якҷоя бо низоми тилло амал мекард ва дар баъзе давлатҳо низоми ягона ва асосии пул ба ҳисоб мерафт. Низоми нуқра дар Ҳиндухитой то соли 1930, ки тангаи тилло ҷойи тангаи нуқраро ишғол кард, маъмул буд. Низоми нуқра дар тамоми тафсилоташ мисли низоми тилло аст. Бинобар ин, ҷамъ кардани низоми тилло ва низоми нуқра дар як давлат осон аст. Давлати Ислом аз ҳиҷрати Расул (с) ба сиёсати тилло ва сиёсати нуқра якҷоя амал кард ва мебояд ба ин сиёсати пулӣ минбаъд низ амал намояд. Бо ибораи дигар, воҷиб аст, ки пул тиллову нуқра бошад: хоҳ худи тиллову нуқра дар муомила бошад, хоҳ пулҳои коғазӣ, ки муқобилаш тиллову нуқра аст, дар ҳар гуна макони муайян.

**Пулҳои маъданӣ**

Иқтисоддонон навъҳои гуногуни пулҳои маъданиро, ки эҳтимоли пул шудан дорад, ба ду навъи асосӣ тақсим мекунанд: низоми

маъдани ягона (низоми якмаъдана) ва низоми маъдани дугона (низоми думаъдана). Навъи якум низомест, ки дар он пулҳои асосӣ ба сиккаҳои маъдани ягона маҳдуд мебошад. Навъи дуюм низоми маъдани дугона аст, ки дар он сиккаҳои тилло ва нуқра баробар пулҳои асосӣ мебошад. Низоми маъдани дугона се сифат дорад:

**якум** – мавҷудияти қувваи шифобахши номаҳдуд барои сиккаҳои тилло ва нуқра;

**дуюм** – мавҷудияти зарби озодонаи сабикаҳои ҳар ду маъдан;

**сеюм** – мавҷудияти таносуби қонунӣ дар байни арзиши сиккаҳои тилло ва сиккаҳои нуқра.

Низоми маъдани дугона бо фаровонии миқдори пулҳое, ки бо он мубодила сурат мегирад, фарқ мекунад. Зеро сиккаҳои ҳар ду маъдан ҳамчун пули асосӣ якҷоя мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамин тавр, нархҳо дар сатҳи аъло нигоҳ дошта мешавад. Ин аз корҳоест, ки ба зиёд кардани истеҳсол шуҷоат мебахшад. Инчунин арзиши пулҳоро бештар барқарор месозад. Ҳамин тавр, нархҳо ба тағйироти шадид, ки боиси беқарории ҳолати иқтисодӣ мегардад, камтар рӯбарӯ мешавад. Аз ин аён мегардад, ки истифодаи ду маъдан аз пулҳои маъданӣ аз истифодаи як маъдан беҳтар аст.

**Пулҳои коғазӣ**

Пулҳои коғазӣ се навъ аст:

1. Пулҳои коғазии ноиб – коғазҳое, ки миқдори тилло ва нуқраро дар шакли пул ё сабика, ки ба макони муайян гузошта мешавад, ифода мекунад. Ин коғазҳо арзиши маъданӣ дорад, ки дар он дарҷ мегардад ва дар вақти матлуб иваз мешавад. Дар ин ҳолат гардиш дар асоси пулҳои маъданӣ рух медиҳад. Хуллас, ин коғазҳо бадал аз гардиши маъдан аст, ки ҳамчун ноиб мақоми маъданро ишғол мекунад.

2. Пулҳои коғазии васиқа – коғазҳое, ки имзогузоронашон пардохти маблағи муайянро аз пулҳои маъданӣ ба соҳиби ин коғазҳо ба дӯш мегиранд. Арзиши ин коғазҳо дар муомила ба мавҷудияти боварӣ нисбат ба имзогузорон ва ба вафодории имзогузорон нисбат ба ӯҳдадории худ вобаста аст. Агар имзогузорон дар назди ҳама соҳиби боварӣ бошанд, истифодаи ин коғазҳо дар муомила мисли сиккаҳо осон мегардад. Навъи асосии ин пулҳо коғазҳои бонкӣ (бонкнотҳо)(51) аст, ки бонки дар назди ҳама маъруфу соҳиби боварӣ онро чоп мекунад. Вале чопкунандагони ин коғазҳои бонкӣ (бонкнотҳо) ё бо ибораи дигар, пулҳои коғазии васиқа: хоҳ бонк бошад, хоҳ ҳукумат мисли ҳолати пулҳои коғазии ноиб миқдори тиллоеро, ки ба арзиши ин коғазҳо баробар аст, пурра нигоҳ намедоранд. Танҳо касоне, ки ин гуна пулҳоро чоп мекунанд, дар хазинаи худ дар вақтҳои оддӣ як миқдор захираи маъданро нигоҳ медоранд, ки он кафолати ин коғазҳо ба ҳисоб рафта, ба таносуби муайяни арзиши ин коғазҳо баробар аст. Ин таносуб гоҳо 1/2, гоҳо 2/3, гоҳо 1/3 ва гоҳо нисбати фоизии муайянро (таносуби муайяни дигарро) ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, миқдори бонкнотҳое, ки дар муқобилаш захираи маъдан вуҷуд дорад ва арзишаш пурра ба арзиши ин миқдор баробар аст, пулҳои коғазии ноиб ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат миқдори боқимонда, ки дар муқобили онҳо захираи маъдан вуҷуд надорад, пулҳои коғазии васиқа ба ҳисоб меравад. Қувваи ин пулҳо дар муомила ба боварии мардум нисбат ба имзогузорон такя мекунад. Масалан, чопкунандагони коғазҳо: хоҳ бонк бошад, хоҳ ҳукумат дар хазинаи худ захираи маъданро нигоҳ медоранд, ки миқдораш бист миллион динорро ташкил медиҳад ва пулҳои коғазиро чоп мекунанд, ки миқдораш чил миллион динорро ташкил медиҳад. Бист миллиони коғазҳои бонкӣ, яъне пулҳои коғазӣ, ки дар муқобилаш захираи маъдан вуҷуд надорад, пулҳои коғазии васиқа ба ҳисоб меравад. Бист миллиони дигар аз пулҳои коғазӣ, ки дар муқобилаш захираи маъдан вуҷуд дорад ва арзишаш ба ин захира баробар аст, пулҳои коғазии ноиб ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, пулҳои давлате, ки тиллову нуқра дорад ва ин тиллову нуқра ба арзиши пулҳои коғазии чопшаванда пурра баробар аст, пулҳои коғазии ноиб ва пулҳои комил ба ҳисоб меравад. Пулҳои давлатҳое, ки маъдани тиллову нуқра доранд ва ин маъдан ба арзиши пулҳои коғазӣ на пурра, балки ҷузъан баробар аст, пулҳои коғазии васиқа номида мешавад.

3. Пулҳои коғазӣ, ки қобили иваз нестанд – ин коғазҳоро пулҳои коғазии маҷбурӣ низ меноманд ва ба ин коғазҳо номи "пулҳои коғазӣ" истифода мешавад. Ин гуна пулҳоро ҳукуматҳо чоп намуда, ба пулҳои асосӣ табдил медиҳад, вале ба тиллову нуқра иваз намекунад, бо захираи тилло, нуқра ё коғазҳои бонкӣ (бонкнотҳо) кафолат намедиҳад, танҳо бо воситаи қонун чоп мекунад. Ин қонун бонкеро, ки ин пулҳоро чоп мекунад, аз ӯҳдадории иваз кардани он ба тилло ё нуқра озод менамояд.

**Чоп кардани пулҳо**

Нарх муайян шудани арзиши колоҳо аз тарафи ҷомеа ва музд муайян шудани арзиши меҳнатҳо аз тарафи ҷомеа аст. Пулҳо чизест, ки ин муайянкуниро ифода мекунад. Пул ба мо имкон медиҳад, ки колоҳои гуногун ва меҳнатҳои мухталифро қиёс намоем ва ин колову меҳнатҳоро ба асоси воҳид баргардонем. Он гоҳ бо баргардондани колову меҳнатҳо ба воҳиде, ки миқёси умумӣ ба ҳисоб меравад, муқоисаи колоҳои гуногун ва меҳнатҳои мухталиф осон мегардад. Пардохти пули коло ва пардохти музди муздур дар асоси ин воҳид сурат мегирад.

Арзиши пулҳо бо миқдори қувваи харид, ки ин пулҳо дорад, муқаррар мегардад, яъне бо миқдори қуввае, ки инсон бо воситаи он колову меҳнатҳоро ба даст даровarда метавонад. Бинобар ин, чизе, ки баҳогузории ҷомеаро нисбат ба коло ва меҳнатҳо ифода мекунад, бояд қувваи харид дошта бошад, то пул шуда тавонад. Бо ибораи дигар, он бояд қуввае дошта бошад, ки ҳар як инсон бо воситаи он колою меҳнатҳоро ба даст даровarда тавонад.

Аслан ин чиз барои пул шудан бояд қувваи зотӣ (қувваи табиӣ) дошта бошад ё ба қувваи зотӣ такя намояд, яъне худи ин чиз дар назди мардум соҳиби арзиши мӯътабар бошад. Вале воқеи чоп кардани пул дар назди давлатҳои ҷаҳон чунин аст, ки пулҳои баъзе давлатҳо қувваи зотӣ дорад ё ба қувваи зотӣ такя мекунад ва пулҳои баъзе давлатҳо истилоҳист, яъне чизеро пул номидаанд ва ба он қувваи харид додаанд. Давлатҳо дар чоп кардани пул ба низоми тиллову нуқра ё ба низоми пули коғазии маҷбурӣ амал мекунад. Давлатҳое, ки ба низоми тиллову нуқра амал мекунад, дар чоп кардани пул ду услубро истифода мебарад: **якум** – услуби маъданӣ: хоҳ услуби якмаъдана бошад, хоҳ услуби думаъдана ва **дуюм** – услуби пули коғазӣ. Услуби маъданӣ баровардани сиккаҳои тилло ва нуқра бо зарби сиккаҳои гуногунарзиши тилло ва нуқра мебошад. Воҳиди пулӣ, ки арзиши ҳама пулҳо ва колоҳои мухталиф бо он нисбат дода мешавад, бинои ин сиккаҳоро ташкил медиҳад, ҳама сиккаҳо дар асоси бинои худ бо ин воҳид зарб мешавад ва худи ин сиккаҳо ҳамчун пулҳои давлат мавриди муомила қарор мегирад. Услуби пули коғазӣ дар давлатҳое, ки ба низоми тиллову нуқра амал мекунад, истифодаи пули коғазӣ аз тарафи давлат аст, яъне истифодаи арзи коғазӣ, ки қобили иваз ба тилло ва нуқра мебошад. Ин ду роҳ дорад: Роҳи якум – истифодаи пулҳои коғазӣ ҳамчун ифодагари миқдори тиллову нуқра дар шакли сабикаҳо ё ҳамчун ифодагари пулҳое, ки дар макони муайян нигоҳ дошта мешавад. Ин пулҳо арзиши маъданӣ дорад, ки ба арзиши номии ин коғазҳо баробар аст ва дар вақти матлуб иваз мешавад. Ин пулҳоро пулҳои коғазии ноиб меноманд. Роҳи дуюм – истифодаи пули коғазӣ, ки имзогузорони он пардохти маблағи муайянро аз пулҳои маъданӣ ба соҳиби ин пулҳо ба ӯҳда мегиранд. Ин пулҳои коғазӣ миқдори тилло ва нуқраро ифода намекунад ва арзиши маъданӣ дорад, ки ба арзиши номии ин пулҳо баробар нест. Чопкунандагон: хоҳ бонк бошад, хоҳ давлат дар хазинаи худ захираи маъдани тиллову нуқраро, ки камтар аз арзиши номии ин пулҳо мебошад, нигоҳ медоранд. Ин захира метавонад 1/2, 2/3, 1/3, 1/4 ё дигар нисбати фоизии арзиши

номии пулҳоро ташкил диҳад. Масалан, бонк ё давлат дусад миллион динор захираи тиллову нуқра дорад, вале ба панҷсад миллион динор пули коғазӣ чоп мекунад. Ин навъи пули коғазиро пули коғазии васиқа меноманд. Захираи маъданро "захираи тилло" ё "рӯпӯши тилло" меноманд.

Дар тамоми ҳолатҳои мазкур давлате, ки пул чоп мекунад, ба ҳар ҳол амалкунандаи низоми тилло ба ҳисоб меравад.

Тавре ки аз ин аён мегардад, ашёе, ки қувваи табиӣ дорад, яъне тиллову нуқра бо зоти худ метавонад пул бошад ва метавонад асосе бошад, ки пулҳо ба он такя намояд. Хуллас, ҳар як кишвар барои пулаш сифати муайяни якхела: шакли муайян, вазни муайян ва нақши муайянро истифода мебарад, то он аз пулҳои дигар фарқ кунад. Ё пулҳои коғазии ноибро, ки ба тиллову нуқра такя мекунад ва дар дохилу хориҷ ба он мубодила мешавад ё тавассути он бо хориҷ муомила мекунад, истифода мебарад. Ё пулҳои коғазии васиқаро, ки нисбати муайяни арзиши номиаш рӯпӯши тилло дорад, яъне захираи тилло ба миқдори кам аз арзишаш гузошта шудааст, истифода мебарад. Ин коғазҳо сифати муайян ва расми муайян дорад, то пули кишваре, ки онро чоп кардааст, ба ҳисоб равад ва аз пулҳои дигар фарқ кунад.

Давлатҳое, ки бо низоми пули коғазии маҷбурӣ амал мекунад, пулҳои коғазиро, ки бо нархи маҳдуд қобили ивазшавӣ ба тилло, нуқра ё ягон маъдани гаронбаҳо нест, чоп мекунад. Ҳайате, ки ин пулҳои коғазиро чоп мекунад, вақте ки афрод иваз карданро талаб мекунанд, ба иваз кардани ин пулҳои коғазӣ (яъне ин бонкнотҳо) ба тилло бо нархи муайян ӯҳдадор нест. Тилло дар ин кишвар ё дар назди ин давлат колое мисли ҳар гуна колои дигар ба ҳисоб меравад, ки нархаш бо мурури вақт аз рӯи ҳолатҳои пешниҳод ва талабот тағйир меёбад. Ин пулҳои коғазӣ аз захираи маъдан кафолат надорад ва ба пулҳои маъданӣ иваз намешавад. Ин пулҳо ҷуз арзиши қонунӣ арзише надорад, қувваи табиӣ (зотӣ) низ надорад ва ба қувваи зотӣ такя намекунад. Ин пулҳо воҳидест, ки

ҳамчун воситаи табодул пазируфта мешавад ва қонун ба он қувва мебахшад, то ба воситаи табодул табдил ёбад, ки инсон бо он колоҳо ва меҳнатҳоро ба даст дароварда метавонад. Қувваи ин пулҳо ба қувваи давлате, ки онро чоп кардааст ва ҳамчун пули худ пазируфтааст, вобаста аст.

Модом ки пул ба ин ваҷҳ чоп шавад, ҳар як давлат метавонад чизеро, ки муқарраркунии коло ва меҳнатро дар ҷомеа ифода мекунад, агар дар ин чиз қувваи харид мавҷуд бошад ва инсон бо воситаи он дар ин давлат коло ва меҳнатро ба даст оварда тавонад, ҳамчун пул бипазирад. Бинобар ин, ҳар як давлат метавонад пулеро бо сифати муайяни якхела чоп кунад, ки муқарраркунии нархҳои коло ва меҳнатро дар ҷомеа ифода мекунад, яъне пулеро, ки ба ҳар як инсон ба ҳусули коло ва меҳнат бо миқдоре, ки ба ин пул гузошта шудааст, дар ин кишвар имкон медиҳад. Ин давлатҳои дигарро ба эътирофи пулҳои мазкур аз рӯи миқдоре, ки бо он коло ва меҳнатро ба даст дароварда метавонанд, водор месозад.

Давлат ба такя кардан ба Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, бонки марказӣ ва ғайра мутлақо мӯҳтоҷ нест. Қувваи воҳид дар ҳусули коло ва меҳнат, ки онро ба пул табдил медиҳад, кифоя аст: чи дорои қувваи табиӣ бошад, монанди тиллову нуқра, чи ба тиллову нуқра такя кунад, монанди пулҳои коғазии ноиб, ки арзиши номиаш тимсоли тиллову нуқра аст, чи дорои захираи тиллову нуқра бо миқдори муайян бошад, монанди пулҳои коғазии васиқа ва чи дорои қудрате бошад, ки инсон бо он коло ва меҳнатро ба даст дароварда метавонад, монанди пулҳои коғазӣ (пулҳои коғазии маҷбурӣ), яъне бонкнотҳо.

Давлатҳо дар гузашта бо якдигар бо тиллову нуқра муомила мекарданд. Ҳар як давлат сифати муайяни якхелаи тиллову нуқраро истифода мебурд, ки бо он пулаш аз пулҳои дигар фарқ мекард. Сипас баъзе давлатҳо ба чоп кардани пулҳои коғазӣ якҷоя бо пулҳои тиллову нуқра пардохт, ки он дорои сифати муайяни

якхела буд. Сипас баъзе давлатҳо ба чоп кардани пулҳои коғазӣ бо боқӣ мондани пулҳои тиллову нуқра қарор карданд. Ҳамин тавр, дар ҷаҳон пулҳои маъданӣ аз тиллову нуқра, пулҳои коғазӣ, ки ба тиллову нуқра иваз мешуд ё бо тиллову нуқра рӯпӯш мешуд, пулҳои коғазӣ, ки ба ҳеҷ чиз такя намекунад, пайдо шуд. Аз интиҳои ҷанги дуюми ҷаҳон то соли 1971 пулҳо аз ду навъи асосӣ: маъданӣ ва коғазӣ, ки он се навъ буд, ташкил меёфт. Аз соли 1971 президенти Иёлоти муттаҳидаи Амрико Никсон эълон дошт, ки Иттиҳоди Бреттон-Вудс ба поён расидааст ва иртиботи доллар бо тилло барҳам хӯрдааст. Аз ин лаҳза тамоми ҷаҳон танҳо дар асоси низоми пули коғазии маҷбурӣ амал мекунад.

**Нархи сарф**

Сарф мубодилаи пул бо пул, яъне мубодилаи як пул бо пули дигар мебошад: мубодилаи пул бо пул, ки ҳар ду аз як ҷинс аст, монанди мубодилаи тилло бо тилло ва нуқра бо нуқра ё мубодилаи пул бо пул, ки ҳар ду аз ҷинсҳои мухталиф аст, монанди мубодилаи тилло бо нуқра ва нуқра бо тилло. Дар мубодилаи пул бо пул, ки ҳар ду аз як ҷинс аст, баробарӣ шарт аст ва нобаробарӣ мутлақо ҷоиз нест, зеро он рибо ва рибо ҳаром аст, монанди мубодилаи тилло бо тилло ва мубодилаи пули коғазӣ, ки иваз кардани арзишаш ба тилло имконпазир аст, бо тилло. Бинобар ин, дар ин гуна ҳолат нархи сарф вуҷуд надорад.

Мубодилаи пул бо пул, ки ҳар ду аз ҷинсҳои мухталиф аст, монанди мубодилаи тилло бо нуқра ва мубодилаи фунти англис бо доллар ва рубл бо франк, бо шарти даст ба даст шудан ҷоиз аст ва нисбати яке ба дигаре (таносуби яке ба дигаре) нархи сарф мебошад. Бинобар ин, нархи сарф нисбати мубодила (таносуби мубодила) дар байни ду пули мухталиф аст.

Он чӣ, ки мардумро ба сарф такон медиҳад, эҳтиёҷи як сарфкунанда ба пули сарфкунандаи дигар мебошад. Сарф дар байни мардум дар пули як давлат, ки дар муомила қарор дорад, монанди сарфи тилло бо нуқра ва нуқра бо тилло, равшан аст ва

дар байни тилло ва нуқра рух медиҳад. Зеро давлат ба низоми тилло ва низоми нуқра амал мекунад ва дар байни ду пул нархи сарф мавҷуд мешавад. Ин аз рӯи нархи бозор муқаррар мегардад. Тағйир ёфтани нархи сарф дар байни як пул, ки давлат аз ҷинсҳои мухталиф истеъмол мекунад, зараре надорад, зеро ин монанди тағйир ёфтани нархи колоҳост.

Аммо аз сарф дар байни ду пули мухталифи ду давлат ё беш аз он муаммоҳо сар мезанад. Бинобар ин, бояд онро бо эътибори воқеъ баҳс намуд ва ҳукми шаръиро дар хусуси он ва нархи сарф аз ин ҷиҳат баён кард.

Давлатҳо бо эътибори воқеъ аз низомҳои мухталиф пайравӣ мекунад. Вазъи давлатҳое, ки аз низоми тилло пайравӣ мекунад, аз вазъи давлатҳое, ки аз низоми пулҳои коғазии маҷбурӣ пайравӣ мекунад, фарқ мекунад. Вақте ки якчанд давлат аз низоми тилло пайравӣ мекунад, нархи сарф дар байни ин давлатҳо ё нисбати мубодила дар байни пулҳои ин давлатҳо қариб ки собиту барқарор мемонад. Агар давлатҳо ба услуби маъданӣ амал кунад, масъала кушоду равшан аст. Зеро шумо дар воқеъ ду пули мухталифро мубодила намекунед, ки арзиши ҳар яке нисбат ба дигаре вобаста ба ҳолатҳои пешниҳод ва талаботи хоси ҳар ду тағйир меёбад, балки шумо тиллоро бо тилло мубодила мекунед. Хулоса, рамз ва сурати тиллое, ки дар як давлат зарб шудааст, аз рамз ва сурати тиллое, ки дар давлати дигар зарб шудаааст, фарқ мекунад. Дар ин вақт нархи сарфро таносуби вазни тиллои холис дар пули як давлат ва вазни тиллои холиси пули давлати дигар ташкил медиҳад. Нархи сарф дар байни давлатҳое, ки аз низоми тилло пайравӣ мекунад, танҳо дар доираи ду ҳадди муайян, ки ба харҷҳои ҳамлу нақли тилло дар байни ин давлатҳо вобаста аст, тағйир ёфта метавонад. Ду ҳадди мазкурро ҳадди тилло меноманд. Азбаски ин харҷҳо аксар вақт миқдори андакро ташкил медиҳад, озодона гуфта метавонем, ки нархи сарф дар байни давлатҳое, ки аз низоми тилло пайравӣ мекунанд, қариб ки собит мемонад. Агар кишварҳо ба услуби пулҳои коғазии ноиб амал

кунанд, ҳолат дар мавзӯи нархи мубодила монанди ҳолати услуби маданӣ баробар хоҳад шуд. Зеро дар ин ҳолат муомила воқеан ба пулҳои маъданӣ бунёд мегардад. Хулоса, он бадал аз муомила бо худи маъдан аст, ки пулҳои коғазӣ бо эътибори ноиби пулҳои маъданӣ ба мақоми пулҳои маъданӣ гузошта мешавад. Аз ин рӯ, ин пулҳо дар нархи сарф комилан ҷойи пулҳои маъданиро мегирад, балки дар ҳама чиз ҳукми пулҳои маъданиро мегирад. Аммо кишварҳое, ки ба услуби пулҳои коғазии васиқа, яъне бонкнотҳо амал мекунад, ҳарчанд ба низоми тилло амал мекунад, тилло на ҳамаи арзиши пулҳои коғазиро, балки ҷузъи арзиши пулҳои коғазиро рӯпӯш мекунад. Бинобар ин, арзиши ин пулҳо аз рӯи захираи тилло, ки барои он гузошта шудааст, фарқ мекунад ва дар байни ин пулҳо нархи сарф мавҷуд мешавад. Вале нархи сарфи ин пулҳо собит мемонад ва донистани он осон аст. Зеро ин ба таносуби захираи тилло вобаста ва ин таносуб миқдори маъруфу равшан аст.

Агар якчанд давлат аз низоми пули коғазии маҷбурӣ пайравӣ кунад, дар ин ҳолат мавзӯи муайянкунии нархи сарф дар байни онҳо ба миён меояд. Азбаски иваз кардани ин пул ба тилло бо нархи маҳдуд имконнопазир аст, давлатҳо дар ин вақт ба муаммо рӯбарӯ мешавад: Нархи сарфро дар байни ин давлатҳо, ки аз низоми пулҳои коғазии маҷбурӣ пайравӣ мекунад, чӣ гуна метавон муайян кард?

Ҳалли муаммои мазкур чунин аст: Пулҳои коғазии гуногун колоҳои гуногун ба ҳисоб меравад, ки мардум дар бозори ҷаҳонии пул бо он муомила мекунанд. Ин колоҳоро на бо сабаби зоташ, балки бо сабаби дорои қувваи хариди колои дигар дар ватани аслӣ буданаш мехаранд. Бинобар ин, таносуби мубодила ё нархи сарф дар байни ду пули коғазӣ вобаста ба қувваи хариди ҳар ду дар ватани хоси худ муайян карда мешавад. Бинобар ин, нархи сарф таносуби мубодила дар байни ду пул мебошад. Масалан, агар Миср ва Италия аз низоми пули коғазӣ пайравӣ кунад ва дар Италия ба лираи Италия харидани даҳ воҳиди коло ва дар Миср ба ҷунайҳи

Миср харидани сад воҳиди коло имконпазир бошад, таносуби мубодила дар байни ҳар ду чунин мешавад, ки як ҷунайҳи Миср ба даҳ лираи Италия рост меояд. Вале нархи сарф метавонад тағйир ёбад, зеро пулҳои коғазӣ аз колоҳои мухталиф иборат аст, ки мардум бо он дар бозори ҷаҳонии пул муомила мекунанд. Ин пулҳоро на бо сабаби зоташ, балки бо сабаби дорои қувваи хариди колову меҳнат буданаш дар кишвари чопшуда мехаранд. Бинобар ин, арзишашон бо поён рафтани нархи колоҳо дар ватани аслӣ боло меравад ва бо боло рафтани нархи ин колоҳо поён меравад. Пас, манфиати пули аҷнабӣ дар назди мо ба қувваи харидаш вобаста аст. Агар ин қувва афзояд, манфиаташ низ дар назди мо меафзояд ва омодагии мо ба пардохтани миқдори калони пуламон меафзояд, то миқдореро аз пули аҷнабӣ ба даст дарорем. Агар ин қувва коҳиш ёбад, манфиаташ низ дар назди мо коҳиш меёбад ва омодагии мо ба пардохти миқдори калони пуламон барои ҳусули миқдоре аз пули аҷнабӣ коҳиш меёбад. Зеро дар ватани аслӣ шумо бо ин пули аҷнабӣ ба миқдоре, ки пеш харида метавонистед, коло харида наметавонед, ҳол он ки пуламон дар ин вақт арзиши худро нигоҳ медорад. Агар фарз кунем, ки дар соли муайян нархҳо дар Миср ва Англия сад дар сад баробар гашта, нархи сарф дар байни ду кишвар як ҷунайҳи Миср ба як фунти Англияро ташкил диҳад, нархи сарф баробар мешавад ва мақсад аз сарф ҳусули молҳои англис барои қонеъгардонии эҳтиёҷ мебошад. Бинобар ин, дар кишварамон талабот ба фунти англис ва рӯгардонӣ аз фунти англис ба вуҷуд намеояд. Агар нархҳо дар кишвари мо ба дусад фоиз боло равад ва дар Англия бетағйир боқӣ монад, арзиши фунти англис дар кишвари мо ду баробар афзуда, нархи сарф як ҷунайҳи Мисрро ба нисфи фунти англис ташкил медиҳад. Пас, талабот ба фунти англис бо сабаби паст будани нархҳо дар Англия меафзояд ва талабот ба ҷунайҳи Миср бо сабаби баланд будани нархҳо дар Миср коҳиш меёбад. Дар натиҷа рағбати англисҳо низ ба ҷунайҳи Миср ва ба колоҳои Миср коҳиш меёбад ва ҳатман колои худро аз он афзал медонанд. Зеро нархи колоҳои Миср ду баробар зиёд мегардад, дар ин вақт нархи колоҳое, ки дар

кишварашон истеҳсол мешавад, бетағйир боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, нархи сарф вобаста ба тағйир ёфтани нархҳо дар кишваре, ки ин пулро чоп кардааст, тағйир меёбад. Агар нархҳо дар кишваре бо сабаби зиёд шудани пулҳо нисбат ба кишвари дигар боло равад, нархи сарф ҳатман дар байни ду кишвар тағйир меёбад. Пас, арзиши хориҷии пули давлате, ки дар он нархҳо боло меравад, поён меравад.

Нархи сарф дар байни пули давлат ва пулҳои анҷабӣ ба алоқаи миёни нархи сарфи пулҳои аҷнабӣ бо якдигар вобаста аст. Масалан, як динори Ироқ ба сад риёли Эрон, ё дусад лираи Италия, ё чорсад франки Фаронса баробар бошад, нархи сарф дар байни ин пулҳои аҷнабӣ дар Эрон ба як риёли Эрон ду лираи Италия ё чор франки Фаронсаро ташкил медиҳад. Дар Италия як лираи Италия ба ду франки Фаронса ё ним риёли Эрон баробар мешавад. Ин ҳолат вақте рух медиҳад, ки ҳар як давлат арзиши хориҷии пулашро вогузорад, ки вобаста ба тағйир ёфтани нархҳо дар он тағйир ёбад ва ба ҳаракати тиҷорати байналхалқӣ ва мубодилаи пули аҷнабӣ ба пули маҳаллӣ ё мубодилаи пули маҳаллӣ ба пули аҷнабӣ қайдҳои вазнин нагузорад. Вале баъзе давлатҳо, ҳарчанд нархҳо дар он боло равад, ба нигоҳ доштани арзиши хориҷии пулаш кӯшиш мекунад. Инро бо воситаи маҳдуд сохтани рағбати касоне, ки колоҳои аҷнабиро ба давлат ворид месозанд, амалӣ мегардонад, масалан, бо роҳи вазнин кардани рухсати воридсозӣ. Дар ин ҳолат таносуб дар байни нархҳои сарфи гуногун дар кишварҳои гуногун номӯътадил мегардад. Ин гуногунӣ дар таносуби миёни нархҳои сарф танҳо ҳангоми гузошта шудани қайдҳо ба амалиёти пули аҷнабӣ аз тарафи баъзе давлатҳо рух дода метавонад. Агар ин қайдҳо мавҷуд набошад, тоҷир бо мубодила кардани пул фоидаро ба даст медарорад ва мардум бо ин кор саргарм мешаванд. Дар натиҷа таносуб дар байни нархи сарф бори дигар барқарор мегардад. Ин қайдҳои муомилоти сарф дар аксари кишварҳо дар вақти ҷанг ва дар ҳолатҳои бӯҳрони шадиди иқтисодӣ намоён ва шоеъ аст. Медонем, ки дар ин ҳолат

арзиши пули давлате, ки муомилоти пулиашро бо ин қайдҳо муқайяд месозад, вобаста ба низомҳои пулии ҳар як давлат аз арзиши пули давлати дигар фарқ мекунад. Масалан, дар давлате, ки дар он низоми ягонаи нархи сарф вуҷуд дорад, нархи расмии сарф дар байни пулаш ва пули давлати дигар собит боқӣ мемонад. Зеро бонки марказӣ ва бонкҳое, ки ба машғулшавӣ бо амалиёти пули аҷнабӣ рухсат дорад, ин пулҳоро бо нархи собит мехарад ва бо нархи собит мефурӯшад.

Дар кишварҳое, ки аз низоми нархи сарфи ягона (якхела ва тағйирнаёбанда) пайравӣ намекунад ва дар он бонки марказӣ харидуфурӯши пулҳои аҷнабиро бо нархи муайян ба ӯҳда намегирад, нархи ин пулҳои аҷнабӣ бо мурури вақт вобаста ба ҳолатҳои пешниҳод ва талабот тағйир меёбад. Низоми сарф дар кишварҳое, ки ба тағйирёбии нархи пулҳои аҷнабӣ вобаста ба ҳолатҳои пешниҳод ва талабот рухсат медиҳад, низоми нархи тағйирёбандаи сарф мебошад. Тавре ки ба назар мерасад, дар ин кишварҳо нархҳои сарф натанҳо аз тағйирёбии нархҳо дар байни ин давлат ва кишварҳои дигар, балки бо сабаби муайянкунии ҳаракати тиҷорати байналхалқӣ ё халалдоршавии мизонҳои ҳисобии давлатҳои мухталиф бо ягон сабаб тағйир меёбад. Дар баъзе кишварҳо ба низоми нархҳои тағйирёбандаи сарф қонунан рухсат медиҳанд, монанди Лубнон. Он кишварест, ки ҳукуматаш ба тағйирёбии нархҳои сарф вобаста ба тағйирёбии рӯзмарраи ногаҳонии ҳолатҳои пешниҳоду талабот рухсат додааст. Дар баъзе кишварҳои дигар, низоми тағйирёбандаи нархҳои сарф мамнӯъ аст. Бо вуҷуди ин, дар он муомилоти афрод, ки ба харидуфурӯши пулҳо ё ҳисоботи аҷнабӣ кӯшиш мекунад, вуҷуд дорад, вале он бо нархе, ки аз нархҳои расмӣ тамоман фарқ мекунад, сурат мегирад.

Ин сарф ва нархи сарф дар назди давлатҳои имрӯзаи ҷаҳон аст. Бо ибораи дигар, ин воқеи сарф ва воқеи нархи сарф дар кишварҳои ҷаҳон аст. Аммо ҳукми шаръӣ нисбат ба сарф ва нархи сарф чунин аст, ки Давлати Исломӣ ба низоми тилло амал мекунад: хоҳ онро ба низоми маъданӣ табдил диҳад, хоҳ ба низоми пулҳои коғазии

ҷогузин, ки аз тилло ва нуқра баробари арзиши номиаш дар шакли пурра муқобил дорад ва хоҳ ба пули маъданӣ сифати муайяни якхела диҳад, хоҳ на. Бинобар ин, амалкунӣ ба он зарур аст. Зеро он ҳукми шаръӣ аст ва якчанд ҳукми шаръӣ ба он бунёд мегардад. Сарф дар дохили ин давлат, агар дар байни ҷинси ягона бошад, дар он баробарӣ воҷиб аст ва нобаробарӣ ҷоиз нест. Ҳамин тавр, сарф дар хориҷи ин давлат, агар дар байни ҷинси ягона бошад, мутлақо фарқ намекунад. Пас, ҳукми шаръӣ ягона аст, тағйир намеёбад. Аммо сарф, агар дар байни ду ҷинси гуногун бошад, дар он нобаробарӣ ва баробарӣ ҷоиз аст, монанди сарф дар байни тилло ва нуқра, ба шарте ки тилло ва нуқраро дар шакли нақд ба даст гиранд. Дар ин бора дар байни сарфи дохилӣ ва сарфи хориҷӣ фарқ вуҷуд надорад. Зеро ҳукми шаръӣ ягона аст ва тағйир намеёбад. Нобаробарӣ дар сарфи тилло ва нуқра дар дохил дар шакли дастбадаст ҷоиз аст. Ҳамин тавр, нобаробарӣ дар байни тиллову нуқра дар хориҷ низ дар шакли дастбадаст ҷоиз аст. Дар сарфи пули Давлати Исломӣ ва пулҳои давлатҳои дигар: чи пулҳои маъданӣ ва чи пулҳои коғазии ноиб, яъне пулҳое, ки аз тиллову нуқра баробари арзиши номиаш дар шакли пурра муқобил дорад, низ ҳолат ҳамин тавр аст. Бинобар ин, нобаробарӣ дар он ҳангоми гуногун будани ҷинс ҷоиз аст. Вале шарт аст, ки дар тиллову нуқра даст ба даст шавад. Ҳангоми як хел будани ҷинс нобаробарӣ ҷоиз нест, балки баробарӣ воҷиб аст. Зеро нобаробарӣ рибо ба ҳисоб меравад ва он шаръан ҳаром аст.

Аммо пулҳои коғазии васиқа, ки қисме аз арзишаш рӯпӯш дорад, яъне камтар аз арзиши номиаш захира дорад, чунин аст, ки арзиши пулиаш бо миқдори захира ба эътибор гирифта мешавад ва бо пули исломии мо ба ин эътибор мубодила мешавад. Бо ин эътибор ва бо ин миқдор бо назардошти арзиши захираи маъданӣ ҳукми сарфи тиллову нуқраро оид ба пули маъданӣ мегирад.

Аммо пулҳои коғазии маҷбурӣ, яъне пулҳое, ки аз тиллову нуқра ноиб нест ва ба тиллову нуқра такя намекунад, ҳукми пулҳои

гуногунро мегирад ва дар он нобаробарӣ ва баробарӣ ҷоиз аст, вале бояд дар шакли даст ба даст бошад.

Бинобар ин, сарф дар байни пули Давлати Исломӣ ва пулҳои давлатҳои дигар ҷоиз аст, монанди сарфи пулҳо дар шакли баробар. Нобаробар будани сарфи пулҳо низ ҷоиз аст, зеро ин пулҳо аз ҷинси гуногун аст, вале шарт аст, ки нисбат ба тиллову нуқра даст ба даст бошад.

Таносуби мубодилаи тиллову нуқра ё нархи сарф дар байни тиллову нуқта дар шакли том собит нест ва аз рӯи нархи бозори тиллову нуқра тағйир меёбад. Дар ин бора дар байни сарфи дохилӣ ва сарфи хориҷӣ фарқ вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, ҷоиз аст, ки нархи сарф дар байни пули Давлати Исломӣ ва пулҳои давлатҳои дигар тағйир ёбад. Вале нархи сарф дар байни пули Давлати Исломӣ ва пулҳои давлатҳои дигар ба Давлати Исломӣ бинобар ду сабаби зерин таъсир расонда наметавонад:

**Якум:** Дар кишварҳои исломӣ тамоми навъи ашёи хом, ки барои уммат ва давлат зарур аст, басанда мебошад. Ин кишварҳо ба колои дигарон аз ҷиҳати эҳтиёҷи асосӣ ё эҳтиёҷи зарурӣ мӯҳтоҷ намешавад. Азбаски бо колои маҳаллии худ бениёз мегардад, тағйирёбӣ ба он таъсир намерасонад.

**Дуюм:** Кишварҳои исломӣ дорои колоҳост, ки давлатҳои тамоми ҷаҳон ба он мӯҳтоҷ аст, монанди нафт. Ин кишварҳо метавонад фурӯши нафтро ба мардум манъ кунад, магар пулашро ба он бо тилло пардозанд. Ба давлате, ки бо колои маҳаллии худ аз дигарон бениёз мегардад ва дорои колоест, ки тамоми мардум ба он ниёз доранд, тағйир ёфтани нархи сарф мутлақо таъсир намерасонад. Ин давлат метавонад ба бозорҳои ҷаҳонии пул ҳукмрон гардад ва ҳеҷ кас ба пули он ҳукмрон шуда наметавонад.

# *ТИҶОРАТИ ХОРИҶӢ*

Баъд аз он ки муносибатҳои харидуфурӯш аз мубодила бе воситаи коло ба мубодила бо воситаи пул интиқол ёфт, фаъолияти тиҷоратӣ дар байни афрод, тақсимоти кор дар байни афроди як кишвар ва дар байни халқҳову умматҳои кишварҳои гуногун афзуд. Ҳамин тавр, даврае, ки фард дар он барои худ зиндагӣ мекард ва асрҳое, ки дар он ҳар як уммат ё ҳар як халқ бо узлаткашӣ аз дигар халқҳову умматҳо зиндагӣ мекард, ба охир расида, тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷаҳон ба талаботи ҳаёт табдил ёфт.

Дар байни тиҷорати дохилӣ ва тиҷорати хориҷӣ фарқ вуҷуд дорад. Тиҷорати дохилӣ амалиётҳои харидуфурӯш дар байни афроди як уммат аст ва аҳкоми байъ, ки фуқаҳо онро зикр кардаанд, ба он мувофиқ меояд. Дар тиҷорати дохилӣ ба ҳеҷ гуна сарпарастии давлат, ҳатто назорати бевосита ҳоҷат нест, танҳо ба назорати умумӣ дар риояи мардум ба аҳкоми Ислом дар бораи харидуфурӯш ва ба ҷазодиҳии мухолифони ин аҳком эҳтиёҷ ҳаст, монанди ҳар гуна амалиёти муомилот, чун иҷора, издивоҷ ва ғайра. Аммо тиҷорати хориҷӣ амалиётҳои харидуфурӯшест, ки на дар байни афроди як давлат (шаҳрвандони як давлат), балки дар байни халқҳову умматҳо рух медиҳад, хоҳ дар байни ду давлат бошад, хоҳ дар байни ду фард аз кишварҳои гуногун, ки мол мехарад, то ба кишвараш интиқол диҳад. Ин ҳама ба сарварии алоқаи як давлат бо давлати дигар дохил мешавад. Аз ин рӯ, давлат бо манъи содироти баъзе молҳо ва рухсати баъзеи дигар, инчунин бо масъалаи тоҷирони аҳли ҳарб ва аҳли аҳд машғул

мешавад. Пас, давлат сарварии мутлақи тиҷоратро ба ӯҳда гирифта, бо масъалаи тоҷироне, ки шаҳрвандони он нестанд, машғул мешавад. Вале нисбат ба шаҳрвандони худ дар тиҷорати хориҷӣ, монанди тиҷорати дохилӣ бо назорат кифоя мекунад, зеро ин алоқаи дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Тиҷорати хориҷӣ дар байни давлатҳо бо воситаи тоҷирон интиқол меёбад. Масалан, марде бо мақсади тиҷорат ба кишвари дигар мерафт ва мол мехарад, то ба кишвараш интиқол диҳад. Ё молро барои фурӯхтан ба кишвари дигар мебарад ва пулашро ба кишвараш меорад ё ба он моли дигар мехарад, то ба кишвараш биёрад. Дар ҳама ҳолатҳо давлат ин тиҷоратро ба танзим даровардa, бевосита назорат мекунад. Ба ин мақсад дар сарҳадҳои давлат марказҳои махсус таъсис дода мешавад. Фақеҳон ин марказҳоро (مسالح) марзбонон (посбонхонаҳо) меноманд. Зеро мебоист халифа дар сарҳадҳо, ки роҳ ба кишварҳои кофирон меравад, марзбонон дошта бошад ва ин марзбонон тоҷиронеро, ки сарҳадро убур мекунанд, тафтиш кунанд. Ин марзбонон тиҷоратеро, ки ба кишвар дохил ё аз кишвар хориҷ мешавад, бевосита назорат мекунанд, яъне ин марзбонон барои назорати бевоситаи тоҷирон: чи харидор, чи фурӯшанда мебошад. Пас, давлат ин тиҷоратро ба танзим даровардa, ин танзимро бо воситаи ин марказҳои наздисарҳадӣ амалӣ мегардонад. Бо ибораи дигар, интиқоли ашхос ва амволи дохилшаванда ё содиршавандаро, ки аз сарҳади давлат мегузарад, ба танзим медарорад ва бевосита назорат мекунад.

Ҳукми шаръӣ хитоби Шореъ аст, ки ба феълҳои бандагон тааллуқ дорад. Бинобар ин, аҳкоми шаръӣ, ки ба тиҷорати хориҷӣ тааллуқ дорад, дар бораи инсонҳо нозил шудааст. Ҳукме, ки ба мол тааллуқ дорад, танҳо аз ҷиҳати моли фарди муайян будан тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, дар аҳкоми тиҷорат эътибор на ба навъи мол, балки ба тоҷирон нигаронда мешавад. Бинобар ин, аҳкоме, ки ба тиҷорати хориҷӣ тааллуқ дорад, аҳкомест, ки аз ҷиҳати нигоҳи шариат ба афрод ва амволашон, яъне аз ҷиҳати ҳукми Аллоҳ дар бораи афрод

ва аз ҷиҳати ҳукми Аллоҳ дар бораи амволашон ба ин афрод тааллуқ дорад.

Аз ин рӯ, аҳкоми тиҷорати хориҷӣ на ба тиҷорат, на ба маншае, ки аз он истеҳсол шудааст, балки ба тоҷир тааллуқ дорад. Зеро аҳкоми мол ба соҳиби мол тобеъ аст ва ҳукми ӯро мегирад. Пас, ҳукме, ки ба соҳиби мол рост меояд, ба моли ӯ низ рост меояд. Ин бар хилофи низоми капиталистӣ аст, ки ҳукми тиҷорати хориҷӣ на ба соҳиби мол, балки ба худи мол тааллуқ дорад. Ин низом ба мол на аз ҷиҳати тоҷир, балки аз ҷиҳати маншаи мол менигарад. Фарқи нигоҳи Ислом ва нигоҳи капитализм дар ҳамин аст. Капитализм ба мол ва маншаи истеҳсоли мол менигарад ва ба мол ҳукми маншаро медиҳад. Вале Ислом қатъи назар аз маншаи истеҳсоли мол ба соҳиби мол, яъне тоҷир менигарад. Пас, капитализм молро ва Ислом шахсро ба эътибор мегирад. Дуруст, дар манъ ё рухсати тиҷорат навъи моле, ки бо он тиҷорат мекунанд, низ таъсир дорад. Вале ин на аз ҷиҳати маншаи мол, балки аз ҷиҳати зараровар ё нафъовар будан ба васфи мол тааллуқ дорад. Ҳукм на нисбат ба тиҷорат, балки нисбат ба шахс, яъне нисбат ба тоҷир мебошад. Тоҷироне, ки ба заминҳои Давлати Ислом дохил ё аз ин заминҳо хориҷ мешаванд, се синф мебошанд: шаҳрвандони давлат: чи мусулмон ва чи зиммӣ, аҳли аҳд ва аҳли ҳарб.

Ба шаҳрвандони Давлати Ислом интиқоли ашёе, ки аҳли ҳарб онро ба ҷанг истифода мебарад, монанди яроқу аслиҳа ва ҳар гуна чизе, ки дар ҷанг истифода мешавад, ба дорулҳарб ҷоиз нест. Бо ибораи дигар, ба шаҳрвандони Давлати Ислом баровардани тамоми маводи стратегӣ, ки феълан дар ҷанг истифода мешавад, ҳаром аст. Зеро ин кор дастгирӣ ва кӯмакрасонии душманон дар ҷанги зидди мусулмонон ва ҳамкорӣ дар кори гуноҳ ба ҳисоб меравад. Инчунин кори мазкур ҳамкорӣ бо аҳли ҳарб бар зидди мусулмонон мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَتَعَاوَنُواْ عَلَى الْبرِّ وَالتَّقْوَى

"***Дар некиву тақво ҳамкорӣ кунед***" [5:2].

Бинобар ин, ҳеҷ кас: чи мусулмон ва чи зиммӣ ба ҳамлу нақл ва баровардани ин мавод аз Дорулислом ҳақ надорад. Ин дар ҳолатест, ки агар баровардани ин мавод кӯмакрасонӣ ба аҳли ҳарб дар ҷанги зидди мусулмонон ба ҳисоб равад. Агар баровардани он кӯмакрасонӣ ба аҳли ҳарб бар зидди мусулмонон маҳсуб наёбад, баровардан ҷоиз аст. Пас, ҳамлу нақли дигар колоҳои тиҷоратӣ, монанди либосҳо, матоъҳо ва ғайра, ба аҳли ҳарб ҷоиз аст. Пайғамбар (с) Сумомаро фармуданд, ки аҳли Маккаро бо хӯрок таъмин намояд, ҳол он ки аҳли Макка аҳли ҳарб буд. Зеро ин кӯмакрасонӣ ба аҳли ҳарб маҳсуб намеёбад. Илова бар ин, тоҷирони мусулмон дар замони саҳобагон барои тиҷорат ба дорулҳарб медаромаданд. Ин кор ба чашму гӯши саҳобагон мерасид, вале ҳеҷ кас аз онҳо онро рад ё инкор накард. Ҳол он ки агар кори ноҷоиз мебуд, саҳобагон ба он сукут намекарданд. Сукути саҳобагон бо вуҷуди донистан иҷмои сукутӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба тоҷирони мусулмон ва зиммӣ ҷоиз аст, ки хӯрок ва матоъҳоро барои тиҷорат ба хориҷи кишвар бароранд. Вале баровардани маводе, ки раият ба он бо сабаби кам буданаш ниёз дорад, манъ аст.

Ин нисбат ба тиҷорат бо дорулҳарби ҳукман муҳориб аст. Агар дорулҳарб феълан муҳориб бошад, монанди Исроил, тиҷорат бо он ҷоиз нест: чи дар силоҳ, чи дар таом ва чи дар чизи дигар. Зеро ин тақвият додани устувории он бар зидди мусулмонон мебошад. Бинобар ин, ҳамкорӣ дар гуноҳу таҷовуз ба ҳисоб меравад ва манъ карда мешавад.

Ин нисбат ба баровардани тиҷорат аз кишвар аст. Аммо нисбат ба даровардани тиҷорат ба кишвар чунин аст, ки қавли зерини Аллоҳ Таоло:

وَأَحَلَّ اللّٰهُ الْبَيْعَ

"***Аллоҳ байъро ҳалол кардааст***" [2:275]

омм аст (умумиятро ифода мекунад) ва тиҷорати дохиливу тиҷорати хориҷиро дарбар мегирад. Нассе, ки мусулмон ё зиммиро аз даровардани мол ба кишвар манъ мекунад, ворид нашудааст. Пас, насс дар ҳоли умумият боқӣ мемонад. Бинобар ин, ба мусулмон ҷоиз аст, ки тиҷоратро новобаста ба навъаш ба кишвар дарорад ва мусулмон аз даровардани ҳар гуна моле, ки молик шудани мусулмон ҷоиз аст ва ҳар гуна колое, ки молик шудани фард ҷоиз аст, бе ягон манъкунанда манъ карда намешавад.

Аммо масъалаи муоҳидон (аҳли аҳд) чунин аст, ки бо онҳо хоҳ дар моле, ки аз кишварамон мебароранд ва хоҳ дар моле, ки ба кишварамон медароранд, аз рӯи созишномае, ки бо онҳо баста шудааст, муомила карда мешавад. Онҳо аз кишвари мо силоҳ ва ҳар чӣ, ки ба ҷанг кӯмак мерасонад, харида наметавонанд. Агар харида бошанд, онро аз кишварамон баровварда наметавонанд. Зеро ин кӯмакрасонӣ ба онҳо ба ҳисоб меравад ва ҳарчанд онҳо муоҳидон ҳастанд, аз эҳтимол дур нест, ки ба муҳорибон (аҳли ҳарб) табдил ёбанд. Вале мусаллаҳгардонии онҳо бо силоҳи муайян, агар ин таъсир нарасонад, ба дараҷаи кӯмакрасонӣ нарасад ва ба манфиати мусулмонон бошад, кӯмакрасонӣ ба ҳисоб намеравад. Зеро манъи фурӯши силоҳ ва монанди он, ки дар ҷанг кӯмак мерасонад, бо сабаби иллати расондани кӯмак ба душман аст. Агар иллат аз байн равад, ҳукм низ аз байн меравад.

Аммо аҳли ҳарб касонест, ки дар байни мову онҳо созишномаҳо вуҷуд надорад ва аз шаҳрвандони Давлати Ислом нестанд, хоҳ ҳолати ҷанг дар байни мову онҳо қоим бошад, хоҳ на. Пас, онҳо нисбат ба мусулмонон аҳли ҳарб ба ҳисоб меравand. Агар ҳолати ҷанг дар байни мову онҳо билфеъл қоим бошад, чунон эътибор карда мешавад, ки гӯё мо бо онҳо дар майдони ҷанг бошем: агар амонӣ нагирифта бошанд, онҳоро асир мегирем, мекушем ва молашонро азхуд мекунем. Агар ҳолати ҷанг билфеъл қоим набошад, ин гуна рафтор ҳалол нест, магар касе, ки бе амонӣ ба кишвари мо медарояд. Дар ин бора ӯ ва молаш баробар аст. Пас, худи ӯ аҳли ҳарб ва молаш моли аҳли ҳарб ба ҳисоб меравад.

Муомила бо тоҷирони аҳли ҳарб: чи фурӯшанда ва чи харидор дар ин асос сурат мегирад. Ҳамаи онҳо тоҷир ба ҳисоб рафта, ҳукми шаръӣ дар ин бора чунин аст:

Ба аҳли ҳарб ҷоиз нест, ки бе амонӣ ба дорулислом дарояд, яъне бе изни хос барои даромадан. Амонӣ додан изндиҳӣ барои даромадан аст. Пас, агар бе амонӣ дарояд, назар карда мешавад: агар дарояду бо худ моле дошта бошад, ки дар дорулислом мефурӯшад ва муомила бо онҳо дар хусуси даромадани тоҷирон бе амонӣ ҷорӣ бошад, ба онҳо мамониат нишон дода намешавад, балки аз молашон он чиро, ки аз молҳои хориҷӣ гирифта мешавад, мегирем, яъне аз онҳо он чиро, ки аз тоҷирони мо мегиранд, мегирем. Бо ибораи дигар, муомилаи бомисл сурат мегирад. Ба касе, ки барои харидуфурӯш медарояд, тибқи таомул рухсат дода мешавад, монанди ҳолати ашхосе, ки дар наздикии сарҳади кишвар мебошанд. Таомул ин аст, ки онҳо бе изн, яъне бе амонӣ медароянд. Агар таомул (ҳамкорӣ) бо онҳо дар хусуси даромадани тоҷирон ҷорӣ набошад ё таомул ҷорӣ бошад, вале шахсе, ки ба кишвар медарояд, бо тиҷорат надаромада бошад, муомила бо аҳли ҳарби ғайритоҷир ҷорӣ мешавад. Пас, хуну молаш дар кишвар ҳимоя карда намешавад. Ҳарчанд гӯяд, ки барои пурсидани амонӣ омадааст, аз ӯ пазируфта намешавад. Зеро амонӣ гирифтани аҳли ҳарб шарти ҳимояи хуну молаш дар кишварамон мебошад. Ӯ, агар амонӣ нагирад, ҳимоя карда намешавад. Танҳо таомули ҷорӣ дар хусуси тоҷирон, агар онҳо барои тиҷорат оянд, ба ҷойи амонӣ гирифтан мегузарад. Амоние, ки ба худи аҳли ҳарб дода мешавад, амонӣ ба моли ӯ низ ба ҳисоб меравад. Агар муҳориб нияти иқоматро дар кишвар дошта бошад ва иқомат намояд, сипас ба дорулҳарб баргаштан хоҳад ва молашро ба мусулмон ё зиммӣ супорад ё қарз диҳад, назар карда мешавад. Агар ба дорулҳарб бо ғаразе ё ҳамчун тоҷир, сафир, сайругашткунанда ё барои равои ҳоҷат равад, сипас ба дорулислом баргардад, амониаш дар молу ҷонаш боқӣ мемонад. Зеро хориҷшавии ӯ ба дорулҳарб бо боқӣ мондани нияти иқомат дар дорулислом ба даромадани зиммӣ ба

дорулҳарб шабоҳат дорад. Бинобар ин, ҳукми зиммиро мегирад. Хориҷшавии ӯ ба дорулҳарб, модом ки нияти баргаштро ба дорулислом дорад, амониашро ботил намекунад. Агар ба дорулҳарб барои ихтиёри ватан баргардад, амонӣ дар ҷонаш мутлақо ботил мегардад. Бинобар ин, бори дигар даромадан хоҳад, ба амонии нав мӯҳтоҷ аст. Вале амонӣ нисбат ба молаш чунин аст, ки назар карда мешавад. Агар молашро бо супордани он ба мусулмон ё зиммӣ дар дорулислом гузошта бошад, амонии ин мол боқӣ мемонад. Зеро ӯ ба дорулислом бо амонӣ даромадааст ва амонӣ ба худи ӯ якҷоя бо молаш собит шудааст. Пас, агар молаш дар дорулислом боқӣ монад ва танҳо худи ӯ ба дорулҳарб баргардад, бо даромадан ба дорулҳарб амонӣ танҳо дар ҷонаш ботил мегардад ва амонӣ дар молаш, ки дар дорулислом боқӣ мондааст, боқӣ мемонад. Зеро ботилкунанда ба ҷонаш хос аст. Пас, ботилшавӣ ба он хос аст. Бинобар ин, агар вафот кунад, ин мол ба ворисонаш интиқол меёбад, зеро амонӣ ҳаққи лозим аст, ки ба мол тааллуқ дорад. Агар мол ба ворис интиқол ёбад, ҳаққи амонӣ низ интиқол ёфта, барои ворисонаш нигоҳ дошта мешавад. Агар муҳориб бо молаш хориҷ шавад, амонӣ дар ҷону молаш якҷоя бекор мешавад.

Хулоса, даромадани тиҷорати муҳориб ба кишварамон бе амонии соҳибаш дуруст нест. Амонии ӯ амонии тиҷораташ ба ҳисоб меравад. Агар муҳориб бе даромадани худаш тиҷораташро даровардан хоҳад, ба тиҷораташ амонӣ дода мешавад ё амонӣ дода намешавад. Зеро амонии мол гоҳо аз амонии ҷон алоҳида мешавад. Агар муҳориб ба кишварамон дарояд ва ба ҷонаш амонӣ дода шавад, ин амонӣ ба худаш ва молаш аст, ки бо ӯ медарояд. Вале ин амонӣ барои моле, ки бо ӯ ба дорулислом надаромадааст, нест. Пас, агар аз дорулислом хориҷ шавад ва молаш дар дорулислом боқӣ монад, амонии молаш, ки дар дорулислом аст, боқӣ мемонад ва амоние, ки ба ҷонаш дода шудааст, ба интиҳо мерасад. Бинобар ин, ба халифа ҷоиз аст, ки ба тиҷорати муҳориб амонӣ диҳад, яъне ба молаш, то бе худаш ба кишвар дарояд. Агар

ба молаш амонӣ дода шавад, яъне ба тиҷораташ, ӯ метавонад ин тиҷоратро бо вакилаш ё муздураш ё ғайра бифиристад. Ҳамин тавр, аён мегардад, ки даромадани моли муҳориб монанди худи муҳориб якхел ба амонӣ мӯҳтоҷ аст. Бинобар ин, даромадани тиҷорати хориҷӣ ба кишвари Ислом ба амонӣ мӯҳтоҷ аст, яъне ба изни давлат. Агар ба он изн дода шавад, дахлнопазирии он дар дӯши давлат мебошад, монанди молҳои дигари раият. Агар бе амонӣ, яъне бе изн дарояд, моли ҳалоли давлат ба ҳисоб меравад ва давлат метавонад онро мусодира намояд. Ин дар ҳолатест, ки тиҷорати мазкур моли тоҷирони муҳориб бошад. Агар онро тоҷири мусулмон ё зиммӣ аз раияти давлат бихарад, сипас даровардани онро хоҳад, даровардани он аз тарафи ӯ ба ҳеҷ гуна изн мӯҳтоҷ нест. Вале дар ин ҳолат шарт аст, ки он ба моли ӯ табдил ёбад ва моликияти ӯ ба он бо итмоми дастфушурии байъ бо тамоми навъҳояш ба охир расида бошад. Агар моликияти ӯ ба он бо поён наёфтани дастфушурии байъ ба охир нарасад, балки монанди ҳолати имрӯзаи тиҷорат, ки тоҷир танҳо баъд аз супорида шудани санадҳои бор шудани коло ӯҳдадор мешавад, иҷрои байъ оғоз шавад ё ба даст гузаштани тиҷорат бо вуҷуди харидани он ба охир нарасида бошад, ин тиҷорат дар ин гуна ҳолат тиҷорати муҳориб эътибор карда мешавад ва даромадани он ба амонӣ мӯҳтоҷ аст, яъне ба изн. Агар ба даст гузаштани коло танҳо бо баробари баромадан аз корхона ё танҳо бо баробари бор шудан рух диҳад, тиҷорати мусулмон ё зиммӣ ба ҳисоб меравад. Агар ба даст гузаштан ҳангоми даромадан ба кишвар рух диҳад, ба даст гузаштан ба ҳисоб намеравад ва тиҷорати муҳориб эътибор карда мешавад.

Ин масъалаи даромадани тиҷорати муҳориб ё даромадани тоҷири муҳориб аст. Аммо масъалаи баромадани тиҷорати муҳориб аз кишварамон, яъне нисбат ба харидорӣ шудани колои кишварамон ва баровардани шудани он аз кишвар аз тарафи муҳориб назар карда мешавад. Агар ин мол аз маводи стратегӣ бошад, монанди силоҳ ва ҳар чӣ, ки дар ҷанг ба душман кӯмак

мерасонад, муҳориб аз харидан ва баровардани он манъ карда мешавад. Агар молро харида бошад, аз ҳамлу нақл ва баровардани он манъ карда мешавад. Вале маводи дигар, монанди таом, матоъ ва ғайра, ба муҳорибе, ки амонӣ дода шудааст, рухсат дода мешавад, ки онро бихарад, интиқол диҳад ва аз кишварамон барорад. Ин набояд аз молҳое бошад, ки раият бо сабаби норасоӣ ба он мӯҳтоҷ аст. Дар ин ҳангом ин навъи мол бо сабаби эҳтиёҷи раият ба он манъ карда мешавад, чунон ки тоҷирони мусулмон ва зиммӣ аз баровардани ин маводи тиҷоратӣ бо иллати эҳтиёҷи раият ба он манъ карда мешаванд.

Ин нисбат ба баромадани тоҷир ва тиҷорат аз кишвари Ислом ва нисбат ба даромадани тоҷир ва тиҷорат мебошад. Аммо масъалаи андозе, ки ба ин тиҷорат гузошта мешавад, чунин аст, ки ҳукми шаръӣ дар ин бора на бо гуногун шудани тиҷорат, балки бо гуногун шудани тоҷирон гуногун мешавад. Зеро Ислом ба тиҷорат на аз ҷиҳати танҳо мол будан ё аз ҷиҳати маншаи он, балки аз ҷиҳати моли шахс будан назар мекунад. Бинобар ин, ҳукми он чӣ, ки ба он гузошта мешавад, бо гуногун шудани тоҷирон новобаста ба маншаи тиҷорат ва навъи он гуногун мешавад. Агар тоҷир аз раияти Давлати Исломӣ бошад: чи мусулмон ва чи зиммӣ, ба тиҷорати ӯ мутлақо чизе гузошта намешавад. Доримӣ, Аҳмад ва Абӯубайд аз Уқба ибни Омир ривоят кардаанд, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"لاَ يَدْخُلُ الْجَنَّةَ صَاحِبُ مَكْسٍ"

"***Соҳиби макс ба ҷаннат намедарояд***".

Абӯмуҳаммад гуфтааст, ки мурод ин ҷо ашшор аст. Ашшор ё ошир касест, ки аз тиҷорате, ки аз хориҷ меояд, ушр (даҳяк) мегирад. Аз Муслим ибни Мусбеҳ ривоят аст: "Ӯ аз Ибни Умар пурсидааст, ки оё Умар аз мусулмонон ушр гирифтааст ва Ибни Умар гуфтааст: "На, инро намедонам"". Аз Иброҳим ибни Муҳоҷир ривоят аст: "Зиёд ибни Ҳадир гуфт: "Ман аввалин ошире ҳастам, ки дар Ислом ушр гирифтааст". Ба ӯ гуфтам: Аз кӣ ушр мегирифтед? Ӯ гуфт: "Аз

мусулмон ва муоҳид намегирифтем ва аз насрониёни Банӣ-Тақлиб ушр мегирифтем"". Аз Абдурраҳмон ибни Маъқал ривоят аст: "Аз Зиёд ибни Ҳадир пурсидам: Аз кӣ ушр мегирифтед? Ӯ гуфт: "Аз мусулмон ва муоҳид ушр намегирифтем". Гуфтам: Пас, аз кӣ ушр мегирифтед? Ӯ гуфт: "Аз тоҷирони муҳориб, чунон ки онҳо ҳангоми рафтани мо ба кишварашон аз мо ушр мегирифтанд"". Яъқуб ибни Абдурраҳмони Қоррӣ аз падараш ривоят кардааст, ки Умар ибни Абдулазиз ба Адӣ ибни Артаа мактуб навиштааст: "Мардумро аз фидя, "дастархон" ва макс озод кун. Он макс нест, вале "бахс"-ест, ки Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَا تَبْخَسُوا النَّاسَ أَشْيَاءهُمْ وَلَا تَعْثَوْا فِي الْأَرْضِ مُفْسِدِينَ

"***Ба мардум кам мадиҳед ва бебокона дар замин фасод макунед!***" [26:183].

Ҳар кас ба ту бо садақае ояд, онро аз ӯ бипазир. Ҳар кас ба ту бо он наояд, худи Аллоҳ бо ӯ ҳисобу китоб мекунад". Аз Курайз ибни Сулаймон ривоят аст, ки Умар ибни Абдулазиз ба Абдуллоҳ ибни Авфи Қоррӣ мактуб навиштааст: "Ба асп савор шав ва ба хонае, ки дар Рафҳ воқеъ аст, бирав. Онро хонаи макс мегӯянд. Сипас онро ба баҳр парто ва несту нобуд соз". Ин панҷ асарро Абӯубайд дар китоби "Амвол" ривоят кардааст. Абӯубайд гуфтааст: "Ваҷҳҳои далолати ҳадисҳо, ки дар он ошир ва кароҳати максро зикр кардем, чунин аст, ки макс аслан дар ҷоҳилият вуҷуд дошт. Тамоми шоҳони араб ва аҷам ба он даст мезад. Қонунашон ин буд, ки аз тоҷирон ҳангоми убур кардани марзашон бо молашон ушри ин молро мегирифтанд. Мактуби Пайғамбар (с) ба мусулмонони аҳли Амсор, монанди Сақиф, Баҳрайн, Давматулҷандал ва ғайра, инро баён мекунад:

"أَنَّهُمْ لاَ يَحْشُرُونَ وَلاَ يُعْشَرُونَ"

"***Аз мусулмонон андоз ва ушр гирифта намешавад***".

Ҳамин тавр, аз ҳадисҳои зиёд донистем, ки ин кор аз қонуни ҷоҳилият буд, сипас Аллоҳ онро бо Расулаш (с) ва бо Ислом бекор кард", яъне аз қонуни ҷоҳилият буд, ки ушрҳо, яъне максҳо мегирифтанд, сипас Аллоҳ онро бо Ислом бекор кард.

Ҳадисе, ки аз Расул (с) ривоят шудааст ва асарҳое, ки аз ду Умар ривоят шудааст, далолат мекунад, ки аз мусулмон ва зиммӣ ҳеҷ гуна макси тиҷораташ гирифта намешавад: на аз тиҷорате, ки ба кишвари Ислом медарояд ва на аз тиҷорате, ки ба дорулҳарб мебарояд. Умар ибни Хаттоб (р) ҳамин тавр рафтор кардааст. Ӯ аз тоҷирони мусулмон ва зиммӣ максе нагирифтааст ва саҳобагон ба ин иқрор шудаанд. Пас, ин иҷмои сукутӣ ва далели шаръӣ мебошад. Макс молест, ки аз тиҷорат ҳангоми гузаштани он аз сарҳади кишварҳо гирифта мешавад. Пас, онро барои баромадан аз кишвар ва барои даромадан ба кишвар таъбир мекунанд. Хонае, ки дар сарҳад гузошта мешавад, хонаи макс аст. Зеро макси коло дирҳамҳоест, ки аз фурӯшандаи коло дар бозорҳои ҷоҳилият гирифта мешуд ва он чӣ аст, ки ходимони давлат аз ашёи муайян ҳангоми фурӯхташавии он ё ҳангоми дохилшавии он ба шаҳрҳо мегирифтанд. Ин ҳама макс аст. Мегӯянд: Макс аз моли макс гирифта мешавад. Пас, макс ба он чӣ, ки аз тиҷорат гирифта мешавад, хос аст. Наҳй аз гирифтани макс омм аст ва мусулмону зиммиро дарбар мегирад.

Абӯубайд дар "Амвол" аз Ҳарби Сақафӣ ва ӯ аз бобояш (падари модараш) ривоят кардааст, ки Набӣ (с) гуфтаанд:

"لَيْسَ عَلَى الْـمُسْلِمِينَ عُشُورٌ، إِنَّمَـا الْعُشُورُ عَلَى الْيَهُودِ وَالنَّصَارَى"

"***Дар дӯши мусулмонон ушр нест, балки ушр дар дӯши яҳудиён ва насрониён аст***".

Ин ҳадис аз се тариқ ривоят шудааст, ки дар ду тариқ аз маҷҳул (шахси номаълум) ривоят шудааст. Дар бораи ривояти Ҳарб ибни Убайдуллоҳи Сақафӣ, ки ӯ аз бобояш (падари модараш) ривоят кардааст, ровиёни ҳадис ҳеҷ чиз нагуфтаанд ва сукут кардаанд.

Илова бар ин, ҳеҷ кас аз муҷтаҳидон онро нагирифтааст. Ҳеҷ кас чи аз касоне, ки мегӯянд: аз тиҷорат чизе гирифта намешавад ва чи касоне, ки мегӯянд: аз мусулмон ҳамчун закот чоряки ушр ва аз зиммӣ нисфи ушр ҳамчун сиёсат гирифта мешавад, онро далел наовардааст. Агар ин дуруст мебуд, бешубҳа, онро мегирифтанд ва бо ин ҳадис далел меоварданд. Ҳеҷ кас дурустии онро нагуфтааст ва онро нагирифтааст.

Боз аз Умар (р) ривоят шудааст, ки ӯ аз мусулмонон чоряки ушр, аз зиммиҳо нисфи ушр ва аз муҳорибон (аҳли ҳарб) ушр мегирифт. Инро бо ҳукми мусулмон, зиммӣ ва муҳориб дар харидуфурӯш муқоиса бояд кард. Ҳадисҳо, вақте ки ҳаром будани максро дар шакли умумӣ баён кардааст, дар хусуси ҳаром будани гирифтан аз мусулмон ва зиммӣ сареҳ аст. Макс гирифтани мол аз тиҷорат мебошад. Пас, он чӣ, ки Умар аз мусулмон гирифтааст, закот буд, он чӣ, ки аз муҳориб гирифтааст, аз қабили муомилаи бомисл ба ҳисоб меравад, зеро онҳо аз тоҷиронамон ушр мегирифтанд ва он чӣ, ки аз зиммӣ гирифтааст, бинобар сулҳе буд, ки бо онҳо баста шудааст. Пас, ӯ бо риояи созишномаи сулҳ гирифтааст ва макс нагирифтааст. Зеро Аллоҳ ба кофирон танҳо ҷизяро воҷиб гардондааст. Пас, нисфи ушр аз онҳо бинобар сулҳ якҷоя бо ҷизя гирифта шудааст. Ин ҳақ ва аҳди дуруст аст. Вале гирифтани чизе аз молҳояшон баъд аз баста шудани ақди зимма бо ҷизя ва зиллат, модом ки онҳо ба аҳд риоя намоянд, ҳалол нест. Абӯубайд мегӯяд: "Ваҷҳи гирифта шудани нисфи ушр аз аҳли зимма аз тарафи Умар ба ман мушкил омад. Ман мегуфтам: Аҳли зимма мусулмон нестанд, ки аз онҳо садақа гирифта шавад ва аҳли ҳарб нестанд, ки аз онҳо мисли он чӣ, ки аз мо мегиранд, гирифта шавад. То тадаббур кардани суханаш инро надонистам. Сипас донистам, ки ӯ бо онҳо ҷуз ҷизяи сарикасӣ ва хироҷи замин ба ин сулҳ бастааст".

Ин нисбат ба тоҷири мусулмон ё зиммӣ аст. Аммо нисбат ба тоҷири муоҳид чунин аст, ки аз ӯ тибқи он чӣ, ки дар созишномаи миёни онҳо ва мо баён шудааст, гирифта мешавад. Пас, агар озод будани ӯ аз гирифтани чизе дарҷ гардад, аз ин озод мегардад. Агар

миқдори муайян дарҷ гардад, ин миқдор гирифта мешавад. Бинобар ин, дар ҳаққи муоҳид он чӣ, ки дар созишнома дарҷ гардидааст, татбиқ мегардад.

Ҳукми тоҷири муҳориб ин аст, ки аз ӯ мисли он чӣ, ки давлаташ аз тоҷиронамон мегирад, мегирем. Пас, агар тоҷири муҳориб аз онҳо бо амонӣ ба кишварамон дарояд, аз ӯ мисли он чӣ, ки аз тоҷирони Давлати Исломӣ: чи мусулмонон ва чи зиммиён мегиранд, мегирем. Аз Абӯмаҷлаз Лоҳиқ ибни Ҳамид ривоят аст: "Ба Умар (р) гуфтанд: "Агар аҳли ҳарб ба кишварамон оянд, аз онҳо чӣ қадар мегирем?" Умар гуфт: "Агар шумо ба кишварашон дароед, аз шумо чӣ қадар мегиранд?" Гуфтанд: "Ушр". Умар гуфт: "Пас, ҳамин қадар аз онҳо бигиред"". Инро Ибни Қудома дар "Муғнӣ" зикр намудааст. Аз Зиёд ибни Ҳадир ривоят аст: "Аз мусулмон ва муоҳид ушр намегирифтем. Гуфтам: Пас, аз кӣ ушр мегирифтед? Ӯ гуфт: "Аз тоҷирони аҳли ҳарб, чунон ки онҳо ҳангоми дохилшавӣ ба кишварашон аз мо ушр мегирифтанд". Инро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст. Умар инро дар пеши чашму гӯши саҳобагон анҷом дод. Ҳеҷ кас аз онҳо ӯро инкор накард, балки онҳо сукут варзиданд. Пас, ин иҷмоъ аст. Вале аз тоҷирони аҳли ҳарб гирифтани мисли он чӣ, ки аҳли ҳарб аз он мегиранд, ҷоиз аст, на воҷиб. Бо ибораи дигар, давлат метавонад бигирад ва гирифтан ба давлат воҷиб нест. Пас, ба давлат ҷоиз аст, ки тиҷорати муҳорибро аз макс озод намояд ва боз ҷоиз аст, ки аз ин тиҷорат макси камтар аз он чӣ, ки онҳо аз мо мегиранд, бигирад. Вале давлат наметавонад аз онҳо бештар аз он чӣ, ки онҳо аз мо мегиранд, бигирад. Зеро гирифтани макс барои ҷамъоварии мол нест, балки сиёсати муомилаи бомисл аст ва халифа дар ин бора манфиати мусулмононро риоя мекунад. Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар аз падараш ривоят кардааст: "Умар аз набатиён барои равған ва гандум нисфи ушрро мегирифт, то ҳамлу нақли он ба Мадина бештар гардад, вале дар қутнийя (порчаи рахрахи пахтагин) ушр мегирифт". Инро Абӯубайд дар "Амвол" ривоят кардааст. Ушр он чӣ аст, ки онҳо дар он вақт аз

тоҷиронамон мегирифтанд. Бинобар ин, дар максе, ки аз тиҷорати муҳорибон гирифта мешавад, аз тақозои манфиати давлат пайравӣ карда мешавад: хоҳ озодкунӣ бошад, хоҳ гирифтани макс, хоҳ кам бошад, хоҳ бисёр, вале макс набояд аз мисли он чӣ, ки онҳо аз тоҷиронамон мегиранд, афзояд.

**Воқеи тиҷорати хориҷӣ**

Тиҷорати байналхалқӣ, вақте ки аз он фоидаи ҳақиқии калон ба даст меояд, фоидаи бузург дорад. Муборизаи шадид ва мусобиқаи тезутунд дар байни давлатҳои калон дар роҳи касб кардани бозорҳои нав ва нигоҳ доштани бозорҳои кӯҳна, ки молҳояшонро дар он мефурӯшанд, инчунин дар роҳи ворид сохтани ашёи хом бе ҳеҷ гуна монеа бовари касро ба аҳамияти тиҷорати байналхалқӣ меафзояд. Тиҷорати байналхалқӣ хусусиятҳо, нишонаҳои фарқкунанда ва натиҷаҳои хоса дорад. Сабаби асосии мавҷуд будани тиҷорати байналхалқӣ фарқи миқдори сарфу харҷи колоҳои гуногун дар байни як давлат ва давлати дигар мебошад. Вақте ки дар байни давлатҳо сарфу харҷи нисбӣ фарқ мекунад, мавҷуд будани тиҷорати байналхалқӣ дар байни давлатҳо ба фоидаи ин давлатҳо мебошад.

**Мувозинаи тиҷоратӣ**

Мувозинаи тиҷоратӣ муқоисаи арзиши (ҳаҷми) содироти пешбинишуда ва воридоти пешбинишуда мебошад. Агар ба як тараф арзиши содиротро ва ба тарафи дигар арзиши воридотро гузорем, мувозинаи тиҷоратиро ба даст медарорем. Агар арзиши содирот аз арзиши воридот бештар бошад, мувозинаи тиҷоратӣ ба фоидаи мо хоҳад буд. Зеро давлатҳо бо фарқ дар байни арзиши содиротамон ва арзиши воридотамон аз мо қарздор мешавад. Дар натиҷа талаботи хориҷ ба пуламон барои пардохти арзиши молҳо аз талаботи мо ба пулҳои аҷнабӣ барои ин мақсад бештар мегардад. Вале мувозинаи тиҷоратӣ дар хусуси иқтисоди миллӣ (иқтисоди дохилӣ) сурати дурустро намедиҳад. Зеро даромади миллӣ ба фоидаҳои тиҷорати хориҷӣ маҳдуд нест, балки ин ҷо

чизҳои дигар низ аз воридот дарак медиҳад ва даромади миллӣ ба ҳисоб меравад. Вале мувозинаи тиҷоратӣ дар хусуси тиҷорати хориҷиамон сурати дурустро дода метавонад. Дуруст нест, ки ҳарис бошем, то мувозинаи тиҷоратӣ ба фоидаи мо бошад, магар ҳангоми ғарази дигар доштани давлат. Давлат, агар ғаразҳои дигар вобаста ба мабдаъ, даъват ба мабдаъ, рушди саноат, қонеъгардонии эҳтиёҷот, масъалаҳои сиёсӣ нисбат ба мавқеи давлате, ки бо он муомилаи тиҷоратӣ мекунем ва дар як ҳолат будани онро мехоҳем ё нисбат ба мавқеи байналхалқӣ ва он чӣ, ки ба он таъсир мерасонад, дошта бошад, аз ин ғараз пайравӣ мекунад ва ба фоидаи мо будани мувозинаи тиҷоратиро қурбон месозад. Бинобар ин, агар назари тиҷоратӣ назари фоида бошад ва дар айни вақт на назари фард, балки назари давлат бошад, дар ин ҳолат ҳадафи давлат ва ҳастии он пеш аз фоидаи тиҷоратӣ риоя карда мешавад.

## Алоқаи пулӣ дар байни давлатҳо

Тиҷорати хориҷӣ алоқаи пулиро дар байни давлатҳо ба вуҷуд меорад. Зеро давлат бояд пули колоро бо пули кишваре, ки аз он коло ворид месозад ё бо пуле, ки он мепазирад, пардозад ва бояд пули колоеро, ки бо пули худ ё бо пули дилхоҳи дигар мефурӯшад, бигирад. Ҳамин тавр, дар байни давлатҳо алоқаи пулӣ ба вуҷуд меояд.

Ин ҷо табодули колоҳо ё содироту воридоти пешбинишуда ва ин ҷо табодули хизматрасониҳо ё он чӣ, ки содироту воридоти пешбининашуда меноманд, вуҷуд дорад. Ин хизматрасониҳои ҳамлу нақлро дарбар мегирад, монанди мусофиркашӣ ва боркашӣ дар байни давлатҳо, пардохтҳои байналхалқии почта, телеграф ва телефон, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва пардохти музди миёнаравӣ ё даллолӣ барои вакилон ва миёнаравон, инчунин тамоми хизматрасониҳо марбут ба сайёҳӣ. Вақте ки сайёҳ ба кишвари аҷнабӣ рафта, баъзе даромади худро дар он сарф мекунад, молҳои ин кишварро мегирад. Вале ӯ аз кишвари худ ба

он чӣ, ки дар кишвари сафараш сарф карда метавонад, рухсат мегирад: ё ба сарфи маблағи муайян аз пули ин кишвараш, то кишвараш онро бо пулаш рӯпӯш кунад, ё ба пуле, ки дар ин кишвар мақбул аст ва дар кишвараш ёфт мешавад. Мо барои пардохти арзиши воридот пули худро ба шаҳрвандони талабгори пули аҷнабӣ пешниҳод мекунем ё моли худро дар кишвари аҷнабӣ пешниҳод мекунем, то пули онро ба даст дарорем. Ҳусули пулҳои аҷнабӣ барои давлат кори зарурист, то ба эҷоди алоқаи тиҷоратӣ ё алоқаи иқтисодӣ бо давлатҳо имкон ёбад. Вале ҷоиз нест, ки пуламонро қурбон сохта, дар роҳи эҷоди алоқаи тиҷоратӣ ё иқтисодӣ ба беқарорӣ ва ноустувории боварӣ гирифтор кунем, балки воҷиб аст, ки ҳукмронии худро дар алоқаҳои иқтисодии хориҷии худро чи алоқаҳои тиҷоратӣ ва чи алоқаҳои ғайритиҷоратӣ ба яке аз асосҳои ин алоқаҳо табдил диҳем. Ҳамин тавр, муҳофизати пуламонро таъмин менамоем ва дар айни вақт пулҳои аҷнабии дилхоҳро ба даст медарорем. Бинобар ин, воҷиб аст, ки давлат аз қарз гирифтан чи қарзи кӯтоҳмуддат ва чи дарозмуддат иҷтиноб варзад, зеро он аз чизҳоест, ки боиси беқарорӣ дар бозори пуламон ва поёнравии арзиши пуламон мегардад.

## Сиёсати тиҷорати хориҷӣ

Тиҷорати хориҷӣ алоқаи давлатҳо бо давлатҳои дигар ва алоқаи халқҳову умматҳо бо халқҳову умматҳои дигар аз ҷиҳати тиҷоратӣ мебошад, яъне парастории корҳои тиҷоратии уммат аз ҷиҳати хориҷӣ. Ин сиёсат бояд ба асосҳои муайян бунёд гардад, ки мувофиқи ин асосҳо бечунучаро амал намояд. Нигоҳи умматҳо ба тиҷорати хориҷӣ вобаста ба гуногунии нуқтаи назари онҳо дар бораи ҳаёт фарқ мекунад ва алоқаҳои хориҷиашон бо умматҳои дигар мувофиқи ин нигоҳ таъйин мешавад. Инчунин нигоҳи умматҳо бо сабаби гуногунии нигоҳашон ба манфиати хоси иқтисодии худ дар роҳи ҳусули фоидаи иқтисодӣ фарқ мекунад. Бинобар ин, мебинем, ки сиёсати тиҷорати хориҷии сотсиалистҳо дар Иттиҳоди шӯравӣ пеш аз сарнагуншавии он дар аввали солҳои

навадум ба нигоҳи сотсиалистӣ дар хусуси такомули тадриҷии ҷаҳон (дигаргун кардани ҷаҳон) бунёд шудааст. Сотсиалистҳо бо назардошти фоидаи иқтисодӣ колоҳоро нисбат ба кишварҳо ба синфҳо тақсим мекарданд. Масалан, кӯшиш мекарданд, то ба Сурия дастгоҳҳои кишоварзӣ, нурӣ, доруворӣ, дастгоҳҳои саноатӣ барои саноатҳое, ки молҳои истеъмолӣ истеҳсол мекунад, монанди саноати панир ва либосҳо, дастгоҳҳои заминронӣ ва ғайраро фурӯшанд. Ин ба нигоҳи онҳо дар дигаргун ва наздик кардани суриягиҳо ба назарияи сотсиалистӣ мусоидат мекард. Вақте ки мол ворид мекарданд, танҳо молҳоеро, ки истеҳсолро афзоиш медод ва суриягиҳо ба он ниёз доштанд, ворид мекарданд. Аммо кишварҳои капиталистӣ, монанди Англия, бар хилофи ин аз пайи фоидаи моддӣ шуда, манфиатпарастиро асоси сиёсати тиҷорати хориҷӣ медонанд. Бинобар ин, ҳама чизро, модом ки фоидаи иқтисодӣ меорад, ба тамоми халқҳо ва умматҳо мефурӯшанд. Рафтори Амрико, ки тиҷоратро бо Русия ва Хитой ба синфҳои муайян (ба колоҳои навъи муайян) маҳдуд сохта, тиҷорати синфҳои дигарро (колоҳои навъи дигарро) бо ин давлатҳо манъ мекунад, на ба нуқтаи назар, балки ба сиёсати ҳарбӣ вобаста аст, бо эътибори он ки бо ду давлати мазкур, ҳарчанд давлати феълан муҳориб нестанд, мисли давлати ҳукман муҳориб муомила мекунад. Нисбат ба давлатҳои дигар асоси сиёсати тиҷорат дар назди Амрико бар манфиатпарастӣ бунёд мегардад.

Вале иқтисоддонони ғарбӣ дар нигоҳ ба тиҷорати хориҷӣ фарқ мекунанд ва дар ин хусус равияҳои гуногун вуҷуд дорад. Равияҳои зерин аз ин ҷумла аст:

**1. Мубодилаи озод:**

Назарияи мубодилаи озод тақозо мекунад, ки мубодилоти тиҷоратӣ дар байни давлатҳо бе ягон қайд, андози гумрукӣ ё манъи воридот ба роҳ монда шавад. Ин равия аз байн рафтани назорати давлатро мефаҳмонад. Пас, давлат, бо эътибори он ки

мувозинаи содироту воридотро қонунҳои табиӣ таъмин мекунад ва ин мувозина мувозинаи табиӣ ва механикӣ аст, ба назорати содироту воридот ӯҳдадор нест.

Ин назария ба Ислом мухолиф аст. Зеро тиҷорати хориҷӣ яке аз алоқаҳои давлат бо давлатҳо, халқҳо ва умматҳои дигар ба ҳисоб меравад. Ин алоқаҳо ба ҷумлагӣ ба ҳукмронии давлат тобеъ аст. Давлат танзим ва назорати бевоситаи ин алоқаҳоро: чи алоқаҳои миёни фардҳо, чи алоқаҳои иқтисодӣ ва чи алоқаҳои тиҷоратӣ, ба роҳ мемонад. Бинобар ин, пазируфтани назарияи мубодилаи озод мутлақо дуруст нест. Зеро Давлати Ислом ба манъи баъзе тиҷоратҳо ва рухсати баъзеи дигар сарварӣ мекунад. Инчунин давлат, ҳарчанд дар тиҷорати хориҷӣ ва дохилии шаҳрвандони худ бо назорат кифоя мекунад, дар масъалаи тоҷирони аҳли ҳарб ва аҳли аҳд бевосита сарварӣ мекунад.

**2. Ҳимояи тиҷоратӣ:**

Назарияи ҳимояи тиҷоратӣ дахолати давлатро тақозо мекунад, то тавозуни мубодилот (мувозинаи мубодилот) бо хориҷ ба вуҷуд ояд. Мақсад аз ҳимояи тиҷоратӣ таъсиррасонӣ ба мувозинаи тиҷоратӣ ва муолиҷаи камбуд52 мебошад. Зеро худ ба худ ба вуҷуд омадани ҳар гуна тавозуни воридоту содирот ва худ ба худ пур шудани ҳар гуна камбуд имконнопазир аст. Пас, ҳимояи тиҷоратӣ зарур аст. Аз ин рӯ, андозҳои гумрукӣ ва қайдҳои воридоту содирот гузошта мешавад.

Ин назария нуқсон дорад. Зеро он дахолати давлатро ба пайдо кардани мувозинаи мубодилот бо хориҷ ё пур кардани камбуд маҳдуд месозад. Ин кор дуруст нест. Дахолати Давлати Ислом барои муомилаи мисл бо давлатҳои дигар, қонеъ гардондани эҳтиёҷоти кишвар, таъмини фоидаҳои молиявӣ, пайдо кардани пулҳои барқарор ва барои даъвати исломӣ ба роҳ монда мешавад. Бинобар ин, маҳдуд сохтани ин дахолат танҳо барои пайдо кардани мувозинаи мубодилот ва пур кардани камбуд дуруст

нест, балки дахолати давлат барои ғаразҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, инчунин барои ҳамли даъвати исломӣ зарур аст.

**3. Иқтисоди миллӣ:**

Назарияи иқтисоди миллӣ ба фикрати "ҳимояи тарбиявӣ", ки аз назарияи саноатҳои вазнин ба вуҷуд омадааст, вобаста мебошад. Соҳибони назарияи иқтисоди миллӣ мепиндоранд, ки ҳадафи рушди иқтисодии уммат бояд ато кардани ҳукмронии сиёсӣ дар баробари ҳукмронии иқтисодӣ бошад. Онҳо мепиндоранд, ки рушди ҳар гуна кишвар се марҳиларо тай менамояд: чорводорӣ-кишоварзӣ, кишоварзӣ-саноатӣ, кишоварзӣ-саноатӣ-тиҷоратӣ. Кишварҳо танҳо бо соҳибшавӣ ба новгон (флот), мустамликаҳо ва сокинони гуногунқобилият соҳиби ҳукмронии ҳақиқӣ шуда метавонад. Бояд ҳамоҳангии қавии истеҳсол ва рушди иқтисодӣ ҳамчун шарти асосии ҳукмронии сиёсӣ ба вуҷуд ояд. Онҳо мепиндоранд, ки алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ аз рақобати озод бархӯрдор мешавад, вале шарт аст, ки ҳар як давлати рақобаткунанда ба дараҷаи камоли рушди қуввааш бирасад ва барои фаъол кардани ин рушд ҳимояи саноат зарур аст. Аммо барои кишоварзӣ ҳеҷ гуна ҳимоякунӣ ба амал намеояд, балки содир кардани маҳсулотҳои кишоварзӣ бе ягон қайду шарт ва озод гузоштани нархҳои ин маҳсулотҳо аз рӯи шароитҳои бозори озод мумкин аст. Аз ин рӯ, назарияи иқтисоди миллӣ моҳиятан (дар ҷавҳари худ) назарияи саноат аст. Аз рӯи ин назария, умматҳое, ки ба пуриқтидор шудан кӯшиш мекунанд, бояд аз марҳилаи кишоварзӣ ба марҳилаи саноат гузаранд. Пас, дар кишвари кишоварзӣ (кишвари аграрӣ) қисми асосии қувваи истеҳсолӣ, яъне қувваи корӣ ва қисми асосии захираҳои табиӣ, яъне ашёи хом мавриди истифода қарор намегирад. Бинобар ин, дар роҳи истифодаи ин қувва ва ин захираҳо, яъне қувваи корӣ ва ашёи хом зам кардани қудрати саноат ба ҷиҳати кишоварзӣ зарур аст. Кишваре, ки худро танҳо ба кишоварзӣ мебахшад, имкониятҳои иқтисодӣ ва сатҳи зиндагиро, ки кишвари кишоварзӣ-саноатӣ дар як вакт ба он муваффақ мешавад, ба даст

дароварда наметавонад. Пас, иқтисоди миллӣ зарурати мавҷудияти саноатро дар баробари кишоварзӣ ногузир медонад, то кишвар аз ҷиҳати иқтисодӣ ба пой хезад. Ин назария ҳимояи тиҷории саноатро пеш мегирад ва танҳо ба воридоту содироти саноат қайдҳои лозимӣ мегузорад. Аммо нисбат ба кишоварзӣ мубодилаи озодро пеш гирифта, онро бе ягон қайд озод мегузорад.

Ин назарияро Ислом эътироф намекунад. Зеро озод гузоштани мубодилаи маҳсулотҳои кишоварзӣ бо хориҷ далолат мекунад, ки давлат тиҷорати маҳсулотҳои кишоварзиро бо хориҷ назорат намекунад. Ин кор ҷоиз нест. Зеро давлат содироту воридоти ҳар гуна маводи кишоварзӣ, саноатӣ ва ғайраро ба танзим дароварда, ба баъзе мавод рухсат медиҳад ва баъзеи дигарро манъ мекунад. Айни замон давлат, ҳарчанд нисбат ба шаҳрвандони худ бо назорат кифоя мекунад, масъалаи тоҷирони аҳли ҳарб ва аҳли аҳдро бевосита идора менамояд. Давлат бо назардошти манфиати кишвар барои рушди саноат ба корҳои саноатӣ дахолат мекунад. Кори мазкур аз ин ҷиҳат сарпарастии корҳои уммат ба ҳисоб меравад, ки Ислом ба он фармудааст. Вале ин кор натанҳо бо рушди саноат, балки бо манфиати давлат дар баробари рушди саноат муқайяд аст. Аз ин аён мегардад, ки иқтисоди миллӣ, ҳарчанд ҳамчун як қисми саноат ба сарпарастии корҳои уммат, ки Ислом ба он фармудааст, дохил мешавад, азбаски ба манфиати даъват вобаста нест, аз ин ҷиҳат ба Ислом мухолиф аст. Пас, назарияи мазкур бо сабаби озодии мутлақи кишоварзӣ ба ҷумлагӣ иҷмолан ба Ислом мухолиф аст. Бинобар ин, мусулмонон ин назарияро намепазиранд.

### 4. Сиёсати иктифоӣ (53):

Мақсад аз сиёсати иктифоӣ саъю кӯшиши давлат барои худтаъминкунӣ ва ташкили ваҳдати иқтисодии пӯшида аст, ки аз давлатҳои дигар бениёз гашта, воридоту содиротро тарк мекунад. Ин сиёсат аз ҷиҳати ғоя аз сиёсати ҳимоявӣ низ зиёдаравтар аст,

аз иқтисоди миллӣ фарқ мекунад ва бо назарияи мубодилаи озод мухолифат дорад.

Сиёсати иктифоӣ, ки дар мобайни ду ҷанги ҷаҳонӣ татбиқ гардид, дар ду шакл: иктифоӣ-инъизолӣ54 ва иктифоӣ-ғосибӣ55 намоён гашт. Олмони натсистӣ намунаи давлате буд, ки сиёсати худтаъминкуниро пеш гирифтааст. Сиёсати мазкур аз тадбире иборат буд ва ин тадбир сиёсати дохиливу хориҷӣ, ки бо қоидаҳои умумиҷаҳонии мубодила мувофиқат намекард, Олмонро ба он водор сохт.

Сиёсати иктифоӣ, ҳарчанд аз тадбирҳое, ки ҳадафҳои сиёсиро дар назар дорад, иборат аст, ба назари онҳо, асоси иқтисодии низом ба ҳисоб меравад. Хулоса, кишваре, ки дорои ашёи хом, маводи кимиёвӣ, дастгоҳҳо ва нерӯи корӣ мебошад, зиста метавонад. Танзим аз ҳама муҳим аст, вале сармоя ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Ҳукумате, ки сиёсати иктифоиро пеш мегирад, ба пеши худ ҳадафи сиёсие гузошта, танзими иқтисодӣ ва молиявиро ба он вобаста мекунад. Сиёсати иктифоӣ, барои он ки ба ҳадаф расад, яъне иқтисоди дохилӣ ба худтаъминкунӣ қодир гардад, бояд омода бошад, ки аз баҳри эҳтиёҷоти зиёд бигузарад. Зеро сиёсати иктифоӣ кишварро аз таъмини тамоми эҳтиёҷот оҷиз мегардонад. Муҳимаш, ин сиёсат иқтисоди дохилиро бояд ба дараҷае расонад, ки эҳтиёҷоти асосии фард, уммат ва давлатро тавре таъмин намояд, ки роҳи пешрафтро пеш гирифта тавонанд. Аз ин рӯ, давлате, ки сиёсати иктифоиро пеш мегирад, дар тиҷорати хориҷӣ бояд барои пайдо кардани ашёи хом, бозорҳо, қувваи корӣ, мутахассисон ва ғайра, бо кадом роҳ бошад ҳам, кишварҳоеро, ки ба онҳо ниёз дорад, ҳамроҳ намояд. Ҳамроҳкунӣ ё бо дохил кардани ин кишварҳо ба ҳайат, ё бо бастани созишномаҳои тиҷорӣ рух медиҳад. Бекор кардани ҳудудҳои иқтисодӣ ҳамроҳ кардани кишварҳо мебошад, яъне бекор кардани ҳудудҳои сиёсӣ. Зеро бидуни бекор кардани ҳудудҳои сиёсӣ бекор кардани ҳудудҳои иқтисодӣ имконнопазир аст. Агар барои пайдо кардани маводе, ки дар худаш норасо аст, давлатҳоеро, ки ба онҳо ниёз дорад, ҳамроҳ

карда натавонад, мебоист аз баҳри қонеъгардонии баъзе эҳтиёҷоташ гузарад ва кӯшиш ба харҷ диҳад, то ба чизҳое, ки эҳтиёҷоти асосиро қонеъ мегардонад, мӯҳтоҷ нашавад. Зеро ба норасогии чизҳое, ки эҳтиёҷоти ғайриасосиро қонеъ мегардонад, метавон сабр кард, вале ба норасогии чизҳое, ки эҳтиёҷоти асосиро қонеъ мегардонад, наметавон сабр кард.

Ин хулосаи сиёсати иктифоӣ: худтаъминкунии изолятсионистӣ ва худтаъминкунии экспансионистӣ мебошад. Дар худтаъминкунии изолятсионистӣ (сиёсати маҳдудиятпарастӣ) эҳтиёҷоти асосӣ таъмин мешавад. Дар худтаъминкунии экспансионистӣ (сиёсати ғосибона) барои таъмин кардани эҳтиёҷоти лозимӣ: чи асосӣ ва чи камолӣ ҳудудҳои муайянро ҳамроҳ мекунанд ё дар байни онҳо созишнома баста мешавад. Касе, ки ба сиёсати иктифоӣ менигарад, дарк мекунад, ки ин сиёсат муолиҷаи тиҷоратӣ ё муолиҷаи иқтисодӣ нест, танҳо чораи пешгирикунандаи муваққатӣ ҳангоми рӯбарӯ шудани давлат ба муҳосираи иқтисодӣ ё тиҷоратӣ мебошад. Ин сиёсат муолиҷаи алоқаҳои хориҷӣ нест, балки мудофиаи кишвар ҳангоми ҳуҷуми хориҷӣ бо муҳосираи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Пас, сиёсати мазкур ба баҳси услубҳо дохил мешавад, на ба баҳси аҳком. Бинобар ин, наметавон гуфт, ки ҳукми шаръӣ дар ин хусус чист ва наметавон гуфт, ки ин сиёсат ба Ислом зид ё мухолиф аст, балки ин яке аз услубҳост, ки ба он пайравӣ мекунанд. Ин сиёсатро танҳо ҳангоми мавҷуд будани воқеи амалӣ, яъне ҳангоми рух додани муҳосира ва имконпазир будани иктифо бо иқтисодиёти кишвар барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти асосӣ метавон ҳамчун як услуб ихтиёр намуд. Агар воқеи амалӣ мавҷуд набошад ва бениёз гаштани давлат, уммат ё афрод аз эҳтиёҷоти асосӣ имконнопазир бошад, наметавон ин сиёсатро пеш гирифт. Пас, сиёсати иктифоӣ ба боби сарпарастии манфиатҳо, ки халифа ба он сарварӣ мекунад, дохил мешавад ва мувофиқи муқаррароти шариат, халифа услуберо, ки худ муносиб медонад ва дар он барои мусулмонон манфиатро мебинад, пеш мегирад.

1 ин ҷо мурод корест, ки анҷом дода мешавад

2 ин ҷо мурод маҳсулотест, ки тақсим мешавад

3 oikonomia

4 номгӯи муайян

5 касоне, ки парасториашон ба ӯ воҷиб аст

6 амал, кор, меҳнат, касбу кор, кору фаъолият

7 обёрӣ

8 воҳидҳои ченак

9 2/3-и мерос

10 ҷудо карда додан

11 шаҳре дар Миср

12 печонанда

13 печондан

14 пешниҳод

15 кору тадбири мустақилона

16 мол, ашё, коло

17 музораба ба шеваи аҳли Ҳиҷоз

18 ширкати кафолати ҳамаҷониба, ширкати масъулияташ номаҳдуд

19 ширкати тиҷоратии хурд бо чанд шарик

20 пул, мол, даромад ва ашёи мавҷуда

21 маҷмӯи қарзҳо ва маҷбуриятҳо

22 ҷамъиятҳои кооперативӣ

23 суғурта

24 касе, ки ба нафаре дар бораи шахсе кафолат медиҳад

25 касе, ки ӯро ба кафолат мегиранд

26 касе, ки ба ӯ дар бораи шахсе кафолат медиҳад

27 палид

28 судхӯрӣ

29 фиреби калон, фиреби аз ҳад зиёд

30 назарногир, ночиз ва андак

31 фиреб дар фурӯш

32 монополия

33 муайян кардани нархи бозор, таъйини нархи колоҳо

34 касе, ки сарварии ягон кори мусулмононро ба ӯҳда дорад

35 шукӯҳпарастӣ, масту мағрур ва ҳавобаланд шудан аз пулу сарвати зиёд

36 касоне, ки аз молу сарват масту мағрур ва ҳавобаланд гаштаанд

37 камбизоатӣ

38 бениёз шуд

39 бениёз гардонд

40 бениёзӣ

41 бениёзӣ

42 мусофире, ки аз молу кишвараш гусастааст

43 1260-1552м

44 14.5 уққа

45 шаҳрвандон

46 ғуломе, ки озод шудан мехоҳад

47 мубодилаи пул

48 шутури нари ҷавон

49 пробааш 24 аст

50 стандарти тилло

51 коғазҳое, ки аз тарафи бонк чоп шудааст ва ба ҷойи пул мегузарад

52 норасоӣ, камомад, нуқс

53 сиёсати автаркия (сиёсати худтаъминкунӣ) – сиёсате, ки ба таъсиси хоҷагии милливу мустақил нигаронида шудааст, то он ба иқтисоди давлатҳои дигар вобаста набошад

54 худтаъминкунии изолятсионистӣ (сиёсати маҳдудиятпарастӣ) – равиши гӯшанишинон, равиши канораҷӯӣ, равиши инъизол

55 худтаъминкунии экспансионистӣ (сиёсати ғосибона) – равиши густариш, равиши тавсеа